

**ФОТЕҲ НИЁЗӢ**

# ВАФО

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

НАШРИЁТИ

«АДИБ»



**Ф о т е ҳ   Н и ё з ӣ**

# В А Ф О



Душанбе
«Адиб»
2015

ББК 84 Тоҷик7-5
Н-56

Муҳаррирон *Шаҳодар Ҷалолова*

Н-56 **Ниёзӣ Фотеҳ**. ВАФО (роман).
– Душанбе: Адиб, 2015, 320 саҳ.

Китоби якуми романи «Вафо»-и Нависандаи Халқии Тоҷикистон Фотеҳ ниёзӣ қаҳрамонии ҷанговаронро дар ҷабҳаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳаёти ақибгоҳ тасвир кардааст. Роман ба шарафи 65-солагии Ғалаба бар фашизми гитлерӣ нашр мешавад.

ISBN 978-99947-64-68-6

© Нашриёти «Ирфон», 1984
© Нашриёти «Адиб», 2015

# КИТОБИ 1

## БОБИ ЯКУМ

Марди шинелпӯше, ки дар по пима, бар сар телпаки хокистарранги гӯшакдор дошт, аз як канори роҳи калону асфалтии назди фронт ба муқобили боди тунду тези зимистонӣ бармаҳал бардам – бардам пой ниҳода мерафт. Шамоли сахт барфрезаҳоро ба рӯю чашми ӯ оварда мезаду имкони сар бардоштан, чашм кушодан намедод. Вале мардак аз оғӯши боду бӯрон мисли уқоб сина ба пеш дода далерона роҳ мерафт...

Дам ба дам аз пешу қафои ӯ, аз роҳи асфалтӣ автомашинаҳои боркаш, ки болояшон бо брезент пӯшонда шуда буданд, автомашинаҳои сабукрави тамғаашон гуногун, ки мувофиқи намуди фасл ранг карда шуда буданд ва чароғҳояшон хира дармегирифтанд, бо чархи худ барфрезаҳоро ба ҳаво пош дода мегузаштанд.

Аз паҳлӯи чапу рост, аз бешазорҳои бепоён ғурриши ваҳмангезе ба гӯш мерасид, ки ин садои сайри шамоли бешазор буд. Ба ин ғурриши бод гулдурроси пай дар пайи тӯпу туфангҳо аз дуру наздик низ ҷӯр мешуд.

Ин – ноябри соли 1941, дар яке аз маҳалҳои даромадгоҳи Москва буд. Он мард то торик шудани шаб роҳ рафта, ба чорраҳае баромад. Дар ин ҷо ба назди ӯ шахсе, ки ба сари синааш автомат овехта буд, ҳозир шуд ва баъд аз пурсуҷӯи ҳуҷҷату мақсад ӯро бо ҳамроҳии ҷанговари дигар ба як пайраҳаи бешазор равона кард.

Ҳамин ки сиёҳии онҳо дар бешазор ғоиб шуд, касе садо баровард. Ҷанговари гуселкунанда ҷавобан ба ин овоз паролро гуфт ва он мардро аз паси худ пеш бурда, дар назди роҳраве, ки аз замин қариб ним метр чуқуртар канда шуда буд, нигоҳ дошт. Баъд худаш пештар рафта, дари блиндажеро, ки бомаш аз замин қариб ним метр баландтар менамуд ва аз як гӯшаи он, аз мӯрии танге дуди ғафс ба ҳаво баромада паҳн мешуд, кӯфт. Баробари аз дарун баланд шудани ҷавоб, аскарбача ҳамроҳи худро низ ба даромадан таклиф кард.

Ҳар ду ба хоначае даромаданд, ки ба воситаи он ба хонаи аз ин калонтари дигар ҳам даре кушода буд.

Дар хонача дар тарафи рост, ҷавони бориктани сафедпӯст, ки рутбаи лейтенантӣ дошт, ба рӯи саҳифаи кадом як китоби ғафс сархам менишаст. Вай баробари даромадани аскарбача ва шахси дуюм аз ҷояш хесту саломалейк кард ва баъд аз шунидани рапорти ҷанговар бо ҳуҷҷатҳои шахси ҳамроҳи ӯ омада шинос шуд.

– Генерал ба зудӣ бояд аз хати пеши ҷанг биёяд, – гуфт лейтенант бо одоби низомӣ. – Лозим меояд, ки камтар мунтазир шавед, рафиқ капитан.

Капитан бо таклифи лейтенант шинелашро кашид ва ба роҳрав баромада барфи онро афшонду оварда ба мехи либосовезак, ки дар паси дари даромад буд, овехт.Баъд дастони аз хунукӣ шахшудаашро ба ҳам молиш дода, ба назди бухории тафсони чӯянӣ омада ба курсӣ нишаст.

Аз мобайн қариб як-якуним соат вақт гузашта буд, ки билохир дари блиндаж кушода шуда генерали қоматбаланди дар сар телпаки қароқӯлӣ, дар тан пӯстини чармӣ даромада омад.

Лейтенанту капитан зуд аз ҷояшон бархостанд.

– Аз штаби армия ҳеҷ кас телефон накардааст? – пурсид генерал аз лейтенант.

– Не, рафиқ генерал. Лекин ана ин рафиқ бо пакети махсус ҳозир аз штаби армия омад.

Генерал ба сӯи капитан рӯй гардонд ва ба чеҳраи кушод ӯро аз сар то по синча кард ва конверти калони чоркунҷаи ба рӯяш сурғуч пахш кардаро аз дасти капитан гирифта, ба хонаи дуюм даромад ва капитанро ҳам ба даромадан таклиф намуд.

Капитан ба блиндажи генерал даромада, дар вазъияти низомӣ ҳозир ба фармоиши генерал истод. Генерал конвертро ба столи хатнависӣ гузошту баъд ба як гӯшаи блиндаж рафта, телпаки қароқӯлии хокистарранги болояш моҳути сурх ва пӯстини чарминашро кашида ба мех овехт. Сонӣ ба назди стол омада ба чашмонаш айнакашро гирифт ва конвертро кушода, ба хате, ки дар машинка чоп карда шуда буд, чашм давонд.

– Марҳамат, рафиқ Рустамов, – гуфт генерал барои капитан аз рӯ ба рӯи столи худ ба нишастан ҷой нишон дода.

То мактубро хонда шудани генерал дар блиндаж якчанд дақиқа хомӯшӣ ба миён омад. Лампаи мудаввари 40-ум, ки дар тарафи чапи стол дар болои сепояи оҳанин дармегирифт, ба пайкари чорпаҳлӯ ва ба рӯю мӯи аз куҳансолии генерал хабардиҳанда шӯъла меафканд ва забонаки чароғ ҳар замон аз мавҷи гулдурроси тӯппаррониҳои наздик ба ларзиш омада, лип – лип бозӣ мекард. Ин ба табъи генерал нафоридагӣ барин шуд ва ӯ ба мурвати фонус даст бурда пилтаи онро баландтар кард. Блиндаж боз равшантар шуд.

Пас аз мактубро хондан генерал бо пурсупоси расмӣ ба чеҳраи гандумгуни капитан чашм давонда гирифт ва тахмини худро муайян карданӣ шуда пурсид:

– Аз афтатон одами тарафҳои Осиёи Миёна менамоед?

– Ҳа, аз Тоҷикистон мешавам, рафиқ генерал, – гӯён Рустамов беихтиёр ба ордени Байрақи Сурхи Меҳнати Тоҷикистон, ки дар сари синаи генерал дар қатори сечор орденҳои дигар ҷило медод, чашм андохт.

– Тоҷик ҳастед? – пурсид генерал ба даҳонаш папирос гирифта.

– Ҳа, аз худи марказ – Сталинобод.

– Собиқ Душанбе? – пурсид генерал бо гӯгирд папиросашро оташ дода.

– Ҳа, собиқ Душанбе, рафиқ генерал, бояд донед.

– На фақат медонам, аз оби дарёи Душанбе ҳам хеле нӯшидаам.

Генерал боз чизе гуфтанӣ шуда буд, ки лейтенант даромада барои хӯрок овардан иҷозат пурсид.

– Ин рафиқро сер кардед? – пурсид генерал пеш аз ба пурсиши лейтенант ҷавоб додан. Капитан якчанд соат пештар дар штаби армия хӯрок хӯрдани худро гуфт. Лейтенант ҳам дар ин ҷо ҳанӯз хӯрок нахӯрдани капитанро гуфт.

– Расму одати Шарқро дониста монед, – гӯён ба

лейтенант насиҳатомез гап зад генерал, – аввал меҳмонро сер кардан ва баъд ғами соҳиби хонаро хӯрдан лозим. Гӯед, ба рафиқ капитан ҳам хӯрок оваранд.

Лейтенант ба иҷрои фармоиш баромада рафт. Генерал суханро давом дод.

– Биёед, аввал дар хусуси корҳои расмӣ гуфтугӯй карда гирем, дар бораи диёратон бошад, сонӣ муфассалтар чақ-чақ мекунем. Магар шумо аз ин ҳам пеш дар армия хизмат карда будед?

– Бале, то соли 1938. Дар худи Сталинобод, дар полки савора хизмат мекардам. Баъд, аз сабаби носиҳатиам ба корҳои гражданӣ гузаштам.

– То сар шудани ҷанг дар корҳои гражданӣ будед?

– Ҳа, баробари сар шудани ҷанг боз ихтиёрӣ ба хизмати ҳарбӣ омадам.

– Саломатиатон?

– Аз аввала беҳтар аст, рафиқ генерал.

– Дар армия дар кадом вазифаҳо будед?

– Командири эскадрон, ҷонишини сардори штаби полк.

– Бисёр хуб. Метавонед дар қисми мо ҳам дар штаб кор кунед ва ё командирии ягон баталйонро гиред.

– Чӣ тавр ки шумо фармон диҳед, рафиқ генерал. Лекин беҳтар мешуд, агар ба хати пеш мефиристодед.

– Дар фронт ҳар як участкаи дастраси тири милтиқу тӯп хатти пеши ҷанг ҳисоб мешавад, – гуфт генерал абрувони зардчатоби худро ҷиддӣ ба ҳам кашида, – чуноне ки маълум аст, барои техникаи ҳарбии замони ҳозира марзаи пеш ва ақиб – ҳар ду як майдони муҳориба аст. Махсусан мо дар маҳалле истодаем, ки ақибгоҳу хатти пеш, паҳлӯи пеш, паҳлӯи росту чап надорем. Вазъият мушкил ва хатарнок... Аз се тараф мудофиаи дарвозаҳои Москва ба дасти мо ва ҳамсояҳои мо супурда шудааст. Немисҳо бо тамоми қувва зӯр зада истодаанд, ки ҳамин шабу рӯз ба Москва зер карда дароянд. Аммо ба чор тараф сар зада сӯрохе намеёбанд. Вақте ки аз ин якчанд соат пештар хатти пеши ҷангро давр мезадаму аз ҷанговарон ҳолпурсӣ мекардам, як солдат (дар торикӣ афташро дида натавонистам) бо шеваи ғайрирусӣ гуфт: «Немис на фақат

аз пеши мо, балки аз болои танку тӯпҳои маҷақшуда, аз болои ҷасади аскарони қиршудаи худаш ҳам роҳи гузар ёфта натавониста монд» гуфт. Генерал каме хомӯш монду баъд ба Рустамов нигоҳ карда пурсид:

– Шумо, албатта, ҳанӯз бо ин хел ҷанг сарукор надоштед?

– Не, рост аз курси такрории ҳайати командирон омада истодаам, – ҷавоб дод Рустамов.

– Аз ин пеш дар ҷангҳо иштирок надоштед?

– Фақат дар Тоҷикистон, дар ҷангҳои муқобили босмачиён иштирок карда будам.

– Чӣ тавре ки мегӯянд: бӯи дуди борут ба машоматон расидааст?

– Бале, камтар.

– Бинед, халқи мо, замини мо чӣ рӯзҳоро надид... – генерал чашмони кабудчатоби худро ба қафо тела дода аз ҷояш хест. Баробари генерал, Рустамов ҳам аз ҷояш хестанӣ буд, ки генерал ӯро ба нишастан водор кард. Дар ҳамин асно лейтенант дар бораи тайёр будани хӯрок хабар дод ва бо рухсати генерал ба столи чоркунҷаи таомхӯрӣ, ки дар як гӯшаи блиндаж меистод, дар табақчаҳо хӯрок оварда монд. Генерал рост истода ба гап давом кард:

– Интервентҳои хориҷӣ, сафедгвардиячиёни ватанфурӯш, босмачиёни ғоратгар моро буғӣ карданӣ шуданд, мехостанд хоки муқаддаси Ватанамонро поймол кунанд, занонро бева, фарзандонро сағир мононанд, кулбаҳои мардумро оташ зананд... Вале чизе ба онҳо муяссар нашуд. Ҳозир як воқеае ба хотирам омад, ки дар солҳои мубориза бо босмачиён, дар Тоҷикистон, дар полки мо рӯй дода буд. – Генерал аз оҳанги расмият ба сӯҳбати оддӣ гузашт. – Биёед, хӯрок хунук нашавад, чуноне ки дар байни мардуми шумо мегӯянд: «Аввал таом, в – онгаҳ калом» (генерал, аз афташ, зарбулмасалҳои тоҷикиро нағз медонист).

Капитан Рустамов дар пеши генерал хӯрокхӯриро ба худ муносиб надониста ва услубу одоби шарқиро баҷо оварданӣ шуда аз таомхӯрӣ узр хост. Генерал бо меҳрубонӣ ӯро ба столи таомхӯрӣ даъват кард ва бо чеҳраи кушод гуфт:

– Ман имкон надорам, ки шуморо бо палав зиёфат кунам. Шумо ибо накунед, капитан, мо ҳам дар меҳмониҳои тоҷикон кам нону намак нахӯрдаем. Шумо имрӯз меҳмон, пагоҳ бошад, баҷооварандаи фармон ҳастед.

– Хуб, рафиқ генерал, итоат, – ҷавоб дод Рустамов ба назди столи таомхӯрӣ омада.

Онҳо ба хӯрокхӯрӣ нишастанд, генерал Рустамовро як-ду қадаҳ май ҳам зиёфат карду баъд қиссаи худро давом дод.

– Агар хато накунам, – гуфт каме фикр карда генерал, – аввалҳои тирамоҳи соли ҳазору нӯҳсаду бистуҳафт ё бистуҳашт буд. Ман дар он вақт командири полки савора будам. Полки мо аз шаҳри Тирмиз, шаҳре ки ҳамаи гармии офтоб дар он ҷо ҷамъ шудааст, барои барҳам додани босмачиён ба воситаи районҳои Деҳнав, Сариосиё ба водии Ҳисор баромад. Чӣ хел ҷойҳои зебо, хушманзарае дорад водии Ҳисор!

Генерал табақчаи аз таом холӣшудаи худро дуртар тела дода, бо дастпоккун лабонашро пок кард ва рафта аз болои столи хатнависӣ папирос гирифта кашид. Рустамов ҳам баъд аз генерал аз таом даст кашида аз ҷояш хест. Генерал ба ӯ барои нишастан рухсат дод ва худаш гоҳ нишаста, гоҳ хеста гап мезад.

– Вақте ки мо ба аввалин қишлоқи ин водӣ дохил шудем, ба мо як деҳқони камбағали серғайрат, ки аз босмачиён гуреза будааст, вохӯрд. Намедонам ҳоло зинда бошад ё не. Чӣ хеле ки ҳозир ҳам дар ёдам ҳаст, вай як марди шонапаҳни серришу мӯйлаб, абрувонаш то болои чашмаш хамида, кулчарӯй, дар як тарафи биниаш холи калон ҳам дошт. Номашро фаромӯш кардам. аскарбачаҳои мо ӯро Бобо меномиданд. Вай ба кори мо хеле ёрии калон расонд. Аз қишлоқу кӯҳҳо роҳ нишон дода, қароргоҳи босмачиёнро аз мардуми деҳаҳо дониста гирифта, хабари нав ба нав меовард. Ҳар гоҳ, ки ягон қишлоқро аз босмачиён озод мекардем, аҳолӣ: «Худо оҳи камбағалонро шунида, ҳамроҳи Бобо лашкари мадад фиристод» – гӯён ба ӯ, ба аскарон оғӯш кушода мечаспиданд. Оре, ин бе муболиға гапи рост аст, рафиқ Рустамов.

– Мутлақо рост аст, рафиқ генерал, – тасдиқ кард капитан Рустамов аз ҳикояи диққатангези генерал ба завқ омада, – ман ҳам ин хел ҳодисаҳоро бо чашми худ дидаам.

– Ҳа, бале, воқеан шумо ҳам бояд донед. Ҳоло аз ин ҳам аҷибтарашро гӯш кунед, – гуфт генерал дар рӯ ба рӯи Рустамов рост истода. – Рӯзе ки мо аз охирин қишлоқ, аз қишлоқи калонтарини дар домани кӯҳ, дар ду тарафи як дарёча паҳншуда босмачиёнро пеш кардем, номи ин қишлоқ... номи қишлоқ... – гӯён генерал аз гап бозистоду бо ангуштонаш пешонаашро дошта каме дар фикр монд, – ҳа, номаш аз бисёрии ҷӯйҳо гирифта шудааст.

– Ҷӯйбор-ку не? – пурсид Рустамов номи қишлоқҳои калонтарини Ҳисорро як-як ба хотир оварда.

– Ҳа, Ҳа, худи худаш, Ҷӯйбор... – гуфт генерал.

– Ҳозир ҳам номаш Ҷӯйбор, рафиқ генерал.

– Бале, бисёр хуб. Баъд вақте ки босмачиёнро аз ҳамон қишлоқ пеш кардем, дар миёнҷои кӯчаи қишлоқ одамон моро печонда гирифта, бо ашки шодӣ бӯса мекарданд, миннатдорию раҳматҳо мегуфтанд. Дар айни ҳамин вазъият як зани сарлучу пойлуч, мӯйҳояш парешон, синабараҳна дар дасташ як бачаи шаш – ҳафтсолаи куртаҳояш ҷиғда-ҷиғда хунолуд бо нолаю фиғон аз мобайни мардум зада ба пеши аскарбачаҳо омад. Вай ончунон аламзада буд, ки на дар чашмаш ашк, на дар рӯяш хун дошт. Ба ҳар як аскарбача мечаспид, чашмони ҳаросони худро ба чор тараф дӯхта, касеро меҷуст.

– Кӣ, кӣ, киро меҷӯӣ, модар? Худаш чӣ гап? – гуфта пурсид Бобои мо аз пеши ман ба пешвози он зан давида. Чи тавре ки сонӣ ба ман фаҳмонданд, занак мегуфт:

– Куштанд, кабӯтарамро куштанд, очекат садқаи ҷони ширинат, кӣ арзи маро мешунавад?!

Генерал аз ҳикояи худ ба ҳаяҷон омада папиросро болои ҳам мекашид, дуди онро аз димоғу даҳонаш бароварда боз ба гап давом мекард:

– Бобо одамонро ба қафотар тела дода, занакро пурсид. Вай фарзанди хунолуди худро ба ӯ нишон ме-

доду баландтар фиғон мебардошт. Ман аз асп фуромада ба назди зан рафтам ва зуд духтури полки мо ҳам ҳозир шуд. Дар миёнаи кӯча ҷое набуд, ки духтур тани маҷрӯҳи писараки ӯро дида даво кунад. Бобо аз зан пурсид: – Хонаат куҷо?

– Ҳо, ана, – гӯён занак бо дасташ як хонаи бомаш хаспӯши дар он тарафи кӯча бударо нишон дод. Бобо, духтур, фелдшер ва ман занакро бо писараш ба хонааш бурдем. Дар хона ғайр аз бурё, як кӯрпачаи кӯҳнаи ҷиғда – ҷиғда, ду-се табақу косаи чӯбин дигар чизе набуд.

Буду шуди ин хонаро ҳам, мисли дигар хонаҳои қишлоқ, босмачиён толону тороҷ кардаанд. Ҳатто ба зери сари фарзанди нимҷони ӯ болин ёфт нашуд. Бобо ҷомаи худро кашида, ба таги сари ӯ гузошт. Вақте ки дасти духтур ба пою шонаи писарак мерасид, вай аз дард нолиш мекард, се ҷои сараш кафида буд. Медонед, босмачиён ба ин кӯдаке, ки ҳанӯз аз даҳонаш бӯи шири модар нарафтааст, чӣ ваҳшигарӣ кардаанд? Дар асной гурехтани босмачиён ин писар дар кӯча аз паси онҳо бо завқи бачагӣ бо овози баланд «Уре, уре» гуфтааст. Яке аз йигитҳои босмачӣ аз ин кори писарак ба хашм омада, аспи худро ба болои ӯ давонда, шонаю пои рости писаракро маиб карда, сарашро кафондааст. Хулоса, модари ягона фарзанд, ки аз писараш ноумед шуда, сарашро ба замину девор мезад, баъд аз ду-се рӯз бо лабу рӯи пур аз ханда, чӣ тавр миннатдорӣ изҳор кардани худро надониста, се-чорта тухми пухтагӣ, ду дона нони зағора дар даст ба назди ман омад. Бинед, як зани ба ғорати босмачиён гирифторшуда нисбат ба мо чӣ гуна муҳаббати самимӣ изҳор мекард. Писари ӯро мо дар қисми санитарии худ хобондем, полки мо ҳам қариб якякуним моҳ дар ин қишлоқ қарор гирифт. Он занак бошад, ҳамчун ҷомашӯи мо то рафтанамон хизмати моро аз дилу ҷон баҷо овард ва мо ба ӯ музди кор медодем.

– Писарак охир сиҳат шуд-мӣ? – савол дод капитан Рустамов.

– На фақат сиҳат шуд, аз қафои мо чашми модари худро хато карда, то Душанбе омад. Чандин бор бар-

гардонданӣ шудем, худашро ба замин партофта ғавғо мебардошт. Сонӣ худи ман ҳам раъйи ӯро нагардондам, якчанд рӯз бо худ гирифта гаштам. Вай ҳатто камубеш бо забони русӣ гап мезадагӣ шуда буд. Охир, пеш аз рафтани полки худ, нағз ба хотирам меояд, ки ӯро ба сағирахонаи Душанбе даровардa, бо дасти худ ба варақаи шахсиаш тахминан чунин навишта будам: «Ту писари полки мо будӣ. Агар зинда бошем, агар тақдир тақозо кунад, ягон рӯз ҳамдигарро хоҳем дид. Балки ту дар он вақт ходими масъул, коркуни илмӣ ва ё мисли ман дар либоси ҳарбӣ мешавӣ. Ҳар кӣ ҳам шавӣ, дӯстии мову ту бо хуну ҷон пайванд гардид, ки фаромӯш шудани он ғайримумкин аст. Хон, ба камол рас, доно шав, писари тоҷик!»Баъд дар поёни ҳамин сатрҳо: «Командири полк Балашов» – гӯён имзо ҳам гузошта будам.

Генерал аз як кунҷ ба кунҷ дигари блиндаж қадам зада, аз Рустамов пурсид:

– Вақте ки шумо «Ман аз Тоҷикистон, аз Сталинобод» гуфтед, баногоҳ дилам гуп-гуп зад. Гумон кардам, ки шумо ҳамин ҳозир «Ман ҳамон писарак» мегӯед.Мебахшед, номи шумо чӣ?

– Назар.

– Не, номи вай, агар қувваи ҳофизаам фиреб надиҳад, Сафар буд. Лекин шумо барин писараки сиёҳчашми мижгонҳояш дароз, афташ гандумгун буд.

– Мумкин аст вай ҳам ҳозир дар қатори дигарон дар майдони ҷанг, дар ягон заминкан нишаста бошад. Кӣ медонад, рафиқ генерал, балки як рӯз не, як рӯз дар роҳҳои фронт бо ӯ рӯ ба рӯ омада мемонед, – гӯён Рустамов тахмини генералро қувват дод. – Оре, оре, ин ҳам мукин аст, бешубҳа. Ана ҳисоб кунед, аз соли ҳазору нӯҳсаду бистуҳафт-бистуҳашт, ки вай ҳафтҳаштсола буд, ҳоло чанд сол гузаштааст?

– Сездаҳ-чордаҳ сол.

– Бале, сездаҳ-чордаҳ сол. Вай ҳоло албатта ҷавони бистуду – бистусесолаи як олам корро сариштa мекардагӣ шудааст, ба ин шӯбҳае нест... Бинед, чӣ хел солҳо зуд мегузаранд. Гӯё ин ҳикояю қиссаҳо дирӯзакак буд...

# БОБИ ДУЮМ

Офтоб ҳанӯз аз машриқ сар набардошта буд. Рӯи заминро тумани тунук мисли дока мепӯшонд. Чор атроф хомӯш. Ҳатто баргҳои зардчатоби дарахтон ҳам намеҷунбанд, гӯё онҳо дар ин субҳи барвақт ба кадом як сирри табиат гӯшбақиморанд... Танҳо дар ҳар ҷо – ҳар ҷо гунҷишку мусичаҳо чириқ-чириқ, ку-кукунон аз як шоха ба шохаи дигари дарахтон парвоз мекарданду парубол меёзонданд. Аз чор гӯшаю канори қишлоқ мааси гову гӯсола, бааси бузу бузғолаҳои ба подараванда шунида мешуданд. Ба ҳамаи ин овозҳо шавваси рӯди шӯхоби аз мобайни қишлоқ гузаранда ҳамовоз мешуд.

Ин рӯди Қаротоғ буд. Вай аз паси силсилаи кӯҳҳои Ҳисор, қариб аз наздикиҳои кӯли Искандар сар гирифта меомад. Ҷӯйборҳои майда-майда, ки аз оғӯши кӯҳҳо меомаданд, ба як дара фуромада бо ҳам пайваст мешуданд ва аз он ҷо оби пурталотуми нуқратоб ба сангу шохаҳо пош хӯрда, ба қишлоқи Ҷӯйбор меомад ва баъд ба водии ҳамвор, ба сӯи ҷануб фуромада мерафт.

Дар ҳар ду канори ин рӯд хонаҳои истиқоматии аҳли қишлоқ бино ёфта буданд. Дар пеши ҳар хона полез ва майдончаи ниҳолзоре буд, ки гирдогирди онҳоро ба ҷои девори гилу сангин, шоху химчаҳои ба ҳам бофташуда фаро мегирифтанд.

Дар поёнтари рӯд, дар қисми ҳамвортари қишлоқ, дар сари роҳи сербари мошинагард якчанд иморатҳои нав низ бино ёфта буданд. Инҳо бинои мактаби миёнаи нопурраи қишлоқ, идораи Совети қишлоқ ва правленияи колхози «Коммуна», клуб, чойхонаи сурх, магазини селпо буданд ва ба назари ҳар як шахси аввалин бор ба ин ҷо омада мисли як гӯшаи хурди шаҳри обод намудор мегаштанд. Ду чинори куҳансоле, ки дар ду тарафи кӯча, дар назди идораи колхоз қад кашида буданд, ба кӯча ва ба як қисми биноҳо соя меафкананд. Насими кӯҳсор баргҳои шабнамхӯрдаи чинорро ба ҷунбиш меовард.

Ҳангоме, ки шӯълаи офтоби субҳ ба рӯи баргҳои

чинор афтод, аз тарафи шарқ, аз роҳи калон мошини боркаше ба қишлоқ даромада, ба як тарафи роҳ, дар рӯ ба рӯи бинои мактаб омада истод. Дар болои мошин, ғайр аз бор, се-чор каси дигар ҳам буданд. Онҳо баробари истодани мошин, аз болои вай ба замин ҷаҳида фуромада, чангу ғубори сарулибоси худро афшонданд. Аз байни онҳо ҷавони миёнақади чорпаҳлӯ, кулчарӯ, ки дар як даст чизи ба коғаз печондае дошт, аз пеши машина рост ба сӯи бинои мактаб равон шуд.

Вай ҳанӯз ба зинаи дари даромади мактаб пой нагузошта, аз дари мактаб пой нагузошта, аз дари мактаб мӯйсафеди серрише, ки дар тан яктаки алоча дошт ва аз болояш миёнбанди хокистарранг баста буд, баромада омад. – Ана, олам гулистон, биёед, муллоҷон, – гуфт пирамард ба ҷавон дасти мулоқот дода. – Як рӯз гуфта панҷ шабу панҷ рӯз рафтед-а, чӣ шуд, хотирҷамъӣ-мӣ?

– Маориф нигоҳ дошта монд, Юнусбобо, – ҷавоб дод он ҷавон аз дари мактаб ба дарун даромада, – худи шумоён чӣ тавр, дарсҳо бетаъхир гузашта истодааст?

– Ҳа, шукр, хотирҷамъӣ, ҳамаи кор дар ҷояш, – гуфт боғбони мактаб Юнусбобо калиди идораи мактабро аз миёнбандаш кушода гирифта. – Худо хайри муаллимаро диҳад, духтари қобил будааст, ҳамаи корро гуфтагетон барин саришта кард.

– Бисёр нағз, – гуфт ҷавон бо мамнуният ва ба идораи мактаб даромада ба гап давом кард: – Акнун минбаъд ҳам ҳамаи корро худи муаллима бояд саришта кунанд, Бобо.

Юнусбобо ба чӣ мақсад гуфта шудани ин сухани мудири мактаб Сафар Одинаевро нафаҳмидагӣ барин ба рӯи сертабассуми ӯ саволомез нигоҳ карда пурсид:

– Хӯш, боз ягон гапи тоза овардед-мӣ, писар?

– Гапи тоза бисёр, сонӣ батафсил мегӯям. Кӯтоҳаш ҳамин, ки ба аскарӣ меравам. Ба ҷои ман Зебӣ мемонад. Лекин ҳозир ин гапро ба гӯши касе нарасонда истед. – Таъкид кард Сафар ба Юнусбобо.

– Аз ростӣ ё ҳазил? – такрор пурсид Бобо чашмони ҳайратангези худро аз Сафар наканда.

– Магар ман ягон бор гапи дурӯғ гуфта будам? – гӯён Сафар ба назди тирезае ки ба сӯи боғчаи мактаб кушода шуда буд, рафт. Аз боғчаи гулзор ба димоғи ӯ бӯи хуш расид ва ӯ бо ҳаловати том нафас кашида, дар худ нашъаи ширине ҳис кард. Вай дар давоми се-чор моҳ ана дар ҳамин ҷо нишаста ба комитети ноҳиявии ҳизб, ба Комиссариати ҳарбӣ, ба комитети районии комсомол, ба шӯъбаи маорифи район ва Комиссариати Халқии Маориф дар бораи ба сафи армияи сурхи амалкунанда рафтан якчанд аризаю мактубҳо навишта буд. Охир ба аризаи ӯ ҷавоби қаноатбахш дода шуд. Ин хоҳишу орзуи худро Сафар то ин дам ба ягон каси дигар нагуфта буд. Вай ором, бо ғайрати комил машғули кори худ ва корҳои оммавӣ – сиёсӣ дар байни аҳли қишлоқ буд. Ҳар субҳ ва ҳар бегоҳ дар чойхонаи сурх ба аҳли қишлоқ дар бораи вазъияти фронтҳо, аҳволи дохилию хориҷии мамлакат хабарҳои охиринро мерасонд, дар бораи ватанпарварии одамони советӣ ҳикоятҳои диққатангезе мекард.

Юнусбобо ҳам яке аз онҳо буд, ки ба Сафар бо меҳру муҳаббати самимона рафтор мекард. Ҳамин Юнусбобо буд, ки дар кӯдакии Сафар ба аскарони сурх роҳ нишон дода, сабабгори аз сару тани хунолуди ӯ расидани дасти мададгори онҳо шуда буд ва ҳоло ба Сафар ҳамчун ба яке аз ҷавонони пешқадамтарин ва донишмандтарини қишлоқ муносибат мекард. Инчунин Сафар ҳам нисбат ба Юнусбобо иззату эҳтироми калон дошт.

Юнусбобо баъд аз ҷавоби Сафар каме хиҷолат кашида ба вай мулоимона муроҷиат кард:

– Дурӯғ-ку намегӯӣ, писарам, лекин очаат чӣ мегуфта бошад?!

Ин сухани Юнусбобо Сафарро ба андеша гузошт. Вай пеш аз ариза навиштан ва пас аз он ҳам ба ин кор он қадар розӣ набудани модари танҳояшро ҳис мекард ва мефаҳмид. Вай пас аз сухани Юнусбобо якчанд дақиқа хомӯш монд ва фикри ӯ дар ҷустуҷӯи ризоии дили модар тамоман банд шуд. Як андеша ба Сафар дилпурӣ медод: «Наход модаре, ки аз рӯзи ба сағирахона рафтани ӯ то дами тамом кардани институти пе-

дагогӣ солҳо ба танҳоӣ тоб овардааст, ҳоло тани худро ба пеши роҳи ӯ партояд?»

Ин фиркҳо ба ӯ дилпурӣ диҳанд ҳам, вазъияти замон ва сафари дар пешбуда барои модар аз ҳамаи он рӯзҳои сахти гузашта мушкилтар буд. Гап дар сари он буд, ки ин ҷанги ҷаҳон касро ба бадбахтиҳои беназир гирифтор карда, аз ӯ қурбониҳои калон металабид. Ба модар ҳақро ҳаққонӣ гуфтан, мақсадро ба ӯ равшан фаҳмонида додан лозим. Сафар дар ҷустуҷӯи ҳамин роҳ ба фикр фурӯ рафт.

– Рост гфтед, Юнусбобо, – гуфт вай баъд аз фурсате, – ба модари танҳо мушкил мешавад. Додар надорам, ки нигаҳбонаш шавад, хоҳар надорам, ки дилбардораш бошад...

Сафар боз як калимаро ба забон гирифтанӣ шуду вале бо кадом як андеша дар пеши мӯйсафед худдорӣ кард. Вале Юнусбобо аз ин зуд пай бурда, табассумкунон илова намуд:

– Арӯс надоред, ки дастёраш шавад...

Баробари калимаи арӯс ба пеши чашмони Сафар сурати муаллимаи ҳамин мактаб Зебӣ намоён гардид. Охирин мулоқоту гуфтугӯи онҳо дар майдони ниҳолзори мактаб шуда буд. Ҳар ду орзуҳои ширине карданд. Вале ҷанг орзуҳои онҳоро ба мавқуф гузоштан маҷбур кард.

...Дар ин рӯзҳо ба сари Ватанамон хавфу хатари ҷиддӣ омада буд. Аз шимол – аз соҳили як баҳр то ҷануб – то соҳили баҳри дигар дар шаҳру деҳаҳои ғарбии сарзамини азиз абри сиёҳи дайду сайр мекард, дар кулбаҳои мардумон чароғи ҳаёт хомӯш гашта, ба ҷои он тирагии мудҳиш ҳукмрон шуда буд...

Душман ба остонаҳои Ленинград, Москва, Ростов омада буд. Ӯрдаҳои масту мағрури ӯ, танку тӯпҳои нофармонранги ӯ ба қиру торумор шудани худ нигоҳ накарда, роҳе меҷустанд, ки ба дили мамлакатамон зер карда дароянд.

Сафар яке аз ҳамон ватанпарварони ҷавон буд, ки ҳамаи ҷиҳатҳои мусбату манфии рафтори худро пешакӣ дар тарозуи ақл баркашида дида буд. Вай дар аввалин моҳи ҷанг, дар рӯзҳои айни авҷи сафарбарӣ ба ар-

мия, мисли ҳамин рӯз, дар идораи мактаб, дар пеши ҳамин тирезае, ки ба сӯи боғча кушода шудааст, дере хаёл карда, тамоми ҳаёт ва амалиёти бисту дусолаи худро аз пеши чашм мегузаронд ва ба дилаш аҳду паймонҳои нав ҷо мекард...

Ана мувофиқи ҳамин аҳду паймон Сафар аз пайи ба сафҳои армия рафтан ҷидду ҷаҳд кард ва ба ин мақсад ноил гардид. Сездаҳ сол вай (аз нисф зиёди умри ҷавони ӯ) дар сояи меҳри Ватан дар сағирхона, омӯзишгоҳ ва мактаби олӣ тарбия ёфт, аз рӯзи аввалини ба даст қаламу дафтар гирифтани худ то ба зинаи олии дониш пой ниҳодан ин фарзанди тоҷик ба мақсаду маслаки худ вафодор буданро омӯхт. Ватан ӯро ба камол расонид. Вақте ки ӯро дар чордаҳсолагиаш ба сафҳои комсомол қабул мекарданд, ба саволи котиби комитети ноҳиявии комсомол: «Шумо бо чӣ мақсад ба сафҳои комсомол медароед?» тантанавор чунин ҷавоб дода буд: «Ҳамеша ва дар ҳама кор ба фоидаи халқ, ба манфиати Ватан фаъолона хизмат кунам, бар зидди душманони вай бераҳмона мубориза бурда, писари содиқи халқу Ватан буданамро дар амал исбот намоям».Ана ҳоло вақту соати адои ин аҳду паймон расида буд.

Сафар ин саҳифаҳои ҳаёти худро дар фикраш як-як варақ мезад. Юнусбобои талхию ширинии ҳаётро чашида низ ба симои беғубор, ба чашмони пурмаъноӣ Сафар нигоҳ карда, тамоми фикру андешаҳои ӯро пай бурдагӣ барин мешуд.

– Хайр, писар, ҳеҷ воқеа не, – гӯён хомӯширо бурид Юнусбобо, – як худи модарат бошад, ҳар кор карда одами ҳамдамшавандаро меёбад. Наход бе ту ӯ дар байни як деҳа мардум қӯшхонае наёбад?!

Сафар аз ин сухани Бобо гӯё дилдорӣ ёфта, ба вай гуфт:

– Ман ба ин иштибоҳ надораму вале барои ин сафарам аз модар чӣ тавр ризоӣ гирифтан, чӣ хел дили ӯро ёфтан маро дар андеша гузошт.

– Ин гапат ҳақ аст. Модар ризо – худо ризо гуфтаанд. Вале модари ту, ба хаёлам, зани бефаҳм не. Вай медонад, ки ин кор на ба сари як худи ту, балки ба сари кӯп, ба сари олам омадааст, ин душмани қаттол

тинҷро нотинҷ, шодро ношод кард, коре шуд, ки ба оши ҳалоламон магас афтод...Акнун ба тақдир тан додан, дуои ҷони ту барин ҷавононро карда, аз худо ба онҳо роҳи сафед талабидан мемонаду бас. Ба пеши модарат рав, ту худат ба гап устой, мақсадро фаҳмон, канӣ чӣ мегӯяд. Охир, ҳеҷ набошад, ба насиҳати дусета мо барин мӯйсафедон гӯш медодагист, – гуфт Юнусбобо.

Сафар ин маслиҳати Бобоbooро қабул карда дар тараддуди ба хона рафтан шуда буд, ки аз берун садои ғалоғулаи якчанд мактаббачагони ба дарс омада шунида шуд. Юнусбобо овози онҳоро шунидан замон наздиктари соати деворӣ омада, ба мили он чашм дӯхт:

– Қариб вақти сар шудани дарс ҳам шудааст-ку. Соат ҳашту чоряк. Боз чоряк соат вақт мондааст.

Бобо сухани худро ба охир нарасонда, Сафар аз пеши тиреза «Ана муаллима ҳам омаданд» гӯён бо сараш ба сӯи боғча ишора кард.

Аз боғча, аз байни ниҳолҳои сабз Зебӣ чаққон по ниҳода меомад. Куртаи атласи сурхи ӯ дар шӯълаи офтоби чоштгоҳ, мисли лолаҳое ки аз мобайни сабзаҳо сар бардоштаанд, барқ мезад. Қомати миёна, чеҳраи гарм, мӯи ба сари сина афтодаи ӯ ба чашмони Сафар торафт наздик мешуданд.

Юнусбобо ба симои шодидамидаи Сафар як назар афканду баъд худро оҳиста ба сӯи дар гирифт. Сафар чашмашро аз боғча наканда пурсид:

– Ҳа, Бобо?

– Ҳозир меоям, писар, – гуфт Юнусбобо. – Рафта дари синфҳоро кушоям... шумо хотирҷамъакак кору боратонро саранҷом кардан гиред, лозим шавам, ман дар ҳамин ҷо.

Зебӣ рӯ ба рӯи тиреза омада Сафарро дида беихтиёр як дам дар ҷояш истода монд. Вақто ки чашмони онҳо ба якдигар афтоданд, дар лабони ҳар дуи онҳо табассуми ширине пайдо шуд. Ин гӯё ҳам салом ва ҳам алейки онҳо буд. Зебӣ дигар нигоҳ накарда ва сарашро ба замин хам карда ба тарафи дари даромади мактаб зудтар қадам зада рафт. Сафар ба тарафи дари идораи

мактаб рӯ гардонда, ба тоқчаи тиреза такякунон истод. Аз байн ду-се сония нагузашта, аз дари идораи мактаб Зебӣ даромада омад. Онҳо ба якдигар баробар салом доданд. Сафар хушҳолона назди Зебӣ омада ба ӯ даст дароз кард. Зебӣ ҳам бо як шарму ҳаёи духтарона чашмонашро поён дӯхта, дасти Сафарро оҳиста фишурд.Дар ин дам аз ҳаяҷони ботинӣ чеҳраи ӯ гулгун шуда буд. Сафар ба ин рафтори Зебӣ чизе намегуфт. Баръакс, аз ин гуна шарму ҳаёи ӯ дар дили Сафар самимияти нав, муҳаббати нав ҷӯш мезад, тамоми зеҳну диққати ӯ ба рафторҳои ба худ зебандаи Зебӣ ҷалб мешуданд...

Пас аз якчанд сония хомӯшӣ:

– Хуш омадед, муаллим (Зебӣ Сафарро ҳамеша муаллим меномид), чӣ хабарҳои нав? – гуфт Зебӣ дафтару китобҳояшро ба болои мизи хатнависӣ гузошта.

– Ташаккур, хушвақт бошед. Чандон хабарҳои нав надорам, – ҷавоб дод Сафар, – аз худи шумо пурсем?

– Наход дар байни чор-панҷ рӯз ҳеҷ хабари нав нашунида бошед? – боз такрор кард Зебӣ.

Сафар аз ин такроран пурсидани Зебӣ гумон мебурд, ки мумкин аст вай аллакай аз ҳамаи кору бори ӯ хабардор бошад ва илоҷи ба дигар мавзӯъ гардондани суханро ҷустуҷӯ намуда, бо забонхоӣ каме хомӯш монд. Зебӣ ҳам аз ин вазъияти Сафар пай бурд, ки вай ягон хабари навро аз ӯ пинҳон медорад ва боз бо кунҷковӣ, ба саволдиҳӣ сар кард:

– Дар шӯъбаи маориф чӣ хабарҳои тоза? Аз он ҷоку ягон кас ба аскарӣ нарафтааст?

– Ҳа, эҳтимол як-ду кас равад, – ҷавоб дод Сафар.

– Кӣ?

– Инспектор Раҳмонзода, баъд ҳисобдори шӯъбаи маориф.

– Аз муаллимон-чӣ?

– Аз муаллимон ҳам, – гуфт Сафар, – якчанд кас барои ихтиёран ба фронт рафтан ариза дода будаанд.

– Киҳо?

– Исмоилов, Калонзода,Қаюмов, Меликов ва боз якчанд каси дигар.

– Ба онҳо чӣ ҷавоб додаанд?

– Ба баъзеашон розӣ шудаанд, ба баъзеашон розӣ нашудаанд.

– Ба киҳо розигӣ додаанд? – пурсид Зебӣ ва дар аснои ин саволро додан овози ӯ дигаргун шуда буд.

Сафар баъд аз ин савол дигар сирри худро пинҳон дошта натавонист ва ба хулосае омад, ки Зебӣ на аз он касон аст, ки Сафар аз ӯ мақсади худро пинҳон дорад ва дуюм ин ки пинҳон доштани ин сир аз рӯи муҳаббат ва самимияти ҳамдигарӣ нораво аст. Ва пеш аз ба саволи охирини Зебӣ ҷавоб додан ба назди миз омада аз байни дафтару китобҳояш коғазеро баровварда ба Зебӣ дароз кард ва гуфт:

– Мана ба ҳаминҳо барои ба хизмати аскарӣ рафтан розигӣ доданд.

Зебӣ сатрҳои аввали фармони шӯъбаи маорифи районро беизтироб аз назар гузаронд, аммо вақте ки ба чашмони ӯ номи Сафар афтод, баногоҳ дили ӯро чизе аз ҷояш ҷунбондагӣ барин шуд, аввал якбора ранги ӯ парид ва баъд рӯяш тасфида, мисли анор суп – сурх гардид. Ҳам ба аскарӣ рафтани Сафар ва ҳам дар ҷои ӯ ба вазифаи масъул – сарвари мактаб таъйин шудани Зебӣ якҷоя ба фикри ӯ намеғунҷиданд. Вай фармонро хонда шуда бошад ҳам, аз ӯ чашм наканда, дар дасташ нигоҳ медошт. Баъд аз фурсате Зебӣ коғазро ба Сафар дода гуфт:

– Чанд рӯз боз чашмам беҳуда намепаридааст...

– Чӣ, ин магар сабаби хафагии шумо шуд, Зебӣ?

– На хафагӣ ва на хурсандӣ, – ҷавоб дод Зебӣ нӯги як миллаи мӯяшро бофта.

– Ман бошам, аз ин хурсандам, – гуфт Сафар фармонро ба ҷузвадонаш гузошта. – Агар донистан хоҳед, аз рӯзҳои аввали ҷанг дар пайи ҳамин мақсад будам.

– Ман ҳам дар ҳамин гумон будам.

– Аз куҷо медонистед? – пурсид Сафар.

– Аз куҷо мешуд, аз нишасту хести шумо ва аз аризаи ба Комитети ноҳиявии комсомол ва Комиссариати ҳарбӣ навиштаатон пай бурда будам.

– Кадом ариза? – пурсид Сафар. – Ман-ку ҳеҷ як ариза ба шумо нишон надода будам?

– Шумо мақсадатонро аз ман пинҳон дошта бошед

ҳам, вай кайҳо ба ман маълум буд. Акнун иқрор шавед, ки шумо ба ман боварӣ надореду боз ба ҷои худ сарварии мактабро ба гарданам бор кардед, – гӯён Зебӣ аз Сафар гила кард.

Сафар ҳам аввалин бор дар назди Зебӣ ин тавр ба вазъияти ногувор мондани худро пай бурд ва ба рӯи ӯ ҳам хуни хиҷолат давид, дар оҳанги сухани ӯ эътирофкунии гуноҳи худ ҳис карда мешуд.

– Ин гуноҳи ман аст, албатта, Зебӣ. Лекин ман намехостам, ки пеш аз ид нағора навозам ва ба ҷои худам таъйин карда шудани шумо аз камоли боварӣ аст ва ман аз шумо ҳамеша дилпурӣ дорам. Мехостам фаҳмам, аз ростӣ шумо мақсади маро пештар фаҳмида будед?

– Ҳа, – ҷавоб дод Зебӣ, – рӯзҳои аввали сар шудани соли таҳсил аз шумо якчанд дафтар гирифта будам. Дар як вароқи он дафтарҳо аризаи нотамоми шуморо хонда будам.

– Ин тавр бошад, чаро ҳамон рӯзҳо мақсади аризаро напурсидед?

– Ҳоло ман ихтиёри ба корҳои шахсии шумо дахл кардан надорам...

Ҳаққонӣ ва киноямез будани ин ҷавоби Зебӣ Сафарро аз саволҳои дигар боздошт ва калимаи «ҳоло» зуд ба фикри ӯ хаёлҳои аҷиберо бедор кард.

Мумкин буд дар байни ҳар дуи онҳо боз чандин дақиқаи дигар ҳамин тавр гуфтугӯҳои киноямез давом кунад, вале занге, ки саршавии вақти дарсро хабар медод, сухани онҳоро дар ҳамин ҷо бурид.

Зебӣ аз болои миз дафтару китобҳояшро гирифта, аз Сафар пурсид:

– Шумо ҳоло дар ҳамин ҷо будагед?

– Не, ман ҳам ҳозир меравам. Ҳанӯз ба назди очаам нарафтаам, – гуфт Сафар ҷузвадонашро ба қуттии миз гузошта.

– Наход ҳоло ҳам очаро надида бошед? – гуфт Зебӣ ва илова намуд, – чашми оча дар раҳатон чор шуд, намедонам ба ин хабарҳои нави шумо чӣ мегуфта бошанд?

Сафар ҳамроҳи Зебӣ аз идораи мактаб баромада, ба

Зебӣ таъкид кард:

– Акнун тасаллии хотири оча шудан ҳам ба гардани шумо...

Зебӣ аз шарм худашро ба нодонӣ зада, кай ба мактаб омадани Сафарро пурсида гирифт ва ба синфи рӯ ба рӯ даромада рафт. Сафар дар роҳрави бинои мактаб ду-се муаллимеро, ки ҳамроҳи Юнусбобо меомаданд, диду бо онҳо аҳволпурсӣ карда, берун баромад. Мактаббачагон, ҳамқишлоқиҳои Сафар ба ӯ рӯ ба рӯ шуда, ҳамаашон: «Салом, мудир, ҳарчи омадед, тинҷӣ, амонӣ-мӣ?» гӯён пурсупос мекарданд.

Вақте ки Сафар аз кӯчаи калон ба тарафи хонаи худ, ки дар дасти рост, дар лаби наҳр буд, баргашт, аз дур модари ӯ, ки дар лаби ҷӯ косаю табақ мешуст, писари худро дида, саросемавор аз ҷояш хесту оғӯш кушода, якчанд қадам пеш омад.

– Очакат садқаи ту, куҷо шудӣ? Чашмакам чор, тоқатам тоқ шуд. Шайтон ба дилам чӣ хаёлҳое наовард, ҳарчи, хотирҷамъакак омадӣ? – гӯён модар аз пешонаи Сафар бӯсид.

Сафар ба модараш хандида – хандида ҷавоб дод:

– Аҷаб воҳимае мекунӣ, оча, ман кӯдакам, ки гург мехӯрад?

Дар ин асно акси шӯълаи офтоб, ки дар рӯи мавҷҳои оби зулол ҷило медод, ба чеҳраи модару писар рӯшноии беғуборе меафканд...

## БОБИ СЕЮМ

Сафар пас аз наҳорӣ аз хона, ба идораи колхози «Коммуна» баромад. Дар идораи колхоз ғайр аз котиб – Муҳаммадраҷаб Юсуфов, ки ҳама ӯро Мамараҷаб мегуфтанд, каси дигаре набуд. Вай ҷавоне буд қадбаланди лоғартан ва рангзада. Мамараҷаб ба рӯи кадом як коғаз сар фурӯ бурда, чизе менавишт. Сарқалами нӯгаш хӯрдашудаи худнавис вай ба рӯи коғаз расида ғиҷ-ғиҷ овоз мебаровард.

Ҳамин ки Сафар аз дари идора намоён гашт, Мамараҷаб ҳамон дам дафтари қайди мукотиботи колхозро, ки дар як тарафи миз истода буд, гирифта онро ба бо-

лои мактуби худ гузошт. Дар афти зардчатоб, дар чашмони танг-танги каме ба косахонааш чӯкидаи вай як ҳолати изтироб ва бесаранҷомӣ ҳис карда мешуд.

– Раис дар ҳамин ҷо? – пурсид Сафар баъд аз мулоқоту пурсупос ба утоқи ишора карда.

– Не, нестанд.

– Одил ако-чӣ?

– Он кас ҳам нестанд.

– Магар ҳанӯз наомадаанд?

– Пагоҳии барвақт як сари қадам омада, боз ҳамроҳи намояндаи райком баромада рафта буданд.

– Ба куҷо рафта бошанд?

– Ба саҳро, ба сари кор бояд рафта бошанд, – ҷавоб дод Мамараҷаб дафтареро варақ зада, – зарур шуда бошанд, ҳозир фақат аз ҳамон ҷо ёфта метавонӣ. Набошад то бегоҳӣ баргаштанашон маълум не.

Сафар бо кадом як фикр банд шуда, якчанд дақиқа хомӯш монд. Мамараҷаб ба саҳифаҳои дафтар чашм давонда, баъзан ба вай даркору нодаркор бо қалам ким-чӣ аломатҳо мегузошт.

– Ҳозир хӯҷаини идора як худам гӯй? – шӯхӣ кард Сафар.

– Хӯҷаин набошам ҳам, ин вақтҳо ҳамаи кори идора ба сари ман мондааст, ошно, – гуфт Мамараҷаб худро серкор тарошида, – шабу рӯз аз идора набароям ҳам, боз кор як вагон.

– Ҳисобдоратон ҳам наменамояд-а?

– Вай бечора ҳам як по дар пункт, як по дар банк, бо ҳисобу китоб овораю саргардон. Хуллас, ки ҳамаамон ба сар хоридан вақт надорем, – гӯён Мамараҷаб беихтиёр бо нӯги худнавис пушти гӯшашро хорида монд. Сафар аз ин гапу рафтори ҳавобаландонаи Мамараҷаб оҳиста лаб ба табассум бурда киноямез гуфт:

– Ҳа, албатта, сархорӣ ҳам вақт металабад, ҷӯра...

– Вақт бисёр нозук омад, ошно, – ҷавоб дод Мамараҷаб, – ҳамаи кор ва диққат ба ҷанг, ба фронт шуда монд. Ин коғазу ҳуҷҷатҳоро намебинӣ, якаш таҳ накарда, аз қафо боз даҳтаи дигараш меояд. Ба чунин қарор омадам, ки ҳамин рӯзҳо аз ин кор дида ба даст

туфанг гирифта ба аскарӣ рафтан беҳтар аст.

Бо ин сухани рӯидилакӣ Мамараҷаб дар назди Сафар «фидокорӣ»-и худро намоиш доданӣ мешуд.

– Агар қатъӣ қарор дода бошӣ, азми калон кардӣ, – гӯён Сафар таги дили Мамараҷаб ро фаҳмиданӣ шуд. Мамараҷаб дар дилаш аз гуфтааш пушаймон шуду бо табассуми сохта ҷавоб дод:

– Сад азму аҳд кунӣ ҳам, аз зери бори ин коғазҳо баромада наметавонӣ... Ба болои ин, бе ихтиёри раис, акои Олим ба куҷо рафта мешавад?

Сафар аз рафтори худаш мисол гирифта, исроркорона гуфт:

– Касоне ҳастанд, ки ҳатто идораҳои ноҳия розигӣ надода бошанд ҳам. ба марказ муроҷиат карда, охир ба хоҳишу матлаби худ расидаанд...

Мамараҷаб барои мустаҳкам кардани даъвои худ ба баҳонаҷӯӣ даромад.

– Аз як ҷиҳат ин гапат ҳаќу лекин калонҳои колхозро писанд накарда, рост ба марказ муроҷиат кардан ҳам аз рӯи услубу одоб нест, ҷӯра.

Ба болои ин гапи Мамараҷаб амаки ӯ, мудири магазини ҷамъияти матлуботи деҳаМирбадал даромада омад. Вай бо Сафар зоҳиран сидқӣ мулоқот намуду риёкорона ба гап даромад:

– Илоҳо ҳеҷ гоҳ аз дида дур нашаведе, ҷони ширин... Панҷ рӯз рафтеду панҷ сол надидагӣ барин пазмон шудема... Ҳа, дарвоқеъ, туф-туф... чашм нарасад, ҷӯраҳои гул барин шукуфон аз афташ, аз дидаю шунидаатон чақ-чақ карда нишастетон?

– Ҳа, аз шаҳр субҳи барвақт омада будам, як аз инҳо ҳолпурсӣ кунам гуфта ҳозир аз хона баромадам, – ҷавоб дод Сафар.

– Бисёр хуб кардед. Худаш ҳам як замоне омад, ки одам ба одам ғанимат шуда монд, – гуфт Мирбадал.

Сухани охирини Мирбадал ба табъи Сафар нафорид. Вай дарҳол бо хайрухуш ба тарафи дар рост шуда буд, ки Мирбадал пурсид:

– Ҳа, муаллим, чорта гап назада даррав рафта истодаед, ё омадани ман магар ба миёни сӯҳбати ду ҷӯра лагад зад-а, мирзо? – Аввал ба Сафар, баъд ба Мама-

раҷаб муғамбирона чашм дӯхт Мирбадал.

– Не, амаки Мирбадал, – ҷавоб дод Сафар, – ба раис акои Олим ва парторг Одил Саркор кор доштам, зуд ҳамонҳоро рафта бинам.

– Ин хел бошад, ҳозир ҳамаашон ба клуби колхоз омаданд, – хабар дод Мирбадал.

Сафар бо шитоб баромада рафт. Мирбадал аз рафтани Сафар як дақиқа вақт нагузашта аз қафои вай дари идораи колхозро кушоду ба берун, ба чор тараф чашм давонда гирифта, боз дарро сахттар пӯшид ва ба мизи Мамараҷаб наздиктар омада оҳиста пурсид?

– Чӣ мегӯяд?

– Ҳеҷ чиз нагуфтааст, – ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Ба аскарӣ рафтани худро гуфт-мӣ?

– Не, аз ин хусус гап назадааст-ку, шумо аз куҷо фаҳмидед?

– Аз ноҳия.

– Ҳаа..., – гӯён Мамараҷаб сухани Сафарро, ки аз ин якчанд дақиқа пеш гуфта буд, ба хотир оварда онро ба Мирбадал ҳам нақл кард.

– Бачаи пухта-дия, ноумед, – илова кард Мирбадал, – хайр, бало ба сари худаш, шумо кори худатонро донед, ҷиянам.

– Ба мо ҳам пагоҳ – бегоҳ навбат меомадагӣ барин, амаки Мирбадал, – гуфт Мамараҷаб ва аз даруни як ҷузвадон якчанд даъватномаи комиссари ҳарбии ноҳияро бароварда нишон дод.

– Мана, боз ба панҷ кас даъватнома омад.

– Ба шумо-ку нест?

– Не, нест.

– Хотирҷамъ бошед, набошад.

– Чӣ хел хотирҷамъ бошам?

– Э, пурсида мешинед-мӣ ҷиянам, дар ин рӯзҳо камина амаки магазинчетон ҳам одами аз ҳама даркорӣ шуда монд. Хулоса ҳамин, ки ба ягон кас корамон афтода монад, мо ба пеши вай не, худо хоҳад, худи вай, агар гурусна монданро нахоҳад, ба пеши мо меояд.

Мамараҷаб аз ин гапи амаки худ завқ карду аз ҷояш

хест ва ӯ ҳам рафта дари даромадро кушода ба берун нигоҳ кард.

– Боз аз тӯй пештар наҷора нашавад... – гуфт Мамараҷаб ба ҷои худ баргашта.

– Хуб, ин гапҳо баъд. Хатро навиштед? – пурсид Мирбадал.

– Навиштам, – ҷавоб дод Мамараҷаб аз зери дафтар хати ҳанӯз имзо нагузоштаи худро ба амакаш нишон дода. Мирбадал ба хат чашм давонду баргашта ба Мамараҷаб дода гуфт: – хуб навиштед, аз нав дар коғази нағз хушхат карда рӯнавис кунед. Кай ки хостгор фиристонем, ин хатро ҳам ҳамон рӯз ба воситаи ягон мактаббача ба худаш мефиристонед.

Баъд Мирбадал ба назди тирезае, ки ба тарафи кӯчаи калон кушода мешуд, рафт. Аз тиреза ӯ як гурӯҳ одамон ва як қатор аспу аробаҳоро, ки дар пеши чойхонаи сурхи қишлоқ ҷамъ омада буданд, дид.

– Боз ин чӣ маърака? – пурсид Мирбадал аз кӯча чашм наканда. Мамараҷаб ҳам ба назди тиреза омад.

– Ҳа, воқеан имрӯз колхоз ба фонди Армияи Сурх корвони сурхи пахта, ғалла, сабзавот мефиристонад.

– Боз ин ҳунари кӣ?

– Парирӯз раис, парторг ва одами райком дар байни худ гап – гап карда буданд, имрӯз аллакай ҳамааш тайёр ҳам шудааст.

– Охир ин мардуми деҳа ғаму парвои фардоро дорад ё не? – Мирбадал бо як хашму ғазаби ботинӣ аз димоғ нимғурма гап зад, – як рӯз нагузашта як корвон тӯҳфа ҳозир карда, ду рӯз нагузашта гушна мондан ба чӣ маънӣ? Ҷанг сар шудан боз фаъолияти Одил Саркор ҳам дучанд зиёд шудагӣ. Се аробаи ин корвон ҳам аз бригадаи худи ҳамон.

– Худоё тавба, аҷаб замона шуд-дия, – бо як ҳасратмандӣ гуфт Мирбадал, – як одами дирӯзакак пойлучи бесавод имрӯз калони фирқаю саркори мардум шуданашро бинед?!

– Тавба-ку не, қоил шудан даркор, амаки Мирбадал, қоил шудан даркор! – ҷавоб дод Мамараҷаб ба фикри Мирбадал бо ҳисси ростгӯӣ эътироз баён кар-

дагӣ барин. – Барои ҳамин мардум ба Ҳукумати Советӣ молу ҷонашонро фидо мекунанд-дия...

Ин сухани Мамараҷаб, ки вай аз хурдсолӣ аксар ба азму ирода ва майлу таъсири амаки худ гардан фуроварда калон шуда буд, ба Мирбадал нафорид. Нафаси вай танг шуда омада, нотинҷ гардид ва чашмони бенури ба косахонаҳояш чӯкидаашро бо хашм ба Мамараҷаб дӯхт.

– Шумо қоил бошед, бас аст, – гуфт Мирбадал аз пеши тиреза дур шуда. – Мо барои чӣ қоил шавем? Барои он ки Одил Саркор барин касони як вақтҳо ба пеши мо барои як ариза навишта додан бо илтимосу илтиҷо омада, имрӯз ба болои сарамон амру фармондеҳ шудаанд, ба ҳамин қоил шавем? Ё ин ки шуморо пагоҳ – бегоҳ ба еми тӯпу туфанг мефиристонанд, барои ҳамон-мӣ? – Мирбадал ба афти Мамараҷаб нигоҳ карда, мизроби сухани худро мулоимтар кард. – Эҳ, ҷигарам – ҷигарам, синнатон ба бистуду – бистусе даромадаасту ҳанӯз ҳам сиёҳро аз сафед дуруст фарқ карда наметавонед... Амакатон ин гапҳоро бечиз намегӯяд, инро хуб фаҳмида монед, дар ин кору бор гӯштамон фуромада, пӯстамон рехта, мӯямон сафед шуд-ку, ҷиянам. Монед, алами кӯҳнаро тоза накунем. Коратона кунед, ман рафтам.

Мирбадал берун баромада, ба тарафи чойхона роҳ гирифт.

Дар пеши чойхона ғайр аз як гурӯҳ мардуми қишлоқ ки ба гуселкунии корвони сурхи колхоз ҷамъ омада буданд, раиси колхоз акои Олим ҳам буд, ки вай як пояшро ба тири ароба такя дода, дар болои зонуяш дафтарчаеро гузошта чизе менавишт. Ҳар боре, ки инструктори райком ба ӯ савол медод, акои Олим сарашро бардошта ба вай ҷавоб медод:

– Натиҷаи корамон ана ин хел, рафиқ Норзода: плани пахта – 121, ғалла – 112, картошкаю сабзавот 200 фоиз иҷро шуд, – ва дафтарчаашро ба Норзода нишон дод.

– Ин корвонро ба ин ҳисоб намедароред? – пурсид Норзода.

– Албатта, не! Берун аз план набошад чӣ хел тӯҳфа

мешавад? – касе аз байни ҳозирон гап партофт.

Ба болои гуфтугӯи онҳо Одил Саркор, ки марди миёнсоли қоматбаланд буд ва дар тан ҷомаи кории гарду чангзеркарда дошт, омада хабар дод:

– Раис, ҳоло рӯйхатро ҷамъбаст накарда истед.

– Ҳа, боз чӣ шуд? – пурсид акои Олим аз Саркор.

– Аз муаллиму мактаббачагон ҳам даҳ қуттӣ себ омад, – гӯён Одил Саркор, Сафар, Юнусбобо, мудири илмӣ Мансуров ва Зебиро, ки аз тарафи мактаб бо ҳамроҳи якчанд муаллиму мактаббачагон дар дасташон қуттиҳои пур аз себ меомаданд, нишон дод. Ҳама ба ҳамон сӯ рӯ оварданд.

Норзода бо хушҳолӣ ба Сафар, ки аз рӯ ба рӯ меомад, гап партофт:

– Одинаев ҳам ба имо маътал будаанд-дия.

– Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан, садқа..., – ба Норзода нигоҳ карда гуфт Юнусбобои аз ҳама пештар омадагӣ ва қуттии пур аз себро ба болои кати чойхона гузошту боз ба сухан давом кард: – Ин аз нӯги хамир фатир... Дертар мондем, набошад номаш боғчаи мактаб бошад ҳам, маҳсулаш аз маҳсули бригадаи Саркор кам нест.

– Номаш хурду кораш калон гӯед, – гуфт Норзода аз сухани Юнусбобо завқ карда.

– Ҳа, ана, олам гулистон, ёфтед, – ҷавоб дод Бобо ва ба Норзода дасти мулоқот дароз кард.

Ба гап Сафари ба назди онҳо расидаомада ҳамроҳ шуд:

– Модоме ки ин корвон аз деҳаи Ҷӯйбор, аз колхози «Коммуна» мерафтааст, чаро моён – фарзандони ҳамин деҳа, аъзоёни ҳамин оила аз иштирок кардан ба вай дар канор монем?

– Хоҷагии шумо дахлнопазир гуфтем-дия, додар... – бо табассум ва шӯхӣ гап зад Одил Саркор.

– Дахлнопазир ба бегонагон аст, Саркор амак! – хитоб кард бо як қиёфаи ғаюрона Зебӣ ва илова намуд: – модоме ки ин корвон аз номи колхозчиён мерафтааст, чаро фарзандони онҳо аз қатор монанд? – Сафар аз ин ҷавоби Зебӣ мамнун гашта, дар давоми сухани ӯ тасдиқомез сар меҷунбонд. Одил Саркор бошад, зуд

ҷавоб наёфта, хандакунон гуфт:

– Ҳа, паст наоеде, муаллима!

– Саркор мегӯям, – гуфт акои Олим, ки ба назар марди наздик ба панҷоҳсола метофт ва ба мӯйлаби сиёҳаш якта – дута тори сафед афтода буд, – корвони чор-панҷ ароба тахмин кардаатон то аз қишлоқ баромадана даҳ – дувоздаҳ ароба мешудагӣ барин.

– Расми корвонкашӣ ҳамин аст-дия, додарам, – гуфт Юнусбобои пурдон. – Гап то ягон кас сари корвонро гирифта ба роҳ даромадан аст, он тарафаш то ба манзили қарордода расидан як шутур – панҷоҳ шутур мешавад...

Дар ҳақиқат корвони иборат аз чор-панҷ ароба, ки котиби ташкилоти ҳизбӣ Одил Саркор аз номи аъзоёни бригадаи худ ва коммунистони колхоз ба хазинаи Армияи Сурх ташкил доданро қарор дода буд, то қариби ними рӯз ба нӯҳ – даҳ ароба расид.

Ҳамин тавр, Одил Саркор ба сари корвон истода, бо тӯҳфаҳои колхоз ба роҳ даромад. Дар аробаи якум яке аз талабагони мактаби деҳа, ки дар тан либосҳои нав, дар гардан галстуки пионерӣ дошт ва ҳамроҳи ӯ боз як колхозчии миёнсоле байрақи сурхи колхозро баланд бардошта менишастанд. Байрақ дар болои сари Одил Саркор ва ҳамроҳони ӯ ҷилва мекард...

Вақте ки корвон акнун аз қишлоқ баромада буд, ба пеши чойхона як пирамарди тахминан шастсолаи тануманд ва бақувват, ки ба китфаш як барраи фарбеҳро бардошта ба обу арақ ғӯтида буд, саросема омад. Вай чашмонашро ба аробаи охирини корвон, ки аз деҳа берун мерафт, ҳаросон дӯхта, номи касеро гирифта, бо овози баланд ҷеғ зад.

– Хӯш, Бобонор, чӣ шуд, магар ба бозор фуромаданӣ будед? – пурсид Мирбадал, ки аз ҳама охир аз пеши чойхона гузашта мерафт.

– Аҷаб гап задед, – ҷавоб дод Бобонор ба Мирбадал норозиёна чашм партофта ва боз касеро ном гирифта ҷеғ заду баъд ба Мирбадал гуфт: – Ман дар чӣ ғаму шумо дар чӣ хаёл.

– Ман чӣ донам, аз саросема шуданатон гумон бур-

дам, ки мумкин аст «Аз бозори гӯсфанд дер намонам» гуфта ба таҳлука афтодаед.

– Аз бозори гӯсфанд дер монам парво ҳам намекардам, аммо аз маърака мондан хеле айб шуд, – гӯён Бобонор ба ҷавоби нимғурмаи Мирбадал гӯш надода ба пеш шитобид. Вай аз чойхона болотар, дар назди клуби колхоз ба Норзода вохӯрд, ки бо Сафар гапзанон истода буд.

– Ҳа, бахайр Бобонор! – пурсид Норзода.

– Э, ассалом додар, – гуфт бесаранҷомона Бобонор. – Садқетон шавам, боботон аз маърака дер монд. То ин ҷонварро аз қир пеш карда омаданам, аллакай корвон рафта мондааст.

– Чӣ, ҳамроҳ рафтанӣ будед? – савол дод Сафар.

– Ҳамроҳ ҳам мерафтаму лекин аз ҳама аввал мана ин ҳадяи хурдакаки худро қатӣ карданӣ будам, – ҷавоб дод Бобонор ҳарсосзанон.

Сафар бо илтимоси Норзода барои корвонро аз роҳ нигоҳ доштан давид. Норзода аз китфи Бобонор гӯсфандро гирифта ба замин монду гуфт:

– Хайр, аз шумо ин кор зарур ҳам набуд-ку.

– Эҳ, садқетон гардам, писар. Аввал аз падар ва бобоямон васият мондааст, ки аз кори маърака берун намонем, сониян ҳамин, ки ана ин мирзо Сафар қатори як нури чашми мо – Шодӣ аз ҷанг як сол пештар ба аскарӣ рафта буд, дар хаташ «ҳозир дар наздикиҳои Маскав ҷангида истодаем» гуфтааст. Модоме ки халқ ба ҷанговарон ҳадя мефиристодааст, падари яке аз онҳо – ман чӣ хел аз қатор берун монда метавонам?

– Рост, хуб гуфтед.

Гуфтугӯи онҳо ба охир нарасида Сафар баргашта омаду худаш гӯсфанди Бобонорро бардошта бурда, ба як аробаи корвон бор карда монд. Бобонор ҳам ба ҳамон ароба савор шуда гирифт. Дар ҳамин вақт Одил Саркор ба назди Бобонор омада ҳазломез гуфт:

– Оббо Бобоноре, хуб мӯйсафеди ба ҳар куҷо пойрас ҳастед-дия.

– Пои Саркор дар куҷое ки бошад, пои мо ҳам ба ҳамон ҷо нарасида намемонад, додарҷон... – ҷавоб дод

Бобонор бо хушҳолӣ ва араҷи пешонӣ ва рӯю гарданашро пок кард.

Сафар аз ҷавоби Бобонор завқ карда, бо корвон хайрухуш карду ба назди Норзода баргашт.

Баъд Норзода бо ҳамроҳии Сафар аз пайраҳае, ки дар гирдогирди майдончаи бошишгоҳи колхоз воқеъ буд, роҳ рафта, дар шаҳр чӣ корҳо кард, чӣ гапҳо шуд, аз вай пурсид.

– Ҳамин тавр, тавсияи райком кори маро осон кард, – гуфт Сафар баъд аз муфассал нақл карда додани он ки чӣ хел Комиссари маориф дар аввал ба талаби ӯ розигӣ надодааст.

– Сонӣ ба куҷо рафтӣ? – пурсид Норзода.

– Сонӣ ба Комиссариати ҳарбии республика. Дар он ҷо аъзои партия набуданам ба як кор халал расонд, – гуфт Сафар бо афсӯс.

– Чӣ кор? – савол дод Норзода.

– Ба курси семоҳаи роҳбарони сиёсӣ ҷой будааст, лекин ба он ҷо касони ба партия аъзо ё номзад бударо мефиристодаанд. Чунон афсӯс мехӯрам, ки... – Сафар гапашро ба охир нарасонда хомӯш монд.

Норзода ба сари хами ӯ нигоҳ карда, бо оҳанги насиҳат ва дилдорӣ гуфт:

– Аввал ин ки ба партия барои амалгирӣ намедароянд, дуюм ин ки барои он кас, ки чи ботинан ва чи зоҳиран тақдири худ, ҳаёт ва фаъолияти худро бо партия маҳкам пайвастааст, дари партия ҳамеша кушодааст. Сафар! Билети партиявӣ доштан – ин як тарафи расмии кор, лекин бо партия аз ҳамаи роҳҳои мушкилу мураккаб баробар қадам партофтан, баҳри мақсади олии вай тамоми қувва, ғайрат ва ҳатто, лозим шавад, ҷони худро дареғ надоштан – ин аст яке аз хислат ва сифатҳои асосии он шахсе, ки ба гирифтани номи баланди коммунист сазовор шуданист. Оё ту дар худ чунин азму ирода ва боварӣ дорӣ, ки аз ӯҳдаи ин шарти асосӣ баромада тавонӣ? – пурсид дар охири сухан Норзода Сафарро санҷиданӣ шуда.

– Агар ин гапи ман ба саволатон ҷавоб шуда тавонад, – гуфт Сафар оромона, – ба фикри ман, ҳамин

мақсад азми маро ба он равона кард, ки либоси гражданиро бо либоси аскарӣ иваз намоям.

– Албатта, ин аз як ҷиҳат дуруст аст, лекин бо як худи иваз кардани сарулибос кор тамом намешавад. Дар айни замон ҳазорон – ҳазор одамон, ки Ватани худро аз сидқи дил дӯст медоранд, либоси аскарӣ пӯшидаанд. Гап дар сафи аввали онҳо истода аз обу оташу тӯфон якумин шуда гузаштан аст...

Вақте ки Норзода ин гапҳоро мегуфт, Сафар ғарқи хаёлҳои наҷиб хомӯш аз паҳлӯи ӯ қадам мепартофт...

## БОБИ ЧОРУМ

Бегоҳии ҳамон рӯзи аз шаҳр баргашта омадан Сафар баъд аз корҳои рӯзонаи худ дар ҳавлиаш истироҳат мекард. Вай дар болои суфаи қолину кӯрпача густурда дароз кашида мехобид.

Гарчанд фасли тирамоҳ бошад ҳам, обу ҳаво аз рӯзҳои тобистон чандон фарқ надошт. Ду-се борони сахт чангу ғубори сабзаву баргҳоро шуста гузашта, порча – порча абрҳои сафед дар ҳар ҷо – ҳар ҷои осмони васеъ сайр мекарданд ва боди сабук онҳоро ором ба шимол, ба паси кӯҳҳои Ҳисор гирифта мебурду дар ғуруби офтоб ин абрпораҳо ба худ ранги гулобӣ гирифта, дар пеши назар тобиши зебое медоданд.

Оре, дар ин диёр чунин рӯзҳои фасли тирамоҳ ҳам мешавад, ки аз баҳору тобистонаш фараҳбахштар, зеботар мебошанд!

Сафар рӯ ба осмон хоб рафта ба ҳамин табиати дилкаш, баҳркушо, ба ҳамон абрпораҳои гулобӣ ва ба осмони васеи нилобӣ бо ҳирси беинтиҳо чашм медӯхт ва ба фикру хаёлҳои аҷиб фурӯ мерафт.

Модари Сафар, ки дар сари оташдон ҷунбуҷӯл мекард, гоҳ-гоҳ ба писараш нигоҳкунон аз ин қадар дуру дароз ба осмон чашм дӯхта хомӯш мондани ӯ дар ҳайрат мемонд. Вай ду-се бор ҳар чизро баҳона карда аз Сафар гап пурсида бошад ҳам, аз ӯ ғайр аз ҷавоби кӯтоҳ – «ҳа» ё «не» – дигар сухан нашунид.

Аз ин вазъияти Сафар дили модар танг шуд. Вай бо

баҳонаи ба оши палав хӯриш тайёр кардан дар дастонаш корду тахтача ва помидору пиёз омада ба як гӯшаи суфа нишаст. Даст ба корду пиёз, чашм ба Сафар як дам хомӯш нишасту охир ба писараш муроҷиат кард:

– Ҳа, бачем, чӣ шуд?.. Дар осмон чӣ дидӣ, ки ин қадар нигоҳ карда мондӣ?

Сафар баробари шунидани овози модараш ба сӯи ӯ рӯ гардонда гирифту як дам чизе нагуфта, бо чӣ банд будани фикри худро ба хотир овард ва баъд ҷавобан ба модар гуфт:

– Ҳеҷ, ҳамин тавр, хониши мурғонро гӯш мекунам.

– Хониши мурғонро магар акнун шунидастӣ? – боз пурсид модар.

– Ба хаёлам мурғон имрӯз бо авҷи тоза ва форам нағма мекунанд, – гуфт Сафар бо оринҷаш ба болин такя карда.

Модари Сафар аз ин «баҳонаи» фарзандаш ба таври худ хулоса баровард.

– Чор-панҷ рӯз дар Сталинобод гашта, суруди мурғони хушовозамонро ҳам пазмон шудӣ, аз афташ?

Ин сухани модар Сафарро боз ба фикру андешаҳои дигар роҳӣ кард. Ҳамон дам ба сари ӯ чунин фикр омад: «Акнун чор-панҷ рӯз не, балки моҳу сол аз ин манзил дур афтодан, ба ҷои овози мурғакони хушхон ба садои тӯпу туфангҳо одат кардан, ба ивази ин қолину кӯрпача ба замини қоқ дар сармою гармо сина ба замин ниҳода хоб кардан лозим меояд, модарҷон! Дар он вақт ту ду гӯш ба шунидани хабари хуши мағлубшавии душман, ду чашм дар роҳи аскарбачаат шабҳоро рӯз мекунӣ... Ту ҳозир аз ин гапҳо хабардор нестӣ, очаи меҳрубонам!»

– Ба ту чӣ шуд, Сафар? – пурсид модар бо садои изтиробомез. – Имрӯз ин қадар ҳушу хаёлат парешон менамояд?

– Ҳеҷ, ҳушу хаёлам дар ҷояш, оча, камтар монда шудам, ба ту ҳамин хел менамояд. Хотирҷамъ коратро кардан гир, – гуфт Сафар ва яке аз рӯзномаҳои дар паҳлӯяш бударо гирифта ба саҳифаҳои он чашм давонд.

– Ё аз хусуси мактаб калонҳои марказ ягон гап заданд? – Боз бо кунҷковӣ пурсид модар. – Авзот ҳаррӯза барин не, писарам, дар дилат ягон дард доштагӣ барин.

Сафар мувофиқи қарордоди худ модарашро аз гап хабардор карданӣ шуд. Вай хесту чорзону нишаст ва бо сарахбори мулоим сухан сар кард:

– Оча, росташро гӯям, ту аз афтам дар дилам чӣ буданашро дуруст пай бурдӣ. Ман мехостам аз ҳоло ин хабарро расонда дили туро вайрон накунаму ҳамаашро рӯзи ба иҷрои хизмат рафта истоданам гӯям. Акнун дар болои хӯрок хуб набошад ҳам, ба гуфтан аҳд кардам.

Модар бо чашмони ҳайратангез, бо дили пуризтироб ба писараш нигоҳ мекард.

– О, писарам, бисту ду сол туро парвариш карда калон кунаму боз аз авзоят надонам, ки дар дилат чӣ гап дорӣ?

– Рост мегӯӣ, ман ин гапро дар дилам як рӯз бошад ҳам, ғунҷонда натавонистам, худаш ҳам гапи хурд не, – ҷавоб дод Сафар.

– Хайр, тезтар гап зан акнун, дилам танг шуд, – гӯён модар ба пеши Сафар наздиктар нишаст, – худаш ягон хабари хуш-мӣ ё...

Сафар сухани модарашро бурида, оромона гуфт:

– Ман ба ту ду-серӯза меҳмон ҳастам, оча.

– Меҳмонаш чӣ, ин чӣ гуфтагет, худо нигоҳ дорад, писарам!

– Яъне баъди ду-се рӯз ба аскарӣ меравам.

Модар баробари шунидани ин хабар бо бесабрии фавқулода такрор пурсид:

– Ба аскарӣ, ба ҷанг?

– Ҳа, ба аскарӣ, – ҷавоб дод Сафар ба симои ҳамон замон тағйирёфтаи модараш бо диққат чашм дӯхта, – лекин ҳоло ба ҷанг не.

Модар ҳушу хаёлашро гум кард ва охирин сухани Сафарро ҳам нашунида монд, гӯшаш ғуввос мекард, дилаш гуп-гуп мезад, роҳи гулӯяшро чизе фишор дода меомад ва дасту пойҳояш меларзиданд, лабҳояш ҷунбида, худ ба худ оҳиста чизе мегуфт.

– Чаро хомӯш мондӣ, очаҷон, ба ту чӣ шуд? – гӯён Сафар ҷаҳида ба паҳлӯи модараш гузашт ва дасташро ба гардани ӯ партофта аз рӯи пурожангаш бӯса кард. Модар ҳанӯз мадҳуш буд, забонаш ба гап намерафт. Фақат баъд аз он ки рӯю лабҳои аз ҳаяҷон тафсони фарзанд ба рӯи модари меҳрубон расиданд, аз чашмони камнуршудаи модар ашк шашқатор шуд ва аз паси ин ашк роҳи гулӯ каме кушода шуда бо овози ғамгини ларзон гуфт:

– Боз ба очаи сарсахтат худо бекас монданро раво дид магар, писарам?

– Ин тавр нагӯй, очаҷон! Замонҳои бекасию ғарибӣ кайҳо аз сари ману ту дафъ шудаанд, – гуфт Сафар ба модараш бо оҳанги эътироз, – худат фикр кун, ба аскарӣ як писари ту намеравад-ку. Дигарон ҳам ман барин модар, падар, оила доранд, оё ҳама ғариб шудан мегиранд?

– Одамҳо ака, ука, зану фарзанд доранд, мани як по дар гӯр ғайр аз ту кӣ дорам? – ҷавоб дод модар бо нӯги қарсаш ашки чашмонашро пок карда.

Ин ҳасрати модар дар фикри Сафар ҳам хаёлу андешаҳои дурро бедор кард. Падари дар замонҳои босмачигарӣ дар дасти қӯрбошиён ҳалокшудааш, баробари солҳои гуруснагии ҳазору нӯҳсаду бисту як – бистуду вафот кардааш ба ёдаш омад. Чашмонашро пардаи ашк фаро гирифт. Вале Сафар зуд худдорӣ кард, гапро ба мавзӯи дигар гузаронд.

– Солҳое ки ман дар сағирахона ва баъд дар мактаб будам, худат мегуфтӣ, ки дар деҳа ту танҳо нестӣ. Калонсолон бародару хоҳар, хурдсолон духтару писарат барин шуда мондаанд, бо онҳо бемалол дар сари як дастархон нишаста ошу нон мехӯрдӣ. Ҳозир ҳам бошад, дар қишлоқ ҳамон одамҳо ҳастанд, оча! Наход меҳру муҳаббати деринаи онҳо имрӯз дигар шуда бошаду дар набудани писарат ту ғариб монӣ?!

Модар хомӯш монд. Вай аз хусуси меҳру муҳаббати самимӣ доштани ҳамдеҳаҳои худ ҳақ будани фикри писарашро инкор карда наметавонист. Вале барои модар дар айни ба камолрасӣ ва нашъунамо ёфтани умри ҷавонии писараш аз вай ҷудо шудан кори осон набуд.

Вай бе писари ягонааш чӣ хел рӯзро шаб, шабро рӯз карда метавонад! Сафар барои ӯ ҳам давлат, ҳам такягоҳ ва ҳам орзую умедҳои неки истиқболаш буд. Модар шабу рӯз дар он фикру хаёл буд, ки хонадор шудан, фарзанд дидани писарашро бинаду сонӣ худаш аз ин дунё чашм пӯшад ҳам, ормон надорад, вале акнун, дар даҳони ҳама гапи аскарӣ ва ҷангу фронт аст, ҳоло ин орзуҳои ӯ – танҳо орзу ҳастанду бас.

Ин фикру андешаҳо дили модарро бадтар мефишурданд, аламу ҳасрати онро зиёд мекарданд. Сафар бошад, бо меҳрубонии ба ҳар як фарзанди вафодор хос модарашро тасаллӣ дода, кӯшиш мекард, ки дили ӯро ба мақсади худ моил кунад.

– Очаҷон, ба ту гапро дароз карда нишастан ҳоҷат надорад. Талхию ширинии зиндагиро аз ман дида ту бисёртар чашидагӣ ва гумон мекунам, ки рӯзҳои сиёҳи як замонҳо аз сар гузаронидаатро дую дубора дидан намехоҳӣ, – гуфт Сафар ба мақсад аз дур даромад карда, – оё ҳамин тавр не?

– Як ман не, илоҳӣ ҳеҷ банда он рӯзҳоро набинад, – ҷавоб гирифт Сафар аз модараш.

– Ҳа, ана бале, оча, як ту не, ҳеҷ банда набинад. Акнун ба гапи ман гӯш кун. Баро, ба ин ҷо дурусттар бинишин. – Сафар аз зери оринҷи модараш дошта, ӯро оҳиста пештар кашид. Модар бошад, нимғурма «Хайр, ту гап задан гир» гуфту лекин боз мувофиқи талаби Сафар болотар баромада нишаст.

– Гӯш кун, оча, ман чӣ мегӯям, – ба гап давом кард Сафар – ин ҷанг ҷангест, ки ҳаёту мамоти моро ба миён гузоштааст. Душмани ба муқобили Ватани мо лашкарбардошта бошад, аз он босмачиҳои ту дидагӣ ҷаллодтару бедодгартар аст. Мана, дар бораи онҳо дар рӯзнома чӣ навишта шудааст.

Сафар аз рӯзномаи «Тоҷикистони Сурх» хабари зеринро хонда дод:

– «Ҷаллодони немисӣ – фашистӣ дар қишлоқу шаҳрҳои Белоруссия нисбат ба аҳолии осоишта таҷовузкорӣ ва таҳқиркуниро торафт ривоҷ дода истодаанд. Отряди солдатҳои фашист ба қишлоқи Костюков омада, ҳамаи чизу чораҳои деҳқононро кашида ги-

рифтанд. Деҳқонзан Ксения Дрегулина аз офисери немис хоҳиш кард, ки куртаю эзорчаи чор кӯдаки ӯро баргашта диҳад. Фашисти хунхор ҷавобан ба ин хоҳиши зан ӯро хуб лагадкӯб карда, баъд парронд. Солдатҳои фашист бошанд, чор кӯдаки занро ба чуқурӣ партофта, зинда ба зинда ба хок гӯр карданд...»

– Шунидӣ?

– Худоё, тавба, – ҷавоб дод модари Сафар гиребонашро дошта, – ин хел худобехабарон аз кадом гӯристон пайдо шуданд.

– Ҳар кадоми ин душман як каждумест, ки аз иморати фатарот ба хонаи ободи мо хазида омадааст, оча! – ҷавоб дод Сафар.

– Илоҳӣ ба дуои бади ҷабрдидагон гирифтор шаваду ба тухмаш қирон ояд, – гуфт модар бо қаҳру ғазаб.

Сафар баъд аз ҳамин боз ба мақсади худаш наздик шуда гуфт:

– Як худи ин дуою хоҳиш кам аст, – маънидорона гап партофт Сафар.

– Дигар аз дасти ман чӣ меомад? – гуфт модар ваҷҳ нишон дода, – илоҷе надорам, ки рафта вай бечораҳоро ба пуштакам бор карда аз балои азим гирифта гурезам.

Сафар дарҳол гуфт:

– Албатта ин хел корҳо аз дасти ту намеояд, оча. Ба дафъи ин балои азим бархостан пеш аз ҳама вазифаи фарзанди ту – Сафар аст.

Умрихола ба рӯи писараш нигоҳи дарду аламноке кард ва гуфт:

– Ҳа, вазифаи танҳо фарзанди ман?!

Сафар исроркорона фаҳмонд:

– Ин вазифаи ҳамаи фарзандони халқ аст, очаҷон ва ман ҳам яктои онҳо мебошам.

Модар дигар чӣ ҷавоб доданро надониста, сукут карда монд.

Дар ин дам касе дари ҳавлии онҳоро кӯфта, Сафарро фарёд кард.

– Мудир, ҳастед?

– Хӯш, ҳозир, – ҷавоб дод Сафар аз ҷояш хеста ва давида ба пеши дар рафту гуфт: – биёед, биёед, Бобо,

марҳамат!

Модари Сафар овози мардро шунида ба хона даромада рафт.

– Танҳо худам дар хона зиқ шудам, биё як сари қадам ба пеши мирзо рафта чорта чақ – чақ карда биёям гуфтам.

– Нағз кардед, Бобо, аз болои кӯрпача гузаред, – таклиф кард Сафар ба Юнусбобо.

– Не, не, шумо худатон баҳузур гузашта нишинед, ба ман ана ҳамин ҷо ҳам мешавад, – гӯён Юнусбобо аз поёнтари суфа нишастан хост. Сафар ӯро намонда ба болои кӯрпача шинонд.

– Хайр, саломат бошед, – гуфт бобо чорзону нишаста ва кафи ду дасташро ба дуо кушод. – Олам гулистон, қадам расид, бало нарасад, тани сиҳат, хотири ҷамъ, дили беғам, умри дароз насиб шавад, омин, – гӯён даст ба рӯ молид. Сафар ҳам ба хотири Юнусбобо оҳиста даст ба рӯ бурд ва сонӣ аз Бобо пурсид:

– Дар мактаб чӣ гап?

– Хотирҷамъӣ, лекин аллакай рафтани шумо ба ҳама овозаю дарвоза шудааст-дия.

– Аллакай кӣ фаҳмидааст?

– Эҳ, мирзо, дарвозаи шаҳрро бастан мумкин, аммо даҳони мардумро бастан мумкин нест, мегӯянд рост, – гуфт Бобо ва баъд аз ба гирду пеши худ назар партофтан ба тарафи Сафар хам шуда оҳиста пурсид, – модаратон-чӣ, фаҳмид-мӣ?

– Ҳа, ҳозир гап дар ҳамин хусус буд, – ҷавоб дод Сафар.

– Кӣ гуфтааст?

– Худам гуфтам, руст карда нанишастам.

– Олам гулистон, хӯш, канӣ, чӣ гуфт?

– Гиряю нола, аламу ҳасрат.

– Дили занон, хусусан модарон, аз мум ҳам нармтар мешавад, – гуфт оҳиста Бобо боз ба гирду атроф нигоҳ карда,-чӣ кор кунад, ба модаратон ҳам осон не, яккаю ягона писараш барои ӯ гавҳари ноёб-дия.

Баъд аз фурсате модари Сафар баргашта аз хона ба сараш қарси тоза партофта баромад, ки дар як дасташ дастархон ва дар дасти дигараш фонус бардошта буд.

Вай ба сари суфа омада ба Юнусбобо салом дод ва «Хуш омадед, додар» гуфт. Юнусбобо ҳам саломи ӯро алейк гирифта, ҳолпурсӣ намуд ва чароғро аз дасти ӯ гирифта ба миёнҷо монду ба дилдорӣ додан сар кард. Сафар бошад, дастархон паҳн мекард.

– Хоҳар, зиёда ғаму ғусса хӯрда, ҳам дили худатон ва ҳам дили писарро хиҷил накунед. Ин кор ҳозир ба сари ҳар як бандаи мӯъмин омадааст. Ана ба укои саркори колхозамон Шарифбой – Қурбон ҳам навакак повиска омад, тракторчии колхозамон, шумо медонед, – гӯён Бобо ба Сафар муроҷиат кард ва баъд аз «Серёжа» гуфта ҷавоб додани Сафар, Бобо боз ба гап давом карда гуфт, – ҳа – ҳа, ана ҳамон ҳам имрӯз борхалтаашро бардошта ба аскарӣ рафт. Канӣ акнун, ман ҳам мисли инҳо ҷавон бошаму аз ин ҳарбу зарб дар канор намонам. Охир, афсӯс ки ҷавониамон бесамар, шаби торик барин гузашта рафт... – гӯён Юнусбобо пиёлаи чойро аз дасти Сафар гирифт. Баъд аз ин сухани Юнусбобо модари Сафар ҳам дере хомӯш наистода, аз як гӯшаи суфа нишасту:

– Хайр, дар қатори дигарон дар куҷое ки бошад, илоҳӣ танаш сиҳат, умраш боқӣ бошаду лекин дар аснои расидани вақту соати охири умри очааш ба болои саракам омада бо дасти худаш гӯручӯб кунад, – гӯён гиряолуд рози дил кард.

– Шумо чӣ гуфта истодаед, хоҳар, – гуфт Юнусбобо бо табассум ба ин сухани модар эътироз баён карда, – олам гулистон, ҳоло мою шумо то ҷанг тамом шуда, тӯйи ин писарҳоро нахӯрем, аз ин дунё ба куҷо меравем?

– О, додарҷон, шартамон рафта партамон монду тамом... – бо маъюсӣ гуфт модар.

Сафар ба гуфтугӯи куҳансолон бо табассум гӯш дода, баъд вай ҳам илова кард:

– Оча, Бобо рост мегӯянд, ҳоло аз сад гулат нисфаш ҳам нашукуфтааст...

– Акнун ту ҳам гап зан, – гӯён модар ба Сафар нигоҳи тунде кард. – Худат мардаки кап – калони ришу мӯйлабдор шудию ҳоло ҳам бо як сари қоқат мегардӣ.

Ин кинояи модар Сафарро аз ханда

боздошт.Мавзӯи сӯҳбат ба хонадоршавии Сафар баргашт. Юнусбобо ба рӯи Сафар нигоҳ карда, аз нотинҷ шудани ӯ пай бурд ва тарафи ӯро гирифта гап зад.

– Гапи шумо ҳам ҳақу лекин ҳар кор дар вақту соати худаш буд мешавад, хоҳар. Арӯс бошад, гурехта нарафтааст, вай дар пеши чашми худатон...

Юнусбобо дар охири суханаш ба сӯи Сафар нигоҳ карда, чашмак зад. Сафар дарҳол сарашро поён фуроварда, худашро ба нофаҳмӣ андохт.

Модар ҳамон дақиқа як ба Юнусбобо ва як ба Сафар назар афканд. Дар аснои ба Сафар чашм партофтан хомӯш, сархам нишастани ӯро диду ба фикраш хулосаи дигареро овард. Вай гумон мебурд, ки Сафар аз модар рустӣ дар ин хусус ҳам ягон коре кардагист.

– Вай кадом арӯс будааст, ки дар пеши чашм бошаду ман набинам?! – Дар овози модар норизоӣ ҳис карда мешуд.

Сафар сарашро бардошта бо шармгинӣ ба модараш гуфт:

– Бобо шӯхӣ мекунанд.

– Чӣ шӯхӣ? Ҳеҷ ҷои шӯхӣ надорад, додар, – эътирозомез гуфт Бобо ба Сафар ва дарҳол оҳанги суханро тағйир дода, боз илова намуд, – акнун аз ман пинҳон доред ҳам, дар пеши волида рости гапро гуфта, дили ин касро аз ҳар гумони бад холӣ кунед.

– Гапи набудагиро монед, Бобо, – боз рад кард Сафар ва рӯю пешониашро арақи шарм зер мекард.

– Ҳа, писар, – гӯён модар ба Сафар нигоҳ кард, – чаро сирри давлатро аз ман пинҳон медорӣ?.. Ё аз Сталинобод ягонта оимча овардӣ? Гӯй, майлаш, дил дили Зайнаб, якдигарро хоста бошед, ман чӣ гуфта метавонам. Замонҳое ки ихтиёри зангирию духтарбарорӣ дар дасти падару модар буд, гузашта рафт.

– Не, гап ин хел не, хоҳар, – гуфт Юнусбобо худаш ба баён кардани қисса сар карда. Дар ин вақт Сафар бо баҳонаи ёзидан аз ҷояш хеста, аз назди онҳо дур шуд. Юнусбобо ба гап давом кард.

– Ин гап ҳоло дар байни худамон монад. Агар насиб карда бошад, олам гулистон, гул ба гулдон, булбул дар шохи он ғазалхон мешавад. Дуо кунем, ки писар сиҳат

– саломат аз адои хизматаш баргашта ояду ҳар ду ба остонаи як хона пой монанд.

– Охир, худи ӯ кӣ, ному насаб дорад ё не? – пурсид модар бо бесабрӣ аз Юнусбобо.

– Номаш ҳам муносиби худаш. Муаллимаи худамон Зебинисо.

– Хайр... Ин тавр гӯед... Духтари худамон будаст-ку, – гуфт модар бо як хушҳолӣ. – Чанд вақтҳо боз худам ҳам, «ана ҳамин хел келинам бошад» гуфта дар орзу будам. Худаш ҳам Сафар барин бепарда, дар дасти аммааш ятима калом шуд, аз хурдиаш духтари бамаънӣ, ҳушёру кордон аст. Аммааш ҳам зани фақиракак. Хайр, кошки тезтар ба мурроду мақсадашон мерасиданд.

Юнусбобо ба гуфтаҳои модар бо диққат гӯш дод ва дар охир боз насиҳатомез ба ӯ муроҷиат кард:

– Ҳа, ана олам гулистон... Акнун аз ману шумо шабу рӯз дуои ҷони ҳамин ҷавонҳоро кардан мемонад. Илоҳӣ сафари ҳамаи он касон, ки аз хона, ҷой, падару модар, зану фарзанд ҷудо шуда ба хизмати аскарӣ рафтаанд, бехатар бошаду душмани баттоли хонаи ороми моро нооромм карда хоку туроб гардад.

– Илоҳӣ омин, – гӯён модар дасташро ба дуо бардошт.

– Хоҳар, коре кунед, ки писаратон ба рӯи шумо нигоҳ карда маъюс нашавад, ба сафараш бо хотири ҷамъ ва дилпурӣ баромада равад. Бовар кунед, ки хурду калони деҳа – ҳамаамон дар гирди саратон парвона шуда, якчанд вақт набудани Сафарро номаълум гузаронда мефиристем.

– Ман чандон ғами танҳо мондани худамро намехӯрам. Лекин ҷони ҷавони бача дар ҷанг ба чӣ хатарҳо дучор мешуда бошад, гуфта ба дилам шайтон ҳар гуна хаёлҳо меоварад.

Юнусбобо ҷавоб дод:

– Шумо ба роҳи шайтон надароед, хоҳар. Хайр, акнун гап ҳамин, – гуфт Бобо хеста рафтанӣ шуда ва Сафарро, ки аз пеши дари ҳавлӣ сулфида меомад, фарёд намуд. Сафар аз пеши дар «ҳозир» гӯён ҷавоб дода буд, ки Бобо боз бо модар гап зад. – Коре кунед, ки

писар хафа нашавад. Вақтҳое буд, ки мо ҳам дар айни умри ҷавонии худ аз зану фарзанд ҷудо шуда, деҳа ба деҳа, кӯҳ ба кӯҳ бо аскарҳои худамон босмачиҳоро пеш карда мегаштем. Ана, умрамон боқӣ будааст, то ҳамин рӯзҳо расида, каму беш роҳат дидем. Боз насиб бошад, ҷанг тамом мешавад, писарони мо душманро мағлуб карда сиҳат ва саломат баргашта меоянд ва ба рӯзҳои нек мерасем...

– Хуб гапҳотон қӯр гирифт аз афташ, – гӯён Сафар ба ҷои худаш омада нишаст ва Юнусбоборо рафтан намонда, ба модараш фармуд, ки ошро кашида оварад. Баъд аз таом ҳам Юнусбобо боз бо Сафар хеле сӯҳбат карда, баъд аз ҷояш хестанӣ шуд...

– Акнун ман рафтам. Дар мактаб ҳам ҳеҷ кас набуд, шаб ҳам бевақт шуд...

– Ҳоло барвақт, соат чоряк кам нӯҳ, – ҷавоб дод Сафар соати дастиашро дида ва ба Бобо таклиф кард, – шинед, Бобо, боз ягон чойнак чои гарм нӯшем!

– Ҳа, гапзанон нишастед-дия, додар, – ба таклифи Сафар ҳамроҳ шуд модари ӯ.

– Дар мактаб боз якчанд корҳои муаллима таъйин кардагӣ ҳам буд, – гуфт Бобо аз ҷояш хеста, – шумо пагоҳ ба мактаб меоед-а?

– Ҳа, албатта. Ҳоло то корҳоро супурда хотирҷамъ шудан як-ду рӯз мегузарад.

Писару модар Бобоpo то беруни дар гусел карданд.

Вақте ки сиёҳии Юнусбобо аз чашм ғоиб шуд, модару писар дарро пӯшида, ба ҳавлӣ баргаштанд.

Сафар рост ба хонаи худ рафт, модари ӯ ҳам аз паси вай даромада, фонуси бистумро, ки дар болои мизи хатнависӣ меистод, даргиронду баъд ба сари оташдон баромад. Шӯълаи зардчатоби фонус хонаи на он қадар калони батартибу озодаро равшан мекард. Дар ду тоқи девор, ки пештарҳо дар он ҷо косаю табақ, ё сандуқу қуттӣ мегузоштанд, ҳоло дар рафчаҳо китобҳои гуногун чида шуда буданд.

Сафар каме дар рӯи хона роҳ гашта, баъд ба кати мулоим дароз кашид. Вай аз болои стуле, ки дар паҳлӯи чапи кат меистод, китоби саҳифаҳояш кушодаи

Николай Островский – «Пӯлод чӣ тавр обутоб ёфт» – ро ба дасташ гирифт ва ба хондан сар кард. Вай торафт ба мутолиаи ин роман фурӯ рафта, ҳаёт ва муборизаҳои дурахшони Павел Корчагинро ҳамин ҳоло бо чашмони худаш дидагӣ барин мешуд.

Сафар дар ҳамин вазъият хеле вақт чашм аз китоб наканд. Аз мобайн як не, ду-се соат ҳам гузашта рафт. Модари ӯ ҳар замон омада аз пеши дар ӯро хабар мегирифту боз ба писараш халал расонданро нахоста, ба хонаи худаш бармегашт. Вақте ки модар чорумин бор аз остонаи дар ба Сафари дар рӯи кат дарозкашида назар кард, вай рӯяшро бо китоб пӯшида ба хоб рафта буд. Модар оҳиста ба хона даромаду фонусро хомӯш кард. Баробари хомӯш шудани фонус пеши чашми Умрихоларо як дам торикӣ фаро гирифт. Вале дере нагузашта моҳтоб, ки аз рӯ ба рӯи тирезаи хона ба осмон сар мебардошт, хонаро бо нури нуқравори худ равшан кард...

## БОБИ ПАНҶУМ

Зебӣ аз чамани нуздаҳ баҳори умр гул чида, акнун ба бист қадам ниҳода буд.

Вай миёнақад буда, рӯи гандумгун, чашмони сиёҳи ҷозибанок дошт. Ин духтари қобилу хоксорро дар деҳаи Ҷӯйбор аз хурд то калон хуб мешинохтанд.

Солҳои бачагии Зебӣ дар ҳамин деҳа гузашт. Вай баъд аз вафоти падару модараш, дар дасти аммааш Бибизайнаб монд. Бибизайнаб ӯро то дувоздаҳсолагиаш парасторӣ кард ва дар синни сездаҳсолагиаш, баъд аз тамом кардани мактаби ибтидоии қишлоқ, ба омӯзишгоҳи педагогии занонаи Сталинобод фиристода буд.

Ҳамон соле, ки Зебӣ ба остонаи омӯзишгоҳ қадам ниҳод, Сафар як сол пеш аз вай мактаби миёнаро тамом карда, ба институти педагогӣ, ба факултети забон ва адабиёт дохил шуда буд.

Шиносии онҳо, ғайр аз он ки ҳамдеҳа буданд, дар давоми таҳсил торафт наздиктар ва самимитар шуда, аз тарафи дигар расмӣ давом мекард.

Ҳар ду дар як сол таҳсилро тамом карда, Зебӣ маълумоти миёна, Сафар маълумоти олӣ гирифт ва ҳар дуи онҳоро ба мактаби нопурраи деҳаи худ – Сафарро ба вазифаи директорӣ, Зебиро ба муаллимӣ таъйин карданд.

Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳои таҳсил, махсусан давраи дар як ҷо хизматкунӣ дар муносибати Сафар ва Зебӣ тадриҷан самимияти гувороеро ба вуҷуд меоварданд. Дар дили ҳар ду ҷавон оташи муҳаббат забона зада, дар фикру хаёли онҳо орзуҳои ширин мисли муғчагон як-як во мешуданд...

Рӯзи дигар аз шаҳр баргаштани Сафар тамоми аҳли Ҷӯйбор ба хизмати аскарӣ рафтани ӯро фаҳмида буданд.

Бошандагони деҳа ба муаллими ҷавони худ муҳаббат ва эҳтироми калон доштанд, бинобар ҳамин бисёр касон аз нохост рафта истодани ӯ бохабар шуда, ба гусели ӯ мешитофтанд.

Дар хонаи Сафарино ҳамин рӯзҳо рафтуои ҳамсояю ҳамдеҳаҳо, ёру дӯстон аз одат берун бисёр шуд.

Бегоҳирӯзӣ Сафар Одинаев корҳои мактабро ба директори нав – Зебӣ супурду ба сӯи вай даст дароз карда гуфт:

– Хуб, акнун иҷозат диҳед, шуморо бо вазифаи нав табрик кунам.

– Табрик накунед ҳам мешавад, ҳоло аз ӯҳдаи кор баромада натавониста, шарманда нашавам ҳам, хуб аст, – ҷавоб дод Зебӣ.

– Шумо аз ӯҳдааш набароед, дигар кӣ мебарояд?

– Масалан, муаллими ботаҷриба, мудири илмиамон Мансуровро монда, ин хел кори бомасъулиятро ба ӯҳдаи шахси ҷавони бетаҷриба гузоштан магар аз рӯи инсоф аст?

– Худи муаллим Мансуров ҳам яке аз тарафдорони асосии номзадии шумо ҳастанд. Ба қавли он кас ин вазифа вазифаи мисли шумо ҷавони зираку чусту чолок ва боғайрат мебошад.

– Ғайр аз ҳамаи ин, ба фикрам, чашми ин корҳоро пешакӣ нағз донистани кас ҳам шарт, муаллим.

– Ҳеҷ кас аз модар яку якбора кордон таваллуд

нашудааст, Зебӣ! Ман ҳам шумо барин рӯзҳои аввал ба худам боварӣ надоштам.

– Роҳи шумо дигар, муаллим.

– Ман гумон мекардам, ки роҳи ману шумо як аст.

– Ба кадом маъно?

– Ба ҳар маъно, ки шумо мехоҳед.

Зебӣ хомӯш монд. Сафар ба ҳар ду рухсораи аз хиҷолат сурхгаштаи ӯ бо диққат нигоҳ кард.

– Раҳмат, агар аз самими дил гуфта бошед, – ҷавоб дод Зебӣ.

– Бовар кунед, аз самими дил.

Ҳамаи гуфтугӯи ғайрирасмии онҳо ба ҳамин тариқ рӯпӯш мегузашт. На Сафар ва на Зебӣ ба кушоду равшан изҳор намудани он орзуе, ки дар дил мепарваранданд, ҷасорат намекарданд. Шарму ҳаё ва дигар андешаҳо ба ин монеъ мешуданд.

Сафар ба ҷавоби Зебӣ миннатдорӣ изҳор карда буд, ки Юнусбобо аз даҳлези мактаб сулфида – сулфида ба пеши дари идора омад.

– Аз афташ ҳоло коратон бисёр, – гуфт Бобо аз пеши дари идора ба дарун надаромада, – боз ягон чойник чой дам карда биёрам?

– Раҳмат Бобо, дигар корамон ҳам намонд, – гуфт Сафар ба тарафи Бобо се-чор қадам пештар рафта.

– Ҳозир меравем, – илова кард Зебӣ дар тараддуди рафтан коғазҳои дар рӯи миз бударо ғундошта.

– Набошад, ҳамаи кор батартиб гӯед? – гуфт Бобо ба Сафар.

– Ҳа, метавонед акнун муаллимаро директор номед, – ҷавоб дод Сафар.

– Ҳа, ҳа, дарвоқеъ. Олам гулистон, муборак бошад, духтарам.

– Не,не, директор худашон, ман, ҳамин тавр, муваққат, то баргашта омадани муаллим, – гӯён Зебӣ эътироз баён кард.

– Нияш чӣ. Аз ин тараф фармон, аз ин тараф нофармонӣ намешавад, духтарам! – гуфт бо хушҳолӣ Бобо.

Ҳар се хандиданд.

Юнусбобо рӯзи рафтани Сафарро пурсид, ба вай хабар дод, ки:

– Ба ҷияни мудири магазини селпо Мирбадал – котиби колхоз Мамараҷаб ҳам повиска омадааст.

Баробари шунидани номи Мамараҷаб Зебӣ ба сӯи Юнусбобо ҳайрон нигоҳ карду пурсид:

– Кай?

– Навакак ба чойхона баромада будам, раис гуфт.

Сафар аз хабари Юнусбобо якбора ба ҳайрат афтода, дигаргун шудани авзои Зебиро мушоҳида карду дар тааҷҷуб монд. Зуд ба фикраш гумонҳои дигар омад. Ба вай рӯзона гӯшрас шуда буд, ки Мирбадал ба хонаи Зебӣ аз ҷониби Мамараҷаб хостгор фиристодааст. Аммо аз натиҷаи он ҳанӯз бехабар буд. Сафар умедвор буд, ки ё Зебӣ ва ё Юнусбобо ӯро аз ин гап хабардор хоҳанд кард. Лекин касе чизе нагуфт. Ба ҷои ин ҳоло дигаргун шудани вазъияти Зебиро дида, хаёлаш ба ким-куҷоҳо рафт.

– Мумкин аст бо Мамараҷаб ҳамроҳ равем, – гуфт Сафар вазъияти худро нафаҳмонданӣ шуда.

– Нағз мешуд, – ҷавоб дод Бобо, – ба ҳар ҳол, бо шумо якҷо бошад, ҳарчи дар мусофират дар паноҳи якдигар мебудетон.

– Ҳа, ҳа, албатта, хуб мешуд, – тасдиқ кард Сафар боз ҳаяҷони худро зер карда.

Зебӣ аз тағйир ёфтани оҳанги суханҳои Сафар дар чӣ вазъият будани ӯро пай бурду лекин худро ба нодонӣ андохта, ба рафтан ҳозир шуда аз Сафар пурсид:

– Шумо ҳам ба хона меравед?

– Ҳа, ғайр аз ба хона рафтан дигар коре намонд, вақт ҳам хеле шуд.

– Наход бевақт шуда бошад? – Зебӣ ба соати деворӣ нигоҳ кард, – акнун даҳуним шудааст-ку.

– Боз пагоҳ дарс набаромада монед, – гуфт Сафар бо оҳанги пичинг.

– Аллакай бовариро гум кардед-а? – ҷавоб дод Зебӣ.

– Не, ин ғамхӯрӣ аз камоли боварӣ аст, – илова кард Юнусбобо ба дасташ лампаро гирифта.

– Ёфтед, Бобо, – ҷавоби Бобоbooро тасдиқ карда гуфт Сафар.

– Бобо, шумо ҳам хеле ба гап усто-куя, – хандида гуфт Зебӣ.

Онҳо ба остонаи дари даромади мактаб баромада буданд, ки шаббодаи серун забонаки чароғро ба ларзиш овард.

– Бобо, шумо баргардед, боз шамол чароғатонро хомӯш накунад, – гуфт Сафар ҳазломез.

– Не, садқа, ҳоло ба куштани чароғи мо зӯри ин шамолҳо намерасад, – ҷавоб дод Бобо ва бо муаллиму муаллима хайрухуш кард.

Ҳамин ки равшании чароғ ғоиб шуд, Сафару Зебӣ ба роҳ даромада, дар торикӣ якчанд дақиқа чизеро надида монданд. Ҳар ду беихтиёр ба осмон нигоҳ карданд. Дар осмон ситораҳои беҳисоб чашмак мезаданд.

– Торикии шабро бинед-а? – гуфт Зебӣ.

– Чӣ қадар торик бошад ҳам, гуфти шоир: – Поёни шаби сияҳ сафед аст...

Зебӣ ҳам дарҳол ба Сафар мисраи авввали ин шеърро такрор кард:

– Дар ноумедӣ басе умед аст...

Зебӣ аз он ки ин мисраъҳо дар вақташ ва мос омаданд, хеле мамнун гашт ва бо ин гуфтугӯи кӯтоҳ онҳо як китоб маънидод карда гирифтагӣ барин, якчанд қадам хомӯш роҳ рафтанд. Пеши чашми онҳо оҳиста-оҳиста равшан шуда, сиёҳии дарахтон, хонаҳо ва аз дур кӯҳҳо як-як намудор мешуданд...

Баъд аз каме хомӯшӣ Сафар гап сар кард:

– Зебӣ, одам аҷаб хислатҳо дорад-а?

– Масалан?

– Масалан, ба гумонам, дар дунё касе нест, ки бе ягон умеду орзу зиндагӣ мекарда бошад.

– Худи шумо чӣ орзую умедҳо доред?

– Хеле бисёр. Гап дар ҳамин, ки чӣ қадар ба умеду орзу расед, дар дилатон боз ҳамон қадар умеду орзуҳои нав бедор мешудааст.

– Агар махфӣ набошад, ягонтаашро мегуфтед?

– Кадом яктаашро гӯям? Ҳанӯз аз солҳои дар интернат буданам орзу мекардам, ки оё ман ҳам лоиқи пӯшидани либоси ҳарбӣ мешуда бошам. Ана, ҳоло бошад як дараҷа ба ин орзу расидам.

– Боз чӣ?

– Боз ҳамин ки бо як худи пӯшидани либоси ҳарбӣ

кор тамом намешавад. Дар пеш хизматҳои душворе истодаанд, ки аз адо кардани вай кӣ ва чӣ будани кас маълум мегардад.

– Магар ба худатон боварӣ надоред?

– Чаро надошта бошам, дорам. Лекин дар паҳлӯи ин боварӣ орзую умедҳои дигар ҳам ҳастанд, ки коре карда ба онҳо расидан лозим.

– Ин, ба фикрам, ба ҳиммату ғайрати худи кас вобаста аст.

– Ҳам ба ирода, – илова кард Сафар.

– Ҷӯянда ёбанда аст, гуфтаанд, муаллим!..

– Бале. Лекин ҷӯянда ёбаду ёфтаашро боз аз даст диҳад, алами аз ин бадтар нест...

Ин гапи Сафар ба Зебӣ киноя барин расид. Вай ҳам дарҳол ба Сафар бо оҳанги таънаомез ҷавоб дод:

– Вой бар ҳоли ҷӯянда, ки ёфтаашро боз ба осонӣ аз даст медиҳад...

– Ҳамон кас ёфтаашро зуд бой медиҳад, ки вай барои нигоҳ доштани он қобил набошад... – илова кард Сафар ҷавобан ба Зебӣ.

– Охир шумо аз қобилҳо ҳам қобилтар-ку...

– Аз ҳад зиёд гуфтед, ҳанӯз ҳамаи кор дар пеш.

Ҳар ду гапзанон ба назди ҳавлии Зебӣ омада мондани худро пай набурданд. Фақат пас аз он ки чароғи хонаи Зебиино аз роғҳои дари яктабақаи ҳавлӣ ба рӯи онҳо шӯъла афканд, Сафар аз роҳ истода гуфт:

– Ба гап овора шуда қариб буд, ки аз пеши даратон гузашта равед...

– Биёед, ба хонаи мо, – таклиф кард Зебӣ.

– Раҳмат, дер шуд, аз хоб намонед.

– Дар ин хел вақтҳо хоб ҳаром...

– Шумо ҳалол хоб раведу хобҳои нағз бинед, – гуфт Сафар бо Зебӣ хайрухуш карда.

– Раҳмат, шумо ҳам хоби ширин бинед, – ҷавоб дод Зебӣ ва ҳанӯз Сафар аз пеши дар панҷ – даҳ қадам дур нашуда, аз қафо ӯро фарёд карда гуфт:

– Муаллим, ба шумо як хат буд, қариб фаромӯш карда будам, – Зебӣ аз кисааш як конверти дуқад кардашударо бароварда ба Сафар дароз кард.

– Аз кӣ? – пурсид Сафар.

– Намедонам, имрӯз як мактаббача оварда дода буд.

– Раҳмат, гӯён Сафар дар шӯълаи чароғ ба рӯи конверт ҳарчанд чашм дӯхта бошад ҳам, ҳеҷ чизро дида натавонист ва ӯ бо Зебӣ бори дигар хайрухуш карду то аз дар даромадани Зебӣ мунтазир истод ва баъд худаш ҳам ба сӯи хонааш роҳ гирифт.

Вай то ба хонааш расидан дар бораи муносибати ба худаш доштаи Зебӣ, дар бораиояндаи худ ва алалхусус дар бораи хабари ба Зебӣ хостгорӣ фиристодани Мамараҷаб ба гирдоби фикру хаёлҳо фурӯ мерафт. Сафар худ ба худ чӣ фикрҳо намекард: «Чаро Зебӣ дар бораи хостгор фиристодани Мамараҷаб ба ман чизе нагуфт, чаро хабари ба аскарӣ рафтани ӯро бо як ҳайрати ногаҳонӣ шунавид? Аҷаб нест, ки онҳо дар байни худ ягон аҳду паймон дошта бошанд? Дар ин ҳол чаро Зебӣ ба ман ин қадар муносибати самимӣ ва баъзан меҳрубонона ҳам дорад. Чаро? Ё ӯ мехоҳад, ки бо ин ҳама сирру асрори маро фаҳмида гирифта азони худашро рӯпӯш кунад?!»

Сафар боз аз фикру хаёлҳо, гумонҳои бесару нӯги худ худдорӣ мекарду ба чунин хулоса меомад: «Хайр, ман магар зӯрӣ дорам. Ихтиёр ба дасти бахтиёр. Раҷаб ҳам як ҷавони босавод, дар кори худаш фоиданок...»

Сафар гоҳ ин тавр, гоҳ он тавр фикр карда ба ҳавлиаш омада мондани худро надонист. Дар кушода буд. Модари Сафар баробари аз дар даромадани Сафар роҳи ӯро бо лампа равшан кард.

– Оча, лампаи хонаи маро гирон.

– Гирондагӣ, писарам, паст карда монда будам. Чаро ин қадар дер мондӣ?

– Кор бисёр буд.

– Хайр, ҳамаашро тахт кардӣ?

– Ҳа, – кӯтоҳ ҷавоб дод Сафар ва ба хонааш даромада пилтаи чароғи дар болои миз истодаро баланд кард ва дарҳол мактуби Зебӣ супурдаро кушод. Баробари сарлавҳаи мактубро хондан аз пеши чашмони Сафар раъду барқ гузашта рафтагӣ барин шуд. Дилаш беқарор зада, мактуби дар дасташ буда пир – пир ме-

ларзид.

*«Зебинисои азиз! – навишта шуда буд дар рӯи коғаз, – Ин мактубро гирифта ҳайрон нашавед. Инро шиноси кӯҳнаи шумо Мамараҷаб менависад. Ман бо ҳамин мактуб мехостам хоҳиши чандинвақтаи худамро ба шумо гӯям. Боварӣ дорам, ки шумо маро хуб медонед ва мешиносед ва ман ҳам шуморо дар қишлоқ аз ҳама беҳтар медонам ва агар қаҳри шуморо наоварам, дӯст медорам. Қарор додам, ки бо шумо якҷоя хонаю ҷой созаму якҷоя умр ба сар барам... Барои ҳамин ба хонаатон хостгор ва ба худатон ин мактубро фиристодам.*

*Ду чашм дар ҷавоби шумо ҳастам.*

*Мамараҷаб, 20-уми ноябри соли 1941».*

Сафар ин сатрҳоро бо як ҳаяҷону азоб мехонд, торафт тапиши дилаш тез мешуд. Вай дар охири ин мактуб боз ду-се сатри дигар, ки бо хати зебо навишта шуда буд, хонд:

*«Муаллими мӯҳтарам!*

*Вақте ки ин мактубро яке аз талабагони мактаб ба дастам оварда дод, ман гумон карда будам, росташ умед ҳам доштам, ки ин аз шумо бояд бошад. Аммо афсӯс, ки гумону умедҳои ман хоби шаб барин гузашта рафтанд...*

*Агар ин сатрҳои самимонаи ман боиси, қаҳри шумо гардад гуноҳ ба гардани соҳибаш.*

*Шабу рӯз орзу мекунам, ки шамшератон бурро, сафаратон бехатар бошад.*

*Зебӣ, 21-уми ноябри соли 1941».*

Ин сатрҳо, баъд аз мактуби Мамараҷаб, ба Сафар дар саратони гарм ба синаи тафсидаю сӯхтаи кас насими форам расидагӣ барин шуд. Вай ҷавоби Зебӣ ва мактуби Мамараҷабро аз аввал то охир якчанд бор такрор – такрор мехонд ва аз ин гӯша ба он гӯшаи хона беқарор қадам мепартофт. Ҳатто ӯ ба таоме ки модараш ба болои миз оварда монда буд, эътибор ҳам надода, ба ким-чӣ хаёлҳои ширин фурӯ мерафт.

Ҳамин тавр, Сафар хеле вақт гоҳ нишаста, гоҳ хеста

фикр мекард. Ба Зебӣ ҷавоб ҳам навиштанӣ шуд. Вале аз ҳаяҷон ва изтироб чӣ ва чӣ хел навиштанро намедонист. Охир ба рӯи кат дароз кашида боз ғарқи хаёлҳои ширин гардид.

## БОБИ ШАШУМ

– Ҳо, очаи Сафар!

– Ҳа, мана ман, аз ин ҷо биёед, хоҳар.

– Ассалом, даррав хеста омадед-дия?

– Ассалом. Ҳа, аз хона ҳамроҳи Сафар баромада будам.

– Инро бинед, дар як дам чӣ қадар одам ҷамъ омадааст?

– Рост гуфтед, худи як тӯю маъракa барин.

Модари Сафар Умрихола ба аммаи Зебӣ – Бибизайнаб аз паҳлӯяш ҷой дод.

Бошишгоҳи колхози «Коммуна», ки аз мактаби деҳа каме болотар буд, аҳолии деҳа – занону мардон, духтарону писарон ва мактаббачагон лиқ пур шуда буд. Пештар омадагон дар курсию харакҳо, сонитар омадагон дар токчаи тирезаҳои клуб зич паҳлӯ ба паҳлӯ менишастанд. Як гурӯҳ одамон дар поёни толор рост меистоданд.

Дар қатори пеши курсию харакҳо ғайр аз пирамардон ва занон, инчунин як тӯда мактаббачагони дар гарданашон галстуки сурхи пионерӣ ва дар танашон либосҳои наву тоза менишастанд, ки ҳар замон бо овози ҷарангосӣ сурудхонии онҳо тамоми толорро фаро мегирифт.

Дар пешгоҳи бошишгоҳ дар саҳнаи хурдакаки чоркунҷа миз ва дар гирди он панҷ-шаш курсӣ меистод. Ба рӯи миз сатини сурх партофта шуда буд. Деворҳои бошишгоҳ бо шиору лавҳаҳои гуногун, бо сурати роҳбарони партия ва ҳукумат зинат ёфта буданд. Дар рӯ ба рӯ, дар тоқи саҳна шиори «Салом ба фарзандони азизи мо, ки ба сафҳои Армияи Сурх меравaнд!» овехта шуда буд.

– Писаратон наменамояд? – баъд аз ба одамони

ҷамъомада чашм давонда гирифтан, аз модари Сафар пурсид Бибизайнаб.

– Дар ҳамин ҷо бо ҳамроҳонаш гапзанон истода буд, навакак ҳамаашонро раис ҷеғ зада бурданд.

– Боз киҳо мерафтааст, фаҳмидед?

– Аз деҳаи мо боз се кас мегӯянд: укои раис, ҷияни Одил саркор, Наврӯз, сонӣ боз ду-се касро ном гирифта буд, аз ёдам баромад.

– Мамараҷаб бошад?

– Котиби колхозамонро мегӯед-мӣ? – пурсид Умрихола ва баробари сар ҷунбонидани Бибизайнаб ҷавоб дод. – Не, Мамараҷабро панҷ-шашрӯза ҷавоб додаанд. Боз ду-се ҷавонмарди дигар аз деҳаи боло – аз Яккабед.

– Илоҳӣ ҳамаашон сиҳат рафта саломат биёянд, аҷаб рӯзи сахт омад.

– Аввало Худо, дуюм худи ҳукуматамон дар паноҳаш нигоҳ дорад, – гуфт модари Сафар ва пас аз нафас рост кардан аз Бибизайнаб оҳиста пурсид, – хайр, аз хостгорҳоятон гап занед, хоҳар?

– О, хоҳарҷон, чӣ гӯям? Шамол барин аз ин тараф даромада, аз он тараф баромада рафтанд. Ихтиёри Зебӣ ба худаш гуфтам, худаш хоҳад, касеро, ки ёбад, вай кори ӯ, дар ин вақт кӣ ба ихтиёри худаш духтарро ба шавҳар бароварда медиҳад?

– Худи Зебинисо чӣ мегӯяд?

– Хомӯш. Аз афташ ба худаш ҳам гап задагӣ барин. Дина аз кор дер омад, дар болои дастархон авзоашро фаҳмам гуфта, нӯги гапро бароварда будам, ки «ҳамин вақт ин гапҳо ба гӯши кӣ мефорад, амма? Шабу рӯз хаёли мардум дар ҷанг бошаду шумоию ман тӯю тамошо гуфта шинем, ба дили кӣ меғунҷад?» гӯён, гапро калтаю кӯтоҳ карду монд.

– Коратон набошад, Худо хоҳад, Сафарам аз ҷанг сиҳат – саломат баргардад, худам ба хостгорӣ меравам, – гуфт модари Сафар оҳиста ба Бибизайнаб бо ханда.

– Канӣ, кошкӣ, то ҳоло дар куҷо будед? Худаш ҳам Ба Сафарҷон дилаш кашол барин, – ҷавоб дод Биби-

зайнаб ва ба тарафи Зебӣ, ки дар пеши мактаббачаҳо рост меистод, як назар партофт.

Сухани онҳоро чапакзании ҳозирон бурид. Ба саҳнаи бошишгоҳ раиси Совети қишлоқ Шодмонов, раиси колхози «Коммуна» акои Олим, котиби ташкилоти партиявии колхоз Одил Саркор, инструктори комитети ноҳиявии партия Норзода, Сафар ва ду-се нафар аз йигитҳои ба аскарӣ даъватшуда баромаданд.

– Рафиқони азиз, – гуфт акои Олим баъд аз хомӯш шудани чапакзанӣ, – имрӯз якчанд нафар ҷавонони деҳаи мо ба аскарӣ мераванд. Мою шумо ба ин ҷо барои он ҷамъ омадем, ки бо ин писарону додарони худамон хушбошӣ кунем, ба онҳо роҳи сафед орзу намуда, супорем, ки дар аскарӣ нағз хизмат кунанд, лоиқи номи ҷавонмарди ҳисорӣ ба фарқи фашистҳо паҳлавонона зарба зада, аз душманони Ватанамон сахт қасос гиранд.Мо – додару бародар, модару падарҳо бошем, дар кори колхоз аз пештара ҳам зиёдтар ғайрат мекунем, аз сидқи дил кор карда, ҳамаи планҳоро аз мӯҳлат пештар сад фоиз иҷро мекунем. Чӣ гуфтед рафиқон? – гуфт раис ва ба ҳозирон саволомез нигоҳ кард. Ҳамон дам аз толор «Рост, рост, гапи ҳақро гуфтед, раис» – гӯён аз ҳар ҷо садоҳо баланд шуданд.

Баъд аз раис суханро инструктори комитети ноҳиявии партия Норзода гирифт.

Дар пеши саҳна марди ҷавони миёнақади пӯсти дасту рӯяш дар офтоб сиёҳшуда ҳозир шуд. Вай чашмони калон – калони сермижа дошт, ки онҳо ба одам ҷозибадор нигоҳ мекарданд. Лабҳои тунукаш ба табассум моил менамуданд. Вай пеш аз сар кардани сухан тугмаи болоии гимнастёркаашрро кушоду ба ҳозирон маънидор нигоҳ карда ба гап даромад.

Норзодаро ҳама хомӯш, бо диққати том гӯш мекарданд. Суханони вазнин, бурро ва содаи ӯ ба ҳозирон фаҳмо мерасид. Пас аз он ки дар бораи вазъияти фронт, аҳволи байналхалқӣ ва дохилии мамлакат мухтасар гап зад, вай ба колхозчиён муроҷиат карда гуфт:

– Писарони шумо ва мисли инҳо боз ҳазорон фарзандони халқи мо имрӯзҳо бо даъвати Ватан ба ҷанг

рафта истодаандл. Шумо хуб медонед, ки агар ба як гӯшаи дастархоне, ки мою шумо дар атрофи он нишастаем, оташ афтад, албатта, ҳамаамон якбора барои хомӯш кардани вай мечаспем; агар дар хонаи ягонтои мо сӯхтор сар занад, ҳамаи аҳли деҳа барои аз бадбахтӣ халос кардани ҳамдеҳаи худ ва барои ба дигар хонаҳо паҳн нашудани ин сӯхтор даҳдаста мечаспем. Мисли ҳамин, ҳамаи халқи мамлакатамон одамони сари як дастархон, як ҳавлию хона ҳастанд ва агар бадбахтие содир шавад, зуд ҳамаашон аз пайи дафъ кардани он мешитобанд. Ана, имрӯз ба як гӯшаи дастархони оилаи калони мо, ба як тарафи хонаи умумии советии мо фашистон бо кинаю адоват оташ сар дода, аз пайи нест кардани Ватани мо ҷадал карда истодаанд. Ҳамаи мо хуб медонем, ки то хатари ба сари Ватанамон омада дафъ карда нашавад, дили ҳеҷ кадоми мо аз ҳаяҷону изтироб қарор намегирад.

– Албатта, ҳақ гуфтед, рост. Ҳушу ёдамон ба тезтар дафъ карда шудани ҳамин балои азим аст, – гуфт касе аз байни мардуми дар толор нишаста.

Норзода боз давом кард.

– Акнун масъала дар ҳамин ҷо, ки бо як худи ба майдони муборизa даромадани писарони мо кор буд намешавад. Дар қафои ин паҳлавонони мо тарафдорон, такягоҳон бояд бошанд. Ин тарафдорон ва такягоҳон мову шумо, – одамони кор ҳастем, ки бо дучанд зиёд меҳнат карда бисёртар маҳсул додан ёрмандӣ, такягоҳии худро пурзӯр кунем.

Ҳанӯз Норзода ҷумлаи охирини сухани худро ба охир нарасонда буд, ки аз қафо, аз байни мардуми ростистода мӯйсафеди кулӯтариш чашми худро аз раиси маҷлис наканда ба сӯи саҳна пой ниҳод. Он кас Юнусбобо буд. Вай ба назди саҳна расида, дасти росташро боло бардошту аз раис пурсид:

– Раис! Як-ду даҳан гап дорам, мумкин?

Акои Олим аз байни ғалоғулаи зал чӣ гуфтани Юнусбоборо нашунида, аз ӯ пурсид:

– Савол дорам гуфтед-мӣ, Бобо?

– Не, – ҷавоб дод Бобо, – як-ду даҳан гап дорам, агар иҷозат шавад.

– Ҳа, майлаш, марҳамат, – гуфт раис ва баъд ба пештари саҳна омада дасти Юнусбоборо гирифту барои боло баромадани ӯ ёрӣ расонд.

Ҳамин ки акои Олим ба Юнусбобо сухан дод, Юнусбобо аввало миёнбанди каме сустшудаашро аз нав тарангтар баста, ду бари ҷомаи сатини парчагули кабудашро ба ҳам зичтар кашида монд ва як дам ба толор хомӯш нигоҳ карда истод. Ин нигоҳи ӯ боз диққати ҳамаро ба худ ҷалб карда, толор тамом ором шуд.

– Бародарҳо, – гуфт Бобо, – шумо нагӯед, ки ба ин мӯсафед дар ин синну сол маҳмаддоноиро кӣ мондааст. Не, ман он чи ки дар ин ҷо хунамро ба ҷӯш овард, дар бораи ҳамон гап мезанам ва мехоҳам рози диламро аз шумо пинҳон надорам. Ришу мӯи сафед – ин як тарафи пирӣ аст, дилу бозу, китфу миён – ин тарафи дигари пирӣ аст. Чӣ хеле ки мебинед, миёнбанди Юнусбобо аз миёнбанди бӯзбалаҳо тарангтар баста шудааст, – гӯён Юнусбобо ба миёнбандаш даст бурд. Ҳама бо завқ хандиданд. Ҳамсолони Бобо, «Бале, асло паст наоед, Бобо!» гуфта ӯро тарафдорӣ мекарданд. Аз ин хушҳолиҳо Юнусбобо ба шавқ омада, бо ҷӯшу хурӯши тоза ба гап давом кард.

– Китфу бозу бошад, ҳоло ҳам азони Рустами Достон барин, ҳа, олам гулистон, мо ҳоло аз маърака берун нашудаем, – Аз ин сухан боз дар толор ханда баланд шуд. – Чӣ мегӯед, ки агар аз ҳамин ришу мӯи сафед чашм пӯшед, Юнусбобои шумо ҳоло қодир аст, ки мана ин панҷ-шаш Устомурод барин бӯзбалаҳо қатӣ баҳсмабаҳс кунад, – гӯён Бобо колхозчии миёнсоли қадбаланди дар мобайн нишастаро нишон дод ва боз гуфт, – агар мемонданд, ман ҳамроҳи ҳамин ҷавонмардони шерзоди ҳисорӣ ба даст камон гирифта ба ҷанг мерафтам. Афсӯс ки синнам аз ин солҳо гузаштааст. Лекин, чуноне вакили райком рафиқ Норзода ва раисамон гуфтанд, досу каланд ҳам дар ин вақт аз туфангу шамшер монданӣ надорад. Ана акнун ба мақсад наздиктар омада гуфтанӣ ҳастам, ки сухани бародарамон Норзода дили маро ба ҷӯш оварда, ба рагу пайҳоям хуни орият ва довталабиро давонд. Охир ба

кадом рӯ ман – як одаме, ки пӯсти дар меҳнат пухта, зарангшудаи дастонам ҳанӯз мулоим нашудааст, дар ин вақти тангу нозук дар як кори хурдакаки боғчаи мактаб нишинам? Не, ин ба дил намеғунҷад, инро виҷдон ҳам қабул намекунад. Раис! – гӯён Юнусбобо ба тарафи саҳна, ба акои Олим муроҷиат кард. – Мумкин бошад аз ҳамин рӯз сар карда номи маро ба қатори колхозчиёни каландзан навишта монед ва дар назди шумо, дар пеши аҳли қишлоқ қасам мехӯрам, ки то ана ҳамин чашмсиёҳон – фарзандони азиз, душманро торумор карда, дилҳои тирагаштаи мардуми мамлакатамонро бо фатҳи худ равшан накунанд, Юнусбобо даст аз дастаи каланд намеканад. Ана, матлабам ҳамин, боқӣ вассалом, олам гулистон...

Ҳозирон ин суханони Юнусбоборо бо чапакзаниҳои баланд пешвоз гирифтанд, якчанд касон ба симои пурҳаяҷон, ба чашмони ашколуди Бобо чашм дӯхта, худашон ҳам ба ҳаяҷон омада буданд. Аз ҳар ҷо – ҳар ҷои зал одамон: «Юнусбобо қоил кард, офарин! Мӯйсафеди пухта!» гӯён гап мепартофтанд. Пас аз он ки Юнусбобо каме хомӯш истода, ҳаяҷони худро паст кард, боз сухан пурсид.

– Акнун ба писарони ба хизмати аскарӣ раванда якду насиҳати падарӣ дорам. Агар розӣ бошетон, гӯям.

– Гӯед, гӯед! Сухани шумо аз ҷониби ҳамаамон насиҳати падарона мешавад, – ҷавоб дод Норзода.

– Ман ҳаминро гуфтанӣ ҳастам: ҷавонмардони ба аскарӣ рафтаистодаи мо хуб донанд, ки онҳо фарзандони водии зархези Ҳисор ҳастанд. Айбаш не, агар гӯем, ки дар қадим ин сарзаминро фақат аз шоҳию алочаи гӯсфанди бӯрдоқии ҳисориаш медонистанд. Дар замони Совет бошад, як шоҳию алочаи гӯсфанди вай не, замини зархез, боғҳои сермева, колхозҳои машҳури пахтакор, кону маъданиёт ва одамони меҳнатдӯсти кордони вай ҳам ба аҳли олам машҳур шуданд. Акнун вақташ омад, ки ҷавонмардони ин водӣ худро дар майдони ҷанг ҳам нишон диҳанд ва душманро ончунон кӯбанд, ки ҳама қоил шуда, «баҳодури ҳисорӣ» гӯянд.

Ин гуфтаҳои Юнусбобо ҳам ба ҳама аз тахти дил

маъқул меафтод.

Юнусбобо давом дод:

– Мард ҳамон кас аст, ки худашро дар майдон бинад. Йигитҳое ки имрӯз ба хизмати аскарӣ мераванд – нури чашм, қувваи дил, фарзанди азизи мо ҳастанд ва онҳо ҳеҷ гоҳ ба шаъни оила, диёр ва халқашон иснод наоварда, бо ҷонбозии худ сари моро албатта ба осмон мерасонанд, дили як гӯшааш аз набудани онҳо холии ҳар кадомамонро бо умеду орзуҳои нек пур мекунанд. Илоҳӣ сафаратон бехатар, дар ҳар кор дастатон боло, шамшератон бурро бошад, фарзандонам!

Баробари ба охир расидани сухани Юнусбобо аз мобайни мардум якчанд кас пасу пеш «офарин» гӯён овоз баровардand,Юнусбобо ҷавонони ба хизмати аскарӣ равандаро як-як ба оғӯш кашида бӯсиду баъд бо ёрии Сафар Одинаев аз саҳна фуромада, дар зери чапакзаниҳои мардум ба ҷои худ рафт. Умрихола суханҳои Юнусбоборо бо диққати том гӯш мекарду ашкони аз ҳаяҷон беихтиёр дар чашмонаш ҷӯшидаро дам ба дам бо нӯки қарсаш пок мекард. Ҳамин ки Юнусбобо аз саҳна фуромада рафт, вай якбора аз ҷояш хесту ба раис мурочиат кард:

– Ҳо, раис, додар! Ман ҳам мехоҳам як-ду даҳан гап занам.

– Марҳамат, модар, – гуфт акои Олим.

Модари Сафар Умрихола аз ҷои нишастааш рӯ ба саҳна рост хеста, бо овози пасти ларзон гап сар кард:

– Гапам ҳамин, ки додарҷон, ман ҳам аз қатори дигарон монданӣ нестам. Ба ҳар ҳол дасту поям дар ҳаракат, чашмам биност. Ман ҳам ба кор медароям. Гӯр ҳамон фоҳишаш шавад... Ҳамин ту-мӣ, номаш фоҳиш буд-мӣ, хоҳар? – гӯён модари Сафар ба Бибизайнаб мурочиат кард ва то ҷавоби ӯ касе аз поён: «Хайр, чӣ фарқ дорад, фашист, фоҳиш, ҳар дуяш ҳам як гӯри сиёҳ», гӯён ҷавоб дод. Модари Сафар ба суханаш давом кард. – Ҳа, ҳамун гӯрсӯхта ин зиндагии осудаи моро дида натавонист. Хайр «чоҳкандаро чоҳ дар пеш» гуфтаанд!

Умрихола ба Сафар, ки аз саҳна ба ӯ бодиққат чашм медӯхт, нигоҳ карда бо изтироби гиряолуд гуфт:

– Писарам, нури дидаи модар, ман ҳозир барои ту аввало роҳи сафед ва ба ҷони ҷавонат амонӣ металабам. Рав, писарам, ҳамроҳи ҷӯраҳоят дар куҷое, ки бошӣ, зафар ёрат бошад. Аз ту ҳаракат, аз мо баракат гуфтагӣ барин, ту чӣ қадар ҷонбозӣ кунӣ, модарат ҳам дар қатори дигарон ҳамон қадар бо меҳнати худ туро розӣ мекунад. Худат дур бошӣ, суратат ҳамеша дар дидаи очаат.

Умрихола ҳар ду дастонашро ёзонда ба сӯи саҳна, ки дар он ҷо Сафар рост меистод, рафт. Вай дар ин дақиқаҳо ғайр аз писараш дигар чизеро намедид. Сафар ҷаҳида поён фуромад ва худро ба оғӯши модараш андохт. Модару фарзанд ҳамин тавр якчанд дақиқа хомӯш монданд ва Умрихола аввалин бор дар умри худ дар мобайни мардум аз ашкҳои худ шарме накарда, гиря мекард.

Пас аз ба охир расидани ин ҷамъомад, ҳама ба сари кӯча баромаданд. Дар сари кӯча панҷ кас, панҷ аспи зину лаҷомзадаро дошта меистоданд. Дар як гӯшаи кӯча ду аробаи дуаспаи чорчарха, ки аз болои борҳояш брезент партофтагӣ буд, меистод.

Сафар ва ҳамроҳони ӯро мардум миёнагир карда аз бошишгоҳ баровարданд. Баъзеҳо роҳ рафта истода хушбошӣ мекарданд, баъзеҳо то Сталинобод ба гусел рафтани худро изҳор менамуданд. Дар паҳлӯи рости Сафар модараш, дар паҳлӯи чапаш Юнусбобо буданд. Дар майдони пеши бошишгоҳ боз одамон ба гирду атрофи онҳо давра гирифтанд. Сафар ва шарикони ӯ ба ҳамаи онҳо дубора даст дода, ба оғӯш гирифта хайрухуш мекарданд. Занон бошанд, аз пешонаи онҳо мебӯсиданд ва ба сару рӯяшон навозишкорона даст мемолиданд.

Сафар як-як бо одамон хушбошӣ карда, ба котиби колхоз Мамараҷаб ва амаки ӯ Мирбадал рӯ ба рӯ омад. Ҳамон замон мактуби ба Зебӣ супурдаи Мамараҷаб хотири ӯро банд кард. Вале ӯ худро одами аз ин воқеа бехабар вонамуд карда, бо чеҳраи кушод ва самимона ба Мамараҷаб даст дароз карду пурсид:

– Ҳа, Мамараҷаб, хӯш?

– Ҳеҷ, хотирҷамъӣ, – ҷавоб дод Мамараҷаб

бепарвоёна.

– Военкомат рафта будӣ, чӣ шуд?

– Панҷ-шашрӯза ҷавоб дод.

– Ман хаёл карда будам, ки ту ҳамроҳи мо меравӣ.

Ба гап Мирбадал ҳамроҳ шуда, бо овози нимхиррӣ кинояомез гуфт:

– Охир, ҳама якбора равад, ин ҷойҳо шағолхона шуда мемонад-ку.

– Чӣ, магар шумо ва ана ин ҷамоат одам ҳисоб намешавед? – гуфт Сафар.

– Мо-ку мо, лекин ҳар чӣ бошад ҳам, ҳусни деҳа ҷавонмардон ҳастанд, мулло. Ана, худатон дида истодаед, ки рафтани шумо дили як деҳа одамро чӣ қадар маъюс карда истодааст, – ҷавоб дод Мирбадал хушомадомезона.

– Фақат дили мардуми ин деҳаро ба эътибор гирифтан кам аст, акои Мирбадал, – гуфт Сафар бо қаҳри ботинӣ.

– Хайр, ҳеҷ гап не, ҷӯра – гӯён Мамараҷаб сухани Сафарро бурид, – вақташ ояд, нарафта чӣ, руст мешудем-мӣ?!

– Худат медонӣ, ба фикрам, ору номуси ҷавонмардӣ аз ҳама чиз баландтар аст.

– Ҳа, албатта.

– Хайр, саломат бош, то дидан, – гӯён Сафару Мамараҷаб дасти ҳамдигарро фишурданд. Мирбадал ҳам бо якчанд суханҳои нӯгизабонии тамаллуқкорона бо Сафар хайрухуш кард.

Сафар, баъди бо якчанд одамони гирду атрофаш хайрухуш кардан бо чашмони пуризтироб аз байни мардум Зебиро меҷуст. Зебӣ бошад, бо як тӯда мактаббачагон дар як канор меистод. Мактаббачагон ба Сафар часпиданд, ӯро оғӯш карданд ва аз ӯ такрор – такрор мактуб навиштанро илтимос карданду дар охир яке аз онҳо галстуки пионерии худро «Аз мо ёдгорӣ нигоҳ доред» гуфта ба гардани Сафар баста монд. Ҳар боре, ки талабаҳо ба Сафар часпида, бо вай самимона хайрухуш мекарданд, ин ҳисси дӯстдорӣ ва муҳаббати софи бачагӣ ба чашмони Сафар ашки шодӣ медавонд...

Сафар дар охир ба Зебӣ, ки дар рӯ ба рӯяш парешонҳол меистод, табассумкунон нигоҳ карду зуд ба вай наздиктар шуда, даст дароз кард. Агар дар гирду пеш одамон намебуданд, эҳтимол буд, ки Сафар аз мӯ ва рӯи Зебӣ бӯида, бӯсида ба ӯ муҳаббат, ишқ ва самимияти беандозаи худро изҳор кунад, вале андеша ва мулоҳиза, шарм ва ҳаё дар миён афтоду вай ин корро накард.

Вай бо ҳамин хаёл ба Зебӣ даст доданашро надониста монд. Фақат « мо ҳам бо ин бачаҳо шуморо то шаҳр гусел карданӣ ҳастем» гуфтани Зебӣ ин хаёли Сафарро бартараф кард.

– Раҳмат. Овора нашавед, бачаҳо монда мешаванд, ба болои ин пагоҳ дарс доред, – ҷавоб дод Сафар.

– Чӣ, магар бо ҳамин дигар шуморо намебинам?

– Не, чаро? Мегӯянд, ки мо боз якчанд рӯз дар Сталинобод мешавем.

– Ин хел бошад, боз нағз. Барои дидан меоям.

– Ба чашм.

Онҳо дасти ҳамдигарро сар надода гап мезаданд. Аз мобайни мардуми ҷамъомада фақат Мамараҷаб ва Мирбадал аз сар то пои онҳо чашм наканда аз назар гузаронда меистоданд.

Гуфтугӯи Сафару Зебӣ ба охир нарасида, аз сари кӯчаи калон садои шиҳа кашидани аспи саманд, ки дар болояш раиси колхоз акои Олим нишаста буд, шунида шуд. Акои Олим рӯ ба рӯи бошишгоҳ омада, аз асп фуромаду ба сӯи Сафар нигоҳ карда «Марҳамат» гуфт. Аспи саманд арӯс барин оро дода шуда буд. Вай гӯшҳои худро сих карда, сарашро бо ғурур боло мебардошт ва бо чашмони зираку тезаш ба пеш нигоҳ мекард ва боз шиҳа мекашид.

Сафар баробари таклифи акои Олим дасти Зебиро боз сахттар фишурда – «Хайр, Зебӣ, нағз монед, то дидан!» гуфту аз ӯ ҷудо шуда ба пеши акои Олим омад ва лаҷоми аспро аз дасти ӯ гирифта, пои чапашро ба узангуи биринҷӣ монд ва бо як хез задан худро ба болои зин гирифт. Саманд зӯри савораи худро месанҷидагӣ барин, ду-се бор сахт сар ҷунбонда, дар ҷои истодааш бо бетоқатӣ пой мезаду боз шиҳа мекашид.

Аз ҳамроҳони Сафар боз якчанд кас ҳам савори асп буданд. Юнусбобо, модари Сафар, шарикони боқимондаи ӯ, се-чор ҳамқишлоқиҳо низ ба ду аробаи чорчарха савор шуданд. Ҳамин ки сари аспи саманд ба сӯи роҳи шаҳр рост шуд, ҷамъомадагон бо як овоз ба ҷавонмардони қишлоқ роҳи сафед, тани сиҳат ва некию амонӣ орзу карданд.

Аз паси садои калонсолон овози мактаббачагон баланд шуд. Онҳо бо сардории Зебӣ муаллими худро то беруни қишлоқ гусел карданд.

Ин вақт офтоб, ки ба сари силсилаи кӯҳҳои Ҳисор сар монда буд, ба водии хуррами Ҳисор нури заррини худро меафшонд.

Вақте ки аспу аробаҳо аз қишлоқ хеле дур шуда буданд, Сафар боз ба қафо, ба қишлоқи дар оғӯши дарахтон пинҳоншуда баргашта нигоҳ кард. Ба чашми ӯ тӯдаи одамоне, ки ҳанӯз даст афшонда меистоданд, базӯр менамуд. Лекин боди сабуки саҳро мавҷи суруди то ҳоло хомӯшнашудаи бачагонро баръало ба гӯши ӯ оварда мерасонд. Сафар аз ин ба шавқ омадагӣ барин баробари онҳо худ ба худ нақароти сурудро такрор мекард:

Мо магар қабри Ленинро дасти душман медиҳем...

## БОБИ ҲАФТУМ

Вақти говгум шуда буд. Аз доманаҳои кӯҳҳо то болои қишлоқи Ҷӯйбор тумани тунук ба мисли каҳдуд вазнин паҳн мегашт. Қишлоқ берун аз одат хомӯш буд. Ҳатто баргҳои дарахтон ҳам ба ягон сирру асрор гӯш додагӣ барин, беҳаракат буданд. Танҳо шуввоси рӯди Қаратоғ хомӯш намешуд. Вай бо ҷараёни пурталотуми худ ҳама гуна мамониатҳоро ҷаҳидаю шикаста мегузашт ва ба сӯи дарёи Кофарниҳон, ки вай ба он рафта ҳамроҳ мешуд, мешитобид...

* * *

Мирбадал ва Мамараҷаб аз байни мардуми Ҷӯйбор ҷудо шуда бо роҳи хилвате, ки охири он ба доманаи теппаҳои чақарсанги тарафи шимоли деҳа рафта мерасид, оҳиста-оҳиста қадам монда гапзанон мерафтанд.

Мирбадал раҳравон аккаи аз чизе хӯсидагӣ барин, ҳар замон ба пешу қафо ва гирду атрофаш нигоҳ карда, баъд бо овози нимхирриаш ба Мамараҷаб гуфт:

– Хӯш, ба чӣ қарор омадед, ҷиян?

– Чӣ мешуд, рафтан даркор, – ҷавоб дод Мамараҷаб хаёлпарешон.

– Э, ҷиянам, ҳоло ҳам шумо хом будаед.

– Гап дар хомию пухтагӣ не, амаки Мирбадал. Ин хизмати ҳатмии умумӣ қонун аст, охир!

– Ҳай қонун – қонун гуфтед-дия! Акнун аз вай қонунҳо чашм пӯшед.

– Чӣ хел чашм пӯшам?!

– Дида истодаед-ку, умри ин қонунҳо ҳам рӯз аз рӯз кӯтоҳ шуда истодааст.

– Ин чӣ гуфтагетон, нафаҳмидам – пурсид Мамараҷаб бо ваҳму ҳарос аз оринҷи Мирбадал дошта.

– Охир маркази ҳамин қонунҳо Маскав бошад, пагоҳ – бегоҳ аз даст меравад, сонӣ дигар ҳама омин аллоҳу акбар...

– Ин хел нагӯеде, ҳоло Маскав куҷою немис куҷо.

– Шумо ҳоло кӣ будани Гирмонро намедонед, ҷиянам. – Боз мақсади худро равшантар изҳоркунон гап зад Мирбадал ва овозашро як андоза паст кард. – Агар хато накунам, аз ин нуздаҳ – бист сол пештар буд, аз афташ, ана дар ҳамон вақт ҳамин Гирмон қариб нисфи мамлакати русҳоро зери даст карда, баъд ҷангро бас карда буд. Ҳозир бошад, нисфи дунё дар дасташ, наход лашкаре, ки як тарафаш то Фарангистон, як тарафи дигараш то Ҷазоир замину замонро зери даст кардааст, омада як Маскавро гирифта натавонад?

Ин «далелҳои» Мирбадал Мамараҷабро ба ким-чӣ хаёлҳо водор карданд. Дили то ин дам аз рафти ҷанг умедҳои нек доштаи ӯро воҳима зер карда, хаёли ӯро ба кӯчаи сарбаста тела медоданд. Мирбадал аз хомӯш мондан ва тағйир ёфтани ҳолати рӯҳии Мамараҷаб пай бурда, боз мақсади худро аёнтар кард.

– Ман-ку ба Ҳукумати Совет заррае кина надорам, лекин ба умру ҷони мисли шумо ҷавонҳо дилам месӯзад.

– Сад дилатон сӯзад ҳам, чӣ чора? – савол кард Ма-

марачаб ба фикри Мирбадал майл кардагӣ барин.

– Чорааш бисёр, ҷиянам, гап ба хоҳиши худи кас.

– Чӣ хел чора?

– Аввал ҳамин, ки монед худи ҳамон русҳо барои мулку ҷони худ ҷангидан гиранд, ба ману шумо чӣ. Ҳоло ба деҳаю хонаи мо ҳеҷ кас зер карда наомадааст-ку...

– Агар сари роҳашро нагиред, омада ҳам мемонад...

– Э ҷиян, то табар омадан кунда меосояд...

– Хайр, ин повестка чӣ мешавад? – пурсид Мамараҷаб аз кисааш коғазеро бароварда.

– Илоҷи ин ҳам осон.

– Чӣ хел?

– Ду-се рӯз худатонро ба нотобӣ мезанед.

– Одами сип-сиҳат дар як рӯз чӣ хел худро ба нотобӣ меандозад?

– Шумо ғам нахӯред, ҷони амак, «усул ба дасти наҳорачӣ» гуфтаанд, фақат ҳаминро донед, ки амакатон аз азобу уқубати солдатӣ халос шуда, ба ҷои саҳрои кушод, замини заҳ ва зиндагии пуртаҳлука, дар хонаи ҳамеша чароғон, дар болои қолину кӯрпачаҳо баҳузур ёзида, рӯз гузаронидани шуморо орзу мекунаду бас. Монед, ба ҷанг касоне раванд, ки аз ҷони худ сер шудаанд, ҳа нагуфта чашмони онҳо ҳам мош барин кушода шуда мемонад. Воқеан, акнун масъалаи муаллима ҳам осонтар мешавад...

– Чӣ хел осон мешавад? – пурсид Мамараҷаб бо изтироб.

– Яъне ҳамин хел, ки Сафар бо ҳамин рафтани худ, худо медонад, оё гашта меояд ё намеояд.

– Аммо, дар ҳақиқат онҳо якдигарро дӯст медоштаанд-а?

– Давидани гӯсола то каҳдон. Ана монду рафт, сечор рӯз, ки гузашт, ин муҳаббату дӯст доштанҳо ҳам дуди чилим барин аз дилу димоғаш баромада меравад.

Ин гуфтаҳои маккоронаи Мирбадал ба дили Мамараҷаб дом меандохт. Вай мисли бедонае, ки ба дони дом медавида бошад, торафт ихтиёри худро ба дасти Мирбадал месупурд. Хаёлҳои то ҳоло дар фикри ӯ набуда тамоми ҳастии ӯро фаро мегирифтанд. Сурати

Зебӣ, ки Мамараҷаб чандин вақт инҷониб ба вай дил баста, аз пайи бо ӯ хонадор шудан роҳ меҷуст, ба пеши назари ӯ боз намоён мегашт. Гарчанд, ки пас аз бенатиҷа баргаштани хостгорон Мамараҷаб аз ин нияти худ даст шуста буд, акнун, баъд аз бо чормағзҳои пуч домони ӯро пур кардани Мирбадал, дар кошонаи дилаш боз як оташак даргирифта, тамоми ҳастии ӯро оҳиста-оҳиста ба сӯзиш меовард...

Онҳо гапзанон ба пеши теппа омада монданд. Роҳ дар ҳамин ҷо ба охир расида, он тарафаш пайраҳаи борик торафт ба баландӣ морпеч шуда мебаромад.Мирбадал аз ҳамин ҷо баргашта ба Мамараҷаб гуфт:

– Хӯш, торикӣ ҳам фуромад, акнун баргардем ҳам мешавад.

– Хӯш, акнун ба чӣ қарор омадем? – пурсид Мамараҷаб баъд аз якчанд қадам хомӯшона роҳ рафтан.

– Ҳар он чӣ, ки ман гуфтан мехостам, гуфтам, ин тарафаш ба худатон вобаста.

– Чӣ кунам?

– Чӣ мекардед. Аввал, ки ин гапҳо дар байни худамон монад, дуюм ин, ки пагоҳ ё рӯзи дигар илоҷи повискаро ҳам мекунед. Баъд, оҳиста-оҳиста аз қафои дигар чораҳо мешавем.

– Худам боз як бор гап занам?

– Ба кӣ?

– Ҳамин оим катӣ.

– Ҳоло сабр кунед, ду-се рӯз оташи дилаш хомӯш шавад, баъд. Набошад сирро бой дода мемонем, ҷиян.

Мамараҷаб чизе нагуфт. Лекин вай бо ин сухан бетоқатии худро дар пеши Мирбадал ошкор сохт. Мирбадал ҳам ҷилави ӯро ба даст гирифта, акнун ба ихтиёри худ ба ҳар сӯ мегардонд...

Онҳо ба даромади деҳа омада якбора хомӯш монданд ва аз мобайн дере нагузашта сиёҳии ҳар дуяшон ҳам дар торикӣ нопадид гашт. Аз паси онҳо аз ҳар ҷо – ҳар ҷо аккосзании сагҳо баланд шуда, хомӯширо вайрон мекард...

* * *

Мирбадал кӣ буд?

Ӯро дар водии Ҳисор ҳанӯз дар солҳои ҳукмронии амири Бухоро медонистанд. Вай яке аз ҳамон ним фоиз аҳолии бохату саводе буд, ки дар он замон тамоми Тоҷикистон надошт. Падари ӯ дар Бухоро ва Ҳисор замин ва мулки бисёр дошт, ӯро аз хурдӣ бодиққат хононда буд. Вай дар синни бистсолагӣ савдогариро касб карда, аз Бухоро ба Ҳисор, аз Ҳисор ба Шаҳрисабзу Самарқанд рафта меомад. Ҳамон соле, ки истибдоди амири Бухоро торумор гардид, Мирбадал худро аз мавҷу тӯфонҳои замони нав ба канор кашиданӣ шуда, дар Ҳисор монду дар ин ҷо ба кораш машғул шуд.

Дар аввалҳои Ҳокимияти Советӣ дар Бухорои Шарқӣ Мирбадал барин хату саводнокҳо ҳамчун одами маданӣ, донишманд дар байни мардуми бесавод эътибори калон доштанд.

Аз ҳама аввал инро худи Мирбадал мефаҳмид. Бинобар ин ӯ фурсатро аз даст надода, бо мақсади он, ки бароиояндаи худ заминаи соз тайёр кунад, худро ба хизмати Ҳокимияти Советӣ зад, яъне раиси совети қишлоқи Ҷӯйбор шуд.

Мирбадал ин амалро такягоҳи якумрии худ умед кард. Вай худ ба худ боварӣ дошт, ки дигар аз байни ин одамони авому пойлуч шахси ба вай баробар ёфт нахоҳад шуд.

Аммо ин ҳама хаёли хом буд. Чуноне ки боғбонон ба ҷои дарахтони солхӯрдаи камҳосил сол аз сол ниҳолони нави боз серҳосилтар ва меваҳояш сершираро тарбия карда, ба воя мерасонанд, Ҳукумати Советӣ ҳам сол то сол аз байни худи халқи меҳнаткаш ва фарзандони онҳо – ходимон, коркунон ва роҳбарони лаёқатноку кордонро ба камол расонд, ки дигар ба Мирбадал барин «мирзо» – ҳои аз «охури баланд емхӯрда» эҳтиёҷ намонд.

Мирбадал аввал раисии ҷамоаро аз даст дода, ба котибии он фуромад. Ба ин вазифа ҳам дере наистода, агенти андозчини шӯъбаи молия шуд. Дар ин солҳо дар баробари тамоми мамлакат, дар Ҷӯйбор ҳам хоҷагиҳои яккадаст ба дастҷамъона кор кардан қарор

доданд. Мирбадал дар орзуи он, ки ақаллан дар колхоз ба ягон мансаби мувофиқи табъ соҳиб хоҳад шуд ва махсусан бо мақсади он, ки худро дар пеши мардуми деҳа шахси «боваринок» нишон диҳад, бо боғу чорвояш яке аз аввалинҳо шуда ба колхоз нависонд. Он орзую мақсади ӯ ҳам аз ҷояш набаромад. Аз байни деҳқонони деҳа барои он корҳое, ки Мирбадал талабгори онҳо буд, одамони аз Мирбадал ҳам ӯҳдабаротар, боидроктар расида буданд.

Барои Мирбадал фақат ба даст каланд гирифтан монда буд. Аммо касе, ки як умр теша ба даст нагирифтааст, каландро чӣ гуна кор мефармояд? Ҳамин тавр ӯ аз боғу чорво даст кашида, якчанд вақт дар рноҳия, сонӣ дар деҳаҳои дигар мудири анборҳои гуногуни кооперативӣ ва баъд мудири магазин шуда кор кард. Баъд, як сол пеш аз ҷанг боз ба Ҷӯйбор мудири дӯкони ҷамъияти матлубот шуда омада буд.

Ин аст саргузашти мухтасари Мирбадал. Бинобар он кайҳо боз дили ӯ бо зардоби кинаю адоват пур шуда буд. Ин зардоб ва кинаю адоват нисбат ба сохти шӯрой, ки дар ботини ӯ маҳкам ҷойгир шуда буд, ҷисму ҷони ӯро кирм барин мехӯрданд, азоб медоданд. Мирбадал, ки дар вақтҳои даҳанкалони деҳа буданаш гардани кӯтоҳ, рӯи гирдаи сергӯшт ва шиками равғанзеркарда дошт, ҳоло чашмони ба косахонааш чӯкидаи бенур, бадани лоғар ва афти дурушти ҳамеша ғазаболуд дошта, ба касе ҳамроҳ намешуд, камгапи дамдузд буд.

Вай то ин дам гоҳо ба босмачигарӣ, ба хуруҷи кулакон дар вақти коллективонидан, гоҳо ба Иброҳимбек ва ғоратгарии ӯ умед мебаст. Лекин аз ҳеҷ кадоми онҳо баҳравар шуда натавонист. Акнун, ҳамлаи олмониҳои истилогар ва муваффақиятҳои ҷангии муваққатии онҳо ба Мирбадал боз ҷон даровarда буданд.

Мирбадал мехост ҷияни худ Мамараҷабро низ ба паҳлӯяш гираду баъд ба воситаи вай мақсадҳои сиёҳи худро боз васеътар ба амал барорад. Ин буд, ки вай ҷияни худро бо «ғамхорию меҳрубонӣ»-ҳои маккорона ба роҳи тираю тор кашола мекард.

## БОБИ ҲАШТУМ

Ҳамон рӯзҳое ки дар остонаҳои пойтахти Ватани шӯрой – Москав ҷангҳои сахти хунин бар зидди фашистон давом мекард, аз Москав, аз Кремл фармон омад, ки мувофиқи талаби халқ дар ҷумҳуриҳои миллӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон қисмҳои ҳарбии эҳтийтии миллӣ ташкил дода шаванд. Аз мобайн бисёр вақт нагузашта ҳазорон – ҳазор ҷавонмардони тоҷик – коргарон ва колхозчиён, хизматчиён ва ҳунармандон, ходимони санъат ва муаллимон касбу кори худро муваққатан тарк карда, ҷанговари ҳамин қисмҳои миллии Армияи Сурх шуданд.

Яке аз он ҳазорҳо тоҷикписарон, ки касбу кори худро муваққатан тарк карда, ҷанговарони Армияи Сурх шуда буданд – муаллими қишлоқи Ҷӯйбор Сафар Одинаев буд.

Ҳоло ӯ қиёфаи дигар дошт. Дар тан либоси хокиранги ҳарбӣ, дар сар телпаки ситораи панҷгӯшадор, дар по мӯзаи солдатӣ, дар китф милтиқ дошт, бо тасма миёнашро таранг баста, низомӣ қадам мениҳод. Дар боду ҳавои кушод, дар зери офтоби тирамоҳӣ аз пагоҳ то бегоҳ машқкунӣ рангу рӯи ӯро ҳам тағйир дода буданд. Пусти рӯяш сияҳтоб ва худаш аз аввала лоғартар менамуд. Рост аст, ки ҳар кас, ки Сафарро аз рӯзи ба аскарӣ рафтан ин ҷониб аввалин бор медид, ӯро дарҳол шинохта ҳам наметавонист. Ҳаёту хизмати ҳарбӣ ӯро чи ботинан ва чи зоҳиран хеле тағйир дода буданд.

Рӯзе командири қисм, марди қадпасти синну солаш қариб ба панҷоҳ расида, ки рутбаи полковникӣ дошт, дар аснои шахсан аз назар гузаронидани машғулияти тактикии ҷузвитомҳо ба Сафари сангар кандаистода рӯ ба рӯ омад. Сафар мувофиқи талаби низомнома ба замин дароз кашида, дар даст белча, чашмашро аз атроф наканда, замин меканд. Дастони ӯ чусту чолокона кор карда, хоки ҳар бор ба рӯи белча омадаро ба пеши окоп ва ба ду паҳлӯяш мепартофт.Аз байн панҷшаш дақиқа вақт нагузашта, Сафар сангари худро тайёр карду баъд белчаашро ба халтачаи ба миёнаш

буда андохт ва ҳамон замон мили милтиқашро ба хоктӯдаи пеши сангар монда, бодиққат чизеро ба нишон гирифт.

– Фамилияи шумо чист, рафиқ ҷанговар? – Ин саволи ногаҳонии полковник, ки болои сари Сафар омада буд, ӯро саросема кард. Сафар аввал чӣ кор карданашро надонист. Аз ҷояш хезад ё нахезад? Хезад, тартибу қоидаи машқро вайрон карда, аз фармондеҳи бевоситаи худаш гап мешунавад, нахезад, дар назди фармондеҳи калон беҳурматӣ мешавад. Мулоҳизаи охирин Сафарро аз ҷо бархезонд ва ӯ дарҳол дасташро ба чаккааш бурда, ба пурсиши полковник ҷавоб дод:

– Ҷанговар Одинаев Сафар, рафиқ полковник!

Дар рӯи полковник аломати норизоӣ пайдо шуд. Лабони ӯ каме ба ханда моил шуда бошанд ҳам, аммо аз чашму абрувонаш бадқаҳрӣ намоён буд.

– Ман мехостам аз сангаркании шумо мамнунии худро изҳор кунам, рафиқ Одинаев, аммо шумо бо рафтори ҳозираи худ маро аз ин ният баргардондед, – гуфт полковник.

Сафар ҳамон дам чӣ хато кардани худро ба хотир оварда, ба окопи худ чашм партофт ва дарҳол милтиқро, ки дар он ҷо меистод гирифта, ба паҳлӯи росташ, дар ҳолати низомӣ нигоҳ дошт.

Полковник аз ин кори Сафар боз табассум карда гуфт:

– Ин як. Дигар ин, ки ҳеҷ гоҳ дар вақти машқ, ҳар касе, ҳам ки ояд, – хоҳ полковник, хоҳ генерал, – бе иҷозат мавқеи худро монда нахезед. Дар шароити фронт шумо бо ин рафтор кайҳо ҳадафи тири душман мешудед.

Сафар хомӯш ба полковник нигоҳ карда монда буд. Рӯи ӯ дар ҳаври танӯр тасфидагӣ барин суп – сурх шуда, пешонаю болои лабҳояшро донаҳои арақ зер карда буданд.

– Пеш аз армия чӣ кор мекардед? – пурсид полковник.

– Муаллимӣ.

– Маълумотатон?

– Олӣ.

– Кадом мактабро тамом кардед?

– Институти педагогии Сталинобод, факултети забон ва адабиёти онро.

– Ҳамин институт? – полковник аз ҷои истодааш ба сараш ба тарафи шимол ишора кард. Аз қаротеппае, ки дар он ҷо ҷанговарони қисми ӯ ба ҷузвитомҳо тақсим шуда, машғулият мегузаронданд, бинои сеошёнаи институти омӯзгорӣ ва дигар сохтмонҳои шаҳри Сталинобод намоён буданд.

– Бале, рафиқ полковник, – ҷавоб дод Сафар.

– Кӣ шуморо ба армия даъват кард? – боз пурсид полковник бо он мулоҳизае, ки ин муаллими маълумоти олӣ дошта чӣ тавр ба сафи аскарони қаторӣ афтодааст.

– Бо хоҳиши худам омадам, рафиқ полковник, – ҷавоб дод Сафар.

– Ҳо, ин тавр, яъне ихтиёран? – саволомез кашол дода гап зад полковник ва аз сар то пои Сафарро аз назар гузаронд. – Бисёр хуб, бисёр нағз, рафиқ Одинаев. Ҳамроҳ фашистонро мекӯбем гӯед?

– Албатта, рафиқ полковник, – илова кард Сафар аз мамнунияти полковник хурсанд шуда.

Полковник, баъд аз он ки як дам хомӯшона ба атроф назар партофта гирифт, аз Сафар пурсид:

– Агар шуморо ба командирии отделения таъйин кунем, розӣ мешавед?

Сафар дарҳол ҷавоб надода каме фикр карда монд. Полковник ҷавоби ӯро нагирифта илова кард:

– Ин кор ҳам бо роҳи худаш муаллимӣ аст.

– Аз ӯҳдааш баромада метавониста бошам, рафиқ полковник?

– Дар армия дудила гап заданро одат накунед, – гуфт полковник. – Армия қатъӣ, бурро, равшан, хулоса карда гап заданро талаб мекунад.

– Итоат, рафиқ полковник! – ҷавоб дод Сафар.

– Командири взводро гӯед ба пеши ман ояд.

– Итоат, ҳозир! – Сафар давон-давон ба назди фармондеҳи взвод, ки дар пастхамии теппа бо гурӯҳи дигари ҷанговарон машғулият мегузаронд, рафт ва фармони полковникро ба ӯ расонд. Фармондеҳи взвод

ҳамон замон ҳозир шуд.

– Рафиқ полковник, лейтенант Осмухин мувофиқи фармони шумо ҳозир шуд.

– Рафиқ лейтенант, аз пагоҳ Одинаевро, – ишора кард полковник ба Сафар, – ба подразделенияи тайёркунандаи командирони отделения фиристед. Баъд аз тайёрии якмоҳа боз ба взводи худатон меояд.

– Итоат, рафиқ полковник, – ҷавоб дод лейтенант Осмухин.

Баъд аз ними рӯз фармонднҳи взвод танаффус эълон кард. Ҳама аз сангарҳои худ хеста, ба доманаи теппа гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ шуда нишастанд. Як гурӯҳи ҷанговарон рӯ ба боло бо телпаки худ рӯяшонро аз офтоб панаҳ карда, дигарашон рӯ ба замин тахтапушташонро ба офтоб дода хоб мекарданд. Як қисми дигари ҷанговарон, чорзону нишаста, аз дуди ғафси махоркаи солдатӣ, ки дар коғази рӯзнома ғафс – ғафс печонда шуда буд, кайф мекарданд. Дар як тарафи ҳамин гурӯҳ Сафар ҳам нишаста, аз рӯзномаи нав ахбороти Идораи иттиолотро бо овози баланд мехонд. Вақте ки Сафар хабари оид ба ҷангҳои назди Москваро мехонд, ҳама хомӯш нишаста мешунавиданд. Дар ҳамин асно кадом як ҷанговар сахт сулфид.Дигарон аз сулфаи бемаҳали ӯ ранҷидагӣ барин якбора ба ӯ нигоҳ карданд. Ҷанговари рӯкалон ва гӯшҳояш аз гӯшҳои муқаррарӣ калонтар, ки дар паҳлӯи Сафар менишаст, ба ҳамон ҷанговари сулфааш гирифта, гуфт:

– Чӣ, дар гулӯят магар устухон дармонд, Дадабой:

– Не, аз афташ шушаш ба даҳонаш омад, – илова кард ҷанговари харобакаки хандонрӯ.

– Набошад зуд бо шомпол тела додан лозим, – гуфт боз як ҷанговар аз мобайн.

Дадабойи ленинободӣ, баъд аз сулфаашро нигоҳ доштан, ба ҷанговари харобакак нигоҳ карда гуфт:

– Чӣ, оё сулфаи мо табиати нозуки камаровиро хира кард? – Дадабой ба Нозир лақаби «камаровӣ» дода буд.

– Дида истодай-ку, бачамард, Сафар коҳида рӯзнома мехонад, – ҷавоб дод Нозири камаровӣ.

Дадабой чашмони аз сулфаи сахт ашконаш барома-

даи худро пок карда, ба Нозир гап партофт:

– Карнайи радио барин гӯш дорӣ, боз карии туро бин.

Ҷанговарон ханда бардоштанд. Нозир ҳам ҷавобан ба Дадабой гуфт:

– Агар мабодо ба пеши микрофони радио баромада аз ҳамин сӯрт сулфаҳо камтарашро сар диҳӣ, бемуҳобот, карнай – парнайро кафонда мепартоӣ, бачамард...

Боз ханда баланд шуд. Баъд Сафар ҳамаро ба хомӯшӣ даъват карда, давоми ахборотро хонд.

Баъд аз хонда шудани ахборот, боз овози Нозири камаровӣ баланд шуд.

– Ист, ки рафиқ, ба мо ҳам навбат меомада бошад, то ки мо ҳам аз қатор намонда, зӯрамонро бисанҷем? – боз пурсид Нозири камаровӣ.

– Навбат албатта меояд, камаровӣ, нағз тайёрӣ бин, – гуфт Сафар.

– Канӣ, кошкӣ ҳозир маро ба ҷанг дарорад, – гуфт Дадабой бо овози шамолхӯрдаи худ калонгирона, – граната ғурронда, милтиқ андохта, то даҳпонздаҳтаашро ба зери поям гирифта маҷақ накунам, хотирҷамъ намешудам...

– Ҳай, ҳай, – гуфт Нозир бо ду дасташ китфи Дадабой ба авҷ омадаро зер карда, – зӯратро беҳуда сарф накун, даркор шуда мемонад.

Дадабой ҳамон замон ду дасти Нозирро маҳкам дошту аз ҷояш ҷаҳида хест ва мехост ӯро дар ҳамин ҳолат ба замин хобонда, пахш кунад. Лекин Нозир ҳам бо чусту чолокӣ ду китфи Дадабойро маҳкам дошта, ба ҷидду ҷаҳди вай муқобилат нишон дод. Ҷанговароне, ки дар гирдогирди онҳо давра гирифта буданд: «Канӣ, канӣ, кӣ зӯр, кӣ ба гӯштингирӣ усто» гӯён онҳоро ба ҳамдигар тез мекарданд. Дадабой ҳарчанд зӯр занад ҳам, Нозирро ба китфаш гирифта натавонист. Онҳо дар ҳамин ҳолат барои афтондани якдигар хеле зӯр заданд, вале нашуд. Ба болои ин гӯштингирӣ Осмухин расида омада, вай ҳам талоши зӯрнишондиҳии он ду ҷанговари худро бо мароқ тамошо карда, гуфт:

– Ҳар дуятон ҳам нимҷон ҳастед.

– Дар наҳорӣ хӯрокро камтар хӯрда будем аз афташ, – гуфт Дадабой ҳарсасзанон ва дасти Нозирро сар дода илова кард, – худат ҳам буз барин чандир будай-дия.

– Одам бо даҳанкалонӣ Рустами Достон шудан намегирад, бачамард, – ҷавоб дод Нозир сарулибосашро ба тартиб оварда, – зӯр даркор, зӯр!

– Зарар надорад, «мардро дар майдон бин» гуфтаанд, ба майдони ҷанг наздиктар равем, ана дар ҳамон ҷо маълум шуда мемонад, – ҷавоб дод Дадабой аз даъвои худ пас нагашта.

Ҳамин тариқ, танаффуси ҷанговарон бо шӯхию бозӣ ба охир расида, баъд боз як-ду соати дигар давоми машқ шуда гузашт.

Қариби бегоҳ ҷанговарон саф ороста ба сӯи қисми худ роҳ гирифтанд. Ҳамин, ки онҳо аз кӯчаи Ленин гузашта ба тарафи шаҳрчаи ҳарбии худ бармегаштанд, чашми Сафар ба модараш ва Юнусбобою Зебӣ афтод.

Онҳо баробари ҷанговарон аз пайраҳа мерафтанд. Сафар онҳоро дида боз ҷиддитару далертар қадам мениҳод.

Модари Сафар Умрихола писарашро дар сарулибоси низомӣ дида ҳам ба ҳаяҷон меомаду ҳам ифтихор менамуд.

– Ҳо, писараки шераки оча, салом!

Сафар ба сӯи модараш як назар карду дигар чизе нагуфта боз ба пеш нигоҳ карда бардам пой мондан гирифт.

– Ҳо, Сафари оча, садқа, магар маро намебинӣ, намешунавӣ?

Мардум ҳама ба Умрихола нигоҳ карданд. Фармондеҳи взвод, ки аз канортари кӯча қадам мепартофт, бо ҳайрат як ба Умрихола ва як ба взвод нигоҳ карда монд. Аз взвод касе диққати худро вайрон накарда қадам мезад. Умрихола ба пешгирии Юнусбобою Зебӣ эътибор надода, ба Осмухин наздиктар омаду бо чеҳраи пурифтихор ба вай гуфт:

– Азони ман баранчук, ҳу Сафар.

– А-а-а, нағз, бисёр нағз, – гӯён русӣ ҷавоб дод Осмухин ва ба Сафар, ки гӯё аз ҳеҷ чиз бехабар буда,

бо қиёфаи ҷиддӣ пой meниҳод, чашм партофт ва ба модар ҷавоб дод, – ҳозир мумкин нест, баъд гап мезанем.

Зебӣ ба Умрихола чӣ гуфтани фармондеҳро фаҳмонд ва худаш ҳам таъкид кард, ки дар кӯча гап задан хуб нест. Умрихола якравӣ карда ба Зебӣ ман – манӣ карда ҷавоб гардонд:

– Ба вай гӯед, фарзанди худам, дар кӯча-мӣ, дар хона-мӣ, куҷое ки хоҳам, гап мезанам. Акнун аскар шуд гуфта магар аз модараш ҳам рӯ гардонад? Ман зоида калон намекардам, чӣ мекард?

Онҳо бо ҳамин машмаша аз қафои саф то пеши дари шаҳрчаи ҳарбӣ омаданд. Пеши дарвозаи шаҳрчаи ҳарбӣ ва суфаю чорпояҳои чойхонаи сурхи аскарӣ, ки дар зери дарахти тути рӯ ба рӯи дарвоза буд, аз зану мард пур буд. Ҳамаи онҳо имрӯз – бегоҳии якшанбе ба мулоқоти писару додар, ёру бародари дар хизмати аскарӣ будаи худ омада буданд.

То ба самти ғарб гашт кардани офтоб ҷанговарони ҷузвитомҳо аз машқи саҳрой баргашта омада хӯроки гаштирӯзиро қабул карда, баъд аз он, бо иҷозати фармондеҳон ба мулоқоти хешу таборҳои худ баромаданд.

Сафарро аввало Зебӣ, ки дар рӯ ба рӯи дари баромад истода буд, пешвоз гирифт. Вай баъд аз даст дода салом алейк кардан ӯро ба чойхона, ба назди модараш ва Юнусбобо бурд.

– Очакат садқа ба хоки поят, – гӯён Умрихола аз бӯсидан ва ба сари сина зер кардани Сафар даст намекашид.

– Ба мо ҳам навбат расад, хоҳар! – гуфта Юнусбобо Сафарро аз оғӯши Умрихола ба сӯи худ кашола кард ва дарҳол худаш дастҳояшро ёзонда ӯро ба бағалаш гирифт. – Бале, писар, бале... Олам гулистон...

Модари Сафар, баъд аз пурсупос, аз қиёфа ва қаду басти писараш чашм наканда, хомӯш гиря мекарду мегуфт:

– Аз ҳафтаи гузашта худатро боз хело коҳондай, бача, биё, мон, ихтиёр карда омадӣ, боз ихтиёр куну рав. Худат ҳам дока барин тунукпӯст. Ҷисму ҷонат ба ин хел кори вазнин дошт намедиҳад.

Сафар ва баробари ӯ Зебию Юнусбобо аз ин гапҳои Умрихола механдиданд.

– Нобурда ранҷ ганҷ муясар намешавад, гуфтаанд, хоҳар, – ҷавоб дод ба нолиши модар Юнусбобо, – ба Сафар чӣ шудааст, камтар гӯшт фуроварда бошад ҳам, рангу рӯяш нони ширмол барин. Албатта хизмати аскарӣ осон не, лекин дар ин кор то сахтиро набинӣ, намепазӣ.

– Дили модар аз шиша ҳам нозуктар мегӯянд, рост аст. – Ба гапи Юнусбобо ҳамроҳ шуд Сафар ва ба модараш хитобан гап зад. – Чӣ, ту мехоҳӣ, ки мисли духтари хона соле дувоздаҳ моҳ аз пеши чашмат дур нашавам?!

– Ту чӣ медонӣ, ки очат дар чӣ хаёлу ғам, – боз оби чашм кард Умрихола.

Сафар гоҳ хандида, гоҳ ба қаҳр омада гап мезад. Юнусбобо ба ҳар ду тараф ҳам насиҳат медод.

Охир, Зебӣ, ки то ҳол ба рӯи Сафар чашм дӯхта, сурати ҳамаи ҳаракату гапзаниҳои ӯро мисли рассоме ба дилаш мекашид, ба гап ҳамроҳ шуд:

– Оча, монед акнун, беҳуда дили муаллимро хиҷил кардан чӣ фоида.

Умрихола дид, ки чор-панҷ кас ба вай чашм дӯхта истодаанд, худаш ҳам хиҷолат кашида, бо нӯги қарси сафедаш ашки чашмонашро пок карда гап зад:

– Гӯр оби дидаи ман ҳам шавад, ҳамин вақтҳо гап ки ду шуд, даррав дар милки чашм ҳозир. Хайр, ба гап овора шуда, ин тугунчаро ҳам накушодаем.

Зебӣ рӯймоли чоркунҷаи дар дарунаш чизу чора басташударо ба пеши Сафар дастархон карда кушод. Дар рӯймол себ, ангур, мавиз, чормағз, гӯшти яхнӣ ва нони фатир буд. Аз ҳама аввал диққати Сафарро бӯи хуши себи тирамоҳӣ ба худ ҷалб кард. Ин ҳосили ҳамон ниҳолҳои боғчаи мактаб буд, ки дар шинондан ва парваридани онҳо Сафар ҳам иштирок дошт.

– Боғчаи мактаб ҳам хуб себҳо дорад-а, Бобо? – пурсид Сафар як донаи онро ба даст гирифта.

– Меваи меҳнати худатон, писар, – ҷавоб дод Юнусбобо, – аз талабаҳо ба мудирамон савғо гуфта муаллима оварданд.

Сафар ба сӯи Зебӣ нигоҳи пурмеҳре кард. Зебӣ шармгинона сарашро пойин фуроварда, давоми сухани Юнусбоборо гирифт:

– Муаллимон, талабагон, ҳамаашон пурсида фиристоданд.

– Саломат бошанд. Корҳои мактаб, хонданҳо чӣ хел?

Аз Зебӣ пештар Юнусбобо ҷавоб дод:

– Олам гулистон, хотирҷамъ бошед. Мудира мисли худатон корҳоро сад фоиз нағз бурда истодаанд.

– Ин қадар ҳам не, – хоксорона гуфт Зебӣ, – ҳанӯз ҳам ҷои шумо холӣ.

– Рост,рост, – фикри Боборо қувват дод Умрихола, – духтарам хеле бадаступо. Хурду калон таъриф мекунанд.

– Бовар мекунам, албатта, – тасдиқ кард Сафар ва аз ин таърифи рӯ ба рӯ хиҷолат кашидани Зебиро пай бурда, гапро аз дигар ҷо сар кард. – Дар колхоз чӣ гапҳои нав, кори худи шумо чӣ хел, Бобо?

– Кори мо як зарраи кори умум. – Бо хоксорӣ гуфт Бобо ва ҳамаи таърифро ба унвони аъзоёни бригадаи худ гардонд. – Ана, якта зарбдорамон волидаатон, плани ғӯзачинӣ ва ғӯзатозакуниро аз сад фоиз зиёд иҷро карданд. Ин кас дар пеши шумо оби чашм мекунанду дар кор бошад, олам гулистон, лочин барин. Планҳои колхоз ҳам аз пахта сар карда то ғаллаю сабзавот, бекамукост ба ҷояш расонда шуд. Худо хайру барака ва умру ҷони роҳбарони колхозро диҳад, ҳаминҳо ба хаёлам на шаб ором мегиранд на рӯз. Ҳар вақт, ки бошад, ба ҳар кор ҳозир. Пурсед – «Ҳоло вақти дамгирӣ не» мегӯянду тамом.

– Аз Ҷӯйбор боз киҳо ба аскарӣ рафт? – савол дод Сафар.

– Ҳоло ҳозир ғайр аз шумоён дигар ҳеҷ кас, – ҷавоб дод модари Сафар сухани «ғайр аз шумоён» – ро бо як оҳанги махсус таъкид карда.

– Баъд аз шумоҳо Мамараҷаб рафтанӣ буд, – илова кард Юнусбобо, – намедонам, рост ё дурӯғ, мегӯянд, ки касал гуфта боз панҷ-шашрӯза ҷавоб гирифтааст.

– Касал-пасал не, хирс барин. Аслан як хел одамҳо

ҳилаашро меёбанд, – Умрихола бо ҳасад гап зад.

– Чаро ин хел донам – надонам гап мезанӣ, оча, – ба модараш эътироз баён кард Сафар. – Раваду дар ҳақиқат касал бошад.

Зебӣ пеши мунозираро гирифтанӣ шуда гуфт:

– Касали бапо, ҷогаҳӣ не, худатон медонед-ку, муаллим.

Баъд аз ин гапи Зебӣ Умрихола, Юнусбобо ва Сафар фурсате ба чӣ хаёле рафта, хомӯш монданд. Ба дили Сафар оташ афтодагӣ барин шуд. Ӯ боз ба сад гумонҳо рафта, чӣ гуфтанро надонист. Юнусбобо пай бурд, ки ин гап баногоҳ ба миёни чақ – чақ лағад зада, сӯҳбатро хунук кард. Бинобар ин роҳи аз ин вазъият баромаданро ҷуста, ба пиёлаи холии дар дасташ буда чой рехту ба Сафар дароз кард ва гуфт:

– Хайр, бало ба сари худаш. Биёед, гапи худамонро занем.

Сафар хомӯш пиёларо аз дасти Бобо гирифту ба лабаш бурда аз чой як қулт нӯшид. Юнусбобо боз Сафарро ба гап андохт.

– Кай рафтанатон маълум ҳаст ё не?

– Ҳеҷ кас намедонад.

– Гитлери ҳаромӣ ҳам дар наздики Маскав хуб шатта хӯрдаст-а, писар?

– Ҳа, худаш ҳам то ҳоло дар ҳеҷ ҷо ин хел шатта нахӯрда буд.

– Иншооллоҳ ана – мана нагуфта, роҳи омадаашро гум карда, ба қирон гирифтор мешавад, ноинсоф.

– Канӣ акнун моро ҳам зудтар мефиристоданд, – гӯён Сафар ба модараш нигоҳ карда монд.

– Чӣ, дар он ҷо ягон чизи ноёб будаст, ки оё наравӣ хушк мемонӣ? – пурсид модар.

– Аҷаб ба гап лочинпарвоз-дия шумо, хоҳар! – гуфт Юнусбобо киноямез. – Ин чӣ хел мешавад, ки ба аскарӣ рафтам гуфта боз аз нисфи роҳ гашта ояд?!

– Аз дасти ин чӣ ҳам меояд мегӯед, додар? – боз писари худро ноӯҳдабаро шуморида гуфт Умрихола.

– Муаллимро ин қадар паст назанед, оча, – гуфт Зебӣ тарафи Сафарро гирифта.

Сафар аз гапҳои модараш табассумкунон мени-

шасту ба баҳсу мунозира шарик шуданро лозим ҳам намешуморид.

– Чойро гиреде, хоҳар, – гап зад ба ӯ Бобо, пиёларо дароз карда, – вақташ ояд, баъд худам салом медиҳам. Писар, ҷавобан ба ҳамин гапҳои модаратон, пайташ ояд, як кор нишон диҳед, ки дар байни мардум достон шавад.

Дар болои ҳамин сухани Юнусбобо аз даруни шаҳрчаи ҳарбӣ бонги ҷамъомад баланд шуда, онро боди сабуки бегоҳирӯзӣ ба хеле дуриҳо бурд.

– Хайр, вақти ҷамъомади бегоҳӣ ҳам шуд, – гӯён Сафар аз ҷояш ҷаҳида бархост. – Пагоҳ рӯзи дамгирӣ, тавонам, худам ҷавоб гирифта ба деҳа рафта меоям.

Умрихола, Юнусбобо бо Сафар самимона хушбошӣ карданд. Зебӣ ба дасти дарозкардаи Сафар даст надода, «То онсӯтар ҳамроҳ равем» гуфту ба сӯи дарвозаи шаҳрчаи ҳарбӣ баробари Сафар қадам ниҳода, гапҳои дар ин ҷо нагуфтаи худро ба вай нақл кард.

– Чӣ маслиҳат медиҳед? – пурсид Зебӣ аз Сафар, – бачаҳои синфҳои болоро ба ёрии кори колхоз барорам мегӯям.

Сафар гуфтаҳои Зебиро бодиққат гӯш карда, ба маслиҳатпурсии вай:

– Ташаббуси шоёни таҳсин! Кори нағз мешавад, албатта... – гуфту ба чашмони ҳалими Зебӣ дере нигоҳ карда монд.

Вақте ки Сафар ба Зебӣ даст дода, хайрухуш мекард, акнун Зебӣ дурусттар ҳис намуд, ки дастони Сафар мисли пештара мулоими майдаяк не, балки гӯштҳояш шах ва пӯсти рӯю кафҳояш дағар – буғур шуда буданд. Зебӣ дасти Сафарро сар надода, сари шармгинона поён фуровардаашро оҳиста боло бардошт. Дар ин асно чашмони ҳар дуи онҳо боз ба ҳам афтода, ба лабҳои ҳанӯз ба бӯсаи муҳаббат ташнаашон табассуми ширин давид...

## БОБИ НӮҲУМ

Меҳмонхонаи Мирбадал. Дар токча лампаи ҳафтуми шишааш хира дармегирад. Ду тирезае, ки якеаш ба тарафи кӯча, дигараш ба тарафи ҳавлии дарун нигоҳ

мекунад, бо пардаи карбос пӯшида шудааст. Дар пешгоҳи хона, дар болои кӯрпачаи нимдошти адрас шахсе сарашро бо рӯймол баста хоб мекард. Ранги рӯи ӯ аз ранги зардчатоби чароғ чандон фарқ намекард, ба ришу мӯйлабаш як ҳафта инҷониб поку норасида буд. Чашмони нимпӯши вай ҳар замон базӯр гоҳ ба шифт, гоҳ ба девор дӯхта мешуданд. Баъзан ӯ аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гашта, нолише мекард.

Ин Мамараҷаб буд.

Дар паҳлӯи вай, рӯ ба сӯи Мамараҷаб нигаронда, Мирбадал менишаст, ки ӯ аз кирдори худ сад пушаймонӣ дошт.

– Заб одами ба дард сабук будаед-дия, ҷиянам, – гуфт Мирбадал аз бетоқатии Мамараҷаб дилгир шуда, – боз як рӯз тоқат кунед, ҳамааш гузашта меравад.

Мамараҷаб ҳар як ҳиҷои суханашро канда – канда бедармон ҷавоб дод:

– Як дарди шумо додагӣ мебуд, гап дигар буд.

– Хӯш, боз чӣ дарди дигар доред?

– Коре шуд, ки аз ин монда, аз вай ронда шудам...

– Ҳоло ҳеҷ чиз нашудааст, – ба тасаллодиҳӣ сар карда гуфт Мирбадал, – агар гап дар болои ҳамон муаллимаи сатанги беқайд бошад, кирои ба хотир овардан ҳам намекунад, дар дунё чӣ бисёр – духтари модараш набӯсида...

– Ба ин повестка чӣ мегӯед? – Мамараҷаб даъватномаи Комиссариати ҳарбии ноҳияро, ки дар қабати кӯрпача буд, нишон дод.

– Ба ин бошад, ранг бину ҳол пурс. Дар ҳамон военкомат нишастагон ҳам ба афтатон як нигоҳ карда, ҳамон замон аз баҳри шумо барин ҷанговар мегузаранд.

– Ба болои ин дар бораи Москва ҳам авлиёгии шумо дуруст набаромад.

Ин гапи Мамараҷаб аҳволи рӯҳияи Мирбадалро якбора тағйир дода, ӯро ранҷондагӣ барин намуд. Вай дастонашро ба ҳам молиш дода, ба афти Мамараҷаб бо хашм нигоҳ мекард. Вай то ин дам кӯшиш мекард, ки ҳар гап шавад ҳам, дар бораи беҳуда баромадани орзую умедҳои оид ба зуд аз даст рафтани Москва аз

касе гапе нашунавад. Вале офтобро бо доман пӯшидан мумкин нест. Мамараҷаб боз сухани худро давом дода, ба Мирбадал киноя кард:

– Дар ин мобайн каромоти ба ман нишон додаатон монду бас...

– Акнун ҳар чӣ гӯед ҳам, вақташ гузашт, – гуфт Мирбадал овозашро баландтар карда ва Мамараҷабро тарсонданӣ, ӯро аз мулоҳизаҳои ҳаққониаш баргардонданӣ шуда, – чизе ки байни мову шумо гузашта бошад, бояд дар ҳамин ҷо монад, набошад аввалан ба пои худатон теша мезанед. Кӯтоҳаш ҳамин ки «Пои мурғ чандта? Якта».

– Қаҳратон наояд, амаки Мирбадал, – ҷавоб дод Мамараҷаб аз гуфтаҳои худ ранҷидани Мирбадалро пай бурда, – охир, ин кор боз «узри бадтар аз гуноҳ» нашавад мегӯям.

– Агар забонро ба ихтиёри худаш намонда, ба паси дандон маҳкам нигоҳ доред, ҳеҷ чиз намешавад. Агар не гӯед, аз худатон гиламанд бошед. Ҳаминро ҳам хуб фаҳмида гиред, ки пеши ҳамаи касофат ва бесаранҷомиҳои ба сари шумо омадагӣ худи ҳамон хушдоратон муаллима ва ошиқи вай Сафар мебошад. Аз бахилӣ шуморо дида натавонист. «Сафар ба ҷанг раваду Мамараҷаб чаро аз хавфу хатар дар ин ҷо халос хӯрда мемондааст» – гуфта ба военкомат хабар додагӣ ҳам ҳар дуи ҳамонҳо. Набошад, дар як вақте ки саг соҳибашро намешиносад, киро ба кӣ кораш ҳаст?

Мамараҷаб хомӯш монда, ин гуфтаҳои фитнаангези амакашро дар фикри худ таҳлил мекард. Боз азму ихтиёри ноустувори ӯ ба ҳар кӯчаи каҷу килеб даромада мебаромад. Вақте ки ба гӯши Мамараҷаб номи Зебӣ ва Сафар расид, вай ба чунин хулоса омад, ки «Дар ҳақиқат мумкин аст неши касофат Сафар ё Зебӣ бошад. Чунки Сафар Зебиро, Зебӣ Сафарро дӯст медорад. Агар Зебӣ дуюмин бор ба вай кас мондани Мамараҷабро ба Сафар расонда бошад, вай аз ғазабу рашк ҳар кор кунад ҳам, кардагист, ба болои ин Сафару Зебӣ дар назди калоншавандаҳои қишлоқу колхоз аз Мамараҷаб дида иззату эътибори зиёд доранд, дар ҳар ҷо бо маҳмаддоноӣ росту дурӯғро маъқул ҳам карда

метавонанд. Ана ҳамин тавр, мумкин аст ҳар дуи онҳо болои ҳам се бор даъватнома фиристодани комиссариати ҳарбиро низ ташкил карда бошанд, илова ба ин ҳар замон кай ба аскарӣ рафтани ӯро пурсидани раиси колхоз-акои Олим, котиби ташкилоти ҳизбӣ Одил Саркор, Юнусбобо ва дигарон ҳам аз иғвои ҳамин ду рақиб бояд бошад!..»

Мамараҷаб бо ин хулосаҳои худ ба танобе, ки аз дили бадкини Мирбадал сар мезад, аз нав печ хӯрда, торафт ба ишкел афтода мондани худро намефаҳмид. Баръакс, ин фикру хаёлҳо аз дили бадгумони вай чуқуртар ҷой гирифта, ихтиёри худро ба дасти Мирбадали «ғамхӯр» медоданд. Мирбадал ҳам «аз ҷои нозуки фикри ҷияни худ» маҳкам дошта, бадтар мақсади худро зоҳир месохт ва таноби Мамараҷабро, ки вай ҳар замон фикрҳои ба Мирбадал номаъқул изҳор мекард, тарангтар кашида мемонд.

– Боз мегӯям, ки ин гапҳо дар байни худамон монад, – гуфт такроран Мирбадал ва Мамараҷаб, ки ӯ ба як кунҷи девори хона беҳаракат чашм дӯхта монда буд, – шумо аз ман барои камтар бедармон шуданатон сахт хафа шуда бошед ҳам, майлаш, боз ба ҷони ҷавонатон дили ана вай ошиқу маъшуқҳо, ҷигарам!

Мамараҷаб ҳамаи гуфтаҳои амакашро хомӯшона гӯш карда, ҳеҷ ҷои эътирозкунӣ намеёфт. Баръакс, ин суханҳо дар дили вай мавҷи аламу ғуссаҳои навро ба ҷӯш оварда, ӯро бадтар бетоқат мекарданд. Вақте ки Мамараҷаб охирин ҷумлаҳои Мирбадалро шунида, бо бетоқатӣ аз ҷояш нимхез шуду бо як уф кашидан буғзи дилашро холӣ кард, аз ин уфи вай ҳавои хона ҳам ба мавҷ омада, забонаки торафт хомӯшшавандаи чароғро лип – лип ба ҷунбиш овард.

– Равғани чароғ ҳам адо шуд аз афти кор? – гуфт Мамараҷаб.

– Ман гуфтам, чаро ин қадар паст дармегирифта бошад, – гӯён Мирбадал ба чароғи дар токча истода даст дароз кард. Керосини чароғ ба охир расида буд. Фақат пилтаи равғанолуди вай сӯхта, хонаро бӯи ғализ фаро мегирифт.

– То равған рехта оварданам дар торикӣ наметар-

сед? – бо оҳанги кинояомез пурсид Мирбадал.

– Боз аз афти худам ягон кас натарсад мегӯям, – ҷавоб дод Мамараҷаб бо ангуштонаш ришу мӯйлаби расидаашро молида.

Мирбадал чароғ дар даст аз хона баромад. Дар хонаи торик танҳо Мамараҷаб монд, ки ӯро кадом як «доруи» се-чор рӯз пеш аз ин бо дасти амаки «ғамхораш» пешкаш кардашуда ба ин ҳол гирифтор карда буд.

Азму ихтиёри Мамараҷаб, ки акнун дар дасти Мирбадал буд, торафт суст мешуд. Мамараҷаб ба он одат карда буд, ки дар ҳаёт аввал фақат худашро пеш гузорад. Дар оқибати ҳамин гуна фикру мулоҳизаҳо Мамараҷаб ба муҳаббат танҳо аз нуқтаи назари ҳирси ҳайвонӣ нигоҳ мекард... Ҳамаи инҳо Мамараҷабро дар дасти Мирбадал зоча карда буданд. Мирбадал ҳам кинаю адовати дар кунҷи дилаш боқимондаро, каме бошад ҳам, ба амал бароварданӣ шуда, ҷияни худро дар ин роҳ «қурбон» мекард. Мехост, ки аз қафои девор истода таъсири кирдорҳои худро тамошо карда хандад, буғзи ғубори дилашро барорад.Вай барои ин ҳатто духтари понздаҳсолаи худ Барноро, ки дар синфи панҷуми мактаби деҳа мехонд «қурбон» кардан хост.

Баъди ба чароғ равған андохта баромадан вай мавқеи худро мустаҳкамтар карданӣ шуда, ба Мамараҷаби хаёлпарешон гуфт:

– Бед, аз ҳамин соат ҳамон Зебии якпула ҳаёю номус надоштаро аз дилатон бароварда партоед. Ман ба як маслиҳати дигар омадам: «Девор афтад ҳам, ба дарун афтад» гуфтаанд, ғам нахӯред, ба шумо духтари худамро тӯй карда медиҳам.

Мамараҷаб, ки дигар ба ҷавоби мусбати Зебӣ умед надошт, ин пешкашкунии Мирбадалро ба дилаш рӯшноӣ афтодагӣ барин, бо хушҳолӣ қабул кард. Вай гӯё шарм медошту сарашро поён фуроварда хомӯш менишаст.

– Аз пагоҳ ба мактаб ҳам намеравад, – гуфт Мирбадал.

– Монед, барои ҳамин ҳам боз ба ягон балои дигар

намонем, – ҷавоб дод Мамараҷаб сарашро набардошта дилу бедилон.

– Ба чӣ бало мемонем? Духтар духтари ман аст, хоҳам мехононам, хоҳам ба шавҳар медиҳам. Чӣ, акнун оё духтарам ҳам пошшогӣ шуд? – Мирбадал ин суханҳоро бо як хашму ғазаби фавқулода мегуфт ва дар ҷумлаи охирини вай ифодаи алами кӯҳна ҳам буд.

Ба Барнои ақлу ҳушаш расо, бафаҳм ва ҳамеша хандон ин «орзуи2 падараш чун санге буд, ки ногаҳон ба чашм омада зада бошад. Ашкҳои беихтиёр аз чашмони ҳалими вай ҷоригашта, рухсори аз оташи алам тафсидаашро тар мекарданд. Вай дар хамин вазъият ба назди муаллимаи худ Зебӣ давида рафт ва гирёну нолон аз вай илтиҷо кард, ки ба ин кори падараш ҳаргиз роҳ надиҳанд, ӯро аз хондан маҳрум накунанд.

– Зебӣ – ҳамчун сарвари мактаб, худи ҳамон рӯз ин гапро ба раиси деҳшӯро, раиси колхоз ва котиби ташкилоти ҳизбӣ колхоз хабар дода, дар бораи мудофиа кардани талабу ҳуқуқи толибаи худ ба онҳо хати расмӣ ҳам навишт.

Рӯзи дуюм аз рӯи ҳамин масъала Мирбадал ва Мамараҷаб ба идораи деҳшӯро даъват карда шуданд.

Раиси деҳшӯро Шодмонов, ки марди миёнсоли ба ришу мӯйлабаш сафедӣ афтода буд, дар пеши мизи кори худ бо қиёфаи ҷиддӣ менишаст. Дар паҳлӯи рости вай Одил Саркор ҳам буд.

– Шумо зан гирифтанӣ ё ба аскарӣ рафтанӣ, Мамараҷаб? – пурсид Одил Саркор.

– Аз афташ, ҳар дуяш ҳам баҷо оварда мешавад, – гуфт Шодмонов аз зери абрувони ба болои чашм хамидааш нигоҳ карда.

– То ба аскарӣ рафтан орзую ҳавасаш шиканад гуфта будем, раис, – ҷавоб дод Мирбадал.

– Аҷаб вақти орзу – ҳавасшиканиро ёфтед, – гуфт Шодмонов. – аввало ҳамин ки орзу – ҳавас гуфта қонуни ҳукуматро поймол карда намешавад, чунки духтаратон ҳоло ба балоғат нарасидааст, дуюм ҳамин ки Мамараҷабро ҳоло ҳеҷ кас аз хизмати аскарӣ тамоман ҷавоб надодааст.

– Ҳукумат ин касали нимҷонро чӣ кор мекунад? –

гуфт Мирбадал ба афти дар изтироб будаи Мамараҷаб ишора карда.

Ба гап боз Одил Саркор ҳамроҳ шуд.

– Худатон нимҷон мегӯеду боз худатон ба домодкунии нимҷон мешитобед-а?

Мирбадал аз гуфтаи худаш пушаймон шуда, дар ҷои нишастааш нотинҷ ҷунбида гирифт.

– Мамараҷаб! – хитоб кард ба вай Шодмонов, – нафасатро барор, ба ту чӣ шуд? На гап мезанӣ, на як йигит барин қомат рост карда нишаста метавонӣ. Чӣ, магар забонатро занбӯр газид?

– Дармонам нест, раис, – ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Дарди ишкам хеле бедармон кард. – илова намуд Мирбадал пеши гапро гирифтанӣ шуда.

– Дигар касал-ку надорӣ? – пурсид Одил Саркор.

– Не, дигар чӣ касал медоштам? – ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Дар хона хоб карда дар фикри зангирӣ шудан – қатӣ дарди шикам дуруст намешавад, – гуфт Шодмонов ба Мамараҷаб ва ба гап давом кард, – зангирӣ гурехта нарафтааст, аввал саломатиатро дуруст кун, ба военкомат рафта масъалаи ба хизмати аскарӣ рафтан – нарафтанатро ҳал карда биё. Охир, ту аз кадом бачамардони ба хизмати аскарӣ рафта камӣ дорӣ? Шунидӣ, Сафар чӣ хел аллакай то командирӣ расидааст?

– Шунидам.

– Ҳа, бале. Шунида бошӣ, магар аз вай қафо мондан барои ту айб нест? Ту ҳам хату савод дорӣ, ақлу идрокат дар ҷояш, ғайрат кунӣ, аз ӯҳдаи ҳар кор баромада метавонӣ. Агар ду даст ба киса андохта, аз ҳоло худатро аз байни мардум ба канор кашию аз пайи орзу – ҳавасҳои номаъқул шавӣ, он гоҳ, ҳеҷ кас ба ту «бале» намегӯяд.

– Албатта, гапатон ҳақ, раис, – гӯён Мирбадал ба сухан ҳамроҳ шуд, – лекин Мамараҷаб аз хурдиаш ҳамин хел фақиракак калон шуд, Сафар барин мусофират ва ба ҳар тараф рафтуомадро надидааст.

– Чӣ, магар ҳоло ҳам кӯдак барин ба ёрии каси дигар мӯҳтоҷӣ дорад? – савол дод Одил Саркор.

– Ин қадар ҳам нею ҳарчи бошад ҳам, мисли дига-

рон худашро ба ҳар кор мезадагӣ не, раис, – ҷавоб дод Мирбадал.

Одил Саркор ба Мирбадал расонда гап зад:

– Агар ҳозира барин бо фикру мулоҳизаи худаш кор накарда, доимо дар паҳлӯяш ба ҷои вай мадҳиягӯи дигар мешуда бошад, албатта аз остонаи хона як қадам ҳам дур рафта наметавонад.

Боз нафаси Мирбадал ба дарун афтод. Мамараҷаб дигар ба таънаю кинояҳои Шодмонов, Одил Саркор ва ҷавобҳои номаъқули амакаш тоқат карда натавониста гуфт:

– Агар нотоб намешудам ман ҳам ҳеҷ гоҳ аз қатори Сафар намемондам, чӣ шуду нотобӣ ба миёни кор лағад зад, раис.

Шодмонов боз таъкид кард:

– Ҳеҷ кас нотобии туро таъна намезанад ва ҳеҷ кас туро «хонадор нашав» ҳам намегӯяд. Масъала дар болои ҳамин ки ҳар кор вақт дорад. Аввало мо ба амаки ту Мирбадал мегӯем, ки ба фарзанди худ пештара барин аз рӯи ҳукми шахсӣ нигоҳ накунанд. Он замонҳо кайҳо гузашта рафтанд. Монед, духтар хонад, як чизро мефаҳмидагӣ шавад.

– Ҳозир ҳам ман «нахонад» намегӯям, раис. Лекин, ба фикрам, ман ҳоло ҳаққи падарии худро гум накардаам, – гӯён Мирбадал пешхезӣ кард.

– Албатта, ҳеҷ кас инро инкор намекунад, – ҷавоб дод Одил Саркор, – аммо падар бояд падарӣ кунад, на ин ки қадимҳо барин «духтар – амонати кас, чӣ қадар ба соҳибаш зудтар супорем, ҳамон қадар хотирҷамъ мешавем» гӯяд.

– Наход ман ба фарзанди худам бадиро раво бинам, Саркор, – ҷавоб дод Мирбадал.

– Модоме ки ҳамин хел будааст, монед духтаратон дар ҷавониаш хонад. Вақташ ояд, худи мо дар тӯяш хизмат мекунем, – гуфт Шодмонов аз ҷояш хеста, сонӣ ба Мамараҷаб муроҷиат кард. – Додарам, худи ту ҳам дурусттар фикр кун, аз ин тараф хонадор шуда, аз ин тараф зани навро партофта ба хизмат рафтан чӣ маънӣ дорад? Албатта ба аскарӣ бо занат намеравӣ... Рав, худатро ду-се рӯз табобат кун, ба военкомат вохӯр, канӣ,

чӣ мегӯяд. Агар ман дар синни ту мешудам, эҳе, ҳамин вақт чӣ корҳо, ки намекардам. Охир, ҳозир дар дунё ду чашми ҳама ба шумо барин бачамардони забардаст дӯхта шудааст. Ана бачаҳои аз қишлоқи мо рафтаро бин. Дар кӯчаи Сталинобод гарданд, мардум аз тамошои онҳо сер нашуда, фақат офарин мехонанд.

– Рост, рост, хуб гуфтед, – гӯён Мирбадал аз ҷояш хест, – хайр, ҳар чӣ аз мо гузашта бошад, мебахшанд. Маслиҳатҳои хуб додетон, минбаъд корамонро аз рӯи ҳамин дониста мекунем, албатта.

– Худам ҳам пасфардо ба военкомат меравам, мефаҳмам, – гӯён Мамараҷаб ҳам ба асо такя карда аз ҷояш хест.

– Ҳа, аввал худатро ба духтур нишон деҳ, бародар, – гӯён Одил Саркор гап зад, – ду-се рӯз дам гир, муолиҷа кун. Агар қонунӣ ҷавоб диҳанд, ана сонӣ гап дигар.

Шодмонов онҳоро то дари баромад гусел карда гуфт:

– Панду насиҳати мо ба фоидаи туст. Коре кун, ки ба таънаи дигарон намон.

Мирбадал гуфтаҳои Шодмоновро тасдиққунон аз қафои Мамараҷаб берун баромада, ҳар ду ба сӯи ҳавлӣ роҳ гирифтанд. Дар роҳ Мирбадал боз фикри Мамараҷабро бо фитнаю иғвоҳои нав пур мекард:

– Нагуфтам, ҷиянам. Ин ҳамааш кори ҳамон ошиқу маъшуқҳо ва тарафдорони онҳо. Дидед, аз аввал то охир рангу рӯи шуморо дида истода, фақат хизмати аскариро гап заданд. Як «хезед, ҳозир боратонро бардошта ба ҷанг равед» нагуфтанду бас.

– Ман ҳам гуфта будам-ку, масъалаи духтаратон ҳам касро ба бало мемононад, – илова кард Мамараҷаб.

– Духтарам баҳона шуда, гапу ҳарфи ба аскарӣ нарафтани шумо шуд.

– Коре карда як рафта наоям, намешудагӣ барин.

– Канӣ пагоҳ – фардо район равем, дар военкомат будагон чӣ мегуфта бошанд, баъд ба тақдир тан дода, роҳи дигарро ҷустуҷӯ мекунем, ҷиянам...

Аз мобайн як ҳафта нагузашта Мамараҷабро бо супориши комисариати ҳарбӣ дорую дармон карда,

пештара барин ба рангу рӯ даровարданд ва ба по гузоштанд. Баъд аз сиҳат шудан, вай аз военкомат даъватномаи ба хизмати ҳарбӣ рафтанро ҳам гирифт.

– Акнун кори намешудагӣ шуд, – гуфт Мирбадал ба даъватномаи Мамараҷаб ало-ало чашм андохта, – гуфти худам, нешу касофати ин кор ғайр аз ҳамон Сафари худобехабар ва хушдораш Зебии нотавонбин, дигар кас не.

– Акнун ба тақдир тан медиҳем, дигар чӣ илоҷ? – ҷавоб гардонд Мамараҷаб бо як оҳанги маъюсона.

Мирбадал ин гапи Мамараҷабро хулосаи охирини ҳамаи корҳои шудагузашта шуморида, ба вай барои оянда дастуромез гап мезад:

– Ба тақдир-ку тан медиҳед, лекин вақту пайташ ояд, ба ҳамон Сафари худобехабар тан надиҳед.

– Чӣ хел мешавад? – гуфт Мамараҷаб, – вай аз ҳама пештар рафта аллакай командир ҳам шудааст-ку?

– Шумо ҳам ба ҳамон қисм меравед? – пурсид Мирбадал.

– Ҳа, худам ба ҳамон ҷо фиристоданро хоҳиш кардам.

– Майлаш, хуб кардед. Рафта бо вай дар як ҷо бошед, як кор карда худатонро нағз нишон диҳед, агар мабодо гапҳои гузашта саҳл – саҳл ба гӯши вай расида бошад, «ҷӯра, дар ҷавонӣ мешавад-дия, камтар беақлӣ кардам» гуфта, аз вай пештар гуноҳро ба гардан гиред, сонӣ худи вай ҳам «ҷӯйбории худамон» гуфта, хизмати шуморо хеле сабук карданаш мумкин. Баъзан пул – мул дода истед, хусусан дар мусофирӣ ин муллоҷиринг хеле кор медиҳад, ғайр аз модари кампир, дигар каси ёрирасон ҳам надорад, албатта аз пул мӯҳтоҷӣ мекашад. Лекин ҳаргиз сабаби панҷ-шаш рӯз касал шуда хоб кардани худро аз даҳон набароред, ки худатон ба сари худатон об мерезед, – ин суханҳои охирини Мирбадал ҳушу хаёли Мамараҷабро парешон кард ва ӯ фақат «нее, наход» гӯён дар тамоми аъзои баданаш ларзаи ногаҳониро ҳис намуд.

Онҳо аз комиссариати ҳарбии район ба сӯи Ҷӯйбор роҳ гирифтанд. Аз рӯи ҳисоби сол фасли зимистон до-

хил шуда бошад ҳам, ҳаво нарм, роҳи деҳа пурчанг буд. Якта – нимта баргҳои рангашон заъфароншуда, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷои шоххҳои дарахтон андармон буданд, аз боди хунуки саҳро ширт-ширт канда шуда, ба зери по меафтоданд.

Дар шохаҳои баланди сафедору бедҳо лонаҳои паррандаҳо, ки соҳибонашон кайҳо насли худро ба воя расонда, ба ҷойҳои гарм парвоз кардаанд, ба чашм намоён мешуданд.

Дар ду тарафи роҳ заминҳои як қисмашон нав шудгоркардашуда ва як қисмашон ҳанӯз аз ғӯзапоя тозанашуда паҳн гашта буданд.

Дар ҳар ҷо – ҳар ҷои заминҳои шудгоршуда зоғу заған бесаранҷом тӯда-тӯда менишастанду минқор ба хок зада, кирму ҳашарот меҷустанд. Ҳамин ки трактори заминрон ба сӯи ин зоғу зағанҳо наздик меомад, онҳо якбора хӯсида ба осмон паҳну парешон парвоз мекарданд.

Зану мардоне, ки дар мобайни ғӯзапояҳо қомат хам карда ғӯзапоя мекананд, аз дур ба чашми кас мисли гулҳои рангоранг намудор мешуданд. Оби зулоли кӯҳсорон, ки ҷӯйҳои дар ду канори роҳ дарозкашидаро пур карда ҷорӣ мешуд, дар баъзе ҷойҳо аз канор баромада, ба худ аз кӯча ва аз марзаҳои замин роҳи нав мекушод.

Баъди ба роҳи деҳа даромадан, аз рӯ ба рӯи хеле дур дарахти гунбазшакли ҳанӯз баргҳояш каб – кабуд намоён гашт.

Ин ду чанор дар миёнҷои деҳаи Ҷӯйбор қад кашида буд, ки ба ҳар каси ба ин сӯ пойниҳода нишонаи роҳнамо шуда хизмат мекард.

Мамараҷаб ва Мирбадал ба ҳамин чинор рӯ ба рӯ шуда буданд, ки аз дур ба чашми онҳо шахси аспсаворе намоён гардид. Мирбадал дасти чапашро ба пешонааш бурда, чашмонашро аз офтоби акнун ба ғарбхамида panaҳ карда, ба он сӯ назар афканд.

– Раис омада истодааст, – гуфт Мирбадал.

– Шодмонов-мӣ? – пурсид Мамараҷаб ҳам дасташро ба пешонааш соябон карда.

– Ҳа, худи худаш. Биёед, боз бо вай рӯ ба рӯ нашавем, – гӯён Мирбадал ба тарафи рост ба пайраҳае, ки аз мобайни найзори сари роҳ гузашта мерафт, баргашт. Аз паси ӯ Мамараҷаб ҳам ба ҳамон сӯ рафт. Ҳар дуи онҳо мисли гурги аз таъқиб гурехта дар мобайни найзору заҳбурҳо ғоиб шуданд...

## БОБИ ДАҲУМ

Аз аввалин бор рӯ ба рӯ шудан ба Сафар хаёлу нақшаҳои Мамараҷаб аз ёдаш набаромаданд. Рӯзе ки сарфармондеҳи рота мисли Мамараҷаб ҷанговарони нав омадаро ба ихтиёри сержант Сафар Одинаев супурд, Сафар аввало якчанд дақиқа бо онҳо пурсупос карду баъд ҳамаашонро саф ороста, талабу қоидаҳои ибтидоии хизмати ҳарбиро нақл кард ва сонӣ як-як либоспӯшии онҳоро санҷида, ба назди Мамараҷаб омад. Вай тасмабандӣ, тугмагузаронӣ, пайтобапечонӣ, телпакпӯшии ӯро аз назар гузаронда гуфт:

– Бо ин намуд, рафиқ Мамараҷаб, шуморо ҳеҷ кас аскари сурх намегӯяд. Ин чӣ, ба холигии тасмаатон боз як миёни одам меғунҷад, шамол бошад, бемалол аз остинатон даромада аз гиребонатон баромада меравад?!

– Одами навкор, ҷӯра, – ҷавоб дод сурху сафед шуда Мамараҷаб, – айб намекунед.

– Ҷӯрагии мову шумо талабҳои низомномаро дигар карда наметавонад, – таъкидомез гап зад Сафар ҷиддияти худро тағйир надода.

– Инашро намефаҳмидам, – гуфт Мамараҷаб тасмаашро тарангтар баста.

– Акнун бояд фаҳмед, – гӯён Сафар ба назди ҷавонмарди нисбат ба дигарон фарбеҳтари кулӯла омад, – шумо ҳам тасмаро тарангтар бандед, пайтобаро саҳл аз болотар печонед.

– Аз ҳаминаш ҳам шикам дард карда истодааст, рафиқ командир, – гуфт ҷавонмарди кулӯла вазнин-вазнин нафас кашида.

– Зарар надорад, оҳиста-оҳиста дардаш барҳам мехӯрад, – ҷавоб дод Сафар худаш тасмаи ӯро боз як

сӯрох тарангтар баста. – Ду-се бор аз сангар ба сангар хазед, зуд шикаматон ҳам ҳамвор шуда мемонад.

Сафар, баъди ба тартиб даровардани сарулибоси ҷанговарони нави худ онҳоро ба аскархона бурда ҷойгир кард. Аз қадами аввал муомилаи расмӣ кардани Сафар Мамараҷабро ба фикру андешаҳои дур водор намуд, гумон мекард, ки Сафар барои рафторҳои нисбат ба Зебӣ кардаи ӯ, барои чораҳое, ки бо мақсади аз хизмати аскарӣ халосхӯрӣ карда буд, аз вай қасос гирифтанист.

Ба Мамараҷаб махсусан он чиз бегона менамуд, ки Сафар бо ӯ ба ҷои муомилаи мулоимона, акнун ба таври ҷиддӣ, бе хандаи беҳуда, кӯтоҳ – кӯтоҳ, бурро ва қатъӣ гап мезад. Вай аз тағйирёбии куллии хулқу атвори Сафар худ аз худ ба он хулосае меомад, ки маслиҳату роҳ нишон доданҳои охирини Мирбадал ҳам дар ин ҷо ба кор нахоҳад рафт. Дар баробари ҳамин, аскархона нишасту бархостҳое, ки қатъиян аз рӯи тартиби дохилӣ ба ҷо оварда мешуданд, интизоми сахт, таълиму машққое, ки рӯз то рӯз мушкилтар мешуданд, сахтию маҳрумиятҳое, ки минбаъд дар хизмати ҳарбӣ аз сар гузаронда мешуд, дар пеши назари Мамараҷаб қуллаи пойнорас барин намуда, ба дили ба сахтиҳо одатнокардаи ӯ воҳимаи нав меандохтанд.

Вақте ки Мамараҷаб бо ҳамин мулоҳизаҳо хаёлпарешон менишаст, ба болои сари ӯ Сафар омада ҳолпурсӣ кард:

– Чӣ шуд, ҳамқишлоқӣ, ин қадар хаёлпарешон нишастаӣ?

– Ҳеҷ, ҳамин тавр ба гап – гапи инҳо гӯш карда нишастаам, – гӯён Мамараҷаб ба ӯ аз паҳлӯяш ҷой нишон дод. Як гурӯҳ ҷанговарон, ки дар харакҳои гӯшаи ленинии казарма менишастанд, баробари дидани Сафар аз ҷо хестанд. Мамараҷаб ҳам дигаронро дида, сонӣ, аз ҳама охир аз ҷояш хест. Баъд аз ҷанговаронро ба нишастан таклиф кардан, худи Сафар ҳам аз паҳлӯи Мамараҷаб ҷой гирифта, ба ӯ, ки аз рафтори худ шарм медошт, бо табассум нигоҳ кард,

– Даррав Ҷӯйборро ёд кардагӣ барин менамоӣ-а?

– Ватан-дия, рафиқ, – Мамараҷаб ба замин нигоҳ

карда ҷавоб дод.

– Магар фақат ту ватан дорӣ? Мо ҳам, ҳамаи ҳаминҳо ҳам ватан доранд, – гуфт Сафар ба ҷанговарони хомӯш ба гапи Сафар гӯшдодаистода ишора намуда.

Мамараҷаб ҷавоб нагардонд. Сафар боз ба сухани худ давом кард.

– Бале, ватанро фақат ёд кардан кам аст. Чунон писар бош, ки ватан ҳам туро доимо ёд кунаду дӯст дорад.

Сӯҳбати онҳоро садои баланди «Смирно!», ки дар тамоми аскархона ҷарангос зад, бурид.Ҳама ба по хеста, дар ҳолати низомӣ истоданд. Дар пеши дари аскархона навбатчии казарма ба каси болопӯши сиёҳи чарминпӯш, ки дар ҳар ду петлитсаи сурхи гиребонаш дутоӣ нишонҳои хиштмонанд дошт, гузориш дод.

– Рафиқ комиссари баталйон! Ҷанговарони баталйони якум дар танаффуси пас аз хӯроки бегоҳӣ мебошанд. Навбатчии баталйон лейтенанти калон Коробченко.

Комиссари баталйон, ки ҳамчунин комиссари ҳамин қисми миллии тоҷикӣ буд, аз шунидани рапорт «Озод!» истодани ҷанговаронро фармуду ба дида баромадани казарма ва ҷанговарон сар кард. Вай баъд аз чанд дақиқа ба назди ҷанговарони Сафар омад. Ҷанговарон комиссари худро бо иззату эҳтироми низомӣ пешвоз гирифтанд.

– Сафар, имрӯз ба отделенияи ту рафиқони нав омаданд?

– Ҳа, рафиқ комиссар. Мана ҳамин панҷ кас, – ҷавоб дод Сафар, Мамараҷаб ва боз чор каси дигарро нишон дода.

– Ҷои хоб, хӯрок ва сарулибосашон пурра таъмин аст?

– Бале. Ҳамааш, рафиқ комиссар.

– Инҳо аз куҷо мешаванд?

– Ду кас аз Ҳисор, се кас аз Варзоб, рафиқ комиссар. Ана ин кас ҳамдеҳаи худам, – гуфт Сафар Мамараҷабро нишон дода.

– Оҳо, бисёр нағз. Номат чист, рафиқ?

– Номам Мамараҷаб, номи падарам Юсуф, рафиқ сардор.

– Ана, ба шумо бисёр хуб шудааст, бо ҳамдеҳаатон дар як ҷо зиқ намешавед, – гуфт комиссар ва хандида – хандида ба гап давом кард, – акнун даҳ сол дар аскарӣ бошед ҳам, чӣ парво?

Сафар ба симои Мамараҷаб нигоҳ кард. Вай ба замин чашм дӯхта буд.

– Аз ҳоло ватанашро ёд кардааст. Рафиқ комиссар, – гуфт Сафар чашмонашро аз Мамараҷаб наканда. Мамараҷаб ба Сафар нигоҳи норозиёна карду гуфт:

– Дар мусофирӣ кӣ ёд намекунад?

Комиссар абрувони кӯтоҳ – кӯтоҳи худро чин карда, чашмони сердиққаташро ба Мамараҷаб дӯхт.

– Чӣ илоҷ, Мамараҷаб, ҳамаамон ҳам ёд мекунем. Лекин ин муваққатӣ аст. Ин хизмати мо адои ӯҳдадории муқаддас аст. Медонед, дар байни халқ чунин зарбулмасал аст: «Мард бояд, ки ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад...» Агар аз ҳоло аз душвориҳо тарсида, зуд худро гум карда ҳаросон шавед, оқибаташ чандон хуб намешавад.

Комиссар даме хомӯш монд, Қурбон ба комиссар муроҷиат карда гуфт:

– Рафиқ комиссар, мо розӣ ҳастем, ки ҳозир ба ҷанг фиристед.

– Охир, ҳар як тиреро, ки дар ин ҷо мо ҳар рӯз ба нишони холӣ мепарронем, дар ҷанг ба синаи фашист холӣ мекунем, ҳеҷ набошад аз се дутаашро мехобонем, – илова кард ҷанговари тануманди сияҳпӯст, ки дар қисм аллакай бо номи Маҳдӣ – мерган ба ҳама машҳур шуда буд.

– Нарафта намемонем, рафиқон, як рӯз пеш не, як рӯз дертар меравем, – гуфт боз комиссар, – лекин чуноне ки мегӯянд, «Дер ояду шер ояд».

Комиссар дар охир ба хизмат навомадагонро нишон дода гуфт:

– Ана ин шарикҳотон ҳам бояд зудтар ҷанговарони моҳир шаванд.

– Мешаванд, рафиқ комиссар! – ҷавоб дод Сафар дар ҳолати низомӣ истода ва дасти ба сӯи худ дароз-

кардаи комиссарро дошта бо ӯ самимона хайрухуш кард.

## БОБИ ЁЗДАҲУМ

Аз аввали моҳи январи соли 1942, баъд аз комилан ба анҷом расидани корҳои ташкилӣ, қисми тирандозии тоҷикӣ ба давраи асосии таълими ҷангӣ-сиёсии худ сар кард.

Аз аскари қаторӣ сар карда то командирони баландрутба дар зери барфу борон, дар саҳрою теппаҳо, дар шароити ба вазъияти майдони ҷанг наздиккардашуда машғулият мегузаронданд. То банди пой ба лой ғӯтида машқ мекарданд, сина ба замин дода сангир мекананд, тир меандохтанд, граната мепартофтанд, тӯпу пулемётҳоро гоҳ бардошта, гоҳ тела дода, аз як марра ба марраи дигар медавиданд ва мехазиданд, бар зидди танку тӯпҳо мубориза бурданро машқ карда, аз зери сангирҳои танкпахшкарда беиллат сар бардошта, аз иҷрои вазифаҳои аз ин мушкилтари ҷангӣ ҳам сар намекашиданд.

Вақте ки онҳо субҳи барвақт ба машғулият баромада, дар ғуруби офтоб бармегаштанд, аз чаккаю пешонаашон арақ ҷӯшида, аз сарулибоси аз арақ таршудаи онҳо буғ мебаромад.

Командири қисм полковник Тополев, ки бисту панҷ соли умри худро дар хизмати аскарӣ гузарондааст ва аз аскари одӣ то ҳамин рутбаи баланди ҳарбӣ расидааст, ба ин ҳолат аз машғулият баргаштани фармонбарони худро бо мамнунӣ аз назар мегузаронд. Вай ин мамнунияти худро бо хурсании зиёд ба комиссари қисм Калонзода изҳор карда мегуфт:

– Ана ин айни гуфти сарлашкар Суворов аст: аскар дар машқ чӣ қадар бисёр арақ кунад, дар ҷанг ҳамон қадар кам хун талаф медиҳад.

Комиссар Калонзода, ки ходими собиқи ҳизбӣ, одами боазму иродаи вазнин, пуртаҷриба буда, ҳар як корро бо маҳорати ташкилотчигии ба худ хос адо мекард, ба ҷанговарон бо чашми пурмеҳр ва ифтихори падарона нигоҳкунон, ба полковник ҷавоб мегардонд:

– Худашон ҳам хишти аз хумдон баромада барин пухта шуданд.

– Бешубҳа, комиссар, – тасдиқ мекард полковник, – боз оянда нишон медиҳад, лекин ман аз ҳозир метавонам бо эътимод гӯям, ки онҳо аз солдатҳои кадрӣ ақиб нахоҳанд монд.

– Агар муболиға нашавад.

– Ҳеҷ ҷои муболиға нест. Худат ба инҳо нигоҳ кун, комиссар, онҳо аз субҳ то ҳоло ба по ҳастанд, лекин кас дар чашмонашон ягон аломати хирагӣ, дар симояшон ягон нишонаи мондашавиро дида наметавонад. Исти ҳозираашон ҳам шер барин.

– Ҳар чӣ бошад ҳам, ба онҳо бисёртар ҳамон чизеро ки дар ҷанг лозим аст, омӯхтан зарур. Агар то ин дам дар таълими ҳарбӣ, «як кас дар майдон сарбоз намешавад» – гуфта омада бошанд, мо баръакси он, – «як каси дар майдон монда ҳам бояд сарбози қобили ҷанг кардан бошад» – мегӯем.

Полковник ба гуфтаҳои комиссар шарик шуда гуфт:

– Мо аз ин хусус дилпур ҳастем. Ин насл, яъне авлоди ту, рафиқ комиссар, агар хато накунам, дар ҳақиқат аввалин бор ба даст яроқ гирифта баробари русҳо ба ҳифзи мамлакат меравад. Ман онро ҳам ба назар дорам, ки дар замони пеш ҳеҷ як офсари рус ва аз ҳама аввал ҳуку мати подшоҳ ба дасти халқҳои Осиёи Миёна ва Кавказ аслиҳа дода ба ҷанг даровардanро ҳаргиз роҳ намедод.

– Чунки онҳо, ҳамин ки ба даст силоҳ гирифтанд, онро пештар аз душман ба муқобили худи подшоҳ кор мефармуданд, – гуфт комиссар дар мобайни сухани полковник.

– Ҳа, бале. Акнун бошад, кас аз бардам қадаммонию яроқро чусту чолокона ба кор бурдани онҳо ба ҳайрат меояд.

Сӯҳбати полковник ва комиссарро овози «Смирно» ва ба назди командири қисм омада гузориш додани сардори ситод бурид. Полковник Тополев ва комиссар Калонзода аз ҷои истодаашон рӯ ба рӯи ҷанговароне, ки чорқаторӣ саф кашида буданд, рафтанд. Тополев машғулияти имрӯзаро кӯтоҳ ҷамъбаст кард ва аз байни

саф якчанд командирони отделения, ҷанговарони қаториро ба назди худ даъват кард. Дар байни онҳо сержант Сафар Одинаев ҳам буд.

Полковник аз ҳама аввал ба Сафар Одинаев муроҷиат намуд:

– Сержант Одинаев. Барои ӯҳдабароёна таълим додани отделенияи худ ва барои намунавор адо кардани хизмат ба шумо ташаккур баён мекунам.

Сафарро изтиробу ҳаяҷон фаро гирифт, чунки ин якумин тақдирёбии ӯ дар назди ҳамаи ҳайати шахсии қисм буд. Вай дили беқарор танидаистодаи худро нигоҳ дошта наметавонист ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дар аснои ҷавоб ба полковник дар овози ӯ ларзише ҳис карда мешуд.

– Ба Иттифоқи Советӣ хизмат мекунам! – гуфт Сафар ва полковник боз ба вай наздиктар омада, дасти ӯро бо самимият фишурду гуфт:

– Умедворам хизмате кунед, ки ба тақдирҳои аз ин зиёд сазовор бошад.

* * *

Ҳамин тавр, рӯзҳо ва моҳҳо мегузаштанд, фарзандони ба даст яроқи ҷангӣ гирифтаи халқи тоҷик бошанд, рӯз аз рӯз ба пешвози озмоишҳои бузург наздик мешуданд.

... Аз мобайн се моҳ гузашта апрел даромад. Аз ҳаво бӯи баҳор меомад. Дар лаби ҷӯйҳо, дар марғзору полизҳо сабзаҳо неш зада мебаромаданд, дарахтон муғҷа мекушоданд. Барфҳои дар ҳар – ҷо ҳар ҷо, дар сояҷойҳо тӯпшудамонда ҳам ба тафти замин дошт надода, об мешуданд.

Заминҳои корам, ки зимистони дароз дар зери барфу борон дам гирифта хоб карда буданд, акнун дар зери партави офтоби баҳор тафсида, буғ медоданд. Ғулғулаи тракторҳои заминрон аз ҳар сӯи саҳро ба гӯш мерасид. Деҳқонон аз даст каландро напартофта арақи ҷабин мерехтанд. Барои онҳо ин баҳори якумини замони ҷанг буд. Инро онҳо, ғайр аз ахбороти Дафтари Иттилоот, инчунин аз набудани якчанд шарикони худ, ки онҳо ба аскарӣ рафта буданд, низ ҳис мекарданд.

Акнун ба онҳо ба ҷои ин ғоибон ҳам се-чор каланди иловагӣ задан лозим меомад.

Деҳаи Ҷӯйбор ҳам ҳамин хел, дар ин рӯзҳо саросар ба маъракаи киштукор банд буд. Ҳама ба сари саҳро баромада, ғами ҳосили ояндаро мехӯрданд. Дар деҳа ғайр аз мактаббачагон, муаллимон, коркунони идоранишини колхозу шӯрои деҳа дигаронро пайдо кардан душвор буд. Бинобар ин ҳам, ҳангоме ки Сафар дар гашти рӯз бо қисми худ аз деҳа гузашта ба сӯи доманаҳои кӯҳҳои Ҳисор ба машқи ҷангӣ мерафт, ғайр аз якчанд нафар талабагон, занони бачадор ва Мирбадал дигар касеро дида наметавонист.

Қисми полковник Тополев ин рӯзҳо машқҳои ҳаҷман калони тактикии якчандрӯза мегузаронд.

Шаби чоруми ҳамин машқи ҷангӣ қисм дар бозгашт дар деҳаи Ҷӯйбор қарор гирифт. Дар ин ҷо ба ҷанговарон истироҳати шабона дода шуд. Аҳолии деҳа ҷанговарони худро оғӯш кушода, бо хушу хурсандӣ пешвоз мегирифтанд. Барои онҳо дари ҳар як хона меҳмоннавозона кушода буд.

Сафар ва фармонднҳии ротаи ӯ лейтенант Осмухин аввал дар хонаи худи Сафар ва баъд дар хонаи Юнусбобо низ меҳмон шуданд.

– Кӯрпачаро ғундошта монед, аз ин либосҳои чангу лойолуд чиркин мешавад, – мегуфт лейтенант Осмухин ба модари Сафар дар вақти пешвозгирии вай.

– Оҳ, писарам, магар кӯрпача аз шумо қиматтар аст? Одам ғанимат, одам, ҷони ширин... Баҳузур ёзида нишастан гиред, чиркин шавад, ҳеҷ боке не, – бо илтифоту меҳрубонӣ ҷавоб медод Умрихола суханҳои Осмухинро ба воситаи писараш фаҳмида.

– Кори кишт чӣ тавр, оча? – пурсид Сафар.

– Пири кордон Юнусбобо, ки сардори бригадаамон ҳастанд, кори кишт бад намешавад.

– Боз номи маро гирифта чӣ ғайбат карда истодаед, кампир? – гӯён Юнусбобо аз дар даромада омад. Вай аз дур ба тарафи Сафар оғӯш кушода омада, ӯро бо меҳрубонӣ ба синаи худ зер кард.

– Дар он ҷое ки Юнусбобо ҳастанд, кор ҳамеша пешрав мегӯянд, очаам, – пас аз мулоқот ҷавоб дод

Сафар.

Юнусбобо бо Осмухин ҳам даст дода салом алейк карду баъд ба сӯи дар ишора намуда, ба Сафар оҳиста хабар дод:

– Меҳмони дигарро ҳам пешвоз гиред.

Сафар ба сӯи дар нигоҳ кард. Аз он ҷо қади мавзуни Зебӣ намудор шуд, ки вай бо чеҳраи шоду хандон зуд-зуд қадам ниҳода меомад. Сафар ба пешвози ӯ шитобид.

– Салом, муаллим, – бо ҳаяҷон мулоқот мекард Зебӣ ва дасти Сафарро сахт фишурда чашм аз рӯи ӯ намеканду такрор-такрор мегуфт: – Хуш омадед, муаллимҷон, хуш омадед.

Умрихола меҳмонро ба нишастан таклиф намуда, ҳар замон ба чеҳраи Сафар нигоҳ карда мемонд.

– Ҳа, хоҳар, як-ду сол надидагӣ барин ин қадар ба рӯи писаратон нигоҳ мекунед? – гап партофт Юнусбобо.

– Бечора бачаам худашро боз хело гирондааст, минбаъд ба ин хизмати вазнин чӣ хел тоб меоварда бошад? – бо ҳасрат гуфт модар ва дар чашмони ӯ ашк ҷӯшид.

– Ана халос, – таъназанон гуфт Юнусбобо, – зиёфати меҳмондорӣ магар ҳамин оби дида шуд акнун.

Сафар ва баробари вай Зебӣ, Осмухин хандиданд.

– Беҳуда худатонро зиқ накунед, модар. Сафар дар ротаи мо яке аз бачаҳои ба ҳар сахтӣ тобоварандатарин аст.

Ин гапи Осмухинро қувват дода Юнусбобо гуфт:

– Ба чеҳраи писаратон ашкатонро пок карда дурусттар нигоҳ кунед, кампир, ман ӯро дида, пӯлоди дар кӯраи оҳангар обутобёфтаро ба хотирам овардам.

– Ҳеҷ набошад, шумо, Зебӣ, ба ин модари ҳамеша гиряолуди мо гапро мефаҳмонед... – хоҳиш кард Сафар ба сӯи духтар маънидорона нигоҳ карда.

Умрихола аз кори кардаи худ хиҷолат кашида, зуд ашкашро пок карду аз ҳозирон табассумкунон узр хост ва барои дастархон берун рафт.

– Дили шумо хиҷил нашавад, муаллим, – бо овози мулоим ҷавоб дод Зебӣ, – оча ҳоло дар ин ҷо ҳамин

хел, дар кор бошад, насиҳатгӯю маслиҳатдеҳи ҳама ҳамин кас.

Сафар изҳори миннатдорӣ карда, баъд аз Юнусбобо пурсид:

– Умуман кори бригадаатон чӣ хел, Бобо?

– Росташро гӯям, писарам, имрӯз миёни кор лағад хӯрд, – оҳиста оҳ кашид Юнусбобо дастархонро аз дасти Умрихола гирифта ва онро ба миёна кушода партофт.

– Чӣ шуд? – пурсид Сафар. Дигарҳо ҳам ба даҳони Юнусбобо нигоҳ карда монданд.

– Баъди чанд рӯзи интизорӣ фақат ҳамин гашти пешин ба замини мо трактор даромада буд. Бечора тракторчизан то ҳоло ба обу арақ ғӯтида дар атрофи трактор чақида ҳеҷ не, ки дуруст кунад.

Ин гапро Сафар ба Осмухин фаҳмонд. Вай ҳамон дам хоҳиши ба сари трактор рафтанро кард. Аммо Юнусбобо ва Умрихола нагузоштанд, ки вай хӯрок нахӯрда равад. Осмухин аз Юнусбобо пурсид:

– Чӣ хел трактор?

– СТЗ мегӯянд.

– СТЗ бошад, моли заводи мо будааст, ғам нахӯред, Бобо, нисфи шаб бошад ҳам, рафта дуруст мекунем.

– Кадом заводи шумо? – пурсид бо тааҷҷуб Бобо.

Яъне заводи тракторсозии Сталинград. Ман то рӯзи сар шудани ҷанг дар ҳамон ҷо кор мекардам. Худам ҳам аз наздикии Сталинград мешавам.

– Ин тавр бошад, олам гулистон, додарам.

– Албатта, дар болои трактор одами камтаҷриба бошад, кор кардани ӯ мушкилтар. Ба болои ин ҳозир замони ҷанг, қисмҳои эҳтиётӣ ҳам ба қадри даркорӣ ёфт намешаванд, – гуфт Осмухин.

– Ин мушкилиҳои мо дар пеши мушкилиҳои майдони ҷанг ҳеҷ аст, писар. Коре карда, ҳар азобу сахтӣ ба сарамон ояд ҳам, шамшери шумоён бурро бошаду зудтар душманро нест карда сиҳат саломат баргардетон.

Модари Сафар меҳмонони худро бо ҳар чизе ки дар бисот дошт, зиёфат кард. Осмухин гашта – баргашта ба Умрихола ташаккуру миннатдорӣ хонда, дар охир чӣ хел бо ӯ дар кӯчаи Сталинобод, дар асном ба казар-

ма баргашта истодани рота вохӯрдани худро нақл карда механдид.

– Маники плохой барончук, да? – мепурсид Осмухин гӯё ба забони тоҷикӣ гап задагӣ барин, ҳамон рӯзро ба хотир оварда.

– Чаро плахой, – гуфт Умрихола ва гӯё Осьмухин дар забони ӯзбекӣ гапи ӯро хуб мефаҳмида бошад, дусе калима ӯзбекӣ ҳам гап зад, – саники бисёр яхши болакай, командирҷон. Саники марҷон ва баранчук бор?

Осмухин гӯё аз ҳаракату ишораҳои Умрихола чӣ гуфтани ӯро фаҳмида, бо табассум сар меҷунбонд ва баъди гапи модари худро тарҷӯма кардани Сафар, ба ӯ ташаккур хонда, духтарча, зан, модар доштани худро гуфта, сурати онҳоро ҳам аз кисааш бароварда нишон дод.

Баъди хӯрок хӯрдан ва хеле чақ – чақ кардан, Осмухин аз ҷояш хеста, Юнусбобо ва Сафарро таклиф кард, ки ҳамроҳ ба сари трактори вайроншуда раванд. Бобо ҳам розӣ шуд ва бо Осмухин берун баромад. Аз паси онҳо Сафар ва Зебӣ ҳам аз ҷояшон хестанд. Зебӣ дар назди остонаи дари хона ба Сафар гуфт:

– Мувофиқи ваъда дар мактаб мунтазири шумо мешавем-а, муаллим?

– Албатта, дар бозгашт аз саҳро медароям, – ҷавоб дод Сафар оринҷи Зебиро дошта.

– Боз ба ваъда хилоф нашавад? – пурсид бо шӯхӣ Зебӣ.

– Бовар дошта бошед, ки Сафар танҳо ба ваъда вафоро медонаду бас, – бо як ғурури ботинӣ гуфт Сафар.

Баъд ҳар ду берун омаданд. Моҳи сездаҳрӯза гоҳ ба зери абр монда, гоҳ озодона сайр карда ба олам равшанӣ медод. Аз тарафи кӯҳ шаббода мевазид. Зебӣ ба тарафи мактаб рафт. Бобо, Осмухин ва Сафарро аз пайраҳае, ки лаб – лаби ҷӯй мерафт, роҳнамо шуда ба саҳрои васеъ баровард. Аз ҳафтсад – ҳаштсад метр дурӣ сиёҳии трактор намудор шуд. Осмухин дигар ба роҳбаладии Бобо нигоҳ накарда, аз ҳама пеш гузашта, калон-калон қадам мепартофт. Вай аз Сафар ва Бобо сӣ-чил қадам пештар ба сари трактор омада, аз трак-

торчизан, ки бо кадом як қисми трактор овора буд, пурсид:

– Ҳа, хоҳар, чӣ гап?

– Дида истодай-ку чӣ гап, – тракторчизан аз зери трактор бо овози нимхиррии шамолхӯрдааш дағалона ҷавоб дод.

– Қаҳрат наояд, хоҳар, мо ғайр аз ҳолпурсӣ ёрӣ ҳам дода метавонем. – Ба қарибии тракторчизан рафта диккак нишаста гуфт Осмухин.

– Ту худат кистӣ?

– Ҳамкасби ту.

Сафар ва Юнусбобо ба назди онҳо расида омаданд.

– Ҳа, Марямхон, қариб соз шуд? – пурсид Бобо аз тракторчизан, ки номаш Маруся буда, дар байни колхозчиён Марям ном гирифта буд.

– Не ҳанӯз, – ҷавоб дод Маруся ба забони тоҷикӣ.

– Мана ин рафиқ лейтенант устои ҳамин трактор будааст, як ин сӯ – он сӯяшро нишон деҳ канӣ.

Маруся, баъд аз тавсияи Юнусбобо аз таги трактор берун баромада, узромез дастони мазутолуди худро ба Осмухин дароз кард. Осмухин ҳам дасти Марияро самимона фишурду баъд ба гапи ӯ гӯш дода, харидори асп барин, гирдогирди трактор гашта, гоҳ ба мотор, гоҳ ба рулу тормозҳои ӯ даст зада дид.

– Ин СТЗ дар вақти дар завод будани ман баровардa шудааст, – гуфт Осмухин рақам ва санаи дар як тунукаи мураббаъшакл навишташудаи онро дар рӯшноии гӯгирд дида, аз Марям пурсид, – клапанҳо кор мекунанд?

– Ҳозир санҷидам, кор мекард.

– Моторро чарх занонед канӣ? – гуфт Осмухин ба болои трактор баромада. Мария бо дастаи оҳанин моторро чарх дод. Мотор дамдеҳи челонгар барин фишшас мезаду кор намекард. Осмухин аз болои трактор фуромада худаш дастаи моторро тоб дода ба фашшаскунии мотор гӯш дод ва дарҳол гуфт:

– Аз афташ свечаҳоро чирк зер кардааст, кушода дидан лозим.

Вай гимнастёркаашро кашиду бо ҳамроҳии Мария ба кушода дидани свечаҳо шурӯъ кард. Сафар ва Юну-

сбобо аз ду тараф ба кори онҳо бо машъали мазутин равшанӣ медоданд.

Аз байн як-якуним соат вақт нагузашта, Осмухин иллати тракторро дуруст карду боз ба назди рули трактор баромад. Мария дастаи моторро чарх дод. Садои пурзӯри трактор баланд шуд. Аз байни ин садо «Офарине, устои ҳунарманд» гӯён овоз баровардани Юнусбобо базӯр ба гӯш мерасид. Осмухин тракторро ба хатти замине, ки як тарафаш шудгор карда шуда буд, рост карда пеш ронд. Аз қафои трактор Сафар, Мария ва Юнусбобо ҳам калон-калон қадам ниҳода, замини бо дандони тези плугҳо рӯгардон шудаистодаро аз чашм мегузаронданд. Моҳ аз оғӯши абрҳо баромада бо шӯълаи беғубори худ тамоми саҳроро рӯз барин равшан мекард.

Ҳангоме ки Осмухин тракторро як давр занонда, ба ҷои аввалааш оварда истод, Юнусбобо ба китфи ӯ навозишкорона даст зада гуфт:

– Раҳмат, рафиқ командир, ҳазор раҳмат, олам гулистон. Писарам Сафар, ба ин рафиқ гӯед, ки аз ҳамин замине, ки ҳоло қадами неки ин кас расид, Худо хоҳад, ду баробар зиёд ҳосили пахта мерӯёнем.

Сафар ба Осмухин фаҳмонд.

– Бисёр хуб, дар хотир нигоҳ медорем, – ҷавоб дод Осмухин.

– Акнун ба хонаи мо ҳам як сари қадам марҳамат мекунетон, – таклиф кард Бобо.

– Дер шуд, саҳар ба роҳ баромадан лозим, – розӣ нашуд Осмухин, – ҳоло рафта аз ҳолу аҳволи дигар бачаҳои рота ҳам хабар гирифтан даркор.

– Метавонед ҳамаи аскарбачаҳоро ҳам ҳамроҳ гирифта биёед, – гуфт Юнусбобо бо ҳимматбаландӣ ва меҳрубонона ба гап давом карда, – ҷоямон тангӣ кунад, аз диламон ҷой медиҳем додарам.

Осмухин хандакунон ҷавоб гардонд:

– Худамон бас набудем, ки боз ҳамаи рота?

– Ҳамаатон – нури дида, тоҷи сари мо. Шумо ҷонбозонро ба сар набардорем, боз киро мебардорем...

Сафар аз тарафи чап, Осмухин аз тарафи рости паҳлӯи Юнусбобо аз палҳои шудгоршудаи саҳро ба-

робар пой ниҳода бармегаштанд. Ҳар бори пой ниҳодани онҳо дар рӯи замини мулоим аз ду ҷуфт мӯзаи солдатӣ ва як ҷуфт чоруқи корӣ изи калон мемонд. Ба Осмухин ҳавои беғубор ва оғӯши васеи саҳрои колхозӣ нашъаи тоза мебахшид ва ӯ синаашро пур карда – пур карда нафас мегирифт.

– Ҳозир ба ин замини шумоён пой ниҳода, саҳроҳои бепоёни диёрам ба хотир омад.

Онҳо ба сари кӯчаи сангфарш баромада буданд, ки аз маркази деҳа ба сӯи онҳо чароғи мошини сабукраве шӯъла афканд.

– Мошини полковник будагист, – гуфт Осмухин ва қадаммониро тез кард. Машина дар рӯ ба рӯи онҳо омада истод. Аз дари вай полковник Тополев, комиссар Калонзода ва боз як марди қадбаланд, ки дар бар либосҳои генералӣ дошт, берун омаданд.

– Дар ин бевақтӣ чӣ кор карда гаштед? – пурсид полковник Тополев ба наздиктари Осмухин омада.

Осмухин аз кори кардаи худ ҳисобот дод. Сухани ӯро Юнусбобо ҳам тасдиқ карда, боз миннатдорӣ баён кард. Комиссар ба ин ташаббуси Осмухин таҳсин хонд.

– Лейтенанти сталинградӣ ҳамин кас, рафиқ генерал – лейтенант, – гуфта полковник Тополев Осмухинро ба намояндаи Фармондеҳии Олӣ тавсия намуд.

Осмухин боз худашро ба генерал шиносонд. Генерал ба ӯ даст дода вохӯрдӣ кард.

– Бисёр хуб, рафиқ Осмухин. Коратон чӣ тавр?

– Бад нест, рафиқ генерал – лейтенант, фақат мунтазири фронтравӣ ҳастем.

– Танҳо худи шумо мунтазиред ва ё ҷанговарон ҳам?

– Ҳамаамон, рафиқ генерал, ҳозир фармон шавад, ҳамон дам ба по мехезем.

– Дидам, – гуфт генерал, – хеле пухта шудаед, – ва боз барои хайрухуш даст дароз карда илова намуд, – бисёр хуб, мунтазири фармон бошед, дере нагузашта ба ҷанг медароед.

– Итоат, рафиқ генерал, мо тайёрем.

Полковник Тополев ба вай боз ду-се супориши дигар дод ва баъд ҳар се ба машина нишаста ба роҳ даромаданд.

* * *

Рӯзҳои охири моҳи апрел буд. Табиат ба либоси сабз печида буд. Дар теппаҳои атроф сабзаву гулу лолаҳо мисли пари товус рангоранг тобиш медоданд. Қуллаҳои кӯҳҳои баланд, ки ҳанӯз бо барф пӯшида буданд, дар шӯълаи беғубори офтоби оламтоб тобиши аҷаб дилрабое доштанд.

Ин беҳтарин, зеботарин фасли сол аст, ки пойтахти кишвари тоҷикон – Сталинободро мисли наварӯсон оро медиҳад. Майдони чоркунҷаи шаҳрчаи ҳарбии қисми полковник Тополев ҳам дар рӯ ба рӯи ҳамин манзараҳои дилкушою дилчаспи самти шимолу шарқии шаҳр воқеъ буд. Дар се тарафи майдон ҷанговарон ҷорқаторӣ саф ороста, озод рост меистоданд. Дар рӯ ба рӯи онҳо мошини боркаши сетоннагӣ меистод, ки дар саҳни девораш кушодаи вай қолини сурх партофта, дар миёнҷои он минбаре гузошта шуда буд.

– Смирно! Рӯ ба сӯи байрақбардорон!

Ин садо тамоми майдонро фаро гирифта, ҳамаро якбора хомӯш карду ба ҳолати низомӣ овард. Аз паси ин амр, дастаи мусиқачиён, ки дар тарафи рости саф меистод, марши тантанавӣ навохт. Дар зери оҳанги тантананоки мусиқӣ як ҷанговаре дар ҳолате, ки бо ду даст байрақи сурхи махмалинро баланд мебардошт ва дар ду паҳлӯи вай ду ҷанговари дигар, ки ба сари синаашон автомат овехта буданд, бо қадамҳои низомӣ ба миёнҷои майдон омада истоданд.

Насими баҳор байрақро ҷилва медод. Ҳар боре ки байрақ ҷилва мекард, ба садҳо чашмоне ки ба сӯи он дӯхта шуда буданд, хати заррини ба рӯи махмал навишташуда намоён мегашт, ки онро гӯё ҳама баробар хомӯш вирди забон мекарданд:

– Марг ба фашистони истилогар!

Ин рӯз – арафаи ба сӯи майдони ҷанг сафар кардани қисми полковник Тополев буд.

Баъд аз қабули гузориш фармондеҳи саф ва саломалейк бо ҷанговарон, фармондеҳи қисм полковник Тополев, комиссар Калонзода, ду-се афсари дигар ба

назди мошини орододапшуда рафтанд. Дар байни онҳо ду ҷавони миёнақади либосҳои маданӣ пӯшида ҳам буданд. Комиссар Калонзода ба назди минбар баромада, нутқи кӯтоҳе эрод кард:

– Мо бо шумо дар ин ҷо барои он ҷамъ омадем, ки дар арафаи ба майдони ҷанги муқаддас по ниҳодани худ боз як бори дигар ба халқу кишварамон, ки ба мо умедҳои калон бастаанд, аз садоқату вафодории худ савганд ёд кунем. Ин савганди мо дар мактубе, ки шоиронамон аз номи мо ба халқи тоҷик, ба Ватан навиштаанд, ифода ёфтааст.

Баъд аз пешниҳоди комиссар, ба минбар як ҷавони миёнақаде, ки либоси замонавӣ пӯшида буд, баромад. Вай ба назди минбар омада, аввало сафи ҷанговаронро, ки ҳама ҳушёрона ва бо диққати том ба ӯ чашм медӯхтанд, аз назар гузаронд. Симои ҷиддӣ, чашмони оташбор ва исту намуди якранги низомии онҳо шоирро ҳам ба ҳаяҷон меоварданд. Вай дар ин ҳол қиёфаи ғайриҳарбии худро фаромӯш карда, худашро ҳам яке аз ҳамин аскарҳо ҳис мекард. Дар хониши ӯ низ оҳанги қатъиву бурнои фармондеҳӣ акс меёфт. Вақте ки мавҷҳои садои шеърхонии шоир ба майдон паҳн гаштанд, атрофро боз ҳам зиёдтар хомӯшӣ фаро гирифт.

*Эй Ватан, ба ту мо вафо кунем,*
*Хизмати туро хуб адо кунем.*
*Гар талаб кунӣ ҷон, фидо кунем,*
*Аз хатар туро мо раҳо кунем.*
*Дар мубориза қаҳрамон шавем,*
*Зидди душманон беамон шавем.*
*То ризо шавад ин Вватан зи мо*
*Ифтихори халқ дар ҷаҳон шавем.*

Сатрҳои охирини ин мактубро бо «урра»-и ҷарангосии ҳамаи ҳозирон фаро гирифт. Ҷанговарон мактубро бо як овоз ва ифтихормандии калон қабул карданд, ба вай аз номи ҷанговарони ҳар як ноҳия ҷумҳурӣ як намоянда имзо мегузошт. Дар қатори дигарон дар зери ҳамин мактуб аз номи ҳисориён Сафар Одинаев ҳам имзо гузошта, баъд ба рафиқони ҳамяроқаш муроҷиат

карда гуфт:

– Ҳамватанон, ин мактуб қасами дуюми тантанавии мо шуд. Бигузор,Ж тирҳои ҷонгудози мо, ки синаи душманро чок мекунанд, тасдиқ ба ин қасам чӣ гуна вафодор будани мо гарданд.

Субҳи барвақт... Домани сиёҳи шаб номаълум ба сӯи ғарб кашида шуда, аз шарқ, аз паси кӯҳу теппаҳо оҳиста-оҳиста рӯшноӣ медамиду шабнаме, ки ба рӯи замин ва баргҳои сабзи дарахтон рехта буд, торафт аёнтар ялтас мезад...

– Оча, хезед, рӯшноӣ дамидааст, – гӯён Зебӣ Умрихоларо, ки ду-се шаб инҷониб бедорхоб монда аз мондашавӣ акнун ба пинаки ширин рафта буд, оҳиста бедор кард.

Модари Сафар – Умрихола саросема сарашро аз болои халтаи бор бардошта, аз тирезаи чойхонаи сурх бо чашмони хоболуди нимроғаш ба берун нигоҳ кард.

– Вай, очатон садқа, хуб, ки бедор кардед, духтарам. «Хоб додари марг» мегӯянд, рост, дар ғафлат мондаем. Омад?

– Не, ҳанӯз наомадаанд. Лекин то омаданашон пештар тайёр шуда истем беҳтар, – ҷавоб дод Зебӣ рӯймоли ғиҷимашро аз нав ба сараш баста.

– Боз монда нарафта бошад?

– Наход гап назада монда раванд. «Баҳузур хоб кунетон, худам омада бедор мекунам» гуфта буданд-ку.

– О, духтарам, магар гап назада монда рафтагиҳо каманд? Хубаш ҳамин ки рафта, дар наздикиҳои ҳамон вагонашон нигоҳ карда меистем. Дидоракаш ғанимат, – Урмихола ба рафтан тараддуд кард. Зебӣ ба модари пир ғамхорона нигоҳ карда гуфт:

– Очаҷон, дар берун ҳаво хело хунук, шумо одами пир, боз хунук назанад?

– Ҳеҷ воқеа не, меҳри бачекам гарм мекунад...

Умрихола ва Зебӣ аз чойхонаи сурхи вокзали Сталинобод, ки онҳо аз аввали шаб дар он ҷо монда буданд, баромада ба тарафи истгоҳи қатора роҳ гирифтанд. Онҳо ба ҷабҳа рафтани Сафарро фаҳмида, аввал ду шабу ду рӯз дар пеши дарвозаи қисми ҳарбӣ мунтазири гуселонидани Сафар шуданд, баъд охир

шаби гузашта ҷанговарон ба вокзал баромаданд, ки Умрихола ва Зебӣ низ аз паси онҳо ба вокзал омаданд.

Дар истгоҳи ҷузвитогмҳои ба ҷабҳараванда аз аввали шаб чизу чора ва лавозимоти ҳарбии худро ба вагонҳо бор карда, вагонҳоро ба тартиб меоварданд. Ин корҳо то субҳ давом кард. Сафар модари худ ва Зебиро барои дам гирифта нишастан ба чойхонаи сурхи наздикии истгоҳ оварда монда буд.

Вақте ки Умрихола ва Зебӣ ба пеши қатори вагонҳои сурх ва гурӯҳ-гурӯҳ аскарбачаҳо наздик шуданд, як посбони милтиқдор онҳоро дигар пеш омаданӣ намонда, дар ҷояшон нигоҳ дошт.

– Дигар пеш омадан мумкин нест, – таъкид кард посбон ба забони тоҷикӣ.

– Очат садқа, ман модари Сафар, – гуфт Умрихола.

– Ба ман кӣ будани шумо аҳамият надорад, – ба таври қатъӣ ҷавоб дод посбон.

– Охир вай командир, серҷон-ку, чӣ хел намешиносӣ? – боз гапи худро маъқул кунонданӣ шуд Умрихола. Зебӣ аз гапи Умрихола завқида оҳиста хандиду эзоҳ дод:

– Серҷон не оча, сержант Сафар Одинаев гӯед.

– Хайр, кадомаш, ки бошад, коре карда, амали писарам аз ин бачаи якрав калонтар аст, ки хурд не, – калонгирона гап зад боз Умрихола. Ба болои ин мубоҳисаи онҳо худи Сафар омада монд.

– Хӯш, чӣ моҷаро?

– Ана, худи муаллим омаданд, – гуфт Зебӣ ва ба Сафар салом дод.

– Дардакат ба ҷони оча, – гӯён Умрихола писаршро ба оғӯш кашида бӯсид. – Охир ту серҷон, командир бошию наход ин аскарбача нашиносад?

– Ба шинохтан мешиносаду лекин қоидаи посбонӣ ҳамин хел аст. Посбон, ҳатто падари худаш ояд ҳам, наздик намемонад, – ҷавоб дод Сафар ҳамроҳи модараш ва Зебӣ ба сӯи майдончаи дарахтзор, ки дар як сӯи истгоҳ буд, рафта.

– Аз ин баромад, ки, – каме ранҷида гап зад Умрихола, – ҳамин, ки фарзанд ба аскарӣ рафт, ба вай на ҳадди модар мемонад ва на ҳадди падар, ҳамин тавр?

Сафар ин мулоҳизаи модарашро рад карда, ба вай тартибу қоидаи хизмати ҳарбиро боз васеътар баён карду гуфт:

– Баъд аз ин хел гапҳои беҳуда кӣ туро модари муаллим мегӯяд?

– Оҳ писарам, дили модар ба фарзанд, дили фарзанд ба фарсанг гуфтагӣ барин, ҳамин вақт ман дар чӣ хаёлу ту дар чӣ хаёл. Пештар ту аскар нашуда бошӣ, ки ман ҳамаи тартибу қоидаи аскариро донам.

– Хайр, ин гапҳоро як сӯ мону ба ман ҳаминро гӯй, ки чаро ин қадар каллаи саҳар хеста омадетон?

– Кошкӣ ин дили беқарор андак ором ёбад, – ҷавоб дод Умрихола. – Боз туро надида намонам гуфта, аз бетоқатӣ худам як тараф, ин Зебинисоро ҳам безор кардам.

Зебӣ бо лабҳои сертабассум ва чашмони ҷозибаноки худ як ба Сафар ва як ба Умрихола нигоҳ карда гирифт. Аз ин нигоҳ вай чунин изҳор кардагӣ барин шуд, ки худи ӯ ҳам аз модар камтар бетоқат нашудааст. Як не, чанд борҳо ба истшоҳи қатора омада рафта, будан – набудани аскарбачаҳоро хабар мегирифту ҳам худаш ва ҳам Умрихоларо хотирҷамъ мекард.

Онҳо якчанд вақт гап – гап карда нишастанд. Баъд аз он, ки гапҳои умумӣ ба охир расида, ба миёни сӯҳбат як дам хомӯшӣ афтод, Зебӣ ба ин хомӯшӣ халал дод.

– Оча, аз саросемагӣ дасту рӯямонро ҳам нашустем?

– Ҳа, рост гуфтед, духтарам, об мешуд ҳозир шуста мегирифтем.

– Ман давида рафта об биёрам? – пурсид Зебӣ, вале дар чӣ об овардани худро намедонист. Ягон зарф набуд. Сафар зуд аз ин пай бурда, давида аз пеши вагонҳо обдони худро оварда гуфт:

– Ҳозир ман об мебиёрам.

– Не, муаллим, монед, ман худам биёрам, – аз дасти вай дошта гуфт Зебӣ ва гӯё ба ягон таклифи дигар мунтазир буд, ки ба чеҳраи Сафар саволомез нигоҳ кард.

– Хайр, ҳардумон меравем, – таклиф кард Сафар. Зебӣ ботинан ин таклифро аз ҷону дил пешвоз гирифта

бошад ҳам, зоҳиран худро ба нодонӣ зада, танҳо мондани Умрихоларо сабаб нишон дод. Умрихола ҳам, аз таҳти дили ҳар дуи онҳо гап зада гуфт:

– Майлаш, духтарам, ҳамроҳ раветон. Як дам танҳо бошам, ҳеҷ воқеа нест.

Ба Сафар ва Зебӣ «элак баҳона – дидор ғанимат» шуд. Онҳо лӯлаоби наздиктарро, ки дар тарафи чап буд, монда, ба тарафи рост, ба дуртар рафтанд. Ҳар ду низ сабаби ин рафтори худро фаҳмида бошанд ҳам, лекин ба якдигар чизе зоҳир намесохтанд, баръакс, торафт қадаммонии худро суст карда, ҳамдигарро ба гап водор менамуданд.

– Ду рӯз боз шумо ҳам беҳуда овора шудед, Зебӣ? – гуфт Сафар.

– Барои кӣ? – пурсид Зебӣ бо шӯхию нози ба худ зебанда ва ба гап маънои баръакс дода, калимаи «кӣ» – ро бо оҳанги махсус қайд кард.

– Сабаби оворагии шумо агар ман бошам, узр мехоҳам, – гуфт Сафар боадабона.

Зебӣ бо самимият ба вай нигоҳ кард. Бо ин нигоҳ Зебӣ дар чашмони шӯълавари ӯ ифодаи меҳру вафои беинтиҳоро пай бурдагӣ барин шуд ва ин ифодаи меҳру вафо дар дили Зебӣ боз як ғунчаи нави муҳаббатро во кард.

Сафар аз дасти Зебӣ дошта, ӯро каме ба тарафи худ кашиду гуфт:

– Чаро ин қадар рӯ мегардонед, наход ба меҳмони якчандсоата тамошои дидори худро дареғ доред?

Зебӣ бо шарму изтироб ба тарафи Сафар майл кард. Сафар ӯро боз ба паҳлӯяш наздиктар кашида буд, ки Зебӣ «Ягон кас бинад, чӣ мегӯяд, муаллим?» гӯён бо дасти рости худ ба наздиктар кашидани ӯ муқобилат нишон медод. Дили Сафар беқарор ва аз одат берун сахт мезад. Инро дасти ба сари синаи ӯ гузоштаи Зебӣ ҳам хуб ҳис мекард. Аз ин ҳаяҷони Сафар дили бе ин ҳам нооромӣ Зебӣ низ боз сахттар метапид. Аъзои бадани ӯро як ларзиши фавқулода фаро гирифт, дасти ба сари синаи Сафар гузоштааш бемадор шуда оҳиста поён фуромад... Як дам ҳар ду хомӯш монданд. Ин хомӯширо танҳо чириқ – чириқи гунҷишкон, ки дар шо-

хҳои ба болои сари Сафару Зебӣ хамидаи дарахти сада пару бол меёзонданд, халалдор мекарданд.

Сафар тамоми азму иродаи худро ҷамъ карда, аз Зебӣ пурсид:

– То кай ҳамин хел бо рамзу ишора мегардем, Зебӣ?

– Яъне чӣ гуфтанӣ ҳастед? – пурсид Зебӣ.

– Агар шуморо яккаю ягона зеби ҳаётам шуморам, чӣ мегӯед?

–...

– Сукут аломати ризост, – гӯён Сафар аз ду китфи Зебӣ дошта ба чеҳраи вай нигоҳи ҷозибадоре кард. Зебӣ ба лабҳои тунуки ҳанӯз аз ҳаяҷон ларзандаи худ оҳиста табассум гирифт. Аз ин табассуми вай дар чеҳрааш боз зебоии ҷозибадоре пайдо шуд. Ин ҳусни зиёдатӣ диққати Сафарро боз зиёдтар ба худ кашида, аввалин бор забони ӯро ба гуфтани ин сухан водор карданд.

– Ба ҳурмати вафодорӣ ва ҳамчун нишонаи хайрухуш азизам...

Лабҳои Сафар ба лабҳои Зебӣ наздик меомаданд... Зебӣ аз як ҷиҳат аз шарми духтарӣ рӯяшро дур кашиданӣ мешуд, вале аз ҷиҳати дигар дили аз оташи муҳаббат баҷӯшомадаи вай ба хоҳиши Сафар муқобилат нишон доданро раво намедид.Дар охир азми дил шуд...

Баъди ин якчанд дақиқаҳои фаромӯшнашаванда, ки бағоят самимона ва ширин буданд, онҳо ҳар ду барои обгирӣ ба назди лӯлаи об рафтанд. Пеш аз ба обдон об пур кардан, Зебӣ хост, ки дасташро шӯяд. Сафар ба вай хизмат карданӣ шуда гуфт:

– Истед, ман ба дастатон аз обдон об резам.

– Не, раҳмат, ман аз шумо даст шустанӣ нестам... – ҷавоб дод бо лутф Зебӣ.

Пас аз даст шустан ва ба обдон об гирифтан, онҳо ба назди Умрихола баргашта омаданд. Умрихола ҳам аз он ки онҳо барои об ин қадар дер рафтанд, бетоқат шуда, ба Сафар ва Зебӣ бо киноя гуфт:

– Хайрият, ки биринҷи ошро андохта шуморо ба об нафиристодаанд?

– Об бисёр дур будааст, – сабаб нишон доданӣ шуд

Зебӣ чашмонашро аз нигоҳи Умрихола гурезонда.

– Шаб ҷои об дар ин ҷо наздик набуд? – боз кунҷковӣ кард Умрихола.

Сафар ҳам сабаби қонеъкунанда наёфта, аз саросемагӣ якбора баҳонае нишон дод, ки аз гуфтани он худаш ҳам дар хиҷолат монд:

– Оби ин ҷо ях кардааст.

Зебӣ аз ин ҷавоби ӯ хандаи худро дошта натавониста, ба як тараф рӯ гардонд. Умрихола бошад, дигар ба Сафар чизе нагуфт. Дар ҳамин дақиқа як ҷанговар омада ӯро ба назди фармондеҳи рота ҷеғ зада бурд. Умрихола ва Зебӣ танҳо монданд.

– Хунук нахӯрдед, очаҷон? – ҳолпурсӣ кард Зебӣ гапро ба мавзӯи умумӣ гузаронданӣ шуда.

– Сафар об ях кардааст мегӯяду ба ман бошад, хунук заррае ҳам таъсир накардааст... – ҷавоб дод Умрихола тааҷҷубомез.

Зебӣ аз нав шармид, чӣ гуфтани худро надониста монд. Хуб шуд, ки оркестри нафасии қисм, ки барои гусел кардани ҷузвитомҳои аввалини қисм ба истгоҳи қатора баромада буд, якбора марши тантанавӣ навохту диққати Умрихола ва Зебиро ба худ кашид.

Ҳамин тавр, саҳаргоҳон оҳиста-оҳиста ба чоштгоҳ табдил гашту офтоби аз болини шарқ сарбардошта ба шаҳр торафт зиёдтар партавафшонӣ мекард...

Аз субҳидам инҷониб ба майдончаи вокзал боз паси ҳамдигар хеле мардум ҷамъ омаданд. Саҳни вокзал торафт аз одам пур мешуд. Ғайр аз ҷанговароне, ки дар назди вагонҳо ба сафар ҳозир меистоданд, ба ин ҷо инчунин занону мардон, пирону ҷавонон, бачаҳо ҷамъ омада, дар ҳар ҷо – ҳар ҷо писар ё додар, шавҳар ё хешу табори ҷангравандаи худро миёнагир карда, бо вай соатҳои охирини хайрухушро мегузаронданд.

Дар як тараф, дар зери ниҳоли сафедор, ки нав барг ёзондааст ғайр аз Умрихола, боз инчунин Юнусбобо, раиси колхоз – акои Олим, котиби ташкилоти ҳизбии колхоз – Одил Саркор, Зебӣ, Мирбадал, боз се-чор ҳамқишлоқиён ва панҷ-шаш нафар духтару писарони мактабхони Ҷӯйбор дар дасташон гулдастаҳо ба Сафар мунтазир меистоданд.

– Худаш ҳам замин кафида одам баромадааст, – гуфт Мирбадал дуқад нишаста.

– Охир ин ҷанг – ҷанги муқаддас аст, – ҷавоб дод Юнусбобо, – ба ин ҷанг олам ба по хестагӣ...

– Илоҳӣ душман ҳарчи зудтар гӯруҷӯб шаваду писарҳои мо сиҳат саломат баргашта оянд, – гӯфт Умрихола ғамгинона.

Акои Олим ба қиёфаи маъюси Умрихола чашм дӯхта, ба дилбардорӣ сар кард.

– Умеду бовариро мустаҳкам кунед, – гуфт вай, – ҳа нагуфта ин рӯзҳо ҳам гузашта мераванд.

– Ҳа, албатта, умеду боварӣ накарда чӣ мекардам?.. – ҷавоб гардонд Умрихола.

Дар мобайни ҳамин гап бонги кадом як паровоз баланд шуда буд, ки Умрихола ҷаҳида хесту бо ҳаяҷону изтироб – «Ана рафт, бачекамро надида мондам» гӯён аз байни мардум худашро ба сӯи вагонҳо зад. Дар аввал аз ин рафтори очаи Сафар дигарҳо ҳам ба ташвиш афтида, аз қафои ӯ шитоб карданд. Вале ногоҳ ба назди онҳо пайдо шуда мондани Сафар ва Мамараҷаб онҳоро аз роҳ боздошт.

– Писаратон дар ин ҷо, поезд куҷо меравад?! – гӯён Мирбадал аз ақиби Умрихола фарёд кард.

Умрихола ба қафояш баргашта, ба назди Сафар омад ва ӯро навозиш карда гуфт:

– Гурдем кафиде, писарам, гӯр содагӣ ҳам шавад...

– Худатон-ку худатон, дигарҳоро ҳам бесаранҷом кардед, – гуфт Юнусбобо боз ҳамаро ба нишастан ба зери ниҳол даъват карда ва миёнбандашро кушоду ба рӯи замин густурд. Умрихола тугунчаи дар дасташ бударо кушода, ҳарчи хӯрокӣ буд, ба рӯи миёнбанд гузошт. Ҳама гирдогирди дастархон давра гирифта нишастанд. Танҳо Мирбадалу Мамараҷаб номаълум ба як тараф ғоиб шуда буданд...

Чашмони ҳозирон аз Сафар канда намешуданд. Ҳар як иштироккунандаи ин сӯҳбат кӯшиш мекард, ки ба фарзанди деҳаи худ бодиққат нигоҳ карда, сурати ӯро ба дилаш ҷо кунад. Кӣ медонад, ки дигар ӯ кай ба дидори онҳо мушарраф мегардад, кӣ медонад, ки дар пеш чӣ рӯзҳои хуш ва ё бад ба вай мунтазир аст...

Умрихола баъд аз каме хомӯшӣ, ба Сафар муроҷиат кард:

Сафар аз паҳлӯи модараш гузашта нишаст. Умрихола аз рӯи дастархон ҳарчи, хӯрокӣ буд, ба пеши ӯ ҷамъ мекард.

– Кошкӣ мемонданду ман то онсӯтар шумоҳоро гусел карда, ҷои исту манзилатонро бо чашми худам дида хотирҷамъ шуда меомадам, – гуфт Умрихола ба Сафар чашм дӯхта.

– Агар мемонданд, як шумо не, ҳамаи модарон мерафтанд... – ҷавоб дод Сафар.

– Оҳ, писарам, агар мегуфтанд, ки ба ҷои писарат ту рав, поямро монда, бо сарам медавидам, ту дили модарро чӣ медонӣ? Кай, ки зандор шавию бачаю кача кунӣ, баъд мефаҳмӣ...

Аз ҷумлаи охирини Умрихола рангу рӯи Сафар ва Зебӣ якбора тағйир ёфта, онҳо беихтиёр ба ҳамдигар чашм партофта гирифтанд.

Ба болои ин гап Мирбадалу Мамараҷаб омада монданд, Юнусбобо ба онҳо киноя кард.

– Ҳа, мудир, панду насиҳатҳо кӯр гирифт, аз афташ?

– Чӣ панду насиҳат мешуд, Бобо, – ҷавоб дд Мирбадал ба давра нишаста, – аз худи бачамардони ин замона оё гап мемонад. Чорта гапҳои худамонро зада гирифтем.

Мамараҷаб худашро аз чашми Зебӣ ба канор гирифта рост истод. Ба вай нишастанро таклиф карда бошанд ҳам, розӣ нашуд.

– Боз чӣ шуд, Мамараҷаб? – пурсид акои Олим. – Ба аскарӣ омада аз пештара ҳам дамдуздтар шудӣ?

– Дар умраш мусофириро надидааст, раис, боз як мусофирро, – тарафдорӣ карданӣ шуд Мирбадал.

– Ҳамаи онҳо ҳоло ҷавон ҳастанд, як Мамараҷаб не, – эътироз карда гуфт Одил Саркор, – ҳар кадомашон асои як хонадонанд. Дар ин мавридҳо ба ҷои ин гуна гапҳое, ки дили касро маъюс мекунад, панду насиҳати дилпрукунанда лозим, мудир.

– Ҳа, хуб, аз мо гузашта бошад, маъзур.

Ҷавоби Мирбадалро садои сигнал пахш кард ва сухани вайро ҳеҷ кас нашунид. Ҳама баробар ба по хе-

станд. Аз пйаи сигнал фармони ба вагонҳо саворшавӣ ҳам дода шуд. Дар ин асно касе набуд, ки якдигарро ба оғӯш накашида бошанд. Мардуме, ки дар саҳни вокзал ҳозир буданд ба шинос ё ношинос будани ҷанговарон нигоҳ накарда, ҳамаи онҳоро ба навбат ба оғӯш кашида бӯсакунон бо самимият хушбошӣ мекарданд.

Сафар хеле вақт дастонашро аз китфи модараш нагирифта, гашта – баргашта ӯро мебӯсид, ба сари синааш сар монда аз ӯ бо илтиҷо хоҳиш менамуд:

– Очаҷон, очаҷонакам, дили маро озор надоданӣ бошӣ, гиря накун, хуб нест.

Модар ба охирин илтимоси писараш итоаткорона сар ҷунбонда, он чиро, ки роҳи гулӯяшро фишор дода меомад ва ба чашмонаш ашк медавонд, рафъ карданӣ мешуд. Лекин алами ҷудоӣ зӯрии худро нишон медод. Модар фарёд назанад ҳам, дидаҳои ӯ беихтиёр ба чашмаи ашк табдил меёфтанд. Донаҳои ашк ба сари синаи Сафар ки ӯро ба оғӯш гирифта буд, мерехтанд. Аз лабҳои пир-пир паридаистодаи модар ин суханҳо базӯр ба гӯш мерасиданд.

– Хайр, писаракам, нури дидаам, такягоҳи умрам, чизе, ки ту гӯӣ, модарат ҳозиру нозир. Коре карда дар куҷое, ки бошӣ, сиҳату саломат бошу арвоҳи падарат ёр, дуои модарат дастгират шавад... Аз Худо як матлабам ҳамин ки модарат дар фироқат насӯзаду дар вақту соаташ омада бо дасти худат ба гӯрам гузор.

Сафар аз дигарон рӯяшро панаҳ карда, оби дидаи ҷӯш зада бароядаи худро бармегардонд ва баъд навбат ба навбат акои Олим, Одил Саркор ва дигар ҳамдеҳаҳояшро ба оғӯш кашида хайрухуш мекард. Юнусбобо ҳам ӯро маҳкам ба бағалаш гирифта, аз пешонааш бӯсида:

– Зафар ёрат бошад, писари азиз. Мана ин ҳадяи бобоfirо қабул кун, ягон вақт ба кор меояд, – гӯён як корди дудамаи ба ғилофи чармин андохташударо, ки дастааш садафин буд, ба Сафар дароз кард ва ба суханаш давом карда гуфт: – Инро ҳамон командире, ки деҳаи моро аз босмачиён озод карда буд, ба ман ёдгорӣ дода буд, акнун ман ба ту ҳадя мекунам, писари азиз, ягон вақт ба кор меояд...

Сафар кордро аз дасти Юнусбобо гирифту оҳиста ба лабаш бурда, дасти ӯро бӯсид ва «Раҳмат, бобо, раҳмат» гуфта, баргашта Юнусбоборо ба оғӯш кашид.

Баъд Сафар аз дастаи талабагони худ гулдастаҳоро қабул карда, бо ҳар кадоми онҳо меҳрубонона хайрухуш карду аз ҳама охир дасти ба сӯи ӯ дарозшудаи Зебиро бо ду дасташ маҳкам дошта, дере аз чашмони ашколуди вай чашм наканда:

– Хайр, то дидан, азизам Зебӣ, – гуфт.

– Ҳамеша дар дида ҳастед, муаллим. Дур равед ҳам, дер намонед... – ҷавоб гардонд Зебӣ.

Сафар бо душворӣ дасти ӯро сар дод ва такроран бо ҳама хайрухуш карда, ба сӯи вагон давид. Аз ақиби вай Мирбадал ҳамроҳи Мамараҷаб қадам монда, ҳам ба Сафар ва ҳам ба Мамараҷаб муроҷиат карда мегуфт:

– Аз якдигар ҷудо нашавед, ба якдигар ҳомӣ бошед, хату хабаратон канда нашавад, худатонро эҳтиёт кунед.

Паровоз пеш аз ҳаракат, охирин бонги худро сар дод.

...Чархҳои вагонҳо ба ҳаракат даромаданд. Баробари вагонҳо мардуми ҷамъомада ҳам ба пеш ҳаракат мекарданд. Дар байни онҳо модари Сафар, аз паси вай Зебӣ ва дигарон ҳам аз пеши дари вагон дур нашуда, дасти Сафарро мефишурданд. Садҳо даст ба ҳаво бардошта шуда, афшонда мешуданд.

Сафар ва шарикони вай аз пеши дари вагон истода, баъзеҳо телпак, баъзеҳо рӯймолча, баъзеҳо дасти холии худро баланд бардошта, «Хайр...хайр...хайр» гӯён овоз мебароварданд. Дар охирин дақиқаҳои аз саҳни вокзал дуршавии вагонҳо модари Сафар ва аз паҳлӯи рости ӯ Зебӣ боз пештар давида, Сафарро бо нигоҳҳои пурмеҳри чашмони гиряолуд худ гусел мекарданд. Сафар ҳам аз онҳо чашм наканда, як дастаи гулҳои ба синааш зер кардаро ба сӯи онҳо ҳаво дод. Дастаи гул дар ҳаво паҳну парешон шуда баъд ба сар ва нӯги пои Умрихола ва Зебӣ омада афтод...

Поезд торафт аз чашм дур гашта, ба паси дарахтони сабзранг ғоиб гашт. Аз роҳи оҳан бошад, якзайл тик –

так, тик – так овози чархҳо ба гӯш расида, гӯё бо тапиши дили мардуми гуселкунанда ҷӯр мегашт...

## БОБИ ДУВОЗДАҲУМ

Эшелони ҳарбӣ, ки дувоздаҳ рӯз пеш аз ин аз Сталинобод баромада буд, дар шаби сездаҳум ба хати ҷабҳа расид.

Ҷанговарон ба як нимстансияи бекасу нимхароба, ки дар торикӣ хеле ваҳмангез менамуд, аз вагонҳо фуромаданд. Пас аз он ки паровоз вагонҳои холиро баргашта аз истгоҳи қатора гирифта бурд, истгоҳ бадтар аз аввала харобазор намуд. Аскарбачаҳо ба чор тараф ҳаросон нигоҳ карда, ягон хонаи чароғдор, ё ягон сиёҳии одамро меҷустанд. Ба болои ин шамоли хунук, ки аз тарафи шимол мевазид, гуп-гупи гоҳ паст ва гоҳ баланди тӯппарониҳоро ба гӯш оварда мерасонд.

– Немисҳо дар кадом тараф бошанд? – пурсид Нозири камаровӣ, ки дар паҳлӯи Сафар рӯяшро аз шаббода гардонда меистод.

– Мегӯянд, ки дар ҳамин тараф, – ҷавоб дод Сафар ба тарафи шимол ишора карда.

– Набошад ин боди хунук ҳам азони ҳамонҳо гӯед, – гуфт Нозир ва боз илова кард, – чуноне, ки кӯҳистониҳо мегӯянд, «каси бадро нафаси бад» ҳамин аст...

Дар ин дам фармондеҳи взвод – лейтенанти хурд Харитонов Сафарро ҷеғ зад. Сафар ба назди вай давида рафт.

– Шумо муваққатан ба ҷои ман мемонед, то ба қисми таъйиншуда расиданамон ҳамаи ҷавобгарии взвод ба зиммаи шумо. Фармони лейтенант Осмухин ҳамин аст.

– Итоат, рафиқ лейтенанти хурд, – ҷавоб дод Сафар.

– Ман дар ҷои Осмухин мемонам, – гуфт Харитонов, – Осмухин ҳозир бо вакили қисми навамон меравад.

Лейтенант Осмухин бо вакили дивизияе, ки ҷанговарони тоҷик ба ихтиёри он омада буданд, ба мошин савор шуда ба штаб рафт. Аз мобайн як-якуним соат

нагузашта ҷанговарон ҳам бо сардории Харитонов ба роҳ даромаданд.

То қароргоҳи он дивизияе, ки ҷузвитомҳои навомада бояд ба вай ҳамроҳ мешуданд, қариб биступанҷ – сӣ километр масофа буд. Роҳ аз борони зуд – зуд борандаи фасли баҳорон чунон лой шуда буд, ки пои кас ба замин мечаспиду қадаммонӣ душвор мешуд. Ба болои ин, ароқу борхалтаи аскарӣ, ки як дақиқа ҳам аз китф намефуромад, қадаммонии ҷанговаронро боз ҳам душвортар менамуд.

– Ин қадар чорхез кардан чӣ лозим, моро-ку ягон кас пеш накарда истодааст, – ба Дадабой нолид Мамараҷаб, ки ба обу арақ ғӯтида буд.

– Ҳа, Мамад, тойи емхӯри камкор барин даррав ба обу арақ ғӯтидӣ? – гуфт Дадабой аз рӯи одати ҳарвақта номи Мамараҷабро кӯтоҳ карда.

– Аз ту ягон бор одам гапи дуруст ҳам мешунида бошад? – гӯё ранҷида гуфт Мамараҷаб.

– Охир, худат доимо тири ҷувоз барин, менолию менолӣ... – бадтар ба асаби Мамараҷаб расонда гап зад Дадабой. Дар ҳамин ҳангом аз пеш фармон дода шуд:

– Калонтар қадам монед.

– Ана, – гуфт Дадабой боз ба Мамараҷаб, – ин ҳам аз ношукрии ту. – Дадабой бо таъназаниҳои худ нигоҳ накарда, боз ба ҳарсасзанон ғеҷидаю пешпо хӯрда поймонии Мамараҷаб раҳмаш омад ва зуд аз китфи вай милтиқашро гирифта ба китфи рости худ овехт. – Ин корам маъқул будагист-а, ошно? – гуфта пурсид вай.

– Вақташ ояд, мо ҳам қусурашро мебарорем, додар, – бо оҳанги миннатдорӣ ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Дар устави аскарҳо ҳам ҳамин хел навишта шудааст, – боз гуфт Дадабой, – аскар ба аскар ҳам ҳомӣ ва ҳам балогардон аст.

Бо ҳамин қадамзании тези аскарӣ ҷанговарон ними шаб ба обу арақ ва лой ғӯтида, ба маҳалли таъйин шуда расиданд. Ин маҳал майдоне буд дар мобайни бешазори калон. Аз даруни бешазор гоҳ-гоҳ садои гуфтугӯи одамон, садои мотори мошинҳо ва ғайра шу-

нида мешуд. Ин ҷо истгоҳи хоҷагиҳои ақибгоҳии дивизияи полковник Людников буд.

Лейтенант Осмухин, ки аз Сталинобод сардори эшелон таъйин шуда буд, аз ҷанговарон пештар ба назди фармондеҳи дивизия омада, дар бораи ҳайати ҷанговарон, тайёрии ҷангии онҳо ҳисобот медод. Дар сангар, ки Осмухин ба он ҷо омада буд, ғайр аз ӯ, фармондеҳи дивизия полковник Людников ки марди миёнақади синну солаш қариб ба чил расида, ҷуссааш калон, чашмонаш зардчатоби ҷиддӣ, пешонааш се-чор рахи ожанг дошт ва боз як подполковник ва як майор ҳозир буданд. Дар пеши онҳо, дар рӯи мизе, ки аз тахтаи яшикҳо сохта шуда, пояҳояшро ба замин гӯр карда буданд, харитаи топографӣ паҳн карда шуда буд.

– Ҳамин тавр... рафиқ лейтенант, – гуфт полковник пас аз ҳолпурсӣ аз лейтенант Осмухин ва сари худро ба рӯи миз хам карда ба харита чашм андохт.

– Одамони ҷангнадидаро дар ин вақт якбора кӣ ба ҷанг пеш бурда метавонад, рафиқ комдив? – бо кадом як мулоҳиза гуфт подполковники қадпаст мӯйлаби дарозу сияҳи худро тоб дода.

Полковник пешонаашро чин карда, ба подполковник нигоҳи қаҳролуде кард.

– Агар ин ба маънои савол бошад, – гуфт полковник бо овози ғафс, – ҷавобаш равшан: ману шумо пеш мебарем.

– Охир немисҳо ба муқобили мо аскарҳои якачине доранд, ки Европаро зери по карда омадаанд, – боз фикри худро такрор карда гуфт ҳамон подполковник, – оё мумкин аст бачаҳое, ки ҳанӯз бӯи борутро нашамидаанд ва ба болои ин понздаҳ рӯз инҷониб дар роҳ хастаанд, якбора ба ҷанг дароянд?

– Шумо ҷангҳои назди Москваро надида бошед ҳам, мумкин аст, омӯхта бошед?

– Аз якчанд китоб хонда, дар якчанд лексия низ шунида будам, рафиқ комдив.

– Агар қувваи ҳофизаатон шуморо фиреб надиҳад, ба хотир оваред, ки немисҳо дар остонаҳои Москва на танҳо аскарҳо, инчунин дивизияю армияҳои кадрии яккачини дар Европа овоза бардоштаро ҷамъ карда

буданд. Онҳоро кӣ зада торумор кард, медонед?

– Сибириҳо, – ҷавоб дод майор.

– На фақат сибириҳо, панфиловчиёни аз Осиёи Миёна омада, саворагони туркман, ӯзбек, тоҷикро намегӯед? – полковник ҳар бори ном гирифтани ин қисмҳо бо нӯги қалами дар дасташ буда ба рӯи миз зада мемонд.

– Ман албатта, хоҳиши ба қарордоди шумо эътироз баён кардан надорам, лекин талафи беҳуда ба зарари худамон...

– Агар фармондеҳ моҳир бошад, ҳеҷ гоҳ одамони вай беҳуда талаф намешаванд... – фармондеҳи дивизия киноямез ҷавоб дода, қаламро ба рӯи харита партофту аз ҷояш хеста рӯ-рӯи хона роҳ рафт. Дигарон ҳам рост истоданд. – Ба гапҳои дигар овора шуда, кори асосиро фаромӯш накунед. Хӯш, рафиқ лейтенант, – ба Осмухин муроҷиат кард полковник, – лозим меояд, ки ҷанговаронатон бе истироҳат ба ҷанг дароянд, оё онҳо ба ин тайёранд?

– Ҳафт моҳ барои ин тайёрӣ диданд, рафиқ полковник, – ҷавоб гардонд Осмухин бо эътимоди комил.

– Бисёр хуб... Ҳафт моҳ дар замони ҷанг мӯҳлати кам нест, – гӯён полковник дар рӯи харита бо қалами сурх якчанд аломат гузошту боз ба гап давом кард. – Ду рота ба шумо, майор Максимов.

– Мудофиагоҳи ман ҷои серхатар аст, рафиқ комдив, ду рота камӣ мекунад, – гуфт майор Максимов. Полковник сар аз болои харита набардошта гуфт:

– Кифоя аст, аз қувваи бисёр дида маҳорату ҳунар зӯртар аст. Се рота ба шумо, подполковник Харламов.

– Хуб, рафиқ комдив, – ҷавоб дод Харламов.

Полковник Людников ба соаташ нигоҳ карду баъд ба ҳар ду фармондеҳони полк амр дод:

– Соат се. То соати шаши пагоҳ одамонро ҷо ба ҷо карда, бо ҳамаи чизҳои зарурӣ таъмин намоед ва пеш аз ҳама хуб сер кунед, аз субҳ ба ҷанг медароем. Немисҳо набояд як қадам ҳам пеш раванд. Маҳалли дидбонии ман ин дафъа дар хати полки шумо мешавад, майор Максимов. Соати ҳафт дар он ҷо мешавам.

– Итоат, рафиқ комдив, – ҷавоб дод майор Макси-

мов.

– Рафиқ лейтенант, – ба Осмухин муроҷиат кард полковник, – шумо бо ротаи худ ба ихтиёри полки майор Максимов меравед.

– Хуб, рафиқ полковник.

– Хайр, муваффақият ёратон бошад, то дидан. – Полковник бо Осмухин ва командирони худ хайрухуш карду ба берун баромад. Аз паси ӯ Максимов ва Харламов ҳам баромаданд. Командирони полк барои аз ихтиёри Осмухин гирифтани ротаҳо одамони худро ба вай ҳамроҳ карда, худашон ба хатти пеш роҳ гирифтанд.

* * *

– Ана, ба хатти пеш ҳам расидем, акнун ин тарафаш чӣ мешуда бошад, – гӯён Дадабой ба Нозири камаровӣ, ки дар шафати вай ба сангар дароз кашида буд, муроҷиат кард.

– Акнун ҳамон даҳанкалониҳоро, ки дар Сталинобод карда будӣ, дар амал нишон медиҳӣ, бачамард, – ҷавоб дод Нозир.

– Хуб шудааст, – гуфт Дадабой бо калонгирӣ остинашро барзада, – канӣ ягонтаи ҳамон немис инсӯтар биёяд, ман бинам!

Ҳаво абр буд. Дамидани субҳ он қадар маълум намешуд. Тӯпу туфангпаррониҳо чандон дар авҷ набуданд. Танҳо аз даромадгоҳи чакалакзори калон, ки дар байни он ва мавқеи мо як сой мегузашт, ҳар замон садои тирандозии пулемёти станокӣ шунида мешуд, ки овози вай ба табли таранг монандӣ дошт. Он ҷо мавқеи немисҳо буд. Немисҳо се-чор рӯз ин ҷониб аз ҳамон сӯ болои ҳам ба ҳамла гузашта, мехостанд хатти мудофиавии моро рахна карда пеш раванд.

Дивизияи полковник Людников дирӯз вазифадор карда шуда буд, ки пас аз бо қувваи нав пур кардани ҷузвитомҳо, на танҳо мавқеи худро мудофиа кунад, балки инчунин немисҳоро аз маҳалли ишғолкардаашон зада дур андозад.

Ҳангоме ки аввалин аломатҳои ба ҳуҷумгузарии ҷузвитомҳои мо – тӯпу миномётпарроиҳо акнун сар

шуда буданд, баъзе ҷанговарони нав ба ҷанг омада беихтиёр ба тарсу ваҳм афтода, ҳар кас ба таври худ паноҳгоҳе меҷуст. Як кас ба як кунҷи сангар лӯнда шуда нишинад, дигаре сарашро ба ягон чуқурӣ хаста, аз миён поёнашро дӯнг карда, гӯё бо ҳамин худро аз хатар халос кардагӣ мешуморид, сеюмӣ дар заминкан дуқад нишаста, бо ду дасташ гӯшашро маҳкам мекарду сар аз мобайни ду зону намебардошт...

– Ин чӣ масхарабозӣ? – бо ҷаҳл садо баровард Осмухин, ки аз заминкану сангарҳо гузашта омада, вазъияти ҷузвитоми худро месанҷид. Он ҷанговароне, ки аз тарс дар ҳар гуна вазъият менишастанд, аз ҷояшон ҷунбиданӣ бошанд ҳам, ваҳм онҳоро ба замин зер карда, аз ҷо ҷунбиданӣ намемонд.

– Ҳоло шумо, тоҷикписарон, дар майдони ҷанг магар худро ҳамин хел намоиш доданӣ ҳастед? – илова кард Сафар аз қафои Осмухин омада.

Аввало Дадабой, ки аз онҳо дуртар тани худро дар камари сангари худ ҷафс карда менишаст, милтиқашро аз хандақ гирифта, ҳушёр истод. Гарчанд нишасти вай он қадар таънарасанда набошад ҳам, аз сухани Сафар мутаассир шуд. Баъд аз Дадабой ду-се ҷанговари дигар ҳам, ки дар як сангар ба ҳамдигар ҷафс шуда менишастанд, яке аз қафои дигар аз ҷояшон ҷунбиданд.

– Мамараҷаб канӣ? – пурсид Сафар аз Нозир.

– Дар окопи чорум буд.

– Ӯро аз он ҷо наёфтанд.

– Боз хайру маъзурро нася карда, шабона ба он тараф меҳмон нашуда бошад? – Дадабой

– Ин корро ҳамон кас мекунад, ки ору номус надорад, – ҷавоб дод Нозир. Сафар ҳамдеҳаи худ Қурбонро барои кофтуков ба сангару заминканҳои дигар фиристод. Худаш дар пеши Осмухин аз хиҷолат чӣ кор кардан ва чӣ гуфтанро надониста хомӯш меистод.

– Аз ибтидои кор аҳвол ҳамин бошад, дертар чӣ мешавад.

Ҷавобан ба ин гапи Осмухин Нозир бо оҳанги орият гуфт:

– Рафиқ сержант, ба рафиқ лейтенант бигӯй, ки ин тарсу ваҳмҳо муваққатист. Ду-се бор чашмонамон ди-

да, гӯшҳоямон шунида одат кунад, ана баъд ҷангиданро аз мо бинанд.

Дар ҳамин дақиқа Қурбон: «Мана Мамараҷаб» гӯён овоз баровард. Мамараҷаб ба як заминкани нимаш аз таркиши гулӯла фурӯрафта, ки дар қафои заминкан буд, даромада кулӯла шуда хоб карда буд. Сафар ва Осмухин аз ин рафтори вай гоҳ асабонӣ, гоҳ заҳрханда мекарданд.

– Ҳай, ҳай, бачамарди ҳисорӣ... – таънаомез гуфт Сафар ба Мамараҷаби рангпарида.

– Охир, худи командир гуфта буд, ки дар вақти тӯппаронӣ ҳама бояд ба заминкану камари сангарҳо панаҳ шаванд, – ба рафтори худ баҳона нишон доданӣ шуд Мамараҷаб.

– Оё фаҳмидӣ, аз кадом тараф тӯп парронида истодааст? – пурсид Сафар.

– Аз тарафи немисҳо...

Ин ҷавоби Мамараҷаб Сафарро бадтар ба хашм овард. Дадабой аз дур ин гуфтугӯйро шунида, ба Сафар шунавонда гуфт:

– Ҳарчи заҳракаф нашудааст, ҳаминаш ҳам давлат, даҳбошӣ.

Дадабой дар рӯзҳои охир Сафарро даҳбошӣ меномид.

Аз сухани Дадабой ҷанговарони гирду пеш хандиданд. Сафар ҳам оҳиста лаб ҷунбонда, бо пурсиши Осмухин сухани ӯро тарҷума кард. Осмухин ҳам аввал як табассум карду баъд ба Мамараҷаб нигоҳ карда гуфт:

– Рост, агар ҳамаи зӯру қудрати мардонагӣ ҳамин бошад, дар тӯппаронии дуюм заҳра он тараф истад, дилу ҷигараш ҳам мекафад...

Ин таънаю сарзанишҳо ба Мамараҷаб ва ба баъзе ҷанговароне, ки мисли ӯ иродаи худро асири тарсу ваҳм карда буданд, сахт таъсир карду аз рафтори шармандавори худ хиҷолат кашиданд.

Аз мобайн боз як-ду соат гузашт ва ҳамин ки тӯппаронӣ боз ба авҷи зиёд давом кард, бо сигнали муайян ротаи Осмухин дар зери ҳимояи таркиши гулӯлаҳои тӯпҳои худӣ ба ишғол кардани хурӯҷгоҳи ҳамла аз ҷо

ҷунбиданд. Аз отделенияи Сафар аз ҳама аввал худи Сафар, баъд Нозир, Дадабой ва боз дигарон гоҳ хазида, гоҳ кӯтоҳ – кӯтоҳ давидаю ҷаҳида пеш рафтанд. Мамараҷаб ҳар замон ба замин дароз кашида, паноҳгоҳ меҷусту боз тифоқо саросемавор сар бардошта, аз дигарон ҷудо шуда қафомонии худро пай бурда, аз нав ба пеш медавид. Дар ин маврид Нозири камаровӣ, ки барои Мамараҷаб мутасаддӣ буд, ба ӯ мегуфт:

– Аз қатор ки мондӣ, аз худат гила кун. Баъд ба ту ҳеҷ кас ёрмандӣ намекунад.

Мамараҷаб тез – тез нафас кашида нимғурма ҷавоб медод:

– Аз Сталинобод, ки сар карда омада истодаему омада истодаем, ҳеҷ, не ки камтар дам гирем, шушамон ҳам ба даҳон омад...

– Шушат ба даҳон омада бошад-ку ҳеҷ гап не, ҷонат ба лаб наояд бача... – гуфт Нозир ба Мамараҷаб.

Қариб ҳамаи рота аз хатти мудофиавии худ ба сӯи мавқеи немисҳо сесад – чорсад метр наздик омаданд. То мавқеи немисҳо сад – дусад метр масофа монда буд, ки ҷанговарон бо фармон ба ҳамла тайёр истоданд. Дар ин дақиқаҳо аскарҳои немис аз оташи тӯпу миномётҳои мо ба камари заминкану сангарҳои худ панаҳ шуда, сар намебардоштанд. Гулӯлаву минаҳо дар рӯ ба рӯи ҷанговарон яке аз паси дигар таркида, чангу хоки мавқеи немисҳоро ба осмон мебардоштанд ва ҳатто оҳанпораи онҳо аз пеши чашму гӯш, болои сари ҷанговарони мо шув – шув парида мегузаштанд.

Пас аз якчанд дақиқаи ба хурӯҷгоҳ расидани рота, оташи тӯпхона ба дарунтари мавқеи немисҳо гузаронда шуду баробари ҳамин аз қафо ба осмон мушак парид. Ин ишора ба ҳамла буд. Ҳамин ки аз паҳлӯи рота отделенияи сержант Сафар Одинаев якчанд ҷанговарони ҷангдидатарини полк ба ҳамла қомат рост карданд, Сафар ҳам аз ҷояш бархоста, бо тамоми азму ирода «Ба пеш!» гӯён садо баровард. Ҳанӯз ҷанговарони ӯ се-чор қадам пеш надавида аз пеш якбора тирандозии ду-се пулемёт сар шуд. Шояд аз ҷӯшу хурӯши ғаюрӣ бошад, ки Сафар ба ин тирандозии пулемёт эътибор надода, боз се-чор қадам монду баъд як ба қафо нигоҳ карда

худро якбора кунда барин ба замин партофт.

– Ӯҳ, кори даҳбоширо кард... – бо алам гуфт Дадабой нимхез шуда ва ҳамон дам баргашта ба замин часпид.

– Ку? – пурсид Нозир ва беихтиёр акнун сар бардоштанӣ буд, ки се-чор тир дар пеши чашми ӯ чанги заминро ба ҳаво бардошта ва як тир рост теппаи кулоҳхӯди ӯро харошида гузашт. Аз зарбаи ин тир кулаҳхӯди Нозир ба ақиби сараш афтод. – Ӯҳ, ноумед, каллаамро сӯрох кард, – гӯён Нозири рангу қуташ паридагӣ беихтиёр ба сараш даст бурд. Боз оташи пулемёт авҷ гирифт. Нозир дарҳол аз безарар мондани худ як шодии беинтиҳои дохилӣ пайдо карда, ба се-чор қадам чаптар, ба паси як хоктӯда ғелид.

Ҳама дар ҳамин аҳвол садо набароварда, аз ҷояшон наҷунбида мехобиданд. Гарчанде ки аз қафо ду пулемёти рота кор мекард, вале оташи пулемёти немисҳо имкони сар бардоштан намедод. Ҳамин тавр, ҳамлаи якум барор нагирифт. Ҷанговарони Осмухин як қисмашон пештар, як қисмашон қафотар дароз кашида, на пеш мерафтанд ва на қафо мегаштанд. Мамараҷаб бошад, дар ҷои дарозкашидааш сарашро ба замин ҷафс карда, пичир – пичиркунон аз афташ ким-чӣ дуою оятҳо мехонд.

Ин вазъияти тангро якбора болои ҳам тирхоликунии тӯпе, ки садои он аз қарибиҳои хурӯҷгоҳ ба гӯш мерасид, сабук кард. Баробари рӯ ба рӯ, ба заминканҳои немисҳо афтода таркидани гулӯлаҳо, пулемёти душман ҳам дигар садо набароварда монд. Тӯпи аз қафо оташфишонанда оташи худро ба паҳлӯи чап гузаронда буд, ки аз қафотари ҷанговарони отделенияи Сафар касе синаашро ба пеш дода, дар дасташ туфангча баланд садо бароварда медавид:

– Рафиқон, ҳамватанон, барои Ватан, барои халқамон, ба пеш!

Аз паси ин даъвати ӯ аз чапу рост ва аз мобайн «ура»-и ҷарангосӣ баланд шуда, майдоне, ки аз ин якчанд дақиқа пештар дар он нишонаи касе дида намешуд, аз одам пур шуд. Баъзеи онҳо рост, баъзеашон нимхез ба пеш медавиданд. Вақте ки марди дар

даст туфангча аз мобайни отделенияи Сафар ҳафт-ҳашт қадам пештар рафт, якбора аз паҳлӯи чапи ӯ: «Тоҷикписарон! Барои шарафу озодиамон ба пеш!» гӯён Сафар ҳам аз ҷояш ҷаҳида хеста ба пеш тохт; ногаҳон аз замин қомат рост кардани Сафар, ки навакак ҷанговарон ӯро ҳалокшуда гумон карда буданд, шиддати ҳамлаи ҷузвитомро тез кард.

– Э, мурӣ ҳам, ҳеҷ набошад, як немисро кушта мур, охир! – гӯён Дадабой Мамараҷабро ба пеш тела медод, ки вай гоҳ ба қафои ҳамроҳи худ, гоҳ ба қафои Нозир панаҳ шуда медавид.

Онҳо ба мавқеи немисҳо нарасида, аз заминкан аскарони немис ҷаҳида мебаромаданд. Ҷанги рӯ ба рӯ авҷ гирифт. Сафар аз рӯи таълими Осмухин немисҳои рӯ ба рӯ омадаро бо оташи автомати худ мехобонд. Дадабой бошад, бо авҷ аз ҳама пештар рафта ба ду немиси аз пеш баромада вохӯрд. Вай бо суръати давидан рост ба синаи немиси якум найза халонда буд, ки немиси дуюм ба Дадабой автомат рост кард. Дадабой аз ҳавли ҷон як дасташро аз милтиқи худаш канда, бо чаққонӣ мили автомати немиси дуюмро маҳкам дошта ба замин хам кард. Немис бо тамоми қувва автоматро кашида гирифта, боз ба Дадабой рост кард. Дадабой ҳамон сония ду дасташро ҳам аз милтиқаш холӣ карду худашро чапғалат дода, ҷаҳида немисро маҳкам ба оғӯш гирифт. Немис ҳарчанд гирд хӯрда, тир холӣ кунад ҳам, тирҳои ӯ ё ба замин, ё ба ҳаво мепариданд. Дар ҳамин вазъият Дадабой бо тамоми қувва пои немисро аз замин канду бо зарби сахт сарнагун ба заминкан партофт ва дарҳол милтиқи худро ба даст гирифта, ба сари немисе, ки мехост аз заминкан бароояд, бо қундоқ зада, ӯро нимҷон кард.Баъд аз ҳамин, Дадабой ба гирду атрофи худ чашм давонда, аз рафиқонаш касеро надид. Ҷанг ба он сӯи заминкан гузашта буд. Дадабой аз заминкан ҷаҳида, ба ҳамон тараф давид. Вай ба ин ҷо нарасида, аз худаш даҳ-понздаҳ қадам дуртар Мамараҷабро дид. Вай дар даст милтиқ тир андохта медавид ва аз паҳлӯи рости вай як немиси хунолуд корди дудама дар даст аз қафо ба Мамараҷаб ҳамла карданӣ мешуд:

– Мамараҷаб, мурдӣ! Ба паҳлӯят нигоҳ кун! – гӯён бо ҳаяҷон фарёд кард Дадабой. То ба худ омадани Мамараҷаб немис ба вай ҷафс шуду аз гиребони ӯ маҳкам дошта, дудамаро аввал як ба ҳаво бардошт ва акнун ба паси гардани ӯ заданӣ буд, ки дар ин асно аз куҷо Сафар ҳозир шуд. Вай дасти немисро маҳкам дошта, ҳамон замон сахт ба ақиб кашид. Дасти немис ба қафо тоб хӯрда буд, ки корд аз дасташ афтод. Аз ин фурсатро фоида бурда, Мамараҷаб ба синаи ӯ найза халонд. Немис ҷо ба ҷо ҷон дод. Баъд Мамараҷаб корди дудамаи ӯро аз замин гирифта ба соқи мӯзааш халонду ба пеш давид.

Ҷанги рӯ ба рӯ то ними чакалакзор рафта буд, ки немисҳои дар пештар буда дигар ба зарбаи ногаҳонӣ тоб наоварда, қафонокӣ гурехтанд. Ротаи Осмухин ва дигар ротаҳои ҳамсоя то охири чакалакзор мавқеи немисҳоро ишғол карда, пеш рафтанд.

Ҳангоме, ки отделенияи Сафар заминкани охирини немисҳоро аз аскарҳои боқимонда тоза мекард, аз чап овози Нозир шунида шуд. Бо фармоиши Сафар Мамараҷаб ба он сӯ давид. Вай бист – сӣ қадам давида буд, ки аз як заминкани немисӣ боз садои Нозир баромад. Мамараҷаб давида ба он ҷо даромад.

Дар заминкани чоркунҷаи қариб як қади одам кандашуда, ки дар он ҷо немисҳо ҳамаи асбоби зиндагии худро партофта гурехта буданд, Нозир ба болои сари кадом як кас дузону менишаст...

– Сержант канӣ? – пурсид Нозир.

– Чӣ гап?

– Зуд сержант ё лейтенантро фарёд кун. Дар ин ҷо як солдати хунолуди мо хобидааст.

Мамараҷаб баргашта рафтанӣ буд, ки ба заминкан лейтенант Осмухин, роҳбари сиёсии рота Ванюшин ва сержант Сафар Одинаев омаданд.

Осмухин дар торикӣ чеҳраи аскари дар заминкан беҳаракат хобидаро дуруст дида натавонист.

– Ба роҳрав баоред, – гуфт Осмухин.

Нозир ва Мамараҷаб ҷанговарро бардоштаба роҳрав бароварданд. Дар пеши чашми ҳозирон ҷавонмарде мехобид, ки сарулибосаш лахт – лахт, хунолуд,

пойбараҳна буд ва чашмонашро нимпӯш карда базӯр менолид. Дар пешонаи вай бо корд шакли ситораи панҷгӯша, дар ду рухсораш аломати зарб бурида шуда буд. Политрук Ванюшин дарҳол ин ҷанговарро шинохту ба болои сари вай хам шуда, номашро гирифт:

– Ӯрозов, Ӯрозов!

Ӯрозов пардаи чашмони нимроғашро базӯр ҷунбонда ба як ҳол оби даҳонашро фурӯ бурду ду-се бор нимғурма гап зад.

– Немис канӣ?

– Немисро пеш кардем, Ӯрозов!

Ҳамин ки роҳбари сиёсӣ ин суханро гуфт, Ӯрозов як чашмашро калон кушода, ҳаракати сар бардоштан карду лекин дармонаш нарасида, баъд чашми нимроғашро ҳам пӯшида, хомӯш монд...

– Разведкачии мо буд, ду рӯз шуд, ки аз супориши ҷангӣ баргашта наомад, фашистҳо албатта аз вай чизе рӯёнда натавониста, ӯро ҳамин хел шиканҷа кардаанд... Худаш ӯзбек, ду орден ҳам дорад, – гуфт бо овози ғамгин Ванюшин ва аз сараш телпакашро гирифт. Дигарҳо низ сарлуч шуда, як дам дар болои сари ҷасади беҷони ҷанговари шӯрой хомӯш рост истоданд.

Мамараҷаб аввалин бор аз ин фоҷиа кӣ будани душмани дар рӯ ба рӯ истодаро дар фикри худ тасаввур мекард. Як гӯшаи дили ҳанӯз аз иғвоҳои Мирбадал тозанашудаи вайро низ оташи ғазаб ва кинаю адоват нисбат ба гитлерчиён ба сӯзиш меовард... Вақте ки вай ба рӯи ҷанговари ҳозиракак ҷондода нигоҳ мекард, гӯё аз лабҳои беҷони Ӯрозов чунин садое ба гӯши ӯ мерасид:

«Агар орияту номуси мардонагӣ дошта бошӣ, барои ҷони ҷавонам қасос гир, ҷанговар!»

* * *

Пас аз он, ки торикии аввали шаб ба чор тараф доман паҳн кард, ба мавқеи ротаи Осмухин фармондеҳи дивизия полковник Людников омад. Фармондеҳи полк майор Максимов низ ҳамроҳи ӯ буд. Осмухин онҳоро дар баромадгоҳи чакалакзор, дар пеши заминкани аскарӣ пешвоз гирифт. Полковник дарҳол Осмухинро ба

ҳамон заминкан таклиф карду аз ҳама аввал худаш ба он ҷо сар халонд. Дар заминкан сержант Сафар Одинаев ва Нозири камаровӣ дар рӯшноии пилтасӯзе, ки аз қуттии консерв сохта буданд, кадом як маҷаллаи кӯҳнаро аз назар мегузарониданд.

Полковник Люников аз паҳлӯи онҳо ба суфачаи заминкан нишаст. Дигарҳо ҳам ба ҳамдигар ҷафс нишастанд.

– Ҳамин тавр... – гуфт полковник ишорачӯби дар дасташ бударо аз миёни ду пояш ба замин зада – зада ва гоҳ ба Нозир, гоҳ ба Сафар чашм медӯхт – Ҳамин тавр, аввалин бор бӯи борутро ҳам шамидед?

– Шамидем, рафиқ полковник, – ҷавоб дод Сафар.

– Чӣ хел, хеле талх аст? – боз пурсид полковник аз Нозир.

– Ба ҳар ҳол ширинӣ надорад, рафиқ полковник, – гуфт Нозир табассумкунон. Полковник ҳам бо мамнунӣ хандида-хандида ба сухан давом кард:

– Ширинии вай дар дигар чиз аст, – ҳама ба полковник саволомез нигоҳ карданд. – Оё ҳис намекунед, ки пас аз ин қадар талхии бӯи борут муваффақияти ҷангии мо чӣ қадар ҳисси ширин мебахшад?

Ин ҷавоби ӯ ба лабони ҳозирон низ табассуми мамнуният эҳдо кард ва ин табассум тасдиқи хулосаи полковник буд.

– Хӯш, майор Максимов, аз рафиқони нав розӣ ҳастед?

– Аз ҷону дил, рафиқ полковник. – Дар рӯи лоғари майор хурсандӣ ҳувайдо буд.

Пас аз сӯҳбат, полковник Людников, майор Максимов, лейтенант Осмухин аз заминкан берун баромаданд.

Борон монда, абрҳои ғафси пора – пора ба ҳар сӯ титу пароканда мешуданд. Аз байни абрпораҳо ситораҳо медурахшиданд. Аз чакалакзор бӯи баҳор – бӯи дарахтони нав муғҷакушода, сабзаҳои аз қабати замин сарбардошта ба димоғ мерасид.

Полковник дар пеши заминкан як дам ба осмон нигоҳ карду рост истоду баъд чуқур нафас кашида гуфт:

– Чӣ андоза табиати дилкушо... гӯё ки ситораҳо ҳам

ба таҳсини ҷанги имрӯзаи мо ин қадар равшан медурахшанд.

## БОБИ СЕЗДАҲУМ

Саҳрои васеи Дон. Офтоби саратон заминро оташвор метасфонад. На фақат одам, балки паррандаҳо низ аз гармии ҳаво беҳол шудаанд. Боди аз шимол вазанда ҳам ба рӯи одам ҳаври танӯр барин мерасад.

Ангори гандум ва ҷавдор қариб тамоми саҳроро фаро гирифтаанд ва аз боди андак ба ҷунбиш омада, мисли тилло барқ мезананд. Работу қӯрғонҳои хурду калон дар ҳар ҷо – ҳар ҷои саҳрои васеъ ба назар мисли қалъаи посбонӣ менамуданд.

Ғайр аз он ки аз мобайну канори заминҳои корам ду роҳи ҳамвори мошингард мегузашт, дар ин рӯзҳо аз байни киштзорҳо низ боз ду-се роҳи нави пиёдаву саворагард кушода шуда буд, ки яки он ба тарафи ҷануби шарқӣ, дигараш рост ба шарқ, сеюминаш ба самти шимоли шарқӣ нигоҳ карда мерафт.

Ҳам роҳҳои асосӣ ва ҳам роҳҳои нав кушодашудаи ин саҳрои зархези Дон дар ин солҳою моҳҳои наздик ин қадар серҳаракату серодам нашуда буд, чуноне ки дар ин рӯзҳои аввали фасли тобистони соли 1942 дида мешуд. Аз роҳҳои асосии васеи ҳамвор пайи ҳамдигар автомошинҳои чорчарха ва шашчархаи боркаш, ки ба ақибашон тӯп пайваст карда, болои онро бо брезент пӯшонда буданд, мошинҳои сабукрави гуногун, гурӯҳ-гурӯҳ одамони яроқнок, аробаҳои чорчархаи пурбор ва ошхонаҳои сафарии аскарӣ аз шарқ ба ғарб ва аз ғарб ба шарқ ҳаракат мекарданд. Аз роҳҳои нав кушодашуда бошад, марду занҳо, духтару писарбачагон, баъзеашон савори аробаҳои чорчарха, дигарашон пиёда дар дасту китфҳояшон борхалтаҳо хомӯш ба самти шарқи ҷанубӣ нигоҳ карда меомаданд. Аз як роҳи дигар, ки ба тарафи ҷануби шарқӣ бармегашт, чӯпонҳо галаю рамаҳои гову гӯсола, бузу бузғолаҳоро аз ғарб пеш карда меомаданд. Он чангу гардҳое, ки аз ин роҳҳо гоҳ ғафс, гоҳ тунук шуда ба ҳаво бардошта мешуданд, хеле вақт рӯи осмо-

нро тира месохтанд.

Аз дур якзайл ғулғулаи тӯппарониҳо ба гӯш расида, ин ғулғуларо гоҳо садои ғурриши ҳавопаймоҳои дам ба ғарб, дам ба шарқ парвозкунанда пахш мекард.

Ҳамаи ин манзара дар пеши чашмони Сафар Одинаев, ки баробари ҳамаи ҳайати шахсии дивизияи полковник Людников аламу азобҳои аз остонаҳои Ростов сар карда ақиб нишастанро мекашид, як-як намоён мешуданд ва дар дили вай низ мисли ҳамин роҳҳои нав, ки аз мобайни киштзорҳо кушода шудаанд, изи амиқ мегузоштанд.

Лейтенант Осмухин дар гарданаи теппаи гунбазшакл рост истода, бо дурбин ба чор атроф нигоҳ мекарду баъд ба рӯи харитаи топографие, ки дар болои планшетка паҳн карда шуда буд, ҳар гуна аломатҳо мегузошт. Дар нишебии шарқии теппа ҷанговарони вай роҳравҳои баробари қади одам ва барои пулемётҳо сангарҳою майдончаҳо месохтанд. Тарафи шимолии роҳравҳо то ба деҳае, ки қариб дар як километр дурӣ намудор буд, тарафи ҷанубии вай аз роҳи мшингард гузашта, ба даруни гандумзор морпеч шуда мерафт.

Осмухин, баъд аз ба харитаи маҳал кашида шудани хатти мудофиавии ротаи худ, ҳамроҳи роҳбари сиёсии рота Ванюшин ва фармондеҳи взводҳо ба отделенияи Сафар омада, ба сангаркании ҷанговарони ӯ нигоҳ карда истоду баъд ба аскарбачаи нисбат ба дигарон сертараддуди камкор, ки ба обу арақ ғӯтида буд, муроҷиат кард:

– Худи ангиштканҳо барин ба обу арақ ғӯтидию лекин замини кандагиат як аршин ҳам намебарояд...

Ҷанговар ним белча хокро ба канор партофта, аввал ба лейтенант Осмухин, баъд ба замину девори роҳрав нигоҳ кард.

– Торафт ба замини заранг вохӯрда истодаем, рафиқ лейтенант, ана худатон бинед, гӯё ки дами белча ба санг хӯрда бошад.

– Чаро азони дигарон ин хел не? – пурсид Осмухин ва ба сӯи дигар ҷанговароне, ки як қади одам роҳрав канда буданд, ишора кард.

– Эҳ, рафиқ лейтенант, кошки ин ҷо марзи охирини мо мебуд, дар он сурат ба қади як хона бошад ҳам, чуқур мекофтам., – гуфт Қурбон аз паҳлӯи Мамаҷаб истода ва бо ин ӯ мехост фаҳмад, ки оё боз қафогардӣ мешуда бошад ё не.

– Дар майдони ҷанг кори аскар як дам ҳам истода монад, сангар канда худро паноҳ кардан аст, – ҷавоб дод Осмухин, – зарар надорад, барои мо имрӯз ин ҷо паноҳгоҳи муваққатӣ бошад, пагоҳ барои немисҳо гӯри торик мешавад...

Ба болои ҳамин гап Сафари сарулибосаш хоколуд пайдо шуда, ба Осмухин салом дод.

– Ҳа, Сафар, чӣ гапҳои тоза? – пурсид Осмухин ба саломи вай алек гирифта.

– Гапҳои тоза аз шумо, рафиқ лейтенант.

– Гапҳои тоза ҳамин, ки боз ҷанг мекунем, ҷанг...

– Ҷанг кунем, боз беҳтар. Ҳа гуфта қафогардӣ ҳам ба дил зад, рафиқ лейтенант.

– Чӣ илоҷ, кори мо фармони сардоронро иҷро кардан аст, рафиқ сержант. Умед мекунем, ки албатта ин рӯзҳо ҳам ба охир мерасанд. Аз хона мактуб гирифтӣ? – пурсид дар охир марди қадпасти тануманд, ки дар паҳлуи Осмухин меистод.

– Не, рафиқ политрук.

– Худат мактуб навиштӣ? – пурсид Осмухин.

– Не, понздаҳ – бист рӯз мешавад, ки нанавиштаам.

– Чаро?

– Чӣ менависам, рафиқ лейтенант. Одам шарм мекунад. «Аз деҳа бо тантана баромада рафта, ҳунари нишон медодагиатон магар фақат ақибнишинӣ шуд?» – гӯён таънадиҳии ҳамватанонро шунидан намехоҳам... – гуфт Сафар бо алам.

Осмухин ва командири взвод, ки дар паҳлӯи ӯ буданд, аз ин гапи Сафар табассум карданд. Осмухин хандаомез ба вай гуфт:

– Ту гумон мекунӣ, ки қафоравӣ танҳо ба ту вобаста аст?

– Охир ман ҳам яктои ҳазорҳо мешавам, рафиқ лейтенант, – ҷавоб дод Сафар.

Осмухин ба симои дурушти Сафар нигоҳ карда,

деҳаи ӯ, модари меҳмоннавози вай, маҳбубааш Зебӣ, Юнусбобо ва ҳамон замини бо трактори СТЗ шудгоршуда, инчунин Сталинград, зану духтарчаи худро ба пеши назараш овард ва баробари ҳамин аз дил мегузаронд: «Рост аст, то кай ва то куҷо қафо мегардем? Наход ба ҳамин аҳвол то остонаи хонаи худ равем, Наташа магар намегӯяд, ки «Ҳа, ҷанговар, чӣ хел раво дидӣ, ки немис то ба сари оилаат зер карда ояд, бо тӯпу туфангҳояш муғчаи вонашудаи ниҳоли зиндагиамон – Нинаи шашсоларо пажмурда созад?..»

– Дуруст аст, рафиқ Одинаев, – якбора бо садои пуризтироб гап зад Осмухин ва чашмонашро маънидорона ба самти шарқ дӯхт, – ин ба ҳар яки мо вобаста аст, ҳар кадомамон барои ин замине, ки моро хӯронда, пӯшонда ба воя расондааст, ҷавобгар ҳастем...

Давоми сухани Осмухинро ғурриши як гурӯҳ ҳавопаймоҳои бомбаандози мо, ки аз самти шимоли шарқӣ ба тарафи ҷануби ғарбии саҳрои Дон парвоз карда мегузашт, пахш кард. Ҳама ба осмон нигоҳ карда, баробар: «Лочинони мо» гӯён даст афшонданд...

– Ана, ба немисҳо хӯроки бегоҳӣ бурда истодаанд, – гуфт политрук Ванюшин кӯлоҳи хокистаррангашро дар болои сараш афшонда.

– Аз ҳамин хел «меҳмондориҳо» бисёртар шуда истад кор бад намешавад, – гуфт Осмухин давоми сухани политрукро гирифта.

– Аз ҳоло орзу дорам, ки ҳамин, ки ҷанг тамом шуд, барои гирифта омадани оилаам албатта бо ҳавопаймо хоҳам рафт.

Осмухин дар ҳамин ҷои сухани политрук Сафарро ҷеғ зад, ки вай дар саҳнаи махсус пулемёт мешинонд. Сафар омад. Лейтенант ба ӯ фармуд, ки Дадабойро ба ин ҷо фиристад.

– Дар байни инҳо Ёрматов ном як ҷанговар ҳаст, вай аз ҳамон шаҳрест, ки оилаи шумо ба он ҷо кӯчонда шудааст.

Сафар зуд Дадабойро аз сари сангараш гирифта овард.

– Дадабой, ту ленинободӣ ҳастӣ?

– Ҳа, аз худи Ленинобод, рафиқ лейтенант.

– Дар он ҷо ягон хешу табор дорӣ?

– Як тағо ва як амакам дар Ленинобод. Хоҳару модарам дар Қӯрғонтеппа, дар колхоз кор мекунанд, рафиқ лейтенант.

– Мана, зану бачаҳои роҳбари сиёсӣ ҳам ҳозир дар шаҳри ту меҳмон будаанд.

– Бисёр хуб кардаанд. Меҳмони кӣ?

Роҳбари сиёсӣ аз кисаи гимнастёркааш як лифофаи дуқаткардашудае бароварду ба унвони дар поёни вай навишташуда чашм давонда бо овози баланд хонд:

– «Ленинобод, кӯчаи Сурх».

– Ин аз ҳавлии мо як маҳалла боло, медонам.

– Худи шаҳр бисёр гарм мегӯянд-а? – пурсид роҳбари сиёсӣ.

Дадабой ҳар чӣ таърифе, ки дошт ба шаъни Ленинобод гуфта, чунон хулоса баровард, ки гӯё дар олам аз он ҷо беҳтар ҷои зебо, дилнишин, сермева ва боғҳояш хушманзара нест.

– Зардолуяш бисёр мегӯянд-а?

– Дар шаҳри мо касе, ки як бор мазаи зардолуро чашад, дигар ба қанду шириниҳо нигоҳ ҳам намекунад, рафиқ политрук.

– Наход ҳамин қадар ширин бошад?

– Асал барин рафиқ политрук, мана як мазаашро бинед, – гӯён Дадабой ҳамон дам ба кисаи шалвораш даст андохту панҷ-шаш дона қоқи қандакро ба рӯи кафаш бароварда ба политрук ва командири рота дароз кард.

Осмухин ва Ванюшин ба ин рафтори Дадабой бо чашми ҳайрат нигоҳ карда, табассумомез аз дасти вай яктаӣ қоқ гирифтанд.

– Ин коратон ширинкори сирк барин шуд, – гуфт роҳбари сиёсӣ чангу гарди қоқро бо нӯги ангуштонаш пок карда.

– Чӣ, магар ягон халтаашро бардошта омадед? – пурсид Осмухин.

– Рӯзи ба поезд баромадан, модарам камтар савғо карда буд, – ҷавоб дод Дадабой.

– НЗ[1] гӯед – пурсид роҳбари сиёсӣ.

– Ҳа, рафиқ политрук, ҳар замон шумо барин рафиқонро меваи шаҳрамон гӯён зиёфат мекунам.

– Раҳмат. Хӯш, ҳамин хел шаҳри хуб гӯед?

– Ҷаннат, рафиқ политрук. Агар не нагӯед, ман ба тағоям ва амакам менависам, оилаатонро ба боғамон гирифта мебаранд.

– Раҳмат, монед, онҳоро ташвиш надиҳед, дӯсти азиз.

– Ҳеҷ ташвиш надорад. Шамоли саҳроро хӯрда саёҳат мекунанд. Боғамон ҳам аз шаҳр чандон дур нест, як-якуним километр.

– Ҳа, майлаш, чӣ бадӣ дорад, баръакс, амаку тағои Дадабой ҳам хурсанд ва ҷияни худро дидагӣ барин мешаванд. Матвей Иванович, – гуфт Осмухин таклифи Дадабойро тарафдорӣ карда.

Роҳбари сиёсӣ Ванюшин бо миннатдорӣ ташаккур изҳор кард.

– Хуб, ташаккур, рафиқ Ёрматов, баъд боз гапзанон мекунем. Ман бегоҳӣ адреси занамро навишта медиҳам ва адреси шуморо ҳам навишта мегирам.

– Майлаш, рафиқ политрук, кадом вақте, ки бошад, ман тайёр.

Дадабой аз назди онҳо дур нашуда, Осмухин, Ванюшин ва фармондеҳони взводҳо, ки дар як тараф дар болои хоктӯда ғун шуда менишастанд, қад – қади роҳрав ба тарафи деҳа рафтанд.

Офтоб ба мағриб хамида, тасфи ҳаво торафт паст мешуд. Чангу гардҳои аз роҳҳои серҳаракат ба ҳаво бардошташуда ҳам оҳиста-оҳиста тунук шуда, аз чашм ғоиб мегаштанд. Тӯдаи одамоне ки аз ҷойҳои немисҳо ишғолкарда мегурехтанд, торафт кам мешуд. Танҳо рафтуои мошинҳои боркаш, сабукрав ва баъзан аробаҳои чорчархаи дуаспа канда намешуд. Ғулғулаи тӯппарониҳо низ якзайл давом карда, аз ким-куҷои осмон ғурриши ҳавопаймоҳо ба гӯш мерасид. Дар ҳамин хел вақтҳои каме хомӯшӣ аскарҳо бо якдигар шӯхӣ карда мегуфтанд: «Ё немис моро фаромӯш кард,

[1] Ба маънои захираи эҳтиётӣ .

ё мо ба ақибгоҳи дур афтода мондем».

Албатта, нисбат ба он марзе, ки ҳоло аз он ҷо садои тӯпу туфангҳо баланд мешуд, ин ҷо ақибгоҳи дури хатти ҷабҳа ҳисоб мешуд. Аммо аз ҳар эҳтимол холӣ набуд, ки пагоҳ ё пасфардо ин ҷо ҳам яке аз марзҳои пешхатти ҷаьҳа гардад.

Дар ин минтақаи мудофиавӣ ротаи Осмухин ду рӯз боз истеҳком месохт. Дар маҳалле, ки дарозиаш қариб ҳазор – якуним ҳазор метри мураббаъ буд, маҳалҳои такягоҳии взводҳо, маҳали такягоҳии асосии рота, маҳалҳои қалбакӣ барои тӯпу миномётҳо, пулемётҳои дастгоҳӣ ва аслиҳаҳои танкзан марзи оташфишонӣ ба вуҷуд оварда мешуд ва чор тарафи ин маҳалро симхорҳо, майдонҳои минакоришуда, дар самтҳои танкгузар чуқуриҳои зиддитанкӣ печонда мегирифтанд.

Дар ҳар ҷо – ҳар ҷо аз майдончаҳои махсус тӯпи 45 – миллиметрии танкзан, миномётҳои 82-миллиметрӣ ва пулемётҳои калибрашон калон мили худро рост ба ғарб, ё ба ғарби ҷанубӣ ва ё ғарби шимолӣ нигаронда меистоданд, ки аз болои онҳо ва гирду пешашон тӯрҳои ноаёнсозӣ кашида шуда буданд. Аз ҳамаи маҳалли мудофиавии рота роҳраву заминканҳо ба якдигар омада пайванд мешуданд.

Взводе, ки отделенияи Сафар ҳам дар ҳайати ҳамон буд, дар тарафи чапи маҳалли мудофиавӣ дар қарибии кӯча ҷойгир шуда буд. Ин тараф – тарафи хатарноки танкгузар ҳисоб мешуд.

– Ин сафар ба ҷои хатарнок афтода мондем-а? – мегуфт Мамараҷаб ба Сафар.

– Дар ҷабҳа ҷои хатарноку бехатар нест, ҷӯра. Ҳамааш ҳам майдони ҷанг, – ҷавоб медод Сафар аз сангарканӣ даст накашида.

Дадабой ба гап ҳамроҳ шуда мегуфт:

– Агар фаҳмиданӣ бошӣ, дар ҳама ҷо марг аввал аз гиребони тарсончак меқапад, Мамад!

– Ин қадар ту аз маргу тарсончакӣ гап мезанӣ, Дадо? – Мамараҷаб аз сухани Дадабой оташин шуда ранҷида пурсид.

Дар болои ҳамин гап аз ғарб як тӯда ҳавопаймоҳои

«Юнкерс» ба шакли секунҷа парвоз карда омаданд. Овози баланди касе: «Воздух!» гӯён хабар дод. Ҷанговарон дар ҷой-ҷояшон панаҳ шуданд. «Юнкерсҳо» он қадар баланд парвоз намекарданд.

Ранги зардчатоби онҳо ва нишони монанди тортанак дар зери ҳар ду боли онҳо кашидашударо чашм равшан медид.

– Ӯ, ҳаромӣ, – гуфт Дадабой, – аэропланаш ҳам худаш барин бадафту нофораме...

## БОБИ ЧОРДАҲУМ

Сафар чашмони аз хоб сершудаи худро молида – молида аз блиндаж берун баромада буд, ки диққати ӯро якзайл ғур – ғури кадом як ҳавопаймо ба худ кашид. Вай ба осмон нигарист. Дар болои сари ӯ ҳавопаймои дидбоню тасҳеҳгари нишонгирии немисии «фокке – вулф» чарх мезад. Ин ҳавопайморо дар як ҷабҳа ҷанговарон «рама» номанд, дар ҷабҳаи дигар – «нардбон» ва ё «асобағал» меномиданд. Вай дар намуд ҳақиқатан ҳам ҳамин чизҳоро ба хотир меовард ва дар куҷое ки пайдо шавад, мисли пашшаи шилқини фасли саратон одамонро безор мекард: гоҳ варақа мепартофт, гоҳ бомбачаҳо ва гоҳ истгоҳҳои аскарони моро дида монда, барои онҳоро ба зери оташи тӯпу миномётҳо гирифтан ба қисмҳои тӯпчии худ хабар мерасонд.

– Дидӣ, ки «рама» пайдо шуд, дон, ки қисмҳои немисӣ ҳам аз ҷои ту чандон дур нестанд, – шунид Сафар овози ҷанговареро ва ҳамон дам худ ба худ фикр карду ба хулосае омад, ки ҳамнабардони вай ба ҷангҳои нав ҳам тайёранд.

Сафар аз роҳрави блиндаж ҷаҳида ба болои хоктӯдаи сангар баромад. Дар он ҷо якчанд ҷанговар гапзанон менишастанд. Ҳар замон чашмони онҳо ба роҳҳои одаму мошингард дӯхта мешуданд, ки аз он роҳҳо мошинҳои боркаши пур аз захмдорон, ё асбобу анҷомҳои гуногун бор кардагӣ мегузаштанд. Аз ҳар ду канори роҳҳо гурӯҳ-гурӯҳ ҷанговарони сар то пояшон чангу лойолуд мегузаштанд, ки дар ин наздикиҳо дасту рӯяшон ягон бор ҳам ба об нарасидааст ва аз бе-

дорхобӣ пилку сафедии чашмонашонро суп – сурх хун зер кардааст. Симои ҷиддии онҳоро кадом як дарду алам тира мекард.

Як гурӯҳ ҷанговарони ротаи лейтенант Осмухин, ки дар сари роҳ меистоданд, бо мақсади донистани вазъият аз аскарҳои роҳгузар мепурсиданд:

– Монда набошед, ҷӯраҳо! Аз куҷо ба куҷо?

Аввал ҳеҷ кас ба ин савол ҷавоб надод. Дертар аз мобайн як ҷавони малламӯи сафедпӯст, ки дар китф автомати немисӣ дошт, дар тарафи чапи тасмааш корди финӣ овехта буд, ба наздиктари ҷанговарони Осмухин омада, пилоткаи рангпаридаи чиркини то болои абрувонаш нимкаҷ пӯшидаашро аз сар гирифту пас аз салом гуфт:

– Аввал барои нӯшидан ду-се қулт об медодед, рафиқон...

Ба вай обдонро дароз карданд. Солдат бо ҳирси том якчанд қулт об нӯшиду баъд боз пилоткаашро ба сараш пӯшида, бо ҳасрат даст афшонду гуфт:

– Кор чатоқ, бародарҳо! Лаънатӣ фашист худро мурданивор ба пеш зада истодааст.

– Ҳоло дар куҷо? – пурсид ҷанговари дигар.

– Шайтон медонад, ки ҳозир ба куҷо омада бошад, замину осмон пур аз танку самолёт.

– Худи шумо ба куҷо равона?

– Барои аз нав ташкилёбӣ, – ҷавоб дод аскари малламӯй. – Устувор истед, ҷӯраҳо, насиб бошад, мо ҳам боз аз қафо ба мадад расида меоем. – Вай давида ба рафиқони пешрафтаи худ расида гирифт.

Аз паси гурӯҳи аскарҳои гузаштарафта як мошини алобулои мошранги «М – 1» расида омада, дар пеши роҳ истод. Аз даруни вай се кас – як марди қадпасти фарохсина, ки дар сари синааш дурбин овехта буд, як марди харобакаки мӯсиёҳ ва боз як каси аз қиёфааш бистуду – бистусесола баромаданд. Шахси якум – фармондеҳи дивизия Людников, дуюм фармондеҳи полк майор Максиов, сеюмаш ёвари фармондеҳи дивизия лейтенанти хурд Харченко буд. Фармондеҳи полк аз полковник пештар ба тарафи сангари отделенияи Сафар омада, аз Нозири камаровӣ пурсид:

– Командиратон дар куҷо?

– Ман, сержант Сафар Одинаев! – гуфт Сафар баробари шунидани овози Максимов ва аз хоктӯда давида фуромад.

– Зуд ягон касро барои командири рота фиристед ва таъйин кунед, ки командирони дигар ҷузвитомҳоро ҳам ба ин ҷо ҷеғ зада оварад.

Сафар фармони подполковникро такрор карда, аз ҷанговарони отделенияи худ Касенкоро ба назди фармондеҳи рота лейтенант Осмухин фиристод.То омадани Осмухин ва командирони взводҳо полковник Людников ҳамроҳи командири полк Максимов ба гарданаи теппа баромада, мудофиагоҳи рота ва маҳалҳои ба он пайвастро бо дурбин аз назар мегузарониданд. Дере нагузашта Осмухин, фармондеҳи баталйон капитан Пузир, ки вай аз полковник пештар ба ин ҷо омада буд, роҳбари сиёсии рота Ванюшин ва фармондеҳони дигар взводҳою ҷузвитомҳои ба ёрии рота додашуда ба назди фармондеҳи дивизия Людников ҳозир шуданд. Людников бо ҳамаи онҳо мулоқот карда, баъд аз Осмухин ва Пузир пурсидани корҳои тайёрии ротаи баталйон, ба дида баромадани минтақаи мудофиагоҳи рота шурӯъ кард.

Людников ба сари ҳар марзаю ҳар нуқтаи оташфишонӣ рафта камбудию нуқсонҳоро қайд мекард ва барои худи ҳамин рӯз бартараф кардани онҳо фармон медод. Вақто ки полковник ба назди Нозири камаровӣ омад, гӯё ки бо вай додару бародар бошад, ҳолпурсӣ карда гуфт.

– Лочини кӯҳистонӣ, аҳвол чӣ тавр?

– Бад нест, рафиқ полковник, – гуфт Нозир.

– Чаро хуб не?

– Дар як ҷо нишастан гирем, чӣ тавр хуб мешавад, рафиқ полковник?

– Ё ин ки духтарони сиёҳчашми мӯдарозро ёд кардӣ?

– Ёд карда бошем ҳам, чӣ илоҷ?

– Илоҷаш – немисро сахттар зада, зудтар ҷангро ба охир расондан аст.

– Эҳе, рафиқ полковник, ба хаёлам, ҳоло то тамом

шудани ҷанг гап бисёр.

– Чаро гап бисёр будааст?

– Кай ба ҳуҷум мегузарем, кай ин қадар замини аз дастамон рафтаро озод мекунем? – Нозир бо як алами ботинӣ гап мезад. Ин сухани вай полковник Людниковро ҳам мутаассир кард. Вай дар ин қафогардиҳо шахсан худро ҳам ҷавобгар ҳис карда, қиёфааш ҷиддӣ шуда, ду рухсор ва гӯшаш тасфиданд. Бо ҳамин вазъият полковник изтироби худро пинҳонкунон беихтиёр ба пеши пояш, ба хоктӯда хам шуда, аз он ҷо як каф хоки намро гирифт ва онро асабонӣ бо ангуштонаш молиш дода – молиш дода, оромона гуфт:

– Оре, хеле қафо рафтем...

Пас аз ин полковник ба як сӯ рафта, ба лейтенант Осмухин амр кард:

– Немисҳо қувваи зиёд доранд, – гуфт аз харита роҳи омади онҳоро нишон дода, – мана аз тарафи ҷануб ба сӯи мо, ба сӯи ҳамсояҳои мо армияи 6-ум ва 4-уми танкии онҳо зер карда омада истодааст. Як қисми онҳо дирӯз аз ҷараёни миёнаи Дон гузашта, дар соҳили чапи вай ҷанг карда истодаанд. Дар ҳар ҳақиқат бояд ба ҷанг тайёр бошед. Бо қатъият ва маҳорат ҷангидан лозим. Мавқеи худро чунон мудофиа кунед, ки ба вай дандони немис бархӯрда шиканад...

Дар мобайни ҳар як ҷумлаи полковник лейтенант Осмухин: – итоат, иҷро мекунем, рафиқ полковник, – мегуфт.

– Ана ҳамин тавр, – боз таъкид кард полковник.

Осмухин ва дигар фармондеҳон, фармондеҳи дивизия ва фармондеҳи полкро то назди мошини вай гусел карданд. Баъд аз рафтани полковник Осмухин ва командири баталйон Пузир оид ба вазъият ва ҷангҳои оянда ба маслиҳату сӯҳбат нишастанд. Роҳбари сиёсӣ Ванюшин бошад, барои бо коммунистон ва комсомолон сӯҳбат карда, дар ҷанги оянда ҳам намуна нишон додани онҳоро таъкид кардан ба взводҳо рафт.

Гашти пешин роҳбари сиёсӣ Ванюшин ба заминкани хандақмонанди Сафар даромада омад, ки дар вай фақат ду-се кас меғунҷид. Дар заминкан Сафар ба бо-

лои зонуяш сумкаи ҳарбиро гузошта, ба рӯи як коғаз сар фурӯ бурда чизе менавишт. Дар як тараф Мамараҷаб ҳам ҳамин хел машғули мактубнависӣ буд. Баробари хам шуда ба заминкан даромадани Ванюшин Мамараҷаб ва Сафар куҷо будани худро фаромӯш карда, аз рӯи одат дар назди сардор аз ҷояшон бархостанӣ шуданд, вале сари онҳо ба шифти заминкан бархӯрда, боз дар ҷояшон нишаста монданд. Ванюшин аз ин рафтори онҳо хандида, «шинед, шинед» гӯён китфи ҳар дуро зер кард.

– Аз афташ ба хона мактуб менависед?

– Ҳа, рафиқ роҳбари сиёсӣ, имрӯз мактуб гирифтам, акнун ҷавоб навишта истодаам, – гуфт Сафар.

– Чӣ менависанд, мумкин аст, ки боз мою шуморо таъна дода бошанд? – гӯён роҳбари сиёсӣ шӯхӣ кард.

– Не, рафиқ политрук. Аз он ки дер боз мактуб нанавиштаам, дар хавотир мондаанд.

– Дидед, шумо бо андешаҳои беасос мактуб нанавишта, хешу табори худро дар хавотир гузоштед.

– Мактуб аз модаратон?

– Ҳа, аз модарам ва аз муаллимаи мактаби деҳаамон.

– Бисёр хуб. Аз номи моён салом расонед, гӯед, ки албатта ба хона бо ғалаба бармегардем.

– Хуб, менависам, рафиқ роҳбари сиёсӣ.

– Хӯш, ба шумо чӣ менависанд? – пурсид роҳбари сиёсӣ аз Мамараҷаб, ки дар як гӯшаи заминкан ба гапҳои Сафар гӯш дода менишаст.

Агарчи Мамараҷаб ҳам аз амаки худ Мирбадал мактуби дуру дароз гирифта буд, дар вай ягон калимаи ба дигарон нақлкунанда набуд. Аз сар то по, мисли аввала, гапҳои сафсата ва аз роҳзананда буданд. Барои ҳамин Мамараҷаб ба пурсиши роҳбари сиёсӣ ягон чиз гуфта натавониста, забон мехоид. Ба ҷои вай Сафар гап зад:

– Ин кас ҳам ҳамватани ман, рафиқ роҳбари сиёсӣ.

– Ҳамин тавр, бисёр хуб. Чаро ин қадар пажмурда менамоянд, чӣ, магар аз хонаашон ягон хабари нохуш гирифтаанд?

– Не, ба фикрам, ҳеҷ гап не. Ин кас фақат як амак

доранд, ки дар магазини ҷамъияти матлуботи деҳот кор мекунанд, дигар ҳеҷ кас надоранд.

– Ё ин, ки амаки шумо ҳам дар ҷанг қафогардии шуморо коҳишкунон хат навиштааст? – бо кунҷковӣ пурсид роҳбари сиёсӣ.

Ин савол ба дили Мамараҷаб як ҷунбиши ногаҳоние ба вуҷуд овард. Дар ин асно ӯ худро дар байни ду олами тамом ба ҳам зид ҳис мекард. Вай ба роҳбари сиёсӣ як нигоҳ карду боз дарҳол аз вай чашми худро канда, сарашро поён фуровард ва бо ангуштонаш як гӯшаи коғази дар дасташ бударо бозикунон хомӯш монд.

– Забони русиро он қадар хуб намедонад, рафиқ роҳбари сиёсӣ, барои ҳамин чӣ гуфтанро надониста монд, – эзоҳ дод Сафар каме тарафгирӣ карда.

– Майлаш, бо забони худаш гап занад, шумо баъд ба ман фаҳмонда медиҳед.

– Гап зан охир. Мамараҷаб, чаро гунг шуда мондӣ?

– Гапи гуфтанӣ набошад, чӣ гӯям? – сарашро набардошта нимғурма гап зад Мамараҷаб.

– Охир амаки Мирбадал чӣ менависад? Мумкин аст, ки туро ёд карда бошад, ё ягон хабари нав навиштагист?

Роҳбари сиёсӣ Ванюшин ҳам илова кард:

– Ё эҳтимол аст, ки худатон диёратонро ёд карда бошед?

– Ҳа, мумкин аст дар ин ҷо зиқ шуда бошӣ? – давоми сухани роҳбари сиёсиро гирифта пурсид Сафар.

– Не, аз зиқ шудан не, – боз нимкора ҷавоб дод Мамараҷаб ва пас аз каме хомӯш мондан бо ҳасрат илова намуд: – росташро гӯям, ҳамеша аз дигарон таъна шунидан ба ҷонам расид.

Сафар гапи ӯро ба роҳбари сиёсӣ фаҳмонда, дарҳол саволи ӯро такрор кард:

– Барои чӣ, чӣ хел таъна?

– Чӣ тавре ки худат медонӣ, дар ҷанги гузашта чӣ тавр шуд, ки дар назди немиси рӯ ба рӯям омада якбора худамро гум кардаму бедасту по шудам. Ҳамон замон Нозир дар наздам пайдо шуда немисро найза зада афтонд. Вақте ки ақиб мегаштем, аэропланҳои немис

ҳамаамонро маҷбур кард, ки панаҳ шавем, айбам ҳамин ки ман аз дигарҳо каме дуртар гурехта руст шудам. Дирӯз ба қисмати ман замини заранг вохӯрда, дар истеҳкомканӣ аз дигарон қафо мондам. Ана ҳамаи гуноҳи ман ҳамин аст.

– Хӯш, сонӣ чӣ шуд?

– Охир ҳамин Дадабойи серҷоғ ин сӯ гузарад ҳам, он сӯ гузарад ҳам, «ҳа, Мамадполвон, ин қадар хурӯс барин суп – сурх шуда рафтӣ» гӯён аз таънаю пичингзанӣ даҳон намепӯшад. Ҷанг фақат як ҳамин рӯз не-ку, мебинем, ба дигарҳо ҳам навбат меомадагист, охир...

Сафар бо завқ хандида, ба роҳбари сиёсӣ гуфтаи Мамараҷабро фаҳмонда дод. Политрук ҳам хандакунон гуфт.

– Оҳо, ана гап дар куҷо будааст. Ин таъна не, танқиди солдатӣ шудааст.

Мамараҷаб аз хандаи онҳо бадтар оташин шуд ва якбора ба ҷӯш омада бисёртар ба Сафар расонда гап зад:

– Мукин аст, ки ман ба худи ту ҳам маъқул набошам, Сафар. Майлаш, ман розӣ, аз он, ки дар назари одамон бад намуда гардам, ба ягон ротаи дигар равам беҳтар...

– Ин гапҳоро баъд дар байни худамон гап мезанем, мефаҳмем, кӣ ба кӣ бад менамояд, – гуфт Сафар дар навбати худ ба Мамараҷаб расонда.

Ванюшин хам ба Мамараҷаб насиҳатомез якчанд сухан гуфт:

– Дар ин ҷо бояд якдигарро бародар барин донист, рафиқ Юсуфов. Баъзеҳо ҳазл, баъзеҳо танқид мекунанд, баъзеҳо аз рӯи манфиати кор ҷӯрагиро як сӯ монда, сахттар ҷазо ҳам медиҳанд. Ҳозир қаҳру ғазабро бисёртар ба тарафи фашист бояд нигаронед. Ана пагоҳ – бегоҳ боз ба ҷанг медароем. Сафари гузашта немиси ба шумо ҳамлакардаро Нозир зада афтонда бошад, ин сафар мумкин аст, шумо якто не, камаш дусе немисро зада нест кунед. Баъд худ аз худ ҳамон касе, ки шуморо таъна додааст, худаш қоил шуда, забонашро газида мемонад. Чӣ гуфтед?

Мамараҷаб аз гуфтаҳои роҳбари сиёсӣ қонеъ

шудагӣ барин як нафаси дароз кашида – «Дуруст аст, рафиқ роҳбари сиёсӣ» гуфт.

Баъд роҳбари сиёсӣ Ванюшин дар бораи корҳои расмии ҳизбӣ, комсомолӣ, сиёсӣ гап зада, ба Сафар супоришҳо доду баромада рафт.

Дар заминкан Сафар ва Мамараҷаб монданд.

– Хӯш, бародар, мана ман дар ихтиёри ту ҳастам, чӣ матлабе, ки дорӣ, гӯй, – гуфт Сафар наздиктари Мамараҷаб рӯ ба рӯ нишаста.

– Не, ман дар ихтиёри ту ҳастам, – ҷавоб гардонд Мамараҷаб, – ту командир, ман фармонбардори ту.

– Ҳозир ман бо ту на ҳамчун командир, балки фарзанди як деҳаю як халқ гап задан мехоҳам.

– Ман гапи зиёдатӣ надорам, боз мегӯям, ки агар ба назари шумоён бад менамудагӣ бошам, ба ягон ротаи дигар фиристон.

– Мумкин аст баръакс, ман ба ту маъқул набошам? Гуноҳи ман ҳамин аст, ки дар вақти адои хизмат ҷӯрагиро як сӯ ғундошта, туро ҳам баробари дигарон медонам. Ту бошӣ, аз ин хулосаҳои беҳуда мебарорӣ.

– Ҳар чӣ бошад ҳам, ман дар назди ту айбдор, ба ин иқрор мешавам.

– Масалан?

– Худат медонӣ, гуфтан чӣ ҳоҷат?

– Агар айбу камбудиҳои дар аскарӣ кардаатро бошад, албатта медонам ва барои ин аз рӯи низомнома ба ту чора ҳам дида будам.

– Ман инро намегӯям.

– Набошад аз дигараш ҳеҷ хабар надорам.

– Наход баъзеҳо ба ту хабар надода бошанд?

– Баъзеҳо кӣ, кадом хабар? Билло, ки чӣ гуфтан мехоҳӣ, ҳеҷ намефаҳмам...

Мамараҷаб хомӯш монда «гӯям ё нагӯям» гӯён фикр карду баъд туфашро фурӯ дода, базӯр овоз баровард.

– Зебӣ.

Сафар чашмонашро калонтар кушода бо ҳайрат такрор пурсид:

– Зебӣ?

– Ҳа.

Сафар мақсадро фаҳмиду худашро ба нодонӣ ан-

дохт.

– Хӯш, Зебӣ муаллимаи мактаби мо, чӣ шудааст?

– Чӣ мешуд, нафаҳмида як номаъқулӣ карда будам. Агар медонистам, ки оқибат дар мобайни ману ту ҳамин қадар хунукӣ меафтад, даҳан во намекардам.

Сафар ба чӣ ин қадар дар назди худ дамдузд, парешон ва ба ҳар як сухани вай бо шубҳа нигоҳ кардани Мамараҷаб акнун дурусттар пай бурд. Аммо худи Сафар ба ин гапҳои майда – чуйдаи гузашта эътиборе намедод ва ҳатто ба Зебӣ кас мондани Мамараҷабро қариб аз хотираш фаромӯш ҳам карда буд.

– Аввал ин ки ман хӯҷаин ё ҳокими Зебӣ нестам, Мамараҷаб, дуюм ҳам ин, ки ин гапҳои ба як пули сиёҳ наарзанда худи ҳамон вақтҳо дар Сталинобод фаромӯш шуда буданд. Агар ту гумонҳои беҳударо то ҳамин ҷо, ба майдони оташу тӯфони ҷанг дар дилат нигоҳ дошта омада, аз боиси ҳамин ба ман кина дошта бошӣ, аз худат гиламанд бош. Акнун, вақте ки айби худатро худат ошкор сохтӣ, ман аз дили софи дӯстӣ мегӯям, ки дар хизмат ва дар ҷангҳои гузашта ноӯҳдабароӣ кардани ту ҳам ана аз ҳамин сабаб будааст. Одамҳо ба чӣ мақсадҳо хун рехта истодаанду ту ба чӣ хаёлҳои бемаънӣ печ хӯрдаӣ? Ҳамин қадар гуноҳҳоро дар дилат бардошта гаштию дар вақташ ё бо амаки Мирбадал, ё бо ягон каси худат бовар мекардагии деҳа дуруст ё нодуруст будани онҳоро маслиҳат ҳам накардӣ?

– Ман маслиҳат накарда бошам ҳам, баъзе одамон худашон маслиҳат дода буданд...

– Масалан, чӣ маслиҳат дода буданд? Шояд гуфтаҳои маро гуфта бошанд?

Мамараҷаб аз он ки Сафар торафт бо вай бе ҳеҷ ғараз рӯшод гап мезад ва аз сабаби он ки муқаррар кардани ҳақиқат хеле зарур буд, дар дилаш чӣ гапе, ки дошт, гуфтан гирифт.

– Не баръакс. Агар қаҳрат наояд ва ин гап аз байни мо берун набарояд, мегӯям.

– Кӣ ва чӣ будани худамро ба ту гуфта доданам ҳоҷат нест. Худи ту бояд маро хуб шиносӣ.

– Мегӯянд, ки ту аз хостгор фиристодани ман ба

Зебӣ ва ба аскарӣ баробари ту нарафтанам ба рашку хашм омада, ба комиссариати ҳарбӣ арз кардаӣ, ки зудтар маро ба ҷабҳа фиристанд.

Ин гапи Мамараҷабро шунидан замон тамоми аъзои бадани Сафарро хашму ғазаб фаро гирифт ва пас аз он ду гӯш, ду рухсораи вай мисли ҳаври оташ тасф баровард.

– Ту ҳам ба ин бовар кардӣ?

– Ҳа, ҳамон вақтҳо бовар карда будам.

– Ҳозир ҳам бовар мекунӣ?

– Ҳозир аз ту рост ё дурӯғ будани инро мепурсам.

– Набошад, ба ҳамон касе, ки ин гапҳоро ба гӯши ту рехтаасту чашми туро аз дидани ҳақиқат бастааст, гӯй, ки коми Сафарро модараш бо ин хел беномусиҳо набардоштааст.

Мамараҷаб пеш аз ин гумон надошт, ки ба унвони амаки худ аз забони Сафар ин қадар нафрати сахт мерасида бошад. Вай гапи Сафарро дандон ба дандон монда мешуниду дар ин кор кӯтоҳандешӣ кардан ва қисман айбдор будани худро ботинан эътироф мекард. Боз худ ба худ мегуфт: «Ҳоло ин як нӯги ришта аст». Агар боз ба ӯ чӣ гуна фикру маслиҳатҳои фитнаангез додани амаки худро ошкор созад, ба ивази онҳо Мирбадалро ғайр аз хоин дигар чиз номидан кам аст.

Бо хоин ҳамтабақ ва ҳамфикр шудан Мамараҷабро ҳам қариб ба ҳамин ном лоиқ карда буд. Хуб шуд, ки вай ҳамааш набошад ҳам, як қисми гуноҳи худро дар пеши Сафар ошкор кард. Ҳозир ҳаминаш кифоя. Ӯ худро аз гуноҳҳои сахт дар оташу тӯфони ҷанги дарпешистода пок хоҳад кард. Мамараҷаб сари бо ин фикру хаёлҳо поён фурӯдрафтаашро боло бардошта, дар байни шаш – ҳафт моҳ аввалин бор ба чашмони калон – калони сиёҳи Сафар рост нигоҳ карда узромез гуфт:

– Айб аз ман гузаштааст, ҷӯра. Мебахшӣ, дили туро сиёҳ кардам.

– Не, дер бошад ҳам, бисёр хуб кардӣ. Ин гумонҳоро дар Сталинобод бартараф кардан лозим буд. Майлаш, кӣ будани он маслиҳатдеҳи туро пурсидан ҳам ҳоҷат нест. Агар азму ирода ва орияти ҷавонмар-

диатро гум накарда бошӣ, ҷавобашро худат медиҳӣ.

– Хуб, рафиқ сержант, – гӯён бо ҷиддият расмиятро баҷо овард Мамараҷаб, – ин тарафаш тани мо.

Мамараҷаб боз чизе гуфтанӣ буд, вале аз роҳрав туп – тӯп қадаммонии касе ӯро аз гап боздошт. Ҳар ду ба роҳрав нигоҳ карданд. Ба тарафи заминкан робитачии фармондеҳи взводи сеюм меомад.

– Хӯш, Костя?

– Барои шумо омадам. Зуд ба назди фармондеҳи взвод, рафиқ сержант.

– Боз чӣ гап, аз ин ҷо ҳам кӯчро ғундоред-ку намегӯянд?

– Намедонам, ҳамаи фармондеҳони отделенияро ҷеғ мезананд.

Сафар сумка ва автоматашро ба гардан овехта аз блиндаж баромад. Аз роҳрав ба Мамараҷаб гуфт:

– Ту дар ҳамин ҷо бош, дур нарав.

– Хуб.

Дар блиндажи фармондеҳи взвод – лейтенанти хурд Харитонов, ғайр аз фармондеҳи отделенияи чорум, дигар ҳама ҷамъ омада буданд. Сафар аз фармондеҳи взвод иҷозат гирифта даромад ва аз паҳлӯи фармондеҳи отделенияи пулемётчиён чорзону нишаст. Фармондеҳи взвод Харитонов дар пешгоҳи блиндаж, дар болои суфачае, ки дар пешаш аз тахтаи бараш сӣ – чилсантиметрии кӯҳна мизи хурде сохта шуда буд, ба кадом як коғаз чашм дӯхта менишаст.

– Хуб, раифқон! – Ҳама ба тарафи фармондеҳи взвод Харитонов рӯ гардонданд. – Ман шумоёнро барои бо як фармон хабардор кардан ҷеғ задам. Аз ҳамин шаб сар карда мавқеи мо боз хавфноктар шуда монд. Немисҳо имрӯз субҳ хатти мудофиавии моро аз ду ҷо рахна кардаанд. Қисмҳои танкӣ ва мотории онҳо моро танг карда меоянд. Дивизияи мо фармон гирифтааст, ки ба мудофиаи марзи худ ва зада баргардондани ҳуҷумҳои душман тайёр бошад. Ин шаб навбати муҳофизату посбонӣ ба взводи мо супорида шуд. Отделенияи сержант Одинаев ва Клименко дар ду тарафи гарданаи теппаи дуюм, ки рӯбарӯямон аст, дар посбонӣ меистанд. Ду отделенияи дигар, то фармони

махсус, бояд барои ба кашшофӣ рафтан ҳозир бошанд. Фаҳмидед?

– Фаҳмидем, рафиқ лейтенанти хурд, – ҳама баробар ҷавоб доданд.

– Мумкин? – пурсид Сафар. Харитонов иҷозат дод. – Ҷои посбонии отделенияи моро аз харита саҳеҳтар нишон медодед.

– Мана, наздиктар оед, – гуфт Харитонов харитаи топографиро ба наздиктари худ кашида ва ангуштони кӯтоҳ – кӯтоҳи худро ба рӯи харита монду баъд бо нӯги сурхи қалами дуранга ба ду нуқта доирачае кашид, – ана ҳамин ҷо. Боз дар аснои ба иҷрои вазифа шурӯъ кардан худам ҳамроҳ рафта нишон медиҳам. Боз чӣ савол ҳаст? Дигар савол набошад, ба отделенияҳои худ рафта, тайёриатонро бинед. Расо дар соати 20 шурӯъ мекунем, – Харитонов ба соат нигоҳ кард. – Дар ихтиёри шумо боз чор соати пурра.

Фармондеҳи отделенияҳо пас аз шунидани фармон ба ҷой – ҷойҳояшон рафтанд. Вақте ки Сафар ба заминкани худ наздик шуд, аз он ҷо садои думбра ва овози ба вай ҷӯр шуда сароидани Нозир мебаромад. Сафар бо кадом як мулоҳиза оҳиста-оҳиста қадам монду ба даромади заминкан расида, як дам рост истод. Ба гӯши вай овози думбра ва суруди Нозир аз ҳарвақта дида чунон форам мерасид, ки гӯё аввалин бор мешунида бошад.

Нозири камаровӣ бо овози на он қадар баланд, вале форами худ чунин месароид.

*Ду қоши сиёҳ дорию мӯҳои дароз,*
*Дар мактаби шӯроӣ мехонӣ ба ноз.*
*Қурбони ду абрӯи сиёҳат бишавам,*
*Пеши мани зор кай ту меоӣ боз?*

Ҳангоми суруд Сафар як дам худро фаромӯш карда, фикран ба Тоҷикистон, ба водии Ҳисор, ба кӯҳсорони Қаротегину Дарвоз, дар кӯчаҳои тахту рости Сталинобод, ки дар ин шабу рӯзҳо саросар сабзапӯш шудаанд, сайругашт мекард. Аз Юнусбобо шармкунон бо Зебӣ дар таги кадом як ниҳоли боғчаи мактаб танҳо сӯҳбати

ширин мегузаронд. Модараш ба гардани ӯ часпида ашки шодӣ, ашки пазмонӣ рехта, дере дар гирди сари ӯ парвона барин чарх мезад. Боз... боз... чӣ хаёлҳое ки аз пеши назари вай намегузаштанд... Лекин, садои якбора хомӯшшудаи думбра ва суруд ҳамон замон фикри Сафарро ҳам аз ин сайругаштҳо боздошт. Вай худ ба худ табассуме карду ба гирду атрофаш назар андохта, ба заминкан даромад.

Дар блиндаж Нозир, Мамараҷаб, Дадабой, Степан Шестак ном ҷанговари сибирӣ ва Аркадий Косенко ном ҷанговари украинӣ зич ба ҳамдигар ҷафс менишастанд. Баробари намоён шудани Сафар ҳама аз ҷояшон ҷунбида, илоҷи бархоста берун баромадан меҷустанд.

Сафар аз даромад нигоҳ карда – «Эҳе... қариб ҳамаи отделения дар ҳамин ҷо-ку» гӯён, ҷанговаронро таклифи нишастан карда худашро берунтар гирифт. Аскарҳо як-як баромада, камтар дилхушӣ кардани худро гуфтанд. Сафар ҳам ин кори онҳоро маъқул шуморида ба Нозир таҳсин хонд:

– Бале, камаровӣ!

– Гоҳ ғамзаю усул, гоҳ худою расул, рафиқ сержант, – ҷавоб дод Нозир.

– Нағз, бисёр нағз кардӣ, камаровӣ. Боз кӣ медонад, ки ин ғамзаю усулҳо кай мешуда бошад, – гуфт Сафар ба Нозир шарҳи ин суханро фаҳмонда.

– Боз пагоҳ – бегоҳ нағораи ҷанг баланд мешудагӣ барин...

Сафар ин суханро гуфту чашмаш ба уфуқ афтод. Офтоб сурхчатоб шуда ба сӯи ғарб фурӯ мерафт.

...Дар рӯи ҳамон уфуқи оташвор хол – хол нуқтаҳои сиёҳ пайдо мешуданд ва онҳо ба назар торафт калонтар менамуданд. Сафар як дам нафас ба дарун кашида, хомӯш монд. Ҷанговароне, ки дар пеши ӯ буданд, мисли вай ба ҳамон сӯ нигоҳ карданд.

Диққати онҳоро овози фавқулода баланди кадом як кас, ки аз парвози ҳавопаймоҳои фашистӣ хабар медод, бурид. Ҳама яроқу аслиҳаҳои дар сангарҳо ва майдончаҳо истодаро ба камарҳои заминкан ва сангарҳо руст карда, худашон ҳам пинҳон шуданд. Дар як

дам атрофро хомӯшӣ фаро гирифт. Акнун ғур – ғури ҳавопаймоҳо баландтар шунида мешуд. Ғайр аз ин, аз куҷое ғиҷир – ғиҷири чархи вайронаи ароба ва бо қаҳр дашномдиҳии касе низ ба гӯш мерасид.

Ҳавопаймоҳои вазнини бомбаандози немисҳо, ки дар зери ҳимояи қиркунандагон парвоз мекарданд, бо ғулғулаи худ осмонро пур карда, ба болои мавқеи ротаи лейтенант Осмухин расиданд. Ин сафар ҳавопаймоҳо аз ҳарвақта пасттар ва бо суръати сусттар парвоз мекарданд.

Ҳамин, ки ҳавопаймоҳои бомбаандоз аз болои мавқеи рота хеле дуртар гузашта рафтанд, яке аз он ду «Мессершмидт»-и қиркунанда, ки гоҳ аз пеш, гоҳ аз қафо парвоз мекарданд, аз роҳи худ баргашта якбора сарозер омада, майдону роҳҳоро аз пулемёти худ тирборон кардан гирифт. Ҳавопаймо чунон ба замин наздик мепарид, ки сарнишини он равшан дида мешуд. Ҳар бори як қатор тир андохта гузаштан сарнишин сарпӯши кабинаи худро кушода, сар бановарда ба қафояш нигоҳ мекард. Ҳамин тавр, вай се-чор бор сарозер омада, баъд боз аз қафои шарикони худ шитобон рафт.

Баъди аз чашм ғоиб шудани қиркунанда, ҷанговарон аз паноҳгоҳҳо пайи ҳам дигар берун баромаданд ва зуд аз ҳамдигар ҳолпурсӣ карданд. Ҳама зинда ва беосеб будани худро мегуфтанд. Аммо баногоҳ касе аз дур чунон фарёд бардошт, ки гӯшу чашми ҳама баробар ба он сӯ дӯхта шуд.

Дар сари роҳи калоне, ки аз паҳлӯи чапи мудофиагоҳи рота мегузашт, як марди кулӯтариши синабараҳнаи сарлуч ришу мӯйҳояшро харошида – харошида гоҳ ба замин меафтод ва гоҳ бархоста ба чор тараф даст ёзонда ёрмандӣ металабид.

Сафар бо ҷанговаронаш ба он сӯ давид. Каме дуртар аз он ҷои исти мардак, дар қарибии ҷӯйбор аробаи чорчархае меистод, ки дар болояш лақу – луқҳои бисёре бор карда шуда буд. Дар пеши он як писараки нӯҳ – даҳсола нӯги лаҷоми аспро маҳкам дошта рӯ ба замин наҷунбида мехобид.

Яке аз ҷанговарон писаракро зуд аз ҷояш бардошта

рӯболо хобонд. Вай беҷон буд. Аз сари синааш то болои нофаш олудаи хун буд. Мардаки кулӯтариш ва дар паҳлӯи вай яке зани миёнсоли мӯсиёҳ худро ба болои мурдаи писарак партофта, чунон фиғону нола мекарданд, ки дили дигарон ҳам аз нолаи онҳо об мешуд.

Ин писараки ҳанӯз ба камол нарасида, ки ҳамроҳи падару модараш хонаю ҷойи худро партофта, аз дасти истилогарон ба ақибгоҳи дур паноҳгоҳ кофта мерафт, қурбони тири ҳамон қиркунандаи немис шуда буд.

Ҷанговарон бо фармоиши Осмухин ва Ванюшин, ки онҳо низ ба сари ин воқиаи хунин расида омада буданд, ҷасади писаракро бардошта, аз сари роҳ ба миёнҷои як пали замини корам бурданд. Дар он ҷо барои ӯ қабр кофта, ин писари бемаҳал қурбоншудаи соҳили Донро ба оғӯши хоки Дон супурданд...

Падару модар дар байни ним соат дар доғи писар девонавор ҳушу хаёли худро гум карда, аз болои қабр сар намебардоштанду хоки ӯро ба ашкҳои худ тар мекарданд.

Дар болои қабр салюти кӯтоҳи автомату туфангҳои ҷанговарон садо дод. Падари писарак аз ҷояш хеста ба китфи Сафар, ки вай дар паҳлӯяш истода буд, даст партофта, сарашро ба синаи ӯ монду бо овози пуралам гуфт:

– Фарзандонам, ҳаққи хуни ин бародари аз дасти Гитлер ҷавонмаргшудаи худро ҳам фаромӯш накунед.

Мамараҷаб ба сари қабр омада, зани дар болои он хобидаро оҳиста бардошт ва ӯро ба пеши аробаи чорчарха, ки ҷанговарон онро рост карда, чизу чораҳои ба ҳар сӯ титу парешоншудаашро ҷо ба ҷо карда буданд, оварда ба он савор кард. Ароба ба таври ҳузновар нолишкунон боз ба роҳ даромад...

Мамараҷаб аз паси ароба хеле нигоҳ карда монд. Дар чашмони пилкҳояш варамкардаи вай ашк ҷӯшида буд... Дандонҳои ӯ асабиёна ғиҷиррос мезад...

## БОБИ ПОНЗДАҲУМ

Посе аз шаб гузашта, бурҷи Парвин ба шимол ха-

мида буд. Аз он теппаи зинамонанд саҳрои пасту баланд каф барин намудор шуда меистод. Аз тарафи рости теппа пайраҳае торафт каҷу килеб шуда ба гандумзори поён даромада мерафт, аз тарафи чап бошад, камтар замини ҳамвор ва баъд се-чор пастхамиҳое, ки рӯи онҳоро хасу хошоки хушк зер карда буд, ба чашм меафтоданд. Хомӯшии шабро ғайр аз садои тӯпҳое, ки аз дур шунида мешуд ва ба онҳо гӯш одат карда буд, инчунин чирроси мӯру малаххо ва баъзан овози чуғзе вайрон мекард. Осмонро тез – тез ғур – ғури ба худ хоси ҳавопаймоҳои бомбаандози немисӣ фаро мегирифт. Дар ҷанубу шарқ, дар шарқ, шарқи шимолӣ ва дар ғарб, бо вуҷуди торикии шаб, уфуқ сурху сафедча метофт. Ҳанӯз рӯзона мегуфтанд, ки дар ғарб тамоми заминҳои гандумзор оташ зада шуданд, дар қафо бошад Калач, Абганерово ва боз якчанд истгоҳҳои роҳи оҳан ва маркази шаҳру ноҳияҳоро немисҳо бомбаборон кардаанд...

Дар ҳамин вазъият навбати дар посбонии саҳроӣ истодан ба Мамараҷаб ва Степан Шестак омада буд. Сафар бо ҳамроҳии онҳо ба гарданаи теппа хомӯш хамида баромад. Дар ин ҷо Дадабой ва Аркадий Косенко дар посбонӣ меистоданд.

– Хомӯш, ман! – гуфт Сафар ба Дадабой, ки аз ҷои худ ҷунбида «Кист?» гуфт. – Чӣ гап?

– Хотирҷамъӣ, рафиқ сержант, – пичиррос зада ҷавоб дод Дадабой.

– Ягон чизро пай набурдед?

– Пашша ҳам пар назадааст.

– Хуб, постро ба инҳо супореду худатон аз қафои ман оед.

– Марҳамат, Мамадполвон, – гуфт боз шӯхӣ карда Дадабой. – чашмакатонро калонтар кушода меистед, уко, боз ягон кас аз почекатон қапида ба поён ҳаво надиҳад, ҷӯраҷон!

– Гапро бисёр накарда, тезтар гузар! – гуфт Мамараҷаб ва ба сангари то зону кофташуда даромад. Степан ҳам ба сангаре, ки аз вай се-чор метр дуртар буд, рафта фуромад.

Сафар вазифаҳои ҳар дуи онҳоро такроран фаҳмон-

да дод ва аломати ишоратро ҳам гуфт.

– Боз дар ғафлат намонӣ, Мамараҷаб? – таъкид кард Сафар.

– Хотирҷамъ бошед, рафиқ сержант, Мамараҷаб Дадабой барин аз пар задани пашша ҳам бехабар намемонад.

– Чашматро сӯзан, гӯшатро сих кун! – гӯён Сафар бо ҳамроҳии Аркадий Косенко ва Дадабой Ёрматов ба поёни теппа фуромада рафт.

Мамараҷаб дар сангар қулайтар дароз кашида, ба тарафи Степан рӯ гардонд ва бо забони нимкораи русӣ аз ӯ пурсид:

– Стёпа!

– Ҳа.

– Мо ҳам ҳозир одами чандон хурд не-а?

– Набошад-чӣ. Тақдири як қисми калон дар дасти мо бошаду...

– Ба гумонат немис ба ҳамин ҷоҳо меомада бошад?

– Шайтон медонад. Ҷанги дар он тарафи Дон шударо дар хотир дорӣ, бе ҳеҷ огоҳӣ дар байни як-ду соат бо немис даст ба гиребон шуда будем.

– Лаънатиҳо танку мошини бисёр доранд. Ҳеҷ вақт пиёда намегарданд...

– Ба хаёли ту мо магар танку мошин надорем?

– Канӣ, аз рӯзе, ки ба ҷабҳа омадам, як бор ҳам ба мошин савор нашудаам.

– Қисми мо пиёданизом. Агар қисми моторӣ мешуд, аз болои мошин намефуромадӣ.

– Кайф кайфи ҳамонҳо будааст. Ақиб гурезанд ҳам, ба пеш раванд ҳам, худи комиссар барин доимо мошин тайёр.

– Не, ҷӯра, кори онҳо ҳам он қадар хуб нест.

– Чаро?

– Барои мошин роҳи ҳамвори васеъ даркор, ин хел дар ҳар ҷо ҳам шудан намегирад, ба болои ин, худо накарда агар чашми ҳавопаймои немис афтида монад, баъд ҳолат хароб.

– Набошад, ҳамааш ҳам як бало гӯй.

– Не, ин хел ҳам не. Аз ҳама хубаш қисми пиёданизом. Бесабаб нест, ки ӯро модари лашкар меноманд.

Агар дурусттар замин канда, панаҳ шавӣ, Ҷабраил ҳам туро ёфта наметавонад. Душман ки омад, аз қаъри замин хестагӣ барин, баногоҳ ба сараш ҳамла мекунӣ, ҳавопаймояш ояд, дарҳол ба чор тараф паҳн шуда, зуд аз чашмаш ғоиб мешавӣ, – гӯён Степан торафт бештар донишмандиии худро нишон додан мехост.

– Шабу рӯз пиёдагардиро намегӯӣ? – пурсид Мамараҷаб.

– Беҳтар ин ки ҳамеша пиёда гард. Агар доимо савори мошин гардию ягон ҳодиса шуда мошин аз кор баромада монад, баъд комиссари халқии бекор шудагӣ барин, хеле вақт пиёда гашта наметавонӣ.

– Ин гапат ҳам маъқул, – гуфт Мамараҷаб ва пурсид, – Стёпа, синнат чанд?

– Чаро якбора синнамро пурсидӣ?

– Хеле бачаи гапдон будаӣ.

– Хотирҷамъ бош, ин ҷанг як ману ту не, кӯдаки дар гаҳвора бударо ҳам гапдон мекунад. Худи ту ба чанд даромадӣ?

– Бисту сеи пурра.

– Аз ман як сол хурд будаӣ. Зан дорӣ?

– Не, – гуфт Мамараҷаб ва аз ин саволи Степан як дам хаёлаш парешон шуд. Баъд худи ӯ аз Степан пурсид:

– Ту чӣ?

– Зан нею маҳбуба дорам. Тӯй ҳам карданӣ будем, лекин ана ин ҷанги фалокат сар шуда монд.

– Ҳозир ҳам ҳамон маҳбубаат ҳаст? Мактуб менависад?

– Ҳаст, дар Урал, дар корхонаи тӯпсозӣ кор мекунад. 45 мм танкзанро ҳамонҳо месозанд. Ана ту гапдониро аз вай шунав. Пулемёти «Максим» барин... Як сар кунад, то ҳамаи лентаи гапро тамом накунад, намемонад... Дирӯз боз хат кардааст.

– Хӯш, чӣ менависад?

– Навиштаҳояш аз фармони командири дивизия ҳам зӯртар гӯям, хато намекунам, ҷӯра. Албатта дар аввали хат салому табрикҳои бисёр...Сонӣ, аз дур истода бӯсидану ба оғӯш кашиданҳои дуру дароз... Баъд аз ҳамаи онҳо ба ҷароҳат намакпошӣ сар мешавад.... Ме-

навиcад, ки «Чӣ, магар қафо гашта – қафо гашта то Урал омаданӣ ҳастӣ?.. Ба ваъдаҳои дар ин ҷо додаат вафо карданро фаромӯш кардӣ?.. Дугонаҳои ман ҳар бори аз ту мактуб гирифтанам бо пичингу киноя мепурсанд, ки Стёпа ба тарафи мо боз чӣ қадар наздик омадааст. Агар иҷозат медоданд, ҳозир худам ба даст аслиҳа гирифта, ба ҷабҳа мерафтам... Мо, одамони ақибгоҳ шабу рӯз барои шумо кор мекунему шумо бошед, аз ақибгардӣ шарм ҳам намекунед...» Дар охири мактуб чунин навиштааст ва ба зери он хат ҳам кашидааст: «Стёпа! Хоҳӣ, киояндаи ҳаёти моён хушу саодатманд бошад, ба гитлерчиёни лаънатӣ амон надеҳ... Куш, ҳарчи бисёртар куш... Қир кун... Аз хокамон зада пеш кун... Умедворам, ки дар рӯзҳои нағз, дар соатҳои интизор бо гармони дӯстдоштаи худ суруди ғалабаро навохта меоӣ ва ин вафо ба ваъдаҳои якдигарамон мешавад...» Ана, шунидӣ?..

– Ҳа... ҳақиқатан ҳам духтари доно будааст.

– Доно ҳам гап-мӣ... Хайр, зинда бошем, ниқори худро аз душман меситонем... Чӣ гуфтӣ, Миша? (Мамараҷабро ҷанговарони рус Миша меномиданд).

– Албатта, агар омада монад, худи ҳамин шаб дандонҳояшро мешиканем, – гуфт Мамараҷаб, ки гапҳои Степан Шестакро шунида, боз дили ӯ ба ҷӯш меомад ва аз саргузаштҳои худ торафт бештар ба ғаш омада, худ худро коҳиш медод... Вай дар гирдоби ҳамин хаёлҳо фурӯ рафта буд, ки садои «шириққи» ӯро ба худ овард.

– Чӣ шуд? – пурсид бесаранҷомона Мамараҷаб.

– Қулфи автоматро санҷидам, – ҷавоб дод Степан.

– Ту ҳам ҷои автомат санҷиданро ёфтӣ.

– Мабодо кор накарда намонад гуфтам, ҷӯра.

– «Шарти» тир баромада равад, баъд чӣ мешуд? Як худат садҳо касони дар ақибамон бударо бесаришта мекардӣ.

Мамараҷаб аз ин таъкиди худ, ки камтар бо қаҳр баён мекард, мамнун мешуд. Вай якумин бор, мисли фармондеҳ, бо ин хел овози қатъӣ муомила мекард. Пас аз ин ӯ дар фикраш чӣ гуна масъулият ҳис кардани худро фаҳмида, ба гирду пешаш бо диққати том назар

афканд...

Як соат.. ду соат.. се соат вақт гузашт... Аз сабаби он ки дар як ҷо начунбида, бодиққат ба атроф нигоҳ карда менишастанд, чашмони ҳар ду аскар, мисли донаи анор суп – сурх шуда буданд, мижаҳо ба қавоқ вазнинӣ кардагӣ барин, пеши чашмони онҳоро мегирифтанд... Вале ҳисси масъулият ва қарзи адои хизмат иродаи аскарии онҳоро торафт мустаҳкам нигоҳ медошту ба ғафлатмонӣ роҳ намедод... Ҳамин тавр вақти дар пост истодан қариб ба охир мерасид. Шаб аз нисф гузашта, торикии пеш аз дамиши субҳ замину осмонро фаро гирифта буд. Мамараҷаб ин вақт мижа назада ба пеш нигоҳ мекард. Степан Шестак оҳиста – «Миша!» гуфту Мамараҷабро ҷеғ зад. Мамараҷаб ҳам «ҳа» гӯён рӯяшро нагардонда ҷавоб дод.

– Ту Кировро медонӣ?

– Ҳа, медонам. Ба номи вай дар деҳаи мо колхоз ҳам ҳаст, одами бисёр нотиқ буд мегӯянд.

– Ман дар кадом як китоб як сухани дар солҳои вазнини ҷанги дохилӣ гуфтаи ӯро хонда будам. Медонӣ, чӣ мегӯяд: «Шаб ҳар қадар ториктар бошад, ситораҳо ҳамон қадар равшантар медурахшанд...»

Мамараҷаб беихтиёр чашм ба осмон дӯхт.

Осмон пур аз ситора буд... Гоҳ паст, гоҳ баланд милт – милт дурахшидани онҳо чунон зебо менамуд, ки кас аз тамошояш сер намешуд... Мамараҷаб баъд аз ба осмон нигоҳ кардан чашмашро аз он ҷо канда, ба пешаш нигоҳ карда гуфт:

– Боз ба тамошои ситора банд шуда, аз пост бехабар намонам.

Аз нав чашми ӯ ба пеш дӯхта шуд... Дар ин асно аз дур ғурриши муҳаррики ҳавопаймо торафт наздиктар шунида мешуд, вале ин ғурриш ба болои сари онҳо наомада, боз ғоиб гашт... Аз мобайн бист-сӣ дақиқа нагузашта, Степан пичиррос зад: «Тсс, аз чап нуқтаи сиёҳ намуда истодааст».

– Канӣ? – пурсид Мамараҷаб рӯяшро ба ҳамон тараф нигаронда.

– Нағзтар нигоҳ кун, ана... боз ғоиб шуд...

– Хомӯш, овозат набарояд! – гуфт Мамараҷаб аз

нуқтаи сиёҳ пай бурда ва боз ба ҳамон сӯ бодиққат чашм дӯхт.

Сиёҳӣ аз пастхамӣ аввал якто... баъд дуто... сето шуда менамуд... Мамараҷаб автоматро ба тиркушоӣ ҳозир карда:

– Исто! Кӣ меояд? – гӯён садо баровард. Баробари овози вай ҳар се нуқтаи сиёҳ ғоиб шуд... Боз якчанд дақиқа вақт нагузашта, ҳамон нуқтаҳои сиёҳ аз нав пайдо шуданд. Ин сафар сето не, чорто ва баъд панҷто шуданд...

Мамараҷаб ба Степан фармуд, ки мушак парронад. Степан мушакпарронакро ба ҳаво бардошта куланги онро зер кард. Мушак напарид...

– Лаънатӣ.. Мушаки пуч будааст. Ана акнун, баро-варда ҳам намешавад...

Степан саросемавор ҳарчанд зӯр занад ҳам, мушаки напаридаро аз мил баровдарда натавонист. Мамараҷаб фурсатро аз даст надода Степанро барои хабаррасонӣ ба назди сардори постҳои муҳофизаткунӣ фиристод.

– Норинҷакҳоро ба ман монда рав.

Степан хазида – хазида ба сангари Мамараҷаб омаду ду норинҷаки худро ба паҳлӯи вай гузошта, «Маҳкам исто!» гуфт ва боз хазида – хазида аз гарданаи теппа ба пастӣ фуромада рафт. Степан аз теппа ба пастӣ фуромада ғоиб шуда буд, ки боз нуқтаҳои сиёҳ паси ҳам аз ҳар ҷо – ҳар ҷои пастхамӣ пайдо шуданд. Онҳо гоҳ намуда, гоҳ ғоиб шуда, ба тарафи чап ҳаракат мекарданд. Ин ҳаракати нуқтаҳои сиёҳ Мамараҷабро бадтар ба шубҳа мегузошт. Вай дарҳол гумон бурд, ки сиёҳиҳо аз тарафи чап ба қафои теппа гузаштанӣ ҳастанд.

Аз ин теппа то ҷои исти ҷузвитом бо роҳи рост қариб шашсад – ҳафтсад метр буд. Вале дар доманаи теппа чуқурии хорзоре буд, ки онро аз тарафи рост давр зада гузаштан лозим буд. То рафта омадани Степан камаш понздаҳ – бист дақиқа вақт лозим буд. То ин вақт хомӯш истодан шахсони номаълумро аз чашмандоз гум карда, онҳоро ба маҳалли қисм роҳ додан буд... Бинобар ин, Мамараҷаб аввал мувофиқи қоидаю талаби низомнома ва сонияи аз рӯи он ориятва ҳисси

интиқом, ки дар ин муддат дар ӯ ҳосил шуда буд, барои ба задухӯрди танбатан даромадан аҳд кард.

Вақте, ки сиёҳии якум ба паҳлӯи чап боз пештар мерафт, Мамараҷаб лаби поёни карахшбастаашро ба зери дандонҳои пешаш гирифта, мили автоматро ба ҳамон сиёҳӣ нигаронда кулангро зер кард.

Аз паси тири автомати ӯ аз пеш ҳам тир кушода шуд.Мамараҷаб аз сангараш баромаду хазида – хазида ба тарафи сангарии Степан рафт. Аз он ҷо сиёҳӣ боз наздиктар дида мешуд. Дар пеши чашми вай, дар бист – биступанҷ метр пастӣ ду сиёҳӣ мехазид. Мамараҷаб якумин бор бо душмани сершумор танҳо як худаш рӯ ба рӯ шуда буд. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки вай ба ҳаяҷон меафтод, нафасгириаш душвор мешуд, дилаш ғайриодат чунон беқарор мезад, ки ҳатто гуп-гупи онро худаш ҳам мешунид...

Хомӯшии беинтиҳо ва дар торикии ғафс танҳо дар теппа мондан ваҳмро зиёд мекард... Вале ин вазъият дер давом накард. Ҳамон лаҳзае, ки ду сиёҳии аз тарафи чапи теппа ҳаракаткунанда дар як ҷо истода монд, ба гӯши Мамараҷаб садои ғуҷур-ғуҷур гапзанӣ расид... Вай як дам нафасашро ба дарун кашида, ин гапзаниро бодиққат шунидан мехост. Аммо гуп-гупи дили баҳаяҷономадаи вай аз назди гӯшҳояш дур намешуд ва дар ҳамин ҳолат ҳам ӯ якчанд калима суханро базӯр шунида гирифт. Мамараҷаб баъд аз ҳамин боварии комил ҳосил кард, ки дар рӯ ба рӯи вай албатта одамони Гайр, одамоне, ки бо нияти сиёҳ омадаанд, истодаанд. Аз паси ҳамин мулоҳиза дарҳол дасти Мамараҷаб ба норинҷак дароз шуд...Дастони ангуштонаш дароз-дарози камгӯшти вай ҳанӯз банди норинҷакро надошта, аз болои сар ва паҳлӯи вай се-чор тири ҳарранга шуввас зада гузаштанд. Мамараҷаб синаашро боз ҷафстар ба замин дода сарашро ба девори сангар панаҳ кард.

Ин тирҳои ҳарранга гумони ӯро боз бештар тасдиқ карданд. Дандонҳои ӯ ба ҳамдигар хӯрда ғиҷиррос мезаданд, ғазаб ҳокими тамоми азму ихтиёри вай гардид... Мамараҷаб дар ҳамин ҳолат якбора сарашро аз сангар боло бардошта, сахт ба пеш чашм дӯхту дасти рости норинҷак доштаашро ба ҳаво бардошта, баъд бо

тамоми қувва дур ҳаво дод... Худи ҳамон сония ба гирду пеш таркиши сахт садо дода, оҳанпораҳо ҳуштак кашида ба ҳаво париданд. Баъд аз таркиш Мамараҷаб боз ба нишебии теппа чашм дӯхт.Дар пеши назари ӯ кунда барин сиёҳӣ ба чор-панҷ метр поён ғелида рафт... Аз ин ӯ гӯё ғизои рӯҳӣ гирифт. Вай боз ба норинҷаки дуюм даст дароз карда буд, ки дуртар аз нӯги пои худи вай норинҷаки аз пеш партофта шуда таркида, аз по то сараш ба хоку дуд ҷӯлид... Аммо Мамараҷаб ҳеҷ чизро ҳис ва писанд накарда кифташро ҷунбонда боз норинҷаки дуюмро ҳаво дод. Пас аз таркиши норинҷаки дуюм ба сари вай чунон тир борид, ки ба вай имкони сар бардоштан намедод. Бо вуҷуди ҳамин, Мамараҷаб бо дасти чапаш тирдон, бо дасти росташ аз гардани қундоқи автоматаш дошта, аз рост ба чап, баъд аз чап ба рост тир кушод. Боз як норинҷаки дигар ба паҳлӯи рости ӯ афтода таркиду ба сӯи вай хоку кулӯхи бо оҳанпора омехтаро оварда зад. Рухсораи рости вай, ки ба қундоқи автомат ҷафс карда шуда буд, зараре надиду вале дасту ангуштонашро чизе сӯзондагӣ барин шуд...

Мамараҷаб дар ҳамин вақт ҳам ба ҳеҷ чиз эътибор надода, аз задухӯрди танбатан даст намекашид. Вай боз норинҷаки сеюмро ба даст гирифта буд, ки аз қафои ӯ, аз гарданаи теппа пулемёти «Максим» ба кор даромад. Мамараҷаб, ки ба чашмонаш хун ҷӯшида, дасту пояш маҷрӯҳ гашта буд, ин пулемётро, ба чӣ фикре рафта, пулемёти душман хаёл карду ба ақибаш гашта, дасти норинҷак доштаашро ба ҳаво бардошт... Дар ҳамин асно Степан ба паҳлӯи вай хазида омада «Миша! Одамони мо омаданд!» гӯён дасти норинҷакдори ӯро маҳкам дошт...

## БОБИ ШОНЗДАҲУМ

Худи ҳамон шаб ба тамоми дивизияи полковник Людников маълум шуд, ки қуввaҳои пешқанги гитлерчиён ба самти марзи мудофиавии ӯ бо қувваи калон зер карда меоянд. Кашшофони немисҳо, ки онҳоро Мамараҷабу Степан захмдор карда буданд, дар

бозпурсӣ нишон доданд, ки қисмҳои танкӣ ва мотории онҳо аз субҳи рӯзи дигар дер намонда, бояд ба ин ҷо расанд ва хатти мудофиавии нави қисмҳои шӯроиро рахна карда ба сарзамини Волга бароянд...

Тамоми шаб дар изтироб гузашт. Дар ҷузвитомҳо тайёрӣ ба ҷангҳои дарпешистода як дақиқа хомӯш намешуд.

Пагоҳии барвақт ҳавопаймоҳои душман мавқеи ҷанговарони моро сахт бомбаборон карданд. Баъд аз ҳуҷуми ҳавопаймоҳо тӯппаронии пеш аз баҳамлагузарӣ сар шуд. Гулӯлаву минаҳое, ки гоҳ дар пеш, гоҳ дар қафо, ё дар ду паҳлӯ метаркиданд, чангу хоки заминро ба ҳаво бардошта, имкони чашм кушода нигоҳ кардан намедоданд. Аз тӯппаронии пай дар пай замин меларзиду гулдур – гулдур садо медод. Осмонро тирагӣ фаро мегирифт, бӯи ғализи дуди борут ба димоғ зада, роҳи нафасгириро танг мекард.

Ин сар шудани ҳамлаи немисҳо барои рахна карданӣ хатти мудофиаи дивизияи полковник Людников буд. Аз отделения ба взвод, аз взвод ба рота, аз рота ба баталйон, аз баталйон ба полк ва баъд ба дивизия дам ба дам дар бораи хати пеши ҷанг, ҳаракату амалиёти душман маълумот мерафт.

Ҳамон даме, ки оташу тӯпҳои душман ба дарунтари хатти мудофиа нигаронида шуд, аз тарафи чап ва аз рӯбарӯи ҳамон теппае, ки шаби гузашта Мамараҷаб он ҷо дар пост истода буд, ғулғулаи мотори танкҳо баланд гадиданд. Онҳо аз бешазорҳои дур, аз замини гандумзор, аз роҳи мошингард пайиҳам аввал нуқтаи сиёҳ барин, баъд оҳиста-оҳиста қуттӣ барин, сонӣ хонача барин ва дар охир фили хартуми худро рост карда давида истода барин, аз мили каме ба ҳаво майлкардаашон беист оташ фишонда, чор тарафро бо ғулғулаи мотори худ фаро гирифта меомаданд.

Аз байни ҳамин садою ғулғулае, ки замину осмонро фаро гирифта буд, ба гӯш садои баланди аз даҳан ба даҳан гузаштаи тӯпчиёни мо шунида мешуд:

– Нишон фалон, фалон қадар чаптар, ба сӯи танки душман бо гулӯлаи зиреҳзан оташ!

Баъд аз гулдурроси тӯпҳои мо пеши роҳи танкҳои

душманро чангу ғубори дудомези ғафс фаро мегирифт... Лаҳзае онҳо аз назар ғоиб мешуданду вале боз роҳи худро дигар карда, ба пеш зер карда меомаданд. Боз оташ, боз чангу хоки дудомез ҳаворо пур мекард... Лекин танкҳое, ки дар зиреҳи худ нишони фашистӣ доштанд, аз пешу қафои ҳамроҳони худ, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷои гандумзор ва роҳҳои мошингард мисли пахоли оташгирифта месӯхтанд, гузашта, ба пеш мехазиданд. Аз ҳама аввал ин танкҳо ба сӯи тӯпҳои танкзане, ки ба онҳо амон намедод мешитобиданд. Ана он танке, ки аз гандумзор ба тарафи роҳ гузашта буд, ба сӯи тӯпе пеш рафт, ки вай дар канори роҳ, дар миёни ҷӯйбори хушк истода оташ мекушояд. Мехоҳад ҳамин ҳозир ӯро ба зери тасмачархҳои худ гирифта маҷақ кунад... Бист метр... Понздаҳ метр... Даҳ метр... Рост, рӯ ба рӯ омад... Ана, паҳлӯи худашро ба вай рост гардонд. Ана... ҳозир тӯп ва расчёти ӯро мисли наҳанг ба доми худ хоҳад кашид... Садои тӯп ва аз пайи вай боз як таркиши гӯшкаркунанда... Ҳалқаи дуди ғафс аввал сафедчатоб ва баъд торафт ранги сип – сиёҳ гирифта, танку тӯпро аз чашм ғоиб сохт...Вале ҳамон дам аз оғӯши он ҳалқаи дуду оташ забона заду пас аз вай танки аз қафо оянда ҳам, аспак барин, дар ҷояш чарх зада истода монд...

Овози кадом як ҷанговар баланд шуд:

– Бале, офарин! Танки дуюмро ҳам зад!..

Баробари ин овоз касе боз фарёд кард:

– Ба муқобили пиёданизомии душман, оташ! Боз як садои дигар фармон медод:

– Оташ ба қафои танкҳо, ба сӯи аскарони душман, оташ!

Аз паси танкҳои даргирифтаи вайроншуда ва танкҳои дар ҳар ҷо – ҳар ҷо камингирифтаи немисӣ аскарҳои кабудпӯш, ки остинҳояшон барзадагӣ ва ду дасташон ба автоматҳояшон буд, аз як сари палҳои замин то сари дигари вай қатор – қатор саф кашида, бо ғалоғулаи бетартиб ба пеш метохтанд ва ҳамин, ки аскарони мо бар зидди онҳо аз тӯпу пулемёту автомат оташ мекушоданд, ҳамон замон қафонокӣ мегурехтанд.

– Ин подаи гӯсолаҳоро бин! – гуфт Сафар, ки ба обу

арақ гӯтида норинҷак дар даст дандонҳояшро сахт ба ҳам совида, бошиддат ба пеш нигоҳ мекард.

Аз нав боз як гурӯҳ танкҳо ба пеш хазиданд. Онҳо аз паҳлӯи росту чапи теппаи якум, ки онро ҷанговарони Осмухин мудофиа мекарданд, гузашта, бевосита ба даруntари мудофиагоҳи рота зер карда даромаданӣ мешуданд.

Аз заминкан ба заминкан, аз сангар ба сангар фармоне паҳн шуд, ки ба муқобили танкҳои душман бо норинҷаки зиддитанкӣ ва шишаи дардиҳанда мубориза баранд.

Дар паҳлӯи чап, дар он ҷое, ки бо оташи тӯпи зиддитанкӣ ду танки неис аз кор бароварда шуда буд, болои ҳам се танк пайдо шуд, дар паҳлӯи рост ҳам ду танки дигар ва аз рӯ ба рӯ боз се танки дигар бо оташфишонӣ ба аскарҳои худ роҳ кушода меомаданд. Танки дуюм, ки аз роҳи паҳлӯи чап мерафт, охир ҳамон тӯпи танкзанро, ки аз ҷӯйбор истода оташфишонӣ мекард, бо тасмачархи рости худ маҷақ карда ба тарафи мавқеъҳои взводи якуми рота роҳ гирифт. Аз рост ҳам ҳамон ду танк бо тӯпу пулемёти худ ба ҷанговарони мо имкони сар бардоштан намедоданд... – Ба ҷои ман гузар, – гуфт Сафар ба Дадабой ва худаш дар даст норинҷаки зиддитанкӣ хамида – хамида ба паҳлӯи рости теппа давид ва аз гарданаи теппа синаашро ба замин ҷафскунон ҳафт- ҳашт қадам поёнтар хазиду ба як чуқурие, ки онро таркиши бомба қариб ним қади одам кофта буд, даромад.

Вай ба чуқурӣ даромаду ҳамон дақиқа танки ба доманаи теппа хазидаистодаро нишон гирифт. Ҳамин, ки танк синаашро ба тарафи шимол гардонда, аз гардиши ҳамвортари теппа пеш рафтанӣ шуд, норинҷаки танкзани Сафар ба ҳаво парид ва баъди як мижа задан таркише атрофро ба ларза овард...

Пас аз таркиши сахт хоку чанги бисёре ба болои Сафар мисли борон рехт. Вай дар ҳамин ҳолат чашм пӯшида нақшаи нав кашиданӣ шуда буд, ки аз паҳлӯи рости чуқурӣ тасмачархи як танки дигар канори девори чуқуриро пахш карда гузашт. Сафар худашро ба тарафи чапи девори чуқурӣ гирифта, ба вай мисли

парвона зич часпид. Тасмачарх қариб ними чуқуриро ба замин ҳамвор карда, бо ғурриши зӯр ба теппа баромада рафт.

Сафар чашм кушода чизеро намедид, гӯшҳои вай ғуввас мезаданд, сари худро кунда барин вазнин ҳис мекард. Ними танаш дар зери хок монда, пойҳояш аз беҳаракатии хун виҷиррос мезад.

Ӯро тирандозию оташфишонии тӯпу туфангҳои рафиқони ҳамяроқаш, «ура»-и тавонои ҷанговарони шӯроӣ баргашта ба ҳуш овард. Вай бо дасташ хоки ба болояш рехтаро ба як сӯ кашиданӣ шуда хеле зӯр зад. Ангушту нохунҳояш сахт ба дард омаданд, дармонаш хушк шуда боз сараш чарх зада беҳол гашт...

Немисҳо баъд аз барбод рафтани ҳамлаи сеюми худ маҷбур шуданд, ки баргашта дар хуруҷгоҳҳошон мустаҳкам ҷойгир шуда, гоҳ-гоҳ мавқеи ротаи Осмухин ва дигар ҷузвитомҳоро ба зери оташи миномёту пулемёт гиранд.

* * *

Ҳамин тавр, рӯз ба охир расид. Он маҳалле, ки дирӯз ҳамин вақт хомӯш буд ва ягон овози тир намебаромад, акнун ба хатти аз ҳама пештари ҷанг табдил ёфта буд. Ба ҷои чир – чири мӯру малахҳо аз чор тараф садои автомату пулемётҳо баланд мешуд. Тирҳои ҳарранга мисли ситораҳо аз ин сӯ ба он сӯ ва аз он сӯ ба ин сӯ парида, мушакҳои сурху кабуд, зарду сафед чор атрофро равшан мекарданд...

Сафар ба девори сангари худ такя карда, аз Дадабой воқеаи Аркадий Косенко ва Қурбонро, ки танки зер карда омадаро нест карда, худашон ҳалок шуданд, мешунид.

– Танки фашистон ба ҳамин лаб расида (Дадабой бо дасташ ҷои баромадани танкро нишон медод), яку якбора ба рост гашт. Аркадий ва Қурбон ба дасташон норинҷак гирифта, аз поёнтар ба паҳлӯи чапи танк давиданд. Ҳар дуи онҳо ҳу ана ба ҳамон чуқурӣ расида буданд, ки танк милашро поён гардонда гулӯла холӣ кард. Инро бинед, ки гулӯла рост ба лаби чуқурӣ расид, Қурбон ҷунбида натавонист. Аркадий бошад, аз

чуқурӣ хуншор, калавида – калавида рост ба сӯи танк давиду ба шиками вай норинҷак ғурронд, сонӣ худаш ҳам афтид...

– Дар куҷо гӯронданд?

– Дар ҳамон чуқурӣ. Ба рӯи бечора нигоҳ кардем, ба мурда ҳеҷ монанд набуд. Аз майна зада будааст, ҳаромӣ.

– Қурбону Наврӯз чӣ?

– Онҳоро дар як ҳоли бад ба баталйони беҳдошт фиристоданд. Вай ҳоло зинда будани туро намедонад, мисли мо ба марги ту гириста ҳам буд... Заб кор кардӣдия, даҳбошӣ? – Дадабой ба завқ ба китфи Сафар даст зада монд.

– Худам ҳам ба зинда монданам ҳайронам.

– Хайрият, боз ба ҳуш омадӣ, набошад зинда ба зинда аз болоят хок мепартофт.

– Аз отделенияи мо боз чанд кас аз саф баромад?

– Ду кас кушта шуду се кас дар госпитал. Ҳамагӣ панҷ кас.

– Шаш кас монде... Ҷанг бошад, акнун сар шуд...

– Ғам нахӯр, даҳбошӣ, худи немис ҳам очакалонашро дид.

– Рафиқ сержант, – гуфт як ҷанговар аз қафо омада ва баъд аз ба тарафи вай рӯ гардондани Сафар бо лаҳҷаи украинӣ хабар дод, – хӯрок овардам.

Вай ҷанговар Коробко буд, ки пилоткаи калон дар сари хурди вай то гӯшҳояш фуромада буд ва ҳар замон ба ақиби сараш мелағжид.

– Раҳмат, Коробко, биёр, – ҷавоб дод Сафар аз дасти вай дӯлро гирифта. – Дигарон чӣ?

– Дигарон ҳам банавбат мехӯранд, дӯл намерасад.

– Канӣ марҳамат, Дадабой.

– Ба завқ, даҳбошӣ, ман баъд мехӯрам.

– Ӯҳӯ, қайлаи инро бинед, – гуфт Сафар дар равшании мушак ба даруни дӯл нигоҳ карда, – фақат равған.

– Имрӯз гӯшти барра, рафиқ сержант, – бо мамнуният хабар дод Коробко пилоткаашро дуруст карда.

– Барраи сафед, ё...

– Не, не... рост мегӯям, Дадабой, – эътироз кард Коробко чашмонашро калон кушода, – барраи ҳақиқии

думбадор...

– Дар ин ҷо чӣ сӯҳбат? – гӯён ногоҳ Осмухин аз болои хоктӯда худашро ба заминкан партофт. Ҳама дар назди вай ҳозир истоданд.

– Салом, рафиқ лейтенант!

– Салом – салом, марди аз он дунё омада... Хӯш, чӣ гап? – пурсид аз Сафар Осмухин.

– Хотирҷамъӣ, рафиқ лейтенант.

– Мо бошем, туро дар вақти ҳуҷуми танкҳо гум карда, қариб ба рӯйхати бедаракшудагон даровarda будем.

– Чӣ тавре ки тоҷикон мегӯянд, умри ин хел касон дароз мешавад.

– Илоҳӣ, – гуфт лейтенант риши расидаашро хорида ва Сафарро таклиф кард: – Биё ба заминканат равем, чорта гап ҳаст.

Ҳар дуяшон дуқад шуда ба заминкан даромаданд. Дар ин ҷо дар ду тарафи замин ду суфаи хоб ва дар мобайн як суфачаи чоркунҷаи баланд, ки вазифаи мизро адо мекард, сохта шуда буд. Дар рӯи суфаи хоб борхалтаҳои кӯҳнаи солдатӣ, шинел ва сумкаи ҳарбӣ, ки аз як канори болояш қутбнамо дошт, мавҷуд буд. Дар рӯи мизи чоркунҷа, ки аз болояш рӯзнома паҳн шуда буд ва ҳар ҷо – ҳар ҷои ҳошияҳои онро барои махоркакашӣ пора карда гирифта буданд, халтачаи гулдори холӣ мехобид.

– Чӣ гапҳои нав, Яша? – аз паҳлӯи лейтенант Осмухин нишаста пурсид Сафар.

– Сталинградро зери даст карданӣ, фашисти лаънатӣ, аллакай шаҳрро чор бор сахт бомбаборон кардааст, – гуфт ӯ бо як алами дарднок.

Сафар хост аҳволи оилаи Осмухинро пурсад, вале худи ӯ дар ин бора гап сар кард.

– Занам менависад, ки «маслиҳат деҳ, чӣ кор кунам, духтарамонро ба назди модаркалон ба Ерзовка фиристам ё не».

– Ерзовкааш дар куҷо?

– Аз Сталинград чил километр дуртар. Зодгоҳи худам. Модарам ҳам дар ҳамон ҷо. Намедонам, чӣ нависам. Аз афти кор, ман туро ба хонаи худ ба меҳмонӣ

набурда, худи ҷанг поятро ба он ҷо мерасонад, додар.

– Ҳоло Сталинград куҷою немис куҷо, рафиқ лейтенант.

– Албатта, то ба он ҷо расидан бинии фритсро чандин бор ба замин месовему лекин... – лейтенант дигар гап назада хомӯш монд.

– Рафиқ лейтенант, эҳтимол таклифи ман ба шумо маъқул наояд, лекин гуфта мондан айб надорад, – гӯён Сафар ба ҷавоби Осмухин мунтазир истод.

– Марҳамат, гап зан, агар таклиф маъқул бошад, чаро розӣ нашавам.

– Хонаю ҷои моро худи шумо дидед, бо одамони мо дар пеши як дастархон нишастед, ҳамаи онҳо шуморо мисли додари худ қабул карданд, шумо ҳам аз онҳо миннатдор шудед... Агар ҳақиқатан ба оилаи шумо дар Сталинград истодан хатарнок бошад, ҳар дуямон – шумо ба занатон, ман – ба деҳаамон мактуб нависем, занатон муваққатан ба тарафҳои мо рафта зиндагӣ кунад. Бовар дорам, ки ҳама ӯро нури дида, тоҷи сар мекунанд...

Аз таклифи самимонаи Сафар чеҳраи парешони Осмухин шукуфон шуд. Ба лаби ӯ ханда давид ва чашмони бодоми ӯ ба тарафи Сафар бо миннатдорӣ дӯхта шуданд.

– Раҳмат, додар... Раҳмат... Аввал ин ки, занам дар корхонаи трактори Сталинград кор мекунад, дар мактубаш менависад, ки ба ҳеҷ куҷо нахоҳад рафт. Дуюм ин ки, модари кампирро ҳам дар деҳа танҳо партофта рафтан хуб нест... Баъд, ҳаминро ҳам гуфта монам, ки заминро мегазему роҳи душманро мегирем... Ҳозир чора ҳамин...

Торикӣ фуромада буд, ки Осмухин аз назди Сафар баромада рафт. Сафар танҳо ба фикру хаёл дода шуд. Ба «тартиби нав»-и фашистон, ки онҳо дар бораи он дод мезаданду шабу рӯз аз ҳавопаймоҳо варақа мепартофтанд, ҳақорату лаънатҳо мехонд Сафар. Гурезаҳо, ки аз ҳуҷуми истилогарон ба ақибгоҳ мекӯчиданд, кашшофи азобу шиканҷа додашуда Урозов, писараки аз тири ҳавопаймои фашист дар сари роҳ ҳалокгардида ба пеши назари ӯ намоён мешуданд. Баъд фармондеҳи

полки саворагон Балашов, ки кайҳо босмачиёнро аз диёри ӯ Ҷӯйбор зада пеш карда буд, ба ёдаш омад. Сафар дар бораи худ фикр мекард: Агар Ҳокимияти Шӯроӣ намеомад ҳозир тақдири вай чӣ мешуд? Албатта дар даргоҳи кадом як бой муздурӣ мекарду бесавод, нимгуруснаю нимбараҳна мегашт. Фашистон ҳам мехоҳанд одамони шӯроиро ҳамин гуна ғулом гардонанд.

Аз ин ёдовариҳо якбора аъзои бадани ӯ ваҷаррос зада рафту худ ба худ гуфт: «Не, ҳаргиз ин тавр нахоҳад шуд! Ба ин гуна «тартиботи нав» дар ин сарзамини шӯроӣ дигар ҳеҷ гоҳ ҷой нахоҳад буд!»

Сафар халтачаи гулдӯзиро аз рӯи миз ба даст гирифт. «Барои хотираи нек аз Вера ба Аркадий» навишта шуда буд дар халтача бо абрешим.

– Косенкои хоксори меҳрубон! – аз фикр гузаронд Сафар. – Бо чӣ орзую умедҳо зани ту инро навишта, чӣ қадар ашки алам рехта бошад! Дигар ту дар сафи мо нестӣ. Вера ҳоло аз ҳалокати ту бехабар аст... Кӣ медонад, эҳтимол, худи Вера ҳам ҳозир зинда набошад. Аз бомба ва ё аз ҳамлаи танки фашистон гурехта, дар роҳ ё дар пеши остонаи хонааш ба марги бемаҳал гирифтор шуда бошад ҳам, аҷаб нест. Ин аст «тартиботи нав», ки фашизм мехоҳад дар рӯи замин ҷорӣ созад!

Сафар пилтасӯзи аз гулӯла сохташудаеро, ки дар он ба ҷои пилта як порча шинел месӯхт, даргиронд.

Вай як порча коғазро аз сумкааш гирифта ба паси миз нишасту ба навиштан сар кард.

«Салом, ҳамшаҳрӣ ва дӯстам Мамараҷаб! Ташаккур ба ту. Гумон мекунам, акнун ту хуб фаҳмидӣ, ки мо барои чӣ меҷангему ба муҳофизати чӣ ба даст силоҳ гирифтаем. Инро ту дар аснои иҷрои супориши ҷангӣ – посбонии шабона бо амалиёти шуҷоатмандонаи худ исбот намудӣ. Фармондеҳи рота лейтенант Осмухин туро ба мукофоти ҳукуматӣ пешниҳод кард. Муборакбодии маро қабул фармо, рафиқ ва дӯсти ҳамнабардам!

Мо тамоми рӯз бар зидди фашистон ҷангидем ва чандин ҳамлаҳои ӯро зада баргардондем. Ҳозир шаби торик. Саҳарӣ боз ба ҷанг. Хулоса тирҳо дар тирдону ангушти шаҳодатамон ба куланги аслиҳа. Хомӯшии

чандинрӯза, ки қариб ҳамаро дилгир карда буд, ба охир расид... Акнун боз навбати аз душмани ҳаромӣ сахт қасос гирифтан омад.

Ба мо аз саломатии худ навис. Ҳама туро салом мегӯянд. Зудтар сиҳат шудани ту – орзуи ҳамаи мо.

*Дӯсти ту – Сафар.*

* * *

Шаб гузашта рӯз омад. Ҳама мунтазири ҳамин ҳозир аз нав сар шудани тӯппаронӣ, бомбаандозӣ ва бо ҳимояи танкҳо ба ҳуҷум гузаштани фашистон буданд.

Дар маҳалли дидбонии фармондеҳи рота телефони саҳроӣ бетанаффус ҷирингос мезад. Дам фармондеҳи баталйон капитан Пузир, дам фармондеҳи полк майор Максимов ва дам сардори ситоди дивизия ва фармондеҳи дивизия телефон карда, бо изтироб вазъиятро мепурсиданд.

Вазъият бошад, як зайл... Баъзан хомӯшии майдони ҷангро садои таркиши минаҳо, баъзан тирпарронии кӯтоҳи дутарафаи пулемётчиён вайрон мекарданду бас.

– Деҳқонҳо мегӯянд, ки – гуфт Дадабой ба ҳамсояаш Нозири камаровӣ, – ҳаво чӣ қадар дим бошад, аз паси вай ҳамон қадар борони сахт мешавад...

Нозири камаровӣ чашмашро аз пеш, аз саҳрои паҳновар наканда, бо кадом як хаёли афсонавӣ гап зад:

– Канӣ, кошкӣ, ҳамин вақт як пораи кӯҳсори Қаротегин аз миёнҷои ин дашти беканор қад рост мекард... Ана баъд фашист на як қадам пеш мемонд ва на рӯи Волгаро медид.

– Хуб хаёлҳои кӯкнориёна мекунӣ-дия, камаровӣ... Аз ханда шуши кас ба даҳонаш меояд, – гуфт Дадабой хандаомез ва илова кард: – илоҳӣ намур, ҷӯра. Бе ту будан ҳам мушкил.

Нозир аз гуфтаи худ дар вазъияти нобоб монда, авзоаш беҷо шуд, чашмонаш ҳайратангез бозӣ карданд. Дарҳол ба хотири вай ҷавоби хубе омад:

– Агар ҳамин хел гуфта камтар димоғатро чоқ

накунам, торафт дар воҳимаи немис мисоли химча борик шуда истодаӣ.

– Кӣ?

– Кӣ мебуд, ту.

– Бекор гуфтӣ, камаровӣ, – гӯён Дадабой остинашро болотар кашида, ба сарангушт ва ангушти шаҳодати дасти чапаш бозую дасти росташро чен кард, – мана, бозуи акотро бин, сутунча барин. Насиб бошад, соҳиби ин бозу аз ин теппа боз даҳ-понздаҳ немисро каллапо накунад, номаш Дадабой набошад.

– Гап дар бозу не, ҷӯра, гап дар нотарсии дил, – эътироз кард Нозир худписандии Дадабойро рад карда.

– Дил бошад, азони асп барин. Агар фармоянд, аскари немис ҳам гап-мӣ, худи Гитлери ҳаромиро ҳам дошта меомадам, – ҷавоб дод Дадабой калонгирона.

Офтоб ба болои теппа рост шуд. Ҳаво тафсида, теғи офтоб ба китфи одам сӯзон мерасид... Ҳатто магас ҳам аз гармӣ гурехта, ба деворҳои нами сангару заминканҳо часпида, бо ду пои қафояш болҳои худро мемолид... Аз чӣ сабаб бошад, ки «рама» пагоҳии барвақт пайдо шуду дар болои сар чарх зада рафт ва дигар наомад.

Дере нагузашта боз тӯппаронӣ ва бомбапартоӣ сар шуд. Оташи немисҳо чунон зӯр буд, ки дар минтақа ротаи Осмухин ҷои гулӯлаву мина наафтодагӣ қариб намонда буд, ҷанговарони рота дар паноҳгоҳҳои заминкан ва сангарҳо наҷунбида менишастанд.

– На ин, ки одам, аз ин оташ муш ҳам аз хонааш сар бароварда наметавонад, – ба забони нимкораи русӣ гуфт ҷанговаре, ки дар паноҳгоҳ муш барин кулӯла шуда менишаст.

– Сабр кун Бердиев, ҳоло навбат ба мо ояд, баъд мебинӣ, муш он тараф истад, магас ҳам ҷои пар задан намеёбад, – ҷавоб дод Коробко.

Баъд аз тӯппаронӣ боз дар рӯ ба рӯ танкҳо намоён шуданд. Ин сафар як қисми онҳо ба тарафи шимолу шарқ, қисми дигарашон ба тарафи ҷанубу шарқ ҳаракат мекарданд. Аз рӯбарӯ бошад, тӯпҳои худгард меомаданд, ки милаҳояшон аз танаашон як метр дароз

буданд.

– Як...ду... се... чор... панҷ...

Ҷанговар дигар шумуорро гум кард. Танку тӯпҳои худгард рӯи саҳроро мисоли пашшаҳое, ки ба табақчаи ширадор часпида бошанд, пур карданд.

...Ҷанг бевосита дар гарданаи теппа, дар сари роҳ ва дар рӯбарӯи ҳамон хонаи чӯбине, ки дар паҳлӯи рости ротаи Осмухин буд, мерафт. Аз қафои танкҳои зеркардаомада немисҳо мату аласт, бо овози аз димоғ барояндаи худ – «Ҳалт рус! Ҳалт болшевик!» гӯён медавиданд. Ҳамин ки ягон танк ё тӯпи худгарди онҳо аз тири тӯпҳои мо оташ гирифта, дигар аз ҷой намеҷунбиданд, аскарҳои гитлерӣ ҳам дигар пеш нарафта, аз паси ин танкҳо шинак мегирифтанду бетанаффус автомат холӣ мекарданд...

Лейтенант Осмухин дар як дасташ гӯшаки телефон, дар дасти дигараш дурбин аз ин вазъият сардоронро хабардор мекард.

– Немисҳо бо танку тӯпҳои бисёр ба мавқеи мудофиагоҳи мо рахна карда даромаданд. Ҳозир бо танкҳо мубориза мебарем. Ҷанговарон бо аскарҳои душман дар гарданаи теппа ҷанги дастбагиребон бурда истодаанд...

Дар гарданаи теппа як гурӯҳ немисҳо бо ҷанговарони взводи лейтенанти хурд Харитонов ба ҷанги дастбагиребон афтоданд...Дар он отделенияи Сафар ҳам иштирок мекард.

Аз ҳама аввал Степан, Дадабой ва баъд Нозир, Коробко аз сангарҳои худ ба пешвози аскарҳои ба теппа баромадаи немис давида, баъзеҳо бо найза, баъзеи дигар бо қундоқ ва бо автомат онҳоро зада ба замин мехобонданд. Дар як тараф немиси қаддароз аз гулӯи Сафар гирифта, ӯро ба қафо хобондан мехост, аммо Сафар ду дасташро аз миёни вай маҳкам гузаронда, бо зонуяш ба миёни ду пои ӯ мезад... Дар ҳамин вақт Коробко ба ёрии Сафар давида, бо қундоқи автоматаш ба сари немис сахт фуровард. Ҳамон замон аз зери мӯйҳои сурхчаи дар ин понздаҳ – бист рӯз шонанадидаи вай суп – сурх хун баромада, ба пешонаи ӯ ҷорӣ шуд. Немис сиёҳии чашмони худро якбора ба осмон

кашиду дасти дар гулӯи Сафар будааш беихтиёр суст шуд ва тани чорпаҳлуи вай ба рӯи синаи Сафар афтод. Сафар ҳамон замон бо ду дасташ сари синаи ӯро қафонокӣ сахт тела дод. Тани нимҷони немис кунда барин ақибнокӣ ба нишебии теппа афтода, ду-се метр ғелида рафт...

Сафар зуд ба гирду пешаш нигоҳ карда дид, ки немисҳо дар заминканҳо меҷанганд. Вай ҳамон дам худашро ба гардиши заминкани холӣ ҳаво дода, як немиси аз чап давида омадаро бо оташи автомат пешвоз гирифт. Немис ба қафо нагашта ӯ ҳам ба Сафар тир холӣ кард. Дар гардиши заминкан истоданаш ӯро аз тиррасӣмуҳофизат мекард. Тирҳо дар рӯ ба рӯи вай ба девори заминкан расида, мисли орухона сӯрох мегузоштанд... Немис дигар барои ба пеш рафтан ҷуръат накарда, худашро ба қафо кашиданӣ буд, ки аз тарафи рост боз як немис сархамкунон лӯккас зада омад. Вай рӯбарӯи Сафар омада мондани худро пай набурда, ӯро дидан замон як қадам қафо гашту сонӣ «Ҳалт рус!» гӯён автоматашро ба тарафи Сафар рост кард. Сафар бошад, чаққонӣ карда, аз вай андаке пештар тир андохт. Немис дудаста ба девори заминкан такякунон оҳиста ба замин афтод. Аз паси ин дар роҳи чапи заминкан таркиши норинҷак баланд гардид ва боз тӯк – тӯки поймониҳо шунида шуд. Сафар дар ин дақиқаҳо фаҳмида наметавонист, ки чӣ хел ӯ танҳо монд ва шарикони вай дар куҷо меҷанганд.

Вай аз таркиши гулӯла тахмин кард, боз ба тарафи чапи роҳрави заминкан давиданӣ шуд. Аммо аз гардиши роҳрав нагузашта, ҳамон немиси якуми дар заминкан дидааш давон – давон ба тарафи ӯ тир холӣ карда меомад. Сафар зуд худашро боз ба гардиш гирифта ба девор ҷафс истод. Немис ҳам ба ҳамин гардиши заминкан омада буд, ки Сафар куланги автоматро зер кард, вале... тир набаромад. Немис бошад, ҳамон замон аз ин пай бурда, боз ба забони худаш «Даст бардор!» гуфт. Сафар ду дасташро аз автоматаш канда оҳиста боло бардошту ҳамон дам мили ба сӯи вай рост кардашудаи автомати немисро маҳкам дошта ба тарафи чап гардонд... Немис тир холӣ кард, вале

тирҳо ба девори заминкан бархӯрданд.Сафар зӯр зада автомати ӯро кашиданӣ шуд, лекин немис аз ӯ калонтар ва боқувваттар буд. Ҳамин тавр ҳар ду якдигарро ба девори заминкан ба хок ҷӯлонда, талош мекарданд. Охир Сафар тамоми қувваашро ба пои росташ дода, ба буҷули пои немис сахт зада буд, ки пои немис аз замин канда шуда, вай мисли дарахти решааш пӯсида ба замин афтод. Сафар ҳам худро ба болои ӯ партофта, дарҳол аз соқи мӯзааш ҳамон корди дудамаи садафдастаро, ки Юнусбобо дар вокзали Сталинобод ба ӯ ҳадя карда буд, гирифта, бо тамоми қувва ба паҳлӯи чапи немис зада, «Ин ба ҳисоби Юнусбобо» гӯён бо як ғуруре овоз баровард. Немис дар ҷояш се-чор бор ҷаҳида – ҷаҳида ҷон дод.

Сафар аз ҷояш хеста, саросема боз ба роҳ даромад. Баъд аз ду-се қадам пеш рафтан, вай Степанро дид. Стёпа бо ҳаяҷон Сафарро огоҳонид:

– Рафиқ сержант, тезтар тозед. Аз боло боз як гурӯҳ немисҳо зер карда омаданд.

– Ту дар ин ҷо чӣ кор карда гаштаӣ?

– Командири взвод фармуд, ки бачаҳо аз заминкани якум ба заминкани дуюм гузаранд. Дар чор тарафамон танки немисҳо.

Онҳо аз поёнтари роҳрав боз ба рост гашта, ба сӯи заминкани дуюм давиданд. Аз он ҷо ҷанговарон аз сангарҳо истода немисҳои ба заминкани якум даромадаро ба зери тири пулемёт, автомат ва туфанг мегирифтанд.

Фармон расид, ки немисҳо ҳар навъ карда аз заминкани якум зада бароварда шаванд.

Дере нагузашта автоматчиён ва пулемётчиёни нав, ки ба ёрмандӣ омада буданд, ба ҷанг даромаданд. Ба ҳар ҷанговар дутоӣ ва сетоӣ норинҷак низ дода шуд.

Баъд аз норинҷакпартоиҳо ва аз қафо бо миномёт пахш кардани нуқтаҳои тирандозии душман, взводи Харитонов боз ба заминкани якум гузашта, пас аз ҷанги сахти дастбагиребон немисҳоро аз он ҷо ба паси теппа пеш карданд.

Дере нагузашта немисҳо боз ҳамлаи худро такрор карданд. Ин сафар ба болои ҷанговарони шӯроӣ танк

болои танк омада, аз чор тараф онҳоро ба зери оташи тӯпу пулемётҳои худ мегирифтанд. Вазъият танг шуда, рота боз қурбониҳои зиёд медод ва ҷанг бевосита дар маҳалли такягоҳии рота давом мекард.

Осмухин аз пункти дидбонӣ рафти ҷангро назорат мекард ва ба воситаи робитачии худ фармонҳои нав медод. Дар айни долу зарби ҷанг телефон ҷирингос зад.

– Аз куҷо? – пурсид Осмухин чашмашро аз майдони ҷанг наканда.

– Ҳӯҷаинамон, – ҷавоб дод телефончӣ, ки дар як кунҷ ба рӯи болопӯши худ нишаста буд.

– Кадом хӯҷаин? – гӯён Осмухин гӯшаки телефонро ба дасташ гирифт.

– 34-ум, – гуфт телефонист.

– Гӯш мекунам... Чӣ... иҳота... аз кадом тараф... хуб, то бегоҳӣ... фаҳмидам... –Ин гапҳоро такрор карда, симои Осмухин торафт тағйир меёфт, дар чашмони вай шарораи изтироб, ҳаяҷон ва баъзан ҳайрат бозӣ мекард.

Робитачии взводи дуюм – Костя омада, ба Осмухин ғамгинона ва бо чашмони гиряолуд гуфт:

– Лейтенанти хурд Харитонов ҳалок шуд...

– Харитонов?

– Ҳа, аз сараш тир хӯрд.

Аз паси ин инструктори беҳдошт Ҳоҷамқулови қазоқ омад.

– Рафиқ лейтенант, ҳалокшудагон ҳам бисёранд, захмдорон ҳам. Душман имкон намедиҳад, ки захмдоронро гирифта бароем.

Лейтенант аз ин гапи Ҳоҷамқулов бадқаҳр шуд.

– Чӣ, шумо мехоҳед, ки ман ба немис восита шавам, ки то аз майдони ҷанг баровардани захмдорон тир нандозад? Ҳозир поятонро ба дастатон гирифта марш, ягонто ҳам захмдор набояд дар майдони ҷанг монад!

Ҳоҷамқулов ба қиёфаи ғазаболуди Осмухин нигоҳ карда, бе ҳеҷ фикру хаёл зуд ба майдони ҷанг давид. Аз рафтани вай дере нагузашта Коробко касеро ба китфаш бардошта меомад.

– Кист? – пурсид Осмухин.

– Ҷанговари отделенияи дуюми взводи якум Дадабой Ёрматов, рафиқ лейтенант.

– Чӣ шуд?

– Захмдор. Ба шонаи чапу паси гарданаш оҳанпораи мина даромадаст.

Вақте ки Коробко ба наздиктари пункти дидбонии Осмухин омад, чашми Осмухин ба рӯии сап – сафед хунаш паридаи Дадабой афтод. Дадабой ҳам ба Осмухин бодиққат нигоҳ карду базӯр хандид. Ин ханда пӯсти гардани ҷароҳатдори ӯро озор дод, аз афташ, ки ҳамон замон абрувонашро чин намуда, нолише кард.

– Оҳиста ба ин қафо хобон, – гуфт Осмухин чуқуриеро, ки дар паси маҳалли дидбонӣ буд, нишон дода.

– Об, – гуфт Дадабой.

Осмухин як дӯлча обро ба Коробко дароз кард. Коробко эҳтиёткорона сари Дадабойро бардошта, об нӯшонд.

– Саломат бош, додар, раҳмат, – гуфт Дадабой ва дар ҳамин вазъият сахт шӯхмизоҷии худро гум накарда ба Коробко рӯ овард, – аз лейтенант пурс, оё аз мо розист? Ғайр аз немисҳои кушташуда, ҳу ана ҳамон танкро ҳам Дадабой зада сӯзонд гӯй.

Осмухин дар ҳамин вазъияти шадид, ки ӯро ғазабнок мекард, сухани Дадабойро шунида, табассум кард.

– Бале, офарин, Дадабой, – гуфт Осмухин ба тарафи вай рӯ гардонда, – барои танки зада нобудкардаат офарин, лекин захмдор шуданат хуб нашуд.

– Чепуха, – гуфт русӣ карда Дадабой, – сад гардану шонаамон захмдор шавад ҳам, мо аз касони ба душман гарданфурӯранда нестем, рафиқ лейтенант.

Лейтенант ҷавоб надода, ба роҳбари сиёсии дасташ баста, ки бо ҳамроҳии як ҷанговар касеро бардошта меомад, чашм дӯхт. Онҳо аз рӯ ба рӯ худро ба роҳрави заминкангирифтанд. Осмухин аз пункти дидбонӣ ба пешвози онҳо баромад.

– Талафот бисёр, Яков Данилович, – гуфт Ванюшин, дасти чапи дока печашро бо дасти росташ дошта.

– Ин кӣ?

– Сержант Одинаев.

Осмухин бо ҳамроҳии Нозири камаровӣ Сафарро оҳиста ба паҳлӯи Дадабой хобонданд. Сафар беҳуш буд, чашм во намекард. Рӯи ду-се рӯз боз обнадидаи чангу гардзеркардаи вай заб-зард шуда, нӯги биниаш гоҳ-гоҳ мепарид. Гимнастёркааш аз паҳлӯи рост то болои шикамаш суп-сурх хунолуд буд.

Осмухин мӯи ба пешонааш хамидаи ӯро бо дасташ боло карда, ба чеҳраи бехуну беҳаракати вай маҳзун нигоҳ карду чашми гиряолудашро пок карда аз ҷояш хест.

– Лекин, ҷавони ҳақиқатан ҷасур будааст, – гуфт Ванюшин, – ҳамон дақиқае, ки фармондеҳи взводаш тир хӯрду ҳалок шуд, фармондеҳиро ба зиммаи худ гирифта, фашистонро, ки аз қафои танк меомаданд, бо як ҳамла зада ақиб гардонд. Давида рафта ногоҳ ба қарибии заминкане, ки немисҳо ишғол карда буданд, афтид ва боз аз ҷояш нимхез шуда, ба заминкан норинҷак ҳам партофт. Мо гумон кардем, ки вай шояд аз тири душман панаҳ шуда, худашро ба замин партофта бошад. Не, баръакси гумони мо баромад. Ин ҷанговар, ки аз қафои ӯ рафта буд, зуд хунашро дида, ӯро ба канор кашидааст.

– Фармондеҳи дивизия фармуд, ки то фуромадани торикӣ устувор истода, баъд номаълум ротаро ба ақиб кӯчонем, – хабар дод Осмухин бароҳбари сиёсӣ.

– Баъд аз ҳамин қадар хунрезӣ? – пурсид политрук Ванюшин бо ҳайрат.

Осмухин ба гӯши Ванюшин пичиррос зад:

– Немисҳо моро ба иҳота гирифтанӣ...

Баъд Осмухин боз рӯяшро ба Сафар гардонду ба Ванюшин гуфт:

– Мисли ин ки додари худам захмдор шуда бошад... Чӣ хел бачаи покдил...

– Ҳамаашон бачаҳои хуб. Касе ки кори инҳоро бо чашми худ бинад, баъд чӣ хел мардуми ҷонсупор будани онҳоро мефаҳмад. – Ба сари Сафар даст монда гуфт Ванюшин.

– Ҳа, воқеан, суроғаи хонаашро гирифта мондан лозим, кӣ медонад, ки ӯро ба кадом гӯшаи мамлакат ги-

рифта мебаранд.

– Ман адреси ҳамаашонро дорам, – гуфт роҳбари сиёсӣ.

– Бисёр хуб, набошад зуд ба баталйони беҳдошт фиристодан лозим, алалхусус аҳволи Одинаев вазнин менамояд, – Осмухин ба пешонаи Сафар меҳрубонона даст гузошта гуфт.

– Хотирҷамъ бош, Яков Данилович, ҳамаи ин корҳоро худам иҷро мекунам. Ту аз кори худат бехабар намон. Феъли немиси шаттахӯрдаро медонӣ-ку...

Осмухин ба хатти пеш рафт.

Роҳбари сиёсӣ Ванюшин захмдорони аз хатти майдони ҷанг кашондашударо ҳамон замон ба баталйони беҳдошт гусел карда истода буд, ки Дадабой аз занбар дасти солимашро дароз карда, дасти Ванюшинро дошту ба вай як порча коғазро дода гуфт:

– Рафиқ роҳбари сиёсӣ, мана суроғаи хонаи мо, ба оилаатон фиристед, албатта меҳмон шаванд. Барояшон на фақат дар хона, балки дар дида ҷой медиҳанд...

Ин марҳамати самимӣ Ванюшинро чунон мутаассир кард, ки вай ҳеҷ сухан гуфта натавониста, бо ҳаяҷон лаб ба лаби Дадабой бурда, ӯро сахт бӯсид...

## БОБИ ҲАФДАҲУМ

Яке аз рӯзҳои тафсони аввали август занону мардон ва писарону духтарони ҷуйборӣ дар сояи беде, ки дар лаби ҷӯи калон қад кашида буд, гурӯҳ-гурӯҳ шуда менишастанд. Дар мобайни онҳо Зебӣ, ки ду милаи мӯяшро аз болои сарбандаш печонда буду дар тан куртаи парчагули рангпаридае дошт, бо овози баланд рӯзнома мехонд. Занону духтарон, писарбачагон ва мардон, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷо давра гирифта нону чой мехӯрданд, ба рӯзномахонии вай бодиққат гӯш медоданд.

«Сипоҳи мо дар Дон ҷангҳои шиддатноки хунрез карданд. Ба душман муяссар шуд, ки ба ивази талафоти бузурги қувваи зинда ва техникааш дар баъзе қитъаҳо пеш равад. Аскарҳои мо дар ин ҷангҳо мар-

донагӣ, устуворӣ, қаҳрамонӣ нишон дода, чандин бор ҳамлаҳои шиддатноки душманро зада дафъ карданд...»

– Худо медонад ба Сафараки ман чӣ шуда бошад, – баробари хомӯш шудани Зебӣ бо ҳасрат гуфт Умрихола ва дар чашмонаш ашк пайдо шуд.

– Хоҳар, бо ин хел хаёлҳои беҳуда дилатонро зиқ накунед, – гуфт аммаи Зебӣ – Бибизайнаб.

– Чӣ кор кунам, – ҷавоб дод Умрихола бо нӯги остинаш оби чашмашро пок карда, – дар паҳлӯятон ки нест, шайтони гӯрсӯхта касро ба ҳар хаёл мебарад.

– Ба шумо нагуфта будам, ки – гап сар кард Юнусбобо, ки вай домани ҷомаи кориашро ба миёнбандаш хаста, синабараҳна, ба сараш аз болои тоқӣ яккабандашро саллавор печонда менишаст, – одами мусулмон ба роҳи шайтон набояд дарояд. Шумо бошед, боз ба роҳи вай даромада, ким-чӣ хаёлҳо мекунед.

– Охир, дар ҳар се-чор рӯз хату хабараш меомад, аз бозе, ки ҷангҳои сахт сар шудаанд, аз бачекам ҳеҷ дараке нест, – ҷавоб дод Умрихола сарашро ғамгинона поён фуроварда.

– Хату хабар ба шумо аз Сталинобод намеояд, ки имрӯз нависанду пагоҳ ба дастатон расад. Аз ҳазорҳо фарсанг дурӣ, аз майдони ҷанг меояд. Охир, эҳтимол вақти хатнависӣ набудагист. Бечора Мирбадалро бинед, як моҳ зиёд шуд, ки аз Мамараҷаб хат намегирад, лекин ҳеҷ ноумед намешвад, – гуфт Юнусбобо, ки дар тасфи офтоб ангишт барин сиёҳ шуда, лабони ғафсаш торс – торс кафа буданд.

Ҳамин вақт аз дур аз байни ниҳолҳои пахтаи ним қади одам сар бардошта, Ҳодикӯсаи савора ба чашм намудор шуд.

– Ана, хат нест, хат нест гуфтетон, худи Ҳодиамак ҳам омада монданд, – гуфт кадом як мактаббача, ки дар паҳлӯи Зебӣ нишаста буд.

– Ҳа, ана, олам гулистон. Канӣ, оча, хезед, шодиёнаро тайёр кунед, набошад хатро додан намемонем, – гӯён шӯхӣ кард Юнусбобо ва аз мобайни аъзоёни бригадаи худ ҷаҳида хест.

– Як шодиёна не, сад шодиёна гиред, додар, – гуфт Умрихола бо бетоқатӣ, – чизе, ки гӯетон, тоҷи сар, ко-

ре карда, хабари саломатиаш расад, шуд.

Ҳама ба тарафи Ҳодӣ – хаткашон рӯ гардонданд. Якта – якта, сангпушт барин қадаммонии ҷирани лоғар ҳамаро бетоқат мекард. Махсусан Зебӣ худ ба худ «О, гашти аспи хаткашонро бинеду... То вай ин ҷо омадан офтоб заминро як чарх мезанад» гӯён бетоқат мешуд. Барои Зебӣ ҳам мактуби Сафар дар ин рӯзҳо аз ҳама чиз қиматтар ва азизтар буд. Модари Сафар метавонист ба ягон кас ҳасрат кунаду алами дилашро холӣ намояд, барои Зебӣ бошад, бо ягон кас дарду ҳасрат кардан мушкил буд, шарм мекард.

Юнусбобо ҳам аз қадаммонии аспи Ҳодикӯса дилтанг шуду бо чоруқи серямоқаш шип – шип пой монда ба пешвози хаткашон рафта, аз дуртар ба вай гуфт.

– Бо ин аэропланатон, худо накарда, ба ҳаҷ рафтанӣ шавед, дар роҳ ба шумо умри се кас ҳам кифоя намекунад, Ҳодибой.

– Шакар ба даҳанатон... Шумо напурсед, ман нагӯям... саркор. Ҷилавашро саҳл холӣ кунед, рост ба Қошғар мебарад... – гӯён Ҳодикӯса ба банди се-чор тугундори нӯхтаи асп ишора кард.

Онҳо хандакунон мулоқот каданд. Баъд Ҳодикӯса пахтазорро нишон дода гуфт:

– Саркор, буҷулатон олчӣ. План ҳам, худо хоҳад, бегап аз сад фоиз мегузарад.

– Охир ин падарраҳматҳоро намебинед, – ҷавоб дод Юнусбобо аъзоёни бригадаи худро нишон дода, ки аксарияташон занону панҷ-шаш одамони солхӯрда буда, ба таги бед дамгирии пешин баромада менишастанд. – Меҳнатдӯстҳо ҳар як ниҳолро кӯдак барин парвариш карда, шабу рӯз аз сараш онсӯтар намераванд.

– «Ранҷ бурдӣ – ганҷ бурдӣ» гуфтаанд... Кирои меҳнати кардаатон шудааст, шакар ба даҳанатон, офарин, саркор. – Таъриф кард Ҳодикӯса. – Дар камчинии дасти корӣ ҳамин қадар кардед, ҳукумат ҳам як чиз нагуфта намемонад...

Ҳодикӯса аз асп фуромаду ҳамроҳи Юнусбобо ба сӯи колхозчиён роҳ гирифт.

– Раис наменамоянд?

Юнусбобо ба сари кори дигар бригада рафтани ра-

исро хабар доду Ҳодӣ – хаткашонро ба як пиёла чой даъваткард. Баъди бо ҳама пурсупос кардан Ҳодикӯса аз сумкаи хаткашониаш як даста мактуб бароварда, аз байнаш се-чортаи онҳоро ҷудо карда гирифт.

– Мана ин ба шумо, очаи Сафар, – гӯён вай аввал ба Умрихола як мактубро дароз кард.

– Раҳмат, додарҷон, илоҳӣ барака ёбед... Чанд рӯз боз дилакам бетоқат шуда, ҷои нишастан намеёфтам, – гӯён аз дасти хаткашон мактубро гирифт.

– Шакар ба даҳанатон... Мана ин ба шумо, муаллима, – гуфт боз хаткашон ба вай мактубро дода. – Аз афташ Мирбадал дар ин ҷо нестанд, ба он кас ҳам як хат ҳаст, чанд рӯз боз аз хатпурсӣ гӯшу майнаамро хӯда буданд. Ду хат ба раис. Хуб, ба он кас худам месупорам.Акнун, муаллима, ҳозир ба шумо рӯзномаҳои мактабро медиҳам.

То Ҳодикӯса аз халтааш рӯзномаҳоро гирифтан, Зебӣ суроғаи мактуби худаш ва баъд азони Умрихоларо аз чашм гузаронда авзоаш беҷо шуд. Вай ҳардафъа барин зуд ба кушода хондани мактубҳо майл накарда, ҳайрон монд. Аз ин аҳволи рӯҳии Зебӣ аввал Юнусбобо ва баъд дигарон, ки ба шунидани мазмуни мактубҳо мунтазир буданд, пай бурданд.

– Тезтар кушода хонед, духтарам, – гуфт модари Сафар, – тоқатам тоқ шуд...

Зебӣ бошад, барои ҳарчи дертар хонда додани мактубе, ки тамоман аз дигар кас омада буд, баҳона меҷуст.

– Хайр, камтар истед, аз ин кас рӯзномаҳоро гирам, – ҷавоб дод Зебӣ ба наздиктари хаткашон рафта.

– Оббо, ҳамон рӯзномаатонро ҳеҷ кас гирифта намегурезад, – гуфт Умрихола бадқаҳрона, – ё аз ҳоло хати Сафарро хондан ба шумо малол омад? Майлаш, ба худам гардонда диҳед, ягонтаи мана ин писарчаҳо хонда медиҳад.

Умрихола мактубро аз дасти Зебӣ бо қаҳр кашида гирифту ба дасти ҷавонписаре, ки дар паҳлӯи Зебӣ меистод, дод.

– Ма, Шокирҷон, писарам, худат хон. «Худаш нест, қадраш ҳам нест» мегӯянд, рост аст.

Шокирҷон талабаи синфи панҷуми мактаби деҳа, дар назди муаллима ва мудири худ ҳурмату одобро баҷо оварданӣ шуда, хатро кушоду лекин «русӣ навишта шудааст, ман хонда наметавонам» гӯён баҳона кард. Умрихола боз бадтар дар изтироб монда, оташин шуд.

– Чаро русӣ будааст, – дурусттар нигоҳ кун. Ақаллан номашро хон.

– Номаш ҳам ким-чӣ хел русӣ. Ос... Ос.... Мму... хин-мӣ, намедонам...

Дар ин мобайн Юнусбобо ба пеши Шокирҷон омада, ба мактуб як назар андохту сонӣ худи Зебиро ҷеғ зад.

– Гир, духтарам, ба ин хел хатҳо ғайр аз чашмони худат аз они дигар кас намегузарад.

Зебӣ ҳам ба парешонхаёлӣ мактубро гирифта, чашм давонду баъд мазмунашро гуфта дод.

«Ба модари азизи рафиқи ҳамяроқамон Одинаев, – навишта шуда буд дар мактуб. – Ба шумо ин мактубро фармондеҳи ротаи Сафар Одинаев, яке аз бародарони наздику содиқи вай лейтенант Осмухин, роҳбари сиёсии рота Ванюшин менависанд. Албатта, аз мо пештар худи писаратон сиҳат шуда, дар бораи саргузашташ мукаммал навиштагист. Аммо мо то ҳоло, яъне аз он рӯзе, ки вай сахт захмдор шуда, ба госпитал фиристода шуда буд, аз ӯ ҳеҷ хату хабар надорем. Эҳтимол суроғаи моро фаромӯш карда бошад. Мо ва ҳамаи рафиқони ҷангии вай барои он ки ӯ баҳодурона ҷангида, фармони фармондеҳиро ба таври аъло ба ҷо овард ва мувофиқи талаби қасами ҳарбӣ ҷонбозии лоиқи таҳсин нишон дод, ӯро ҳар вақт ба хотир оварда, офарин мехонем ва ба шумо – ба модаре, ки чунин фарзандро тарбия карда, ба камол расондаед, садҳо бор ташаккур мегӯем.

Модари меҳрубон! Агар ба шумо мушкил набошад, илтимос мекунем, ки суроғаи бемористон ё қисми нави писаратон – Сафар Одинаевро ба мо навишта фиристед, то ки мо ҳам бо ӯ мукотиба барқарор карда, ҳолу аҳволи ҳамдигарро фаҳмем. Ҳамаамон мунтазирем, ки вай боз ба ротаи мо бармегардад. Мактубҳое, ки баъд

аз захмдор шудани вай шумо ва рафиқони дигар навишта буданд, дар дастамон нигоҳ дошта мешавад. Ҳар гоҳ ки Сафар ба рота ояд, ба дасти худаш месупорем.

Аз мо ба Бобо ва муаллимаи мактаб, раиси колхоз, ба колхозчиён салом расонед.

Ба шумо саломатию хушбахтӣ орзумандем ва ҷавоби мактубро мунтазирем.

*Лейтенант Я. Осмухин*
*Роҳбари сиёсӣ И. Ванюшин.*
*10 июли соли 1942».*

Модари Сафар ларзида, рангу рӯяш парида беҳуш шуд. Юнусбобо ҳам ба изтиробу ҳаяҷон афтод, вале зӯр мезад, ки дар пеши модар ин вазъияти худро маълум накунад. Зебӣ бошад, парешон ва маъюс, чӣ гуфтанашро надонист. Дигарон ҳам аз ин мактуб дар ҳайрат буданд.

– Ана хабари нохуш, додар, – гӯён Умрихола оби чашм рехт, – чанд рӯз чашми чапам парида, дилам бесаранҷом шуданаш ҳам бегап набудааст. Худоё, худовандо, чӣ гуноҳи азим карда будаам, ки ба сарам ин қадар рӯзи сахтро овард...

Юнусбобо аз бемаҳал шӯру ғавғо бардоштани модари Сафар оташин шуда, ба гап даромад.

– Ҳоло дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап нею нолаю фарёдатон аз азодорҳо ҳам бадтар-а, хоҳар?

– Э, додарҷон, агар вай сиҳат – саломат мешуд, то ҳол як порча хат навишта, модари сарсахташро хотирҷамъ мекард.

Юнусбобо дар дилаш ин гапи Умрихоларо тасдиқ мекарду вале боз аламиӯро пасанда кардан мехост.

– Охир, оча, шумо занаки бефаҳм нестед. Ин гапи роҳи дур. Сабр кунед, ин сӯ – он сӯро пурсида кофтуков кунем. Наход дар ягон ҷо ному нишонаш набошад.

– Ҳа, шакар ба даҳанатон, рост, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҳодикӯса ва ӯ ба расидани ин хел хату хабар худашро ҳам айбдор дониста нотинҷ мешуд. – Ман ба қишлоқи ҳамсоя баъд аз чор моҳ дар бораи зинда будани додари як кас хат оварда будам. Ин хел дар вақташ нарафтан,

наомадан, баъзан дар худи майдони ҷанг гум шуда мондани хатҳои одамон рӯй дода меистад. Барои ин баъзан аз ҳамкасбҳои мо – хаткашонҳо домангир шавед, ҳам меарзад. Хусусан кори хаткашони майдони ҷанг ҳазил не, ҷонбозӣ гӯед ҳам, кам. Эҳтимол, хати писари шумо ҳам ҳамин хел дар ягон ҷо хато хӯрда мондагист, оча. Сабр карда умеду боварии некро аз даст надиҳед.

Ин гуфтаҳои сидқидилонаи Ҳодикӯса на ба як модари Сафар, ба дигарон ҳам маъқул афтода, ҳама гапи ӯро тасдиқкунон Умрихоларо тасаллӣ медоданд. Бо вуҷуди ҳамин, Юнусбобо оҳиста аз Зебӣ санаи мактуби охирини Сафарро пурсид. Зебӣ тахминан рӯзҳои аввали июнро гуфт. Баъд Умрихола дарҳол аз кӣ будани мактуби дуюмро пурсид.Зебӣ ҷавоби дурӯғ гуфтанро муносиб надид ва дар баробари ҳамин дар пеши дигарон номбар кардани соҳиби он мактубро ҳам ҳеҷ намехост.

– Ин ҳам аз ҷӯраҳои муаллим. Ба хаташ нигоҳ ҳам накардаам, – ҷавоб дод Зебӣ, чӣ гуфтанашро надониста.

– Канӣ бинед, аз кӣ будааст, чӣ навиштааст?

Боз модари Сафар ба паҳлӯи Зебӣ омада ӯро танг мекард.

Зебӣ дар назди модар мактубро кушод. Мактуб хеле дароз навишта шуда буд. Зебӣ зуд ба ин ва он саҳифаи мактуб чашм давонду «Ин ҳам ҳамон барин суроғаи муаллимро мепурсад» гуфта монд. Модари Сафар бошад, Зебиро ба ҳолу ҷонаш намонда, мазмун ва соҳиби мактубро саҳеҳтар фаҳмиданӣ мешуд.

– Кӣ мепурсад, номаш ҳаст ё не?

– Ҳозир, дигарҳо ба кор хезанд, – гуфт оҳиста ба гӯши модар Зебӣ, – баъд ба худатону Юнусбобо хонда медиҳам.

Юнусбобо зуд аз матлаби Зебӣ пай бурда, ҳамаро ба кор даъват кард. Баъд аз ба кор рафтани аъзоёни бригадаи Юнусбобо, Ҳодикӯса ҳам ҷои раис рафтаро пурсида, ба «тулфораш» савор шуд.

Пас аз он ки дар зери сояи дарахти бед Умрихола, Юнусбобо ва Зебӣ танҳо монданд, Зебӣ мактубро ку-

шода, аз мазмуни он бехабар, «Ин хати Мамараҷаб» гуфту диққати ҳар дуи онҳоро ба худ ҷалб кард.

«Муаллимаи мӯҳтарам! Аввало ба шумо саломи беғараз ва софдилонаи аскарӣ мерасонам. Албатта, баробари расидани ин мактуб дарҳол ба пеши назари шумо ҳамон Мамараҷабе намоён мешавад, ки як вақтҳо ба қаҳру ғазабатон гирифтор шуда буд... лекин, хоҳишмандам, дар вақти хондани ин хат Мамараҷаби аввалҳо аз дунё бехабарро не, Мамараҷаби дар майдони ҷанг чашмаш кушодашуда, ҷӯраи наздики Сафарро ба пеши назар оред.

Ман то ин вақт сафед чию сиёҳ чӣ, фарқ накарда гашта будаам. Ҳатто саҳл монда будааст, ки бо касофати як хел маслиҳатчиҳо худам ба худам чоҳ канам. Канӣ акнун ҳозир ҳамон «маслиҳатчӣ» дар пешам бошаду барои маро ҳамин қадар ба роҳи торик андохтанаш қасос гирам.

Муаллима! Мехостам ҳамин хатро аввал ба Сафар, ки то ҳол аз вай ноҳақ домангир шуда гашта будам, нишон диҳам. Чунки ман дар назди вай гунаҳкори калон буда, то ба қарибӣ ӯро душмани худ медонистам. Лекин вай ҳам ба госпитал рафтааст. Баъд хостам, ки ба шумо, ба воситаи шумо ба тамоми роҳбарони колхозамон гуноҳҳои худамро гӯяму узр пурсам.

Айби якумам ҳамин, ки вақте одамҳо дар ғаму ғуссаи ба ҷанг фиристодани писару додарони худ буданд, ман боз бе ҳеҷ андешаю мулоҳиза дуюмин бор ба сари шумо хостгор фиристодам...»

Дар ҳамин ҷои мактуб Юнусбобо ва Умрихола ба қиёфаи Зебӣ нигоҳ карда монданд. Зебӣ аз шарм ба куҷо панаҳ кардани рӯи оташгирифтаашро надониста, хатро тез – тез мехонд.

«Айби дуюмам ҳамин ки, ман хонадоршавиро аз хизмати ҳарби афзал шумурдам. Айби сеюмам ҳамин буд, ки Сафари беғараз ва худи шуморо, баъд аз барор нагирифтани матлабҳоям рақибу душман медонистам. Айби аз ҳама сахттарам бошад, ҳамаи ақлу ихтиёрамро ба дасти амаки сиёҳдилам супурда, бо маслиҳати вай аз қонуну талабҳо рӯ гардонда, бо худамро маъюб кардан аз хизмати ҳарбӣ монданӣ шудам.

Ана ҳамин гуноҳҳоро ман кӯр – кӯрона бо маслиҳати амакам кардам. Хуб шуд, ки хизмати аскарӣ маро аз вай ҷудо карду ақлу ҳушамро ба ҷояш овард. Агар насиб бошад, як рӯз не, як рӯз ҳамон марди фитнаангези маккорро, ки мехост маро ба бадбахтиҳо гирифтор кунад, бо дасти худам ҷазо медиҳам.

Муаллима! Шуморо хоҳарам гӯям, хафа нашавед. Албатта суроғаи нави Сафарро фиристонед ва агар хат нависад, ҳамаи гуфтаҳои маро ба вай нависед. Нависед, ки Мамараҷаб Юсуфов – ҷанговари отделенияи Сафар Одинаев дар госпитал табобат меёбад, аз рӯи гуфтаи духтурҳо ҳозир пои ростам се сантиметр кӯтоҳ аст. Намедонам охираш чӣ мешавад...

Аз ман ба модари Сафар – Умрихола, ба Юнусбобо, ба раис ва Одил – ака салом расонед.

*Бо саломи аскарӣ*
*Мамараҷаб.*
*12 июли соли 1942».*

Зебӣ мактубро хонда шуда буд, ки ҳар сеяшон як нафас хомӯш ба ҳамдигар нигоҳ карда гирифтанд. Чунонки «дарди кампир – ғӯза» мегӯянд, модари Сафар аз ин мактуби Мамараҷаб боз ба таври худ хулосаҳои дигар бароварда, ҳасратомез оҳ кашида гуфт:

– Бечора фарзандам ҳамин қадар бетолеъ будааст, ки дар болои сараш ақаллан ягон ҷӯрааш ҳам набудааст.

– Ана акнун, – гуфт Юнусбобо боз ба ҷӯш омада, – деҳ куҷою дарахтон куҷо. Мардак дар чӣ хаёлу шумо дар чӣ хаёл.

– Дарди ҳар кас дар дили худаш, додар, – гуфт Умрихола, – писари шумо мешуд, шумо ҳам аз ман бадтар бетоқатӣ мекардед.

Ин таънаи тунду тез, ки Умрихола ҳамин қадар вақт инҷониб авалин бор изҳор кард, ба Юнусбобо бисёр сахт расид. Авзои ӯ дарҳол беҷо шуда, аввал рангаш париду баъд тамоми аъзои баданаш қӯра барин сӯхт. Зебӣ аз ин вазъияти Бобо пай бурда ба ӯ чашмакзанон «шумо вазнин шавед» гуфтагӣ барин кард.

– Хайр, – гуфт ҷаҳли худро зер карда Юнусбобо, – то ҳамин вақт меҳри нисбат ба Сафар доштаи маро шумо надониста бошед, аввалаш Худо, дуюмаш худи писаратон хуб медонад.

– Одами меҳрдошта аз ҳама пештар ҷангравии ӯро тарафдорӣ намекард, – гуфт Умрихола бадтар бо сӯзу гудоз гап зада.

– Холаҷон, ба шумо чӣ шуд? – гуфт Зебӣ аз гапҳои беҷои Умрихола бесаришта шуда. – Наход ба шаъни Бобо ҳамин хел гапҳоро раво бинед.

Ба Юнусбобо сухани ноҳаққи охирини Умрихола ончунон сахт таъсир кард, ки беихтиёр дар милки чашмони вай ашк ҳалқа зад.

– Хоҳар, то ҳамин синну сол расида, аз ҳеҷ кас ин қадар таънаю ҳақорати сахт нашунида будам. Илоҳӣ писаратон сиҳату саломат баргашта биёяду ҳамаи таънаю бӯҳтонҳои ноҳаққатон дар рӯйи худатон монад. Ҳозир аз дасти ман дигар хеҷ чиз намеояд.

– Сиҳат бошад, ҳоҷати ин гапҳо ҳам намебуд, – гуфт Умрихола.

– Ҳеҷ кадом модар шумо барин аз аҷал пештар фотиҳа намехондагист... – илова кард Юнусбобо аз ҷояш хеста ва ба Зебӣ нигоҳ карда гуфт: – Духтарам, худи ҳамин рӯз дарак карда аризаю хат навис, зоро, ки ягон хабари нек расида монад.

– Хӯш, баъди кор рафта менависам.

– Майлаш, ҳозир равӣ ҳам мешавад, корро худамон ҳам мекунем. Худаш ҳам наздик як гектар замини каланднакарда монд. Модарро ҳам ҳамроҳ гирифта бар. Ҳозир ба назари ин кас кор ҳам наменамояд, – гуфт Бобо.

– Чаро кор ба назарам наменамудааст? – эътироз кард Умрихола аз ҷо бархоста. – Акнун аз ҳамин кори ба хотири писарам дар қатори мардум саркардаам ҳам рӯ гардонда, таънаи дигарҳоро шунавам-мӣ?..

– Ихтиёратон, – ҷавоб гардонд Бобо.

Зебӣ аз ин сухан ва рафтори Умрихола ҳам мамнун мешуд ва ҳам ба чеҳраи ғамгин ва чашмони ашколуди вай бо тааҷҷуб нигоҳ карда меистод.

Баъд ҳар се ба се тараф ҷудо шуда рафтанд: Бобо ба сари звенои мардон, Умрихола ба сари звенои занон, Зебӣ бошад, ба тарафи қишлоқ.

* * *

Зебӣ хаёлпарешон, чӣ хел қадаммонии худро надониста, лаб – лаби ҷӯйборе, ки аз он ба пахтазор шилдир – шилдир об ҷорӣ мешуд, ба тарафи деҳа мерафт. Хасу хошоке, ки аз тасфи офтоби саратон заб – зард хушк шуда буд, аз зери маҳсии кӯҳнаи кории чокҳояш кандаи Зебӣ ба кафи пои ӯ мехалид.

Аммо фироқи ёр ва бедарак шудани вай, ҳар гуна гумонҳои бад ба дили ӯ аз ин хору хасҳо ҳам зиёдтар неш мезаданд. Зебӣ, ҳарчанд ин хаёлҳоро аз сар дур карданӣ шуда, фикри худро ба дигар чизҳо банд карданӣ бошад ҳам, вале боз кадом як қуввае ҳамаи ҳушу хаёли ӯро ба сӯи ҷабҳа, ба бемористон, ба Сафар мекашид...

Вай бо ҳамин парешонӣ қариб роҳро нисф карда буд, ки аз пайраҳа баногоҳ касе дар масофаи панҷшаш қадам аз рӯбарӯи ӯ баромада, хомӯш рост истод. Зебӣ аз ин ҳодисаи ногаҳонӣ як қад парида беихтиёр як қадам ба қафо гузошту дар ҷояш шах шуда монд. Чашмони ҳаросидаи ӯ ба он шахс дӯхта шуда бошанд ҳам, кӣ будан ва аз куҷо пайдо шудани онро надониста монд. Дили бе ин ҳам дардманди вай чунон беқарор мезад, ки нафасгириаш душвор мешуд.

Баъд аз он, ки дақиқае дар ҳамин вазъият хомӯш истод, шахси рӯбарӯ бо овози мулоими ларзон гуфт:

– Салом, муаллима.

Баъд аз ин саломи вай, Зебӣ базӯр тарсу ваҳми худро каме фурӯ нишонда, ба он шахс боз дурусттар чашм дӯхт. Рӯ ба рӯи Зебӣ ҷавонмарди лоғарандоми рангаш зардчатоби дар танаш либоси хокиранг, дар по мӯзаи аскарӣ, дар сар пилотка, дар як тарафи китфаш кӯлбор, дар як дасташ болопӯши аскарӣ рост меистод. Вай гоҳ табассум мекард, гоҳ аз ҳаросон мондани Зебӣ дар ҳайрат афтода, қиёфаи ҷиддӣ мегирифт.

Вақте ки Зебӣ он шахсро сар то по аз назар гуза-

ронд, дар охир чашмони вай ба нишоне, ки дар сари синааш аз шӯълаи офтоб ҷило медод, афтод. Пас аз ҳамин ҳам Зебӣ хомӯш монда, чӣ гуфтанашро намедонист.

– Нашинохтед? – пурсид боз он шахс ва илова кард, – албатта намешиносед, дар ин моҳҳои ғоиб буданам фақат афту андомам не, балки гашту рафторам ҳам бояд дигар шуда бошад.

Зебӣ боз ҳам нашинохт.

– Наход ҳоло ҳам маро чашми дидан надоред, муаллима? – лангида-лангида ду-се қадам пештар омад он шахс.

Зебӣ, баробари пештар омадани вай, боз бо ҳарос худро ба қафо кашиданӣ шуд. Аммо дар пеши чашмони ӯ торафт аёнтар гаштани кӣ будани он шахс ӯро аз қафонишинӣ боздоштанд. Дар пеши вай ҷияни Мирбадал – Мамараҷаб меистод.

Дарҳол ба хотири Зебӣ мактуби навакак ба дастрасидаи Мамараҷаб, ба гуноҳҳои худ иқрор гашта, ба Сафар дӯсти наздик шудани вай омаданд ва ӯ акнун худро ба даст гирифта, аввал ба сари синааш ду-се бор ту – туф карда монду аз рафтори худ хиҷолатманд шуда гуфт:

– Аз они худӣ-ку, банохост дида кӣ буданатонро надонистам... Салом, котиб, мондаҳо, саломат омадед? Аз куҷо?

Мамараҷаб баъд аз пурсупоси Зебӣ, хушҳол шуда табассумомез ҷавоб дод:

– Аз госпитал.

– Ба рухсатӣ баромадед?

– Тамоман ҷавоб доданд, пои ростам камтар кӯтоҳ шуда монд.

Зебӣ бо афсӯс дилдорӣ дод.

– Хайр, ҳеҷ воқеа не, ҷонатон саломат мондааст, ҳаминаш давлати калон. – Баъд ба унвони Сафар ишора карда гуфт: – Кошкӣ дигарон ҳам шумо барин саломат даромада меомаданд.

– Аз муаллим хату хабар ҳаст? – аз маънои сухани охирини ӯ пай набурда пурсид Мамараҷаб аз Зебӣ.

– Оё шумо аз ҳамон тарафҳо дарак накардед?

– Ба полкашон хат карда будам, ба госпитал фиристодаанд, – ҷавоб дод Мамараҷаб сарашро поён фуроварда.

Зебӣ, ки то ҳол аз Мамараҷаб ягон хабари нави хуш умед дошт, аз парешонҳол ҷавоб додани вай бештар маъюс шуда, бо овози аламнок гуфт:

– Ба мо ҳам ҳеҷ хабар нест.

– Аз госпитал ҳам? – пурсид Мамараҷаб бо кадом як хавотирии ботинӣ ва худаш аз ин савол пушаймон шуда, илова кард, – баъзан захмдорон аз госпитал ба госпитал кӯчида, ба хат навиштан ҳам фурсат намеёбанд.

Саволи «аз госиптал ҳам» якбора ба дили Зебӣ ваҳм андохт. Вай эзоҳи Мамараҷабро гӯш накарда, ба изтироб афтода пурсид:

– Аз госпитал чӣ менавиштанд?

– Не, ман мехостам донам, ки худи ӯ аз госпитал хат нанавиштааст? – ба сухан маънои дигар дод Мамараҷаб.

– Ҳатто фармондеҳи ротааш ҳам дар куҷо будани муаллимро пурсида мактуб навиштааст.

Мамараҷаб пас аз ин хабари нави Зебӣ чизе нагуфта хомӯш монд.

– Дар госпитал ягон шабе набуд, ки ӯро хоб набинам, – гуфт Мамараҷаб баъд аз каме хомӯшӣ.

– Чӣ хоб медидед? – пурсид Зебӣ.

– Дар хобам гӯё ба Ҷӯйбор омада бошад, ба пешвози вай тӯю тамошоҳо дода бошанд.

– Коре карда тӯю тамошои хоб азои бедорӣ нашавад...

– Хоби мард рост мебарояд мегӯянд, эҳтимол, вай ҳам пагоҳ – бегоҳ баногоҳ омада монад, муаллима, – бо дилдорӣ ва самимият гуфт Мамараҷаб.

Бо мулоҳизаи он, ки гуфтаи Мамараҷаб эҳтимол рост барояд, Зебӣ аввалин бор дар назди вай бо чеҳраи кушод, як кунҷи муҳаббати нисбат ба Сафар доштаашро ошкор карда гуфт:

– Набошад, худро ин қадар азизу ширин карда, коми дар ин ҷо будагонро талх кардани он кас ба чӣ мақсад бошад?..

– Вай ҳам нозбардори худро медонад, муаллима... – бо як ҳасад гуфт Мамараҷаб.

– Нисбат ба модаре, ки умраш ба як ҷо расида мондааст, магар ин хел ноз карданҳо аз рӯи инсоф аст? – боз сирри дили худро пинҳон карданӣ шуд Зебӣ.

– Ҳа, рост, албатта ба дили модар ин хел нозҳо намеғунҷад, аммо...

Чӣ маъно доштани давоми сухани Мамараҷабро пай бурда, Зебӣ дарҳол саволи дигар дод:

– Чаро бо шинелу борхалта рост ба ин тараф омадед, магар роҳи хонаи амакатонро гум кардед?

Мамараҷаб аз ин пурсиши кунҷковонаи Зебӣ қиёфаи ҷиддӣ гирифта ҷавоб дод:

– Ҳа, аз рӯзе ки аз Ҷӯйбор баромада рафтам, он роҳро гум кардам, оё шумо инро пештар намедонистед?

– Донам ҳам, боз аз рӯи эҳтиёт пурсидам, ки якбора чӣ хаёлу андешаҳо котибро ба ин аҳд водор карда бошад.

– Биёед монед, коҳи кӯҳнаро бод надиҳед, муаллима, калла дар тани ману калидаш дар дасти бегонагон гашта будааст, нафаҳмидаам...

Дар болои ҳамин гап аз пайраҳае, ки он ҷо Мамараҷаб аз рӯ ба рӯи Зебӣ баромада буд, Одил Саркор намоён шуд. Вай дар китф каланд дошт, бари ҷомаи кориаш ба миёнбандаш халонда шуда, шалворпочааш то зону барзада шуда буд. Ӯро пеш аз Мамараҷаб, ки пушташро ба он пайраҳа гардонда меистод, Зебӣ дид ва дарҳол Мамараҷабро хабардор кард. Мамараҷаб ба сӯи Одил Саркор рӯ гардонда буд, ки Одил Саркор қадаммониро тез карда, аз даҳ-понздаҳ қадам «Мудир ё каси дигар?» – гӯён овоз баровард. Вақте ки Мамараҷаб ба пешвози Одил Саркор се-чор қадам ниҳод, Одил Саркор каландро ба замин монда, хандида – хандида пеш омад:

– Э..э, Мамараҷаб-ку, эҳ ёдат ба хайр, котиб, бале, писар, бале, – гӯён сар то по ӯро аз назаргузаронда, бо самимият мулоқот кард. Пас аз пурсупосу ҳолпурсӣ, Одил Саркор як ба Зебӣ ва як ба кӯлбору болопӯш ва худи Мамараҷаб нигоҳ кард. Зебӣ аз танҳо дар ин ҷо

истодани худ хиҷолат кашидагӣ барин менамуд. Вай ин хиҷолати худро рӯпӯш карданӣ шуда гуфт:

– Шумо ҳам ман барин дар аввал муаллим гумон кардед-а?

– Ҳа, охир, чанд вақт боз, ки ягон хату хабар намефиристад, ҳушу хаёламон ба ҳамон шуда мондааст, – ҷавоб дод Одил Саркор, – мумкин аст, Мамараҷаб аз вай ягон дарак оварда бошад?

– Не, ман ҳам аз рӯзи ба госпитал рафтанам аз ӯ ҳеҷ хабар надоштам, – ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Хайр, ҷонаш амон бошад, мудир ҳам ҳамин хел як рӯз не, як рӯз даромада меояд.

Сухани «ҷонаш амон бошад» дили Зебиро ба ларза овард. Одил Саркор дар чеҳраи Зебӣ маъюсиро мушоҳида кард ва гапро ба дигар тараф гардонда пурсид:

– Ҳа, коратон тамом шуд, хоҳарам, майдони охирро ҳам каланд карда, об сар додетон?

Зебӣ ба ин пурсиши Одил Саркор ҷавоб дода, барои чӣ кор хона рафта истода, ногоҳ ба Мамараҷаб рӯ ба рӯ омадани худро гуфту дар охир пурсид:

– Ба ман кор надошта бошед, равам?

– Хатҳои навишташударо бегоҳӣ ман ҳам як бинам, – гуфт Одил Саркор.

Зебӣ «хуб» гӯён рафт. Дар лаби ҷӯйбор Одил Саркор ва Мамараҷаб танҳо монданд. Онҳо дар зери яккабеде, ки ба як тарафи замин соя меафканд, нишаста гуфтугӯ мекарданд. Мамараҷаб ҳамаи шикояту мақсадҳои худро, ки дар мактуби ба номи Зебӣ навиштааш изҳор карда буд, ба Одил Саркор ҳам муфассал гуфта дод. Одил Саркор дар охири сухан чашмони худро бо андешаи амиқ ба дуродур дӯхта гуфт:

– Мирбадал не, каждуми таги бӯрё будаасту худи мо ҳам нафаҳмида гашта будаем... – Одил Саркор аз он, ки то ин вақт «аз рӯ шона, аз таг фона» зада гаштани Мирбадал бармаҳал хабардор нашудааст, асабӣ шуда, ба ғазаб омад. Вай дар ҳамин вазъият боз қадре хомӯш истоду баъд ба Мамараҷаб рӯ гардонда гуфт: – Хуб кардӣ, ки аз баҳри ин хел амаки сияҳдил гузаштӣ. Аз гови шохзан оғили холӣ беҳ аст, мегӯянд... – Одил

Саркор боз камтар истода гуфт: – Мана ин калиди идораи колхоз, мизи худат ҳоло ҳам холӣ. Чизу чораатро бурда мону камтар дам гир. Метавонӣ аз пагоҳ котибии худатро иҷро кардан гирӣ. Мирбадал эҳтимол ҳозир дар ноҳия бошад. То бегоҳ дар ин хусус ба ҳеҷ кас даҳан во накарда ист.

– Не, акои Одил, котибиро монед акнун, – гуфт Мамараҷаб.

– Барои чӣ?

– Ин дастони ба қундоқи милтиқ одаткарда акнун дастаи каландро ҳам як дошта бинад, – Мамараҷаб кафҳои пӯсташ пухташудаи дағар – буғури худро ба ҳам молиш дода гуфт.

Одил Саркор ба пои ланги ӯ ишора карда пурсид:

– Охир бо ин аҳвол чӣ хел каланд зада метавонӣ?

– Э, акои Одил, ҳоло-ку ин, дар фронт одамон бо як даст монда ҷангро давом медоданд... Наход ман дар ин майдони кор аз ӯҳдаи каландзанӣ набароям?

– Хуб, агар аскарӣ ба ту ҳамин қадар азму қувва дода бошад, мо ҳам дучанд зиёд шудани онро талабгорем, ихтиёрат, писар.

– Саломат бошед, – гӯён Мамараҷаб кӯлборашро гирифту аз ҷояш хеста ба роҳ даромад. Одил Саркор то дар байни пахтазор ғоиб шудани Мамараҷаб, ӯро бо нигоҳи хушнуди худ гусел мекард...

* * *

Ҳамон рӯз бегоҳӣ Мирбадал аз ноҳия баргашта, аз пеши идораи колхоз гузашта рафта истода буд, ки посбони идора ба ӯ аз омадани Мамараҷаб хабар дод ва дар идора будани ӯро гуфт. Мирбадал саросема ба идораи колхоз даромад. Дар идора назди мизи хатнависии котиб Мамараҷаб сархам китоб мехонд. Чароғи чилуми мудаввар ба рӯи китоб ва ба мӯю пешонаи Мамараҷаб равшанӣ меафканд. Мамараҷаб аз дари идора даромадани Мирбадалро пай набурд ва сар аз китоб набардошт. Баногоҳ бо овози пурҳаяҷони гирёолуд номи ӯро гирифтани Мирбадал ҳамон замон Мамараҷабро якбора аз курсии нишастааш бархезонд.

– Мамараҷаб, ҷигарам, ҷонам, – Мирбадал ду дасташро ба ду тараф ёзонда барои оғӯш гирифтани ҷияни худ шитобид.

Аз ин рӯбарӯшавии ногаҳонӣ тамоии аъзои бадани Мамараҷабро ларзаи асабонӣ фаро гирифт. Чашмонаш ғайритабиӣ медурахшиданд. Вай аз ҷояш намеҷунбид. Мирбадал аз паҳлӯи миз ба Мамараҷаб наздик шуда буд, ки Мамараҷаб ба сӯи вай дасташро пеш бурда гуфт:

– Аз ҳамон ҷо истода гап занед ҳам мешавад, каси ба дӯзах теладодашударо боз ба оғӯш гирифтан чӣ ҳоҷат?

Аз ин гап дастони Мирбадал беихтиёр поин фуромаданд. Вай чашмонашро ба Мамараҷаб ҳаросон дӯхта, шояд чӣ гуфтани ӯро нафаҳмид, ки боз ба лабҳояш хандаи сохта гирифта, гап зад:

– Э, бечора ҷиянакам, аскарӣ коратро кардааст.

– Не, шумо маро расво карданӣ будед, лекин артиш аз ин маро халос кард, – гуфт Мамараҷаб торафт рангаш парида.

– Худаш чӣ гап, шакари амак? – Мирбадал ҳанӯз ба маънои томи масъала сарфаҳм нарафта, мепурсид. – Бе зиёрату пурсупос ин пешхезиҳо ба чӣ маънӣ?

– Аз он, ки шуморо зиёрат кунам мунофиқиатонро ошкор кардан савобтар аст... – Мамараҷаб ин ҷавобро гуфту аз кисааш махоркақуттиашро бароварда ба тамоку кашидан шурӯъ кард.

– Ҳай-ҳай, аз кӯдакӣ то ба ин синну сол калон карда, ҳоло аз шумо мешунидагемон ҳамин шуд?

– Ин ҳоло аз нӯги хамир фатир... – ҷавоб дод Мамараҷаб.

– Мумкин, ки ба ҳабсхона ҳам андозед?

– Агар аз шарофати шумо ман ба ҳабсхона меафтодам-чӣ?

Мирбадал аз ин саволе, ки бар зидди саволи ӯ дода шуд, як дам лол шуда монд ва ҳар он ҷинояте, ки дар ҳаққи Мамараҷабу Ҳукумати Шӯрой карда буд, аз фикраш гузашта, ӯро ба воҳима андохтанд. Баъд аз ин ӯ боз мулоим, хушомадгӯёна, вале бо нештарзанӣ гап мезад.

– Ҳар коре, ки шуд, ҷиянам, гузашту рафт, ба гузашта салавот гуфтаанд... Умри мондаатон фоида. Биёед, монед, ҳар кор кардем, ҳар дуямон кардем ва онро бояд танҳо ҳар дуямон донем. Акнун фаҳмидам, ки фоидааш ҳам набудааст.

– Ман ҳар гуноҳе ки кардам, ба гардан гирифтам ва онро бо хунам шустам, аз ин хотирҷамъ бошед. – Дар симои Мамараҷаб аз ин ҷавоб як ҳисси ифтихормандӣ акс меёфт.

– Хайр, ана, ҷони амак, мо ҳам дар пеши шумо гуноҳи худро ба гардан гирифта, аз ҷону дил хизмати шумоёнро карда, худамонро сафед мекунем, – бо мулоимхунукӣ ва сохтакорӣ гуфт Мирбадал.

– Гуноҳатонро худатон мешӯед ё дигар кас, ман намедонам, – ҷавоб дод Мамараҷаб аз даҳонаш фағонаи дуди махоркаро сар дода, – ҳаминро гуфта монам, ки Мамараҷаб дигар ба шумо ҷиян нест ва ман мисли шумо амак ҳам надорам.

Мирбадал ба курсие, ки рӯ ба рӯи миз, дар назди девор меистод, нишаста, нимғурма гуфт:

– Оббо, ҳамон Сафари пойлучи худобехабар охир шуморо ба домаш кашидааст-дия, хайр, ана, худаш ҳам дар оқибат бедому дарак шуд...

Ин ҳақорати Мирбадал дар ҳаққи Сафар дар тани Мамараҷаб хуни ориятро ба ҷӯш овард. Вай бадтар бадқаҳр шуда гуфт:

– Номи поки ӯро ба даҳони нопокатон нагиред, вай касест, ки маро аз канори чоҳи фалокат, ки ба он ҷо маро шумо кашола карда мебурдед, гардонда гирифт...

Мирбадал аз ҷавоби Мамараҷаб оташин шуда, аз ҷояш хест.

– Гап назада истам, аз афташ ин худобехабар ба теппаи сарам баромаданӣ. Чӣ муддао дорӣ, оқипадар?

– Муддао якта, – ором ҷавоб дод Мамараҷаб, – дигар афти шумо барин каси ба умри ҷавонам ҷафокардаро дар ин дунёи равшан набинам.

– Даҳанатро пӯш, ҳаромӣ! – бо овози баланд дӯғ зад Мирбадал ба хашм омада ва қамчинро, ки дар миёнбанди камзӯлаш халонда шуда буд, ба даст гирифт. Набошад, аввал бо ҳамин қамчин саратро торс ду ним

мекунаму баъд ба ҷои мефиристодаат меравам. Инро хуб фаҳмида мон.

Мамараҷаб ҳам хомӯш намонд. Асабонияте, ки баъд аз захмдор шуданаш дучанд шуда буд, тамоми рагу пояшро ба ларзиш оварда, ӯро мисли ин, ки ба сари немис ҳамла мекарда бошад, ба сӯи Мирбадал тела дод. Вай ҳамон замон аз соқи мӯзааш корди дудамаи немисиро гирифта, ба пеши миз гузашту:

– Ин хел бошад, хас каму – ҷаҳон пок. Мана, аз ҳамон гитлерчиён, ки ту зудтар ба ҳамин ҷоҳо омадани онҳоро умед доштӣ, ба ту савғо ҳам ҳаст, хуни шабушхӯр! – гӯён ба сӯи Мирбадал бо ҷаҳл пой монд. Мирбадал худро ба тарафи дар қафо гирифта, ду-се ҳақорати қабеҳ доду баъд қамчинро ба рӯи Мамараҷаб, ки ба сӯи вай зер карда меомад, ҳавodoда аз дар берун шуд. Қамчин аз болои шишаи чароғ рафта ба девор заду камтар хок рехт. Мамараҷаб давида аз қафои ӯ берун баромада буд, ки Мирбадал худро чапғалат дода, дар оғӯши торикӣ ғоиб шуда рафт...

Пас аз ба Мирбадал расида натавонистан, Мамараҷаб ба идора баргашт. Аз ҳаяҷону асабоният дасту пояш ларзида, лабҳояш мепариданд. Дилаш беқарор метапид. Дар ҳамон ҳол ӯ болои ҳам се-чор махорка печонда кашида буд, ки ба идора Одил Саркор, раиси колхоз акои Олим ва раиси деҳшӯро Шодмонов даромада омаданд.

– Ҳа, чӣ гап, чаро ин қадар бесаранҷом менамоӣ, рангу қутат паридааст? – пурсид Одил Саркор аз Мамараҷаб.

Мамараҷаб ҳамаи воқеаи гузаштаро аз сар то охир нақл карду гуфт:

– Бадзот гурехт, набошад ҷо ба ҷо хобонда ҷонашро ба ҷаҳаннам мефиристодаму бо ҳамин боз як немисро куштагӣ барин дар савоб мемондам, афсӯс, ки нашуд...

– Ба ҳеҷ ҷо гурехта наметавонад. Дарахти бесамару хушк аз як фарсанг роҳ ҳам маълум аст... – гуфт Шодмонов нигоҳи маънидор кард ва илова намуд, – кайҳо аз қафояш одам рафт.

## БОБИ ҲАЖДАҲУМ

Русдухтаре, ки зарринмӯи ситорагарм буд ва дар бараш либоси сап-сафед дошт, дар поини пои бемор, рӯи кат менишаст. Вай ба рӯи рангпаридаи бемори беҳуш хобида маҳзунона нигоҳ карда, хомӯш мегирист. Донаҳои ашке, ки мижгон ва рухсори андак доғи кунҷитак зеркардаи духтарро шуста ҷорӣ мешуданд, ба сари синаи баландаш афтода, пеши ду кисаи болои хилъати сафедашро тар мекарданд. Вай барои он, ки оби чашми худро ба дигар захмдорон маълум накунад, ба пурсиши онҳо рӯ нагардонда, ё ин ки аввал бо рӯймолча чашмашро пок карда, сонӣ ҷавоб медод.

– Аҳволаш чӣ хел, ҳамшира? – пурсид шахсе, ки дар тан яктаки дарози бумазӣ дошту аз оринҷи дасти чапаш то китфу гарданаш докапеч буд.

– Якнавъ, – ҷавоб дод духтарак. Он шахси ба назди ҳамшираи тиббӣ омада ба симои бемор нигоҳ карду рӯяшро гардонда якбора гириста фиристод. Бемории дигаре, ки дар катҳо хоб буданд, ҳама якбора ба ин мардак бо тааҷҷуб нигоҳ карданд. Духтарак дарҳол ашкашро пок карду ба он марде, ки гиря мекард, таъкидкунон гап зад:

– Дадабой, ин чӣ гап, магар дар пеши беморон ин хел рафтор кардан хуб аст?

Духтарак дудаста аз зери оринҷи Дадабой дошта, ӯро аз палата берун баровард.

– Аз афташ мемурад, – гуфт як захмдоре, ки дар кунҷи хона хоб мекард ва рафтори ҳамшираи тиббӣ ва Дадабойро аз чашм мегузаронд.

– Вай аскарчаро гиря кард? – пурсид боз кадом захмдор бо овози паст.

– Ҳар ду аз як шаҳр будаанд, дар як рӯз захмдор шудаанд, – ҷавоб дод бемори якум.

– Ҳамшира ҳам дирӯз боз чашмаш гиряолуд – гуфт як бемор, ки ду дасташ тахтачабанд карда шуда буд.

– Зояро мегӯед?

– Ҳа.

– Зоя ҳам пеш аз ба госпитал омадан дар ақибгоҳ бо ҳаминҳо дар як қисм будааст. Баъд аз ба ҳар ҷабҳа тақсим шуда рафтани қисми онҳо аз якдигар ҷудо

шуда, ана боз дар ин ҷо рӯ ба рӯ омада мондаанд, боз худаш забони инҳоро ҳам медонистааст, – гуфт захмдори якум.

– Албатта, одам бо одам чандин вақт сиҳат – саломат, хушҳолу хушбахт дар як ҷо бошаду баъд баногоҳ ҷудо шуда, боз дар ин хел вазъият рӯ ба рӯ ояд, хеле таъсир мекунад, – гуфт бемори ҷингиламӯе, ки то ҳоло чашмони кабудашро аз китоб наканда хомӯш менишаст.

– Мумкин аст, ба ҳамдигар хушдор ҳам бошанд, – гуфт яке аз он панҷ бемор, ки дар ин хона хоб мекарданд.

– Рост, духтарони мо ба ин хел ҷавонмардони чашму абрӯсиёҳ худро қурбон мекунанд... – гуфт бемори дигар бо табассум.

Ба болои ин гап – гапи беморон ҳамшираи тиббӣ – Зоя бо ҳамроҳии сардухтури бемористон, ки марди миёнсоле буда, риши кӯтоҳакак дошт ва ба чашмонаш айнак гузошта буд, даромада омад. Вай Алексей Дмитриевич Романов ном дошт. Алексей Дмитриевич рост ба болои сари Сафар, ки беҳуш мехобид, омада, банди дасти чапи ӯро дошту набзашро санҷид ва аз вазъияти ӯ хавотир кашидагӣ барин, сарашро ҷунбонда монд. Баъд дасташро ба пешонаи бемор бурда, ба Зоя гуфт:

– Боз хун фиристодан лозим. Ба хонаи ҷарроҳӣ гузаронед.

Духтур рӯяшро ба дигар беморон гардонда буд, ки як ҷанговари ӯзбек пурсид:

– Умеди зинда монданаш ҳаст?

– Кори мо то нафаси охирин ноумед нашуда, муолиҷа кардан аст, – гуфт духтур ба миёнатари хона омада. – Мебинем, мизоҷи бемор чӣ хел тоб меоварда бошад. Хунаш бисёр рафтааст.

...Дар байни ду рӯз ба Сафар се бор хун фиристоданд. Вай рӯзи сеюм ҳам ба худ наомад. Аммо баъд аз сеюмин бор хун фиристодан ба аъзои бадани хунукшудаи ӯ гармӣ давид, ҳатто бегоҳӣ табаш баланд шуд. Аз баландии таб худ ба худ гап мезад, сирҳои дар ҳушёриаш ба ҳеҷ кас нақл накарда, гапҳои дар кошо-

наи дилаш «хотираҳои ҷавонӣ» гӯён пинҳондоштаи худро такрор ба такрор ва муфассал ба касе мегуфт, ба модараш, ба Юнусбобо ва ба Зебӣ муроҷиат карда, чиҳое ки намегуфт... Ҳамаи ин гапҳоро Дадабой, ки дар ғами Сафар дарди ҷароҳати худро фаромӯш карда, дар як паҳлӯи ӯ менишаст ва Зоя Павловна, ки аз болои сари ӯ рӯзи дароз дур намешуд, мешуниданд ва гоҳ хаёл карда, гоҳ дар ҳайрат монда менишастанд.

Вақте ки Зоя кафи дасти дурушти Сафарро ба рӯи дастони нарму гармакаки худ гирифта тапиши дили ӯро санҷиданӣ шуд, Сафар ҳам дасти Зояро маҳкам дошта, мадҳушона ба гап даромад:

– Не, не... дастамро надоред... Ман намегурезам.... Ана ман... немисро мезанам... Зебӣ... Азизам... Бовар накунед... бинед... Ҳа, Мамараҷаб... ҳам... кушт... вай... вай... орден ҳам гирифт... Ман... Ман? – не нагирифтаам... Хайр, Зебӣ... ана ман боз рафтам... Осмухин... Ҳа... ана Осмухин фармон дод... Ба модарам... ҳа ба Бобо ҳам гӯед... Сафар наме-ми-рад... Хайр... Не... Не... истед... истед.. .мехоҳам... боз аз лабҳои... х-ай-р...

Сафар дар ин ҳол чашмони нимроғ кушодаашро ба Зоя дӯхта, дасти майдаи пахта барин мулоими ин духтараки ҳалимро ба сари синааш кашида, зер мекард...

Зоя ҳам аз ин ҳаракати Сафар худашро ким-чӣ хел ҳис кард, дилаш ғайритабиӣ мезад... Ду рухсораш метасфид ва ба Дадабой, ки гапҳои Сафарро мешунид, шармгинона назар андохта, табассум карда мемонд...

– Зебӣ кист? – пурсид Зоя аз Дадабой.

– Кай донам, – ҷавоб дод Дадабой бо тааҷҷуб.

– Занаш-ку не? – пурсид Зоя.

– Зан надорад, муҷаррад, – гуфт Дадабой ва ӯ аз ин ҷавоб дар қиёфаи Зоя як аломати мамнунӣ мушоҳида кард.

– Набошад, шояд ягон хушдораш бошад?

– Намедонам.

Ба ҳар пурсиш «не, намедонам» гуфта ҷавоб додани Дадабой ба Зоя маъқул нашуд. Барои ҳамин, вай ба Дадабой таънаомез гуфт:

– Шумо чӣ хел ҷӯра, ки то ҳоло дар бораи ӯ чизе намедонед?

– Ҷӯрагии мо то ба он дараҷае, ки гапҳои ба шумо зарурро пурсида фаҳмам, нарасида буд, – ҷавоб дод Дадабой ҳам бо киноя, – минбаъд дар ёдам бошад, пурсида мегирам. Дар бораи худи ман пурсед, ана ман якта намонда, ҳамаашро гуфта медиҳам.

Зоя ба Дадабой нигоҳи тааҷҷубомезе кард. Дадабой бошад, ин нигоҳи ӯро чун ишораи «гап занед» фаҳмид.

– Шарик надорам, ягон бону ҳам надорам. Аз чор тараф ихтиёр ба дастам. Боз чӣ гӯям?

– Шуд, ҳозир ҳаминаш ҳам кифоя, – ҷавоб дод Зоя кӯрпаро ба сари синаи Сафар боло кашида.

Дадабой бошад, барои он ки нисбат ба худ диққати Зояро зиёд кунад, дар ҳолати беморӣ ҳам ҳозирҷавобиро аз даст надода бо ҳар баҳона ӯро ба гап водор мекард.

– Аз он вақте ки дар Сталинобод будед, худатонро хеле гирондаед-а, Зояхон?

– Ошиқ шудаам... – бо шӯхӣ гуфт Зоя.

– Ошиқ шудаед, ба кӣ?

– Ба як писари чашмсиёҳ.

– Вай кадом писари хушбахт будааст?

– Чаро хушбахт?

– Охир... шумо барин духтари нозанин насибаш гардад...

– Агар ҳамон каси ошиқшудаам шумо бошед-чӣ? – гуфт Зоя шӯхӣ карда.

– Канӣ, кошкӣ... Худам ҳам шуморо дидан интараф хаёл мекунам, ки шабу рӯз аз паҳлӯякатон дур нашавам...

Зоя беихтиёр баланд хандид. Баробари хандаи вай Сафар як қад парида чашмонашро калонтар кушоду боз пӯшид. Зоя аз хандаи беҷои худ ҳам хиҷолат кашид ва ҳам бадқаҳр шуд. Дадабой бошад, аз ҷояш давида бархосту ба болои сари Сафар омад. Сафар бо синааш вазнин – вазнин нафас кашида, ҳар замон бо зӯр нолиш мекард.

– Қариб ба худ омада истодааст, Зоя, – гуфт Дадабой оҳиста.

– Тсс, безобита накунед, дар ҷоятон шинед.

Сафар боз дасти Зояро, ки дошта буд маҳкамтар

дошта, беҳушона гап мезад:

«Очаҷон... Чаро гиря мекунӣ... Бо ман лейтенант... ҳа, Осмухин... Ана... Сталинград... Юнусбобо... Бинед... заводи трактор... кӣ... немис... канӣ... итоат, рафиқ лейтенант... Дадабой...Степан... Нозир... Мамараҷаб канӣ... Ба пеш... оташ кушоед... Ота-а-аш...

– Табаш боз баланд шуд, – гуфт Зоя ва як порча докаро ба оби коса, ки дар болои ҷевонча меистод, тар карда, ба пешонаи Сафар монд.

– Бечора хело азоб кашид... Илоҳӣ сиҳат шавад.

Дадабой ин гапро зада боз хаёлпарешон дар курсии худ нишаста ба Зоя нигоҳ кард.

– Магар осон аст, – гуфт Зоя бо овози қариб шунидanaшаванда, – кафи даст барин оҳанпора як қабурғаашро бурида, шикамашро ҳам чок кардааст... Ба замми ин хунаш ҳам бисёр кам мондааст.

– Рост, азоби ҷӯраамро дида, дарди захми худамро фаромӯш кардам, – гуфт Дадабой базӯр оҳиста як дасташро ба гарданаш расонда, – лекин шонаю гарданам ҳамин хел тароша барин шах шуда намонад гуфта, метарсам, Зояхон, чӣ гуфтед?

– Чораи гардани шахро мулоим кардан ёфт мешавад, ғам нахӯред.

– Медонам, агар бо ҳамин дастони нозукатон як бор ҳамин гардани мани бечорaро ҳам мемолидед... Дигар дорую дармон ҳам даркор набуд.

Зоя аввал лаби поёнашро газид, гӯё ранҷидагӣ барин ба Дадабой нигоҳ кард. Дадабой ҳам чашмони хандонашро аз ӯ намеканд.

– Одамҳо дар чӣ ғаму шумо дар чӣ хаёл, – гуфт Зоя.

– Мебахшед, забон устухон надорад, дар куҷое ки бошад, ба адои хизмати худ мешитобад...

Зоя ба Дадабой нигоҳ карда, чизе гуфтанӣ шуда буд, ки Сафар оҳиста сар ҷунбонда нафаси дароз кашиду баъд «об» гуфт. Дар давоми чор рӯзи ба бемористон хобидан аввалин бор даҳан во карда, худаш об талаб кардани Сафар ба гӯши Зоя ва Дадабой мисли кӯдаки аввалин бор ба гап даромада чунон ширин ва форам расид, ки ҳар ду саросема баробар аз ҷояшон хестанд.

– Мана об, – гуфт Зоя стаканро ба лаби ӯ бурда ва бо як дасташ сарашро беозор бардошта истод.

Дадабой ба лабони хунпарида ва хушку беҷони ба истакон расидаи ӯ абрувони маҳинашро ба ҳам чин карда бодиққат нигоҳ мекард. Сафар бошад, оби истаконро бо ҳирс фурӯ мебурд. Лабҳои ӯ ҳанӯз чунон карахт буданд, ки чакраҳои об аз ҳар ду кунҷи лаб ба гарданаш мерехтанд. Баъд аз холӣ кардани оби истакон ҳам Сафар даҳонашро аз лаби истакон намегирифт. Зоя боз як истакон об дод. Сафар боз, аввала барин, бо ҳирс нӯшиду баъд сарашро ба болин монда, бо забонаш лабу даҳонашро лесид.

– Сафар, ҷӯраҷон! – гӯён Дадабой сарашро ба рӯи ӯ хам кард.

– Ммм... – гӯён ҷавоб дод Сафар чашмони пӯшидаашро нимроғ карда.

– Ман, Дадо, ҷӯра – гуфт боз наздиктар хам шуда Дадабой ва дасти тасфони ӯро дошт.

Сафар ҳам дасти Дадабойро оҳиста дошта, боз дароз нафас кашид...

Ҳамин тавр, ин рӯзу ин шаб ҳам гузашт... Сафар оҳиста-оҳиста ба худ омада, чашм мекушод. Рӯзи панҷум ӯ бо чашмони бедармони худ ба тирезаи рӯбарӯяш буда нигоҳкунон, аз шарқ ба хона шӯъла афкандани офтоби субҳидамро тамошо мекард... Вай акнун дар бемористон хоб будани худро фаҳмид. Хонае, ки бӯи ғализи дорувораш фаро гирифта буд, катҳое, ки дар болояшон ҷогаҳи сап – сафед густурда шудааст ва одамони рангу рӯяшон заб – зарди беҳолу дармон, ки дар ин ҷо хобидаанд, хеле вақт диққати ӯро ба худ ҷалб мекарданд... Вай охирин ҳамла ва ба сӯи немисҳо норинҷак партофта, боз пеш рафтани худро ба хотир меовард... ва худ ба худ «Сонӣ чӣ шуд?» гӯён савол медод. Ба ин савол ӯ ғайр аз дарду сӯзише, ки ҳар замон дар паҳлӯи чапаш ҳис мекард, дигар ҷавоб ёфта наметавонист ва боз худаш дар дил «Сонӣ захмдор шудаам» гуфта мемонд. Сафар ба як ламъа шӯълаи офтоб, ки мисли оина дар болотари кати хобидааш равшан менамуд, нигоҳ карда, боз фикр мекард... «Чӣ шуд, магар немисҳо мавқеи моро ишғол

карданд?.. Зиндаҳо дар куҷо бошанд?»

Сафар, гӯё, ки акси ҳамаи хаёлу орзуҳои худро дар шӯълаи ба девор афтодаи офтоб медида бошад, дергоҳ аз вай чашм намеканд. Ин шӯъла бошад, баробари аз машриқ оҳиста-оҳиста сар бардоштани офтоб калонтар шуда, ба рӯи Сафар, ба кати вай ва ба тамоми хона равшанӣ меафканд...

Ба хона шип – шип пой монда омадани касе шунида шуд. Вале Сафар ҳамоно ба шӯъла нигоҳ мекард. Он шахс хомӯш ба миёнаи хона омада аввал ҳамаи беморони дар катҳо хобидаро аз назар гузаронд, баъд боз шип – шип пой монда, ба болои сари Сафар омад. Сафар ҳанӯз аз чизе пай набурда, ба як нуқта чашм медӯхт...

Баъд аз он ки он шахс оҳиста ба рӯбарӯи Сафар гузашт, Сафар ҳамон сония чашмашро аз шӯъла канда, ба вай нигоҳ кард. Чашмони Сафар ба рӯи он шахс як дам беҳаракат нигоҳ карда монданд. Дар ин дақиқаҳо, мисли моҳе, ки аз зери абр оҳиста-оҳиста намоён мегардад, пардаи сиёҳчаи пеши чашмони Сафар ҳам торафт барҳам хӯрда, ба назари ӯ чеҳраи хандон, чашмони бо ҳайрат ба сӯи вай дӯхташуда равшан намоён мешуданд.

– Сафар... – гуфт бо овози нарми паст он кас.

– Сафар ба чашмони худ бовар накарда, ду-се бор мижа зада боз нигоҳ кард. Ин сафар боз хубтар дид ва бо изтиробу ҳаяҷон ҳатто захми худро фаромӯш карда, сару синаашро аз болин каме боло бардошту бо овози хаста садо баровард...

– Зоя!..

Зоя ҳамон дам барои он, ки дигар беморон бедор нашаванд ва барои он ки Сафар захми худро озор надиҳад, ба сари синаи вай даст ниҳода, ӯро ба болин хобонду гуфт:

– Хомӯш, тсс, дигарон бедор нашаванд.

Аз он ки Сафар баногоҳ нимхез шуда буд, асабҳои ҷароҳат беҷо шуда, тамоми аъзои бадани ӯро дарди сӯзон фаро гирифт. Аммо вай ба ин эътибор надод. Сонӣ дастони ба синаи худ гузошташудаи Зояро

маҳкам дошту аз паҳлӯяш ҷой нишон дод. Зоя ба даъвати Сафар ташаккур хонда, курсиро, ки дар пеши пои ӯ меистод, наздиктар кашида нишаст. Сафар бо чеҳраи пуризтироб ба Зоя беист савол медод:

– Шумо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?

– Баъди аз Сталинобод рафтани эшелони шумоён рӯзи дуюм эшелони мо ҳам рафт. Аввал ба Воронеж омадем, аз он ҷо баъд ба ҳамин госпитал фиристоданд.

– Дигар дугонаҳоятон куҷо шуданд?

– Ҳамаашон ба ҳар тараф тақсим шуда рафтанд.

– Дар ин ҷо аз шиносҳо дигар ҳеҷ кас нест?

– Як кас ҳаст.

– Кист?

– Ҷӯраи худатон Дадабой Ёрматов.

– Дадабойи ленинободӣ?

– Ҳа.

– Не, шумо эҳтимол дигар касро гӯед? Дадабой дар ротаи мо ҳамроҳи ман буд, ҳар дуямон ҳатто дар як отделения меҷангидем, дар ҷанги охир ҳам бо ман буд.

– Дуруст, ана дар ҳамон ҷанги охирин баробари шумо захмдор шудааст.

– А, вай ҳам захмдор шудааст?

– Ҳа, шонаи чапу гарданаш. Дар ҳуҷраи дигар хобидааст.

Сафар як дам хомӯш монда, ҷанги охиринро пеши назар овард.

– Эҳ, бечора Дадабой, Дадабой... Хуб бачаи хушҳол буд... Ҳозир аҳволаш чӣ хел?

– Ҳозир ҳам ҳеҷ кас ӯро захмдор намегӯяд, аз шонаю гарданаш ба андозаи танга се оҳанпораро гирифта партофтанд. Боз мех барин доимо ба по. Шабу рӯз дар назди шумо буд.

– Нафаҳмидам, ман кай ба ин ҷо омада будам?

– Имрӯз панҷ рӯз шуд. Аввал бо мошин, баъд бо киштӣ оварданд.

– Ин ҷо худаш кадом шаҳр?

– Камишин.

– Ин хел шаҳрро нашунидаам.

– Дар лаби Волга, аз Сталинград қариб саду панҷоҳ

километр.

– Аз Сталинград?

– Ҳа, аз Сталинград.

– Эҳ, афсӯс, ки дар ҳамон ҷо ба ягон бемористон наафтодаам.

– Аз он ҷо ҳам ҳозир ҳамаи бемористонҳоро мекӯчонанд.

– Чаро? – пурсид бо ҳайрат Сафар.

– Мегӯянд, ки немисҳо ба тарафи Сталинград зер карда омада истодаанд.

Ин хабар Сафарро як дам ба хомӯшӣводошт. Чашмони вай ба даҳони Зоя, ҳушу хаёлаш ба фармондеҳи рота Осмухин ва оилаи дар Сталинград мондаи ӯ буданд. Баъд аз қадаре хомӯшӣ Сафар сабаби он хоҳишро, ки дар бемористони Сталинград монданӣ буд, нақл кард.

– Худи шумо ҳам лейтенант Осмухинро мешиноседку?

– Ҳа, албатта мешиносам. Худаш зинда аст?

– Ҳа, зинда буд. Баъд аз ман чӣ шуда бошад, намедонам. Агар тавонам имрӯз ба вай мактуб навишта мефаҳмам.

– Ба хонаатон ҳам нависед, боз хонагиҳо хавотир нашаванд, – гӯён Зоя бо ҳамин аз Сафар касони дар беҳушӣ ном гирифтаи ӯро фаҳмиданӣ шуд.

– Дар хона ғайр аз як модар дигар ҳеҷ кас ҳам надорам, рост аст, ки модарро бетоқат кардан хуб нест, – холисона ҷавоб дод Сафар.

– Чӣ, магар номи модаратон Зебӣ аст? – пурсид беихтиёр Зоя.

Сафар чашмони ба тиреза дӯхтаашро якбора ба Зоя гардонду хандид.

– Шумо аз куҷо фаҳмидед, ки номи модарам Зебӣ будааст?

– Аз забони худатон.

– Кай? ман ягон бор ин номро дар пеши шумо ба забон нагирифта будам.

– Намедонам, чор рӯз боз ҳамин номро чандин бор ба забон гирифта ким-чиҳо мегуфтед.

Сафар дарҳол фаҳмид, ки дар беҳушӣ хеле гапҳо за-

да, сирри дили худро ошкор кардааст.

– Оре, Зебӣ номи касест, ки ҳеҷ гоҳ аз ҳушу ёди кас нахоҳад рафт. Вай муаллимаи мактаби деҳаи мою то ба аскарӣ омаданам ҳамроҳ кор мекардем. Ҳозир ба ҷои ман мудири ҳамон мактаб шуда кор мекунад.

– Бояд хеле духтари зебо бошад?

– Пинҳон намекунам, Зоя. Ба фикрам, худи номаш ҳам ифодаи ҳусну латофати ӯст.

Дар ин асно ба ҳуҷра даромадани Дадабой ва яке аз паси дигар аз хоб бедор шуда пурсупоскунии дигар беморон сӯҳбати Зоя ва Сафарро дар ҳамин ҷо қатъ карданд.

Дадабой рост ба пеши кати Сафар расида, бо қиёфаи нимҷиддӣ дасти росташро ба чаккааш бурда, худро аскарона пешниҳод кард:

– Рафиқ сержант! Аскари отделенияи шумо Дадабой Ёрматов дар ҷанги охирин аз шонаю гарданаш тир хӯрда, барои табобат дар ҳамин бемористон хобидааст.

Баъди ин гузоришии Дадабой Сафар бо завқ дастонашро ёзонда ӯро ба оғӯш гирифтанӣ шуд. Аммо Дадабой фақат ду дасти ӯро сахт фишурд, «Боз оғӯш мекунам гуфта қабурғаи чапатро ҳам нашиканӣ» гӯён оҳиста аз лабони Сафар бӯсид. Сонӣ бо шодмонӣ пурсупос карду ба Зояи сертабассум бо абрӯи чапаш ишора карда гуфт:

– Даҳбошиамон хурӯс барин-ку.

* * *

... Рӯзҳои охири моҳи июл – рӯзҳои гарму бешамол пайи ҳам гузашта, ҳар субҳ Сафар аз рӯи одат ба ҳамон шӯълаи ба девори ҳуҷра афтодаи офтоб чашм медӯхту ба хаёл фурӯ мерафт... Боз майдони ҷанг, рота, взвод, отделения, рафиқони худ, лейтенант Осмухин, Сталинград, деҳа, мактаб, модар, Зебӣ, Юнусбобо ва саргузаштҳои Мамараҷабро аз пеши назар мегузаронд...

Тартиби якхелаи госпитал, бӯи дорувор, нолишу фарёди захмдорон, хабарҳои нохуш аз ҷабҳа дили ӯро

мефушурданд, зиқ мекарданд. Ба болои ин, захми ӯ хеле суст шифо меёфт, ҳатто аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар гашта наметавонист, рӯзи дароз рӯболо хоб кардан ҳам ба дилаш мезад. Якчанд захмдори дигар, ки бо ӯ дар як вақт ба госпитал омада буданд, аллакай дуруст шуда, пагоҳ – бегоҳ барои аз ин «қафаси» ноилоҷ баромада рафтан тайёрӣ медиданд. Сафар дар чеҳраи онҳо хурсандӣ ва мамнуниятро мушоҳида мекард. Баъзеи онҳо дар як давра нишаста, ба ҳамдигар мегуфтанд:

– Аз бӯи ғализи доруҳо ва нолиши захмдорони ҳамин госиптал майдони ҷанг сад карат беҳ аст.

– Рост, – мегуфт боз кадомаш сухани рафиқашро тасдиқ карда.

– Бадии кор дар ҳамин, ки ақибнишинӣ... – гуфт як захмдори дигар бо овози аламнок.

– Ҳа, рост, – мегуфт боз як захмдор, ҳаминаш сахт алам мекунад, ки имрӯз ба обу арақ ғӯтида сангар меканию пагоҳ онро фашисти лаънатӣ омада соҳибӣ мекунад.

Ҳамин тавр, рӯзҳо, шабҳо пайи ҳам гузаштанд. Сафар дар ин мобайн чандин захмдорони навомада, чандин захмдорони сиҳат шударафтаро дид.

Рӯзе сардухтури бемористон ба назди Сафар омада, ба ӯ, ки акнун роҳ гашта метавонист, хабари хуш расонда, хурсанд карданӣ шуда гуфт:

– Ана, рафиқ Одинаев, акнун шумо ҳам дар госиптали мо меҳмони ду-серӯза шуда мондед.

Сафар аз ин шод шуда, ба сардухтур Алексей Дмитриевич Романов бо чеҳраи пур аз шодӣ нигоҳ карду гуфт:

– Кошкӣ ҳамон рӯзи ҷавобдиҳӣ зудтар меомад.

Духтур бозуи чапи Сафарро дошта, набзашро санҷиду гуфт:

– Набзатон хеле хуб, боз якчанд рӯзи дигар тоқат кунед, захматон ҳам беҳтар шавад, баъд метавонем ба рухсатӣҷавоб диҳем.

Сафар ба сӯи духтур фурсате саволомез нигоҳ карда монд.

– Оре, ба рухсатии беморӣ, – такрор кард духтур ҷавобан ба нигоҳи саволомези Сафар, – бо ҳамин баҳона як-ду моҳ ба диёратон рафта, ҳам ёру дӯстонатонро мебинед ва ҳам хуб иститроҳат карда, хеле дармон меёбед.

Калимаҳои диёр, ёру дӯстро шунида, баногоҳ чеҳраи Сафар беихтиёр шукуфт, чашмони маъюсу маҳзунаш шӯълавар гардиданд. Аммо ин ҳолати ӯ дер давом накард. Дарҳол ба фикраш андешаҳои дигар омаду аз духтур пурсид:

– Пас аз рухсатӣ чӣ мешавад?

– Боз аз комиссия мегузаред, лозим донанд, баргашта ба хизмати ҳарбӣ мефиристанд, – гуфт духтур, – набошад, қарзи шумо бо ҳамин адо.

«Не, – зуд аз фикраш гузаронд Сафар, – аз ин тавр мисли моку рафтануомаданҳо муроде ҳосил нахоҳад шуд. Оё як-ду моҳ дар назди модар, Зебии маҳбуб, ёру дӯстони қадрдон монда, боз аз онҳо дил канда баромада омадан осон аст? Агарчи барои адои вазифа ман дил канда тавонам ҳам, оё модари мушфиқам ва Зебии азиз бори дуюм дар доғи ҷудоӣ бадтар ҷигархун намешаванд? Агар комиссия дигар ба хизмати ҳарбӣ лоиқ набинад, чӣ мешавад? Магар борҳо аризаю талабнома навишта, охир бо ваъдаҳои калон аз назди дӯсту душман довталабона ба ин ҷо ботантана хеста омадан фақат барои иштирок кардан дар ҳамин ҷангҳои ақибнишинии ду-семоҳа буд?»

– Не, ман дур аз фронт ба ҳеҷ куҷо намеравам! – пас аз ҳамин андешаю мулоҳизаҳои худ якбора қатъӣ эътироз намуд Сафар.

Духтур, Зоя, ду-се бемори дигар, ки аз аввал дар ин ҷо ҳозир буданд ва Дадабой Ёрматов, ки дар айни ба таклифи Алексей Дмитриевич ҷавоб гардондани Сафар ба палата даромада буд, аз гапи ӯ дар тааҷҷуб монданд.

– Аҷабо! – гуфт духтур бо ҳайрат китф дарҳам кашида, – ба ҷои миннатдорӣ ин чӣ ҷавоб?

– Ҳа, даҳбошӣ, кори хуб намекунӣ, – гуфт Дадабой оҳиста ба пеши Сафар наздиктар омада, – ду-се рӯз дар паҳлӯи очат дами беғам задан куҷою дар чангу лойи

фронт ғелидаю ҷӯлида гаштан куҷо?

– Ана, ба ҷои ман ин касро фиристед, – ба сӯи Дадабой ишора кард Сафар.

Дадабой зуд худро аз чашми қаҳролуди Сафар канор кашид.

– Киро фиристоданро худамон нағз медонем, – бо оҳанги асабонӣ ҷавоб дод духтур.

– Мумкин аст дигарон ба диёрашон бо рӯи сурх даромада раванд, аммо ман бо ин ранги зард ба диёри худ рафтан намехоҳам.

– Набошад боз чанд вақти дигар аз госпитал набаромада хоб мекунед, – гуфт духтур.

– Бигузор, то сиҳат шудани ҷароҳатам дар ҳамин ҷо бошам. Баъд ҷавоб медиҳед.

– Не, баъди сиҳат шудан ҳам, бояд чанд вақт истироҳат кунед! – таъкид кард духтур.

Сафар торафт якравӣ мекард:

– Ман ҷои истироҳатро худам меёбам.

– Мо шуморо ба ҳар куҷо рафтан намемонем... – Шумо намонед ман мегурезам.

– Ба куҷо?

– Ба қисми худам.

– Ба ин қарибиҳо ба хатти пеши ҷанг рафтани шумо мумкин нест.

– То тамоман сиҳат шудан як муддат дуртар аз хатти ҷанг аробакашӣ мекунам.

Духтур дид, ки ин мунозираю мунокишаи онҳо охир надорад, бо тааҷҷуб сар ҷунбонда, аз ҳуҷра берун шуд. Дигарон ҳам аз қафои ӯ рафтанд...

Пас аз чанд рӯзи дигар ҳам Сафар ба пеши сардухтур ва комиссари бемористон ҳозир шуда, фикру мулоҳизаҳои худро кушоду равшан изҳор карду ба рухсатӣ рафтанро нахост.

– Хоҳиш мекунам арзи маро дуруст мулоҳиза кунед, – бо нармӣ гуфт Сафар ба комиссару духтур ва аз якчанд сабабҳои фикркардааш якеашро пеш гузошта, гуфт:

– Магар хуб мешавад, ки аз ин қадар роҳи дур барои истироҳати якчандрӯза ба диёрам раваму боз як рӯзи дигар аз нав борхалтаи аскариро ба китфам бар-

дошта дили модари қоматхамидаамро дар алами ҷудоӣ бори дуюм лахта – лахта хун гардонам?

– Мумкин аст баъд комиссияҳои тиббӣ саломатии шуморо санҷида аз хизмати ҳарбӣ тамоман озод ҳам кунанд, – гуфт сардухтур.

Сафар ба ӯ нигоҳи норозиёна карду чунин ҷавоб дод:

– Ман ҳозир ҳам аз саломатии худ чандон шикоят надорам.

Духтур ва комиссар ба ҳамдигар чашм партофта, зери лаб хандиданд. Баъди камтар хомӯшию андешакунӣ комиссар гап зад:

– Ба фикри ман, Алексей Дмитриевич, арзи бемор аз як ҷиҳат ҷон дорад. Аз он ки ӯро маҷбурӣ, гӯё аз қафояш тела дода ба рухсатӣ фиристем, ба майлу хоҳишаш нигоҳ карда ёрмандӣ кардан беҳтар аст.

– Ихтиёр, – дудила шуд духтур, – ҳамчун масъули саломатии бемор гап мезанам, шумо бошед...

– Ҳамчун масъули маънавии бемор, ҳамин тавр не? – давоми сухани духтурро гирифта, боханда гуфт комиссар. Духтур бо ризоят сар ҷунбонда, «оре» гуфта монд. Комиссар гапашро давом дод.

– Модоме ки ҳамин тавр аст, ба ақидаи ман, ба одами аз ҷиҳати маънавӣ солиму устувор бовар доштан, талаби ӯро тарафдорӣ кардан лозим...

Гуфтугӯи онҳо бо ҳамин хотима ёфт. Баъдтар Сафар то комилан муолиҷа ёфта, сиҳат шудан дар худи бемористон мононда шуд.

## БОБИ НУЗДАҲУМ

Умрихола пас аз саломат омадани Мамараҷаб дар бораи писари худ боз зиёдтар ғаму ғусса мехӯрдагӣ шуд. Ҳама ба назди ӯ омада, ӯро дилдорӣ медоданд.

Дар ин рӯзҳо Сафар дар бемористон хоб карда, аз он хотирҷамъ буд, ки мактубе, ки баъд аз як ҳафтаи сиҳат ёфтани худ навишта буд, кайҳо ба диёраш расида, эҳтимол, ба он ҷавоб ҳам фиристода шуда бошад.Вале тамоман баръакси ин рӯй дода буд. Чуноне ки дар шароити ҷанг баъзан рӯй медод, чӣ шуд, ки мактуби Сафар

дар кадом як почтаи саҳроӣ ё шӯъбаи алоқа дер монд. Ба болои ин, аз қисме, ки дар он рӯзҳо аз саҳрои Дон бо ҷангҳои хунрезона қафо менишаст, ҳеҷ кас намедонист, ки захмдорони аз майдони ҷанг баровардашуда ба куҷо фиристода шуданд ва дар чӣ аҳволанд. Барои ин имкон ҳам набуд.

Ҳамин тавр, аз мобайн боз се-чор рӯзи дигар гузашт, дар давоми ин рӯзҳо модари Сафар – Умрихола аз гиряю нола як дақиқа ҳам хомӯш намемонд. Юнусбобо, Зебӣ, раиси колхоз акои Олим, котиби ташкилоти ҳизбии колхоз Одил Саркор ҳам рӯз аз рӯз ҳар гуна андешаҳоро аз дил гузаронда, барои тасаллӣ додани Умрихола дигар баъзан гап ҳам намеёфтанд.

Шаби чорум, дар айни хуфтан тақ – тақи дар Зебиро аз гирдоби фикру хаёлҳо берун баровард. Вай дарҳол дар ин бевақтӣ кӣ ва барои чӣ омадани шахси даркӯфтаро пурсида ҳам натавониста, ба пешвози аммааш, ки аз пеши дар меомад, рафт.

– Боз ҳамон Ҳодиамак, – гуфт Бибизайнаб.

– Ҳа, чӣ мегӯянд?

– Худи муаллимаро ҷеғ занед мегӯянд.

Зебӣ дасту пояш ларзида – ларзида ба пеши дар рафт. Ҳодикӯса дар торикӣ омадани Зебиро пай бурда, гуфт:

– Хоби ширинатонро вайрон карда бошам ҳам, ҷанг накунед, имрӯз камтар дер мондам. Ғайр аз газету журналҳо як хати шабу рӯз чашмдоштаатонро ҳам овардам, мана марҳамат.

Зебӣ аз хурсандӣ хат ва рӯзномаро гирифта, раҳматгуфтанро ҳам фаромӯш карда, ба тарафи хона баргашта буд, ки Ҳодикӯса аз қафои вай гуфт:

– Ана ҳамин-дия, хату хабари саҳл ба табъ нафоранда биёред, аз қафоятон санг мепарронанд, хату хабари хуш биёред, миннатдории хушку холиро ҳам насия мекунанд.

– Э, Ҳодиамак, мебахшед, – гуфт Зебӣ саросема аз роҳаш баргашта, – хоболуд гапамро ҳам фаромӯш кардаам, ман миннатдор, дароед, як пиёла чой нӯшида равед.

– Не, ба чойнӯшӣ вақт нест. Шиками ин тулфорро

тезтар сер накунам, аз ҷояш намеҷунбидагӣ барин.

– Боз ба кӣ хат овардед?

– Ба модари Сафар, Юнусбобо ва раис. Юнусбобо ҳам хати ба шумо навишташударо аз ман гирифта худашон овардани шуданд, ман «ин аз рӯи қонуни ҳозира не» гуфта, худам овардам.

– Саломат бошед, Ҳодиамак, миннатдор кардед, дароед охир, як дам нишаста дам гиред.

– Не, духтарам, фурсатам танг, як рӯзи дигар меоям.

Ҳодикӯса нӯхтаи «тулфори» худро дошта, пиёда ба роҳ даромад. Аз паси вай той якта – якта шумурда қадам мемонд...

Зебӣ ҳамон замон ба хона баргашта, хати секунҷа таҳ кардашударо кушода, бо шодмонӣ чашм давонд.

«Зебуннисо! Баъд аз якчанд рӯз имкон пайдо кардам, ки ин номаи худро барои шумо нависам. Аз он рӯзи мактуби охирин то ин дам хомӯш мондани ман ҷои тасвир надорад. Мухтасар ҳамин, ки дар ин муддат на танҳо аз дунё, ҳатто худ аз худ ҳам бехабар будам... Инро ман фақат аз варақаи бемории дар бемористон будаам фаҳмидам. Чуноне ки мегӯянд, аз як мурдан мондаам. Акнун, аз рӯи гуфти пирон, бояд умри дароз бинам. Ҳозир бошад, дар умеди зудтар боз ба адои хизмат рафтан ҳастам. Дар гирду пешам бародароне дорам, ки дӯстии мо бо хуни дар раҳи як мақсад рехтаамон боз мустаҳкамтар шудааст...

Акнун мехоҳам ғоибан дасти шуморо дошта ҳолпурсӣ кунам. Ман шуморо ҳамеша мисли аввала шод, хандон тасаввур мекунам. Лекин барои чӣ бошад, ки баъзан ба назарам камтар маъюс, мондашуда, лоғар, чашмони хандонатон ғамгин менамояд... Албатта, ба шумо мушкилиҳои гӯшношунидаю чашмнадидаро ба сар бурдан насиб гардид.

Орзумандам ва боварӣ дорам, ки рӯзи фирӯзии мо мерасад ва мо бо ғалабаҳо ҳамдигарро муборакбод мекунем!

Мактубро дар ҳамин ҷо хотима дода, хоҳиш мекунам, ки аввало аз саломатиатон, корҳои мактаб, аз сиҳатӣ ва кору бори модари серобичашми ман, аз саломатии аммаатон, махсусан аз аҳвол ва кори падар-

хондамон Юнусбобо муфассал нависед.

Ду чашм ва тамоми ҳушу хаёл дар роҳи мактуби шумо ҳастам.

*Бо паём ва садоқат Сафар».*

Зебӣ мактубро зуд баргашта таҳ карду либосашро пӯшида, берун баромад. Шаб хеле торик буд. Аммо ситораҳо чунон ҷило медоданд, ки онҳоро гӯё шумурдан мумкин буд...

– Ҳа, Зебинисо, дар ин бевақтӣ куҷо меравӣ? – пурсид Бибизайнаб аз болои ҷойгаҳи худ.

– Як сари қадам ба пеши Умрихола рафта оям, – гуфт Зебӣ ба тарафи дар қадам ниҳода.

– Ҳа, ягон хабари нав омад?

– Ҳа, писарашон сиҳат – саломат будаанд, ба шумо ҳам салом мегӯянд.

– Ҳарчи Худо оҳи модарашро шунидааст... Илоҳӣ саломат бошад. Холаатро пурсида мон.

– Хуб, – гӯён Зебӣ аз дар баромад.

## БОБИ БИСТУМ

– Ҳай худатонро орою торо додед-дия, даҳбошӣ, магар ба хонаи арӯс рафта истодаед? – гуфт Дадабой ба сартарошхонаи бемористон даромада ба Сафар, ки дар курсии сартарош менишаст.

– Аз ягон чиз хушк мемондагӣ барин ин қадар саросема нашав, ҳоло барвақт, – ҷавоб дод Сафар.

– Охир, чор кас ба як худи ту мунтазир аст.

– Айн момент, – гуфт сартарошзани фарбеҳи кулӯла ба Дадабой, ки бетоқатона дақиқа ба дақиқа ба сартарошхона даромада мебаромад.

– Ин аммамуллоят бо кадом забон гап мезанад, даҳбошӣ?

– Ба забони немисӣ, як дақиқа сабр кунед мегӯяд.

– Чаро акнун бо ман немисӣ гап зад? – гуфт Дадабой бо тааҷҷуб.

– Туро аскари ҷангида, албатта забони немисиро медонад гуфта фикр кардагист.

– Афсӯс, ки намедонам, набошад немиси бада-

стафтодаро аввал худам пурсиш мекардам.

Дар болои ҳамин гап дар дасти сартарошзан қайчӣ чиқ – чиқ карда, диққати Дадабойро ба худ кашид. Дадабой ба назди оина омада ба чеҳраи Сафар нигоҳ кард.

– Эҳе, боз ин чӣ одати нав?..

– Ҳа, ин ҳам як ҳавас, ҷӯра. Ана ин оим гуфт, ки мӯйлаб монед, ба шумо мезебад. Ман ҳам не нагуфтам. Биё, майлаш, аз бемористон як нишона.

– Аз афташ кам – кам Чапаев ҳам шуданӣ.

– Хайр одам мисли Чапаев шавад, магар бад аст?

– Кирои шудан фақат бо мӯйлаб мондан не, худаш барин фармондеҳи номдор шавӣ, ана сонӣ кас қоил мешавад.

– Сабр кун, дар ин ҷанг аз ману ту барин касоне, ки пештар ба даст ягон бор туфанг нагирифтаанд, чунон фармондеҳон бароянд, ки ҳама қоил шаванд.

– Ҳамин қадар дар ҷанг гашта, ғайр аз ту барин даҳбошиҳо, дигар аз худамон ақаллан ягонта командири взводро ҳам надидам...

– Ана ман гуфтам, ту шунидӣ, аз лейтенанти хурд то полковнику генералҳоро набинӣ, гапам бекор.

Сафар аз ҷояш бархоста, ба сартарошзан ташаккур хонду пилоткаашро пӯшида, ба тарафи дар роҳ гирифт. Дадабой аз нӯги пой то сар ба саропои қиёфаи хеле лоғаршуда ва рангпаридаи вай бо диққат нигоҳ карда, ба таври ҷиддӣ гуфт:

– Баъд аз ин мӯйлаб акнун тамоми исту бистат полковникзеб шудаасту лекин ана ин нишонаҳои даҳбошигӣ камтар халал расонда истодаанд.

– Хайр, рафтем. Ба ту як гап нарасад, то он сари дунё гирифта мегурезӣ, – ҷавоб дод Сафар.

– Оббое, оббое, – гуфт Дадабой баробари вай қадам монда, – даррав мизробатон ҳам полковникӣ шуд-а?

Онҳо берун баромаданд. Дами дари ҳавлии бемористон як захмдори палатаи Сафар – ҳамон марди ҷингиламӯи китобхон, ки насабаш Игнатев буда, дар гиребонаш нишонаҳои старшинагӣ дошт, боз як Гуреевич ном сержанти белорус, ки ҳанӯз ангуштони дасти чапаш докапеч буданд ва Йӯлчӣ ном ӯзбекбача дар ха-

рак бо ду-се ҳамшираи тиббӣ, ки ба гусели онҳо баромада буданд, сӯҳбаткунон менишастанд. Баробари аз дар намоён шудани Сафар ва Дадабой ҳамаи ҳозирон ба онҳо нигоҳ карда, қариб бо як овоз гуфтанд:

– Ана, домод ҳам баромаданд, арӯс канӣ? – пурсид Дадабой ба ҳамшира Зоя Павловна нигоҳ карда.

Зоя хиҷолатомез ҷавоб дод:

– Ман аз куҷо донам, балки аз ман шумо беҳтар медонед.

– Агар маро домод мегуфтанду арӯсам кӣ гӯён мепурсиданд, – гуфт Дадабой ба Зоя Павловна наздиктар шуда, – аз барои худо бе ҳеҷ фикру хаёл шуморо нишон медодам.

Дигарон хандиданд. Старшина Игнатев гуфт:

– Агар Зоя туро нахоҳад-чӣ?

Дадабой ба чеҳраи Зоя нигоҳкунон оҳи дарозе кашиду ҷавоб дод:

– Эҳ... дасткӯтоҳии ман ҳам дар ҳамин. Агар шаҳри худам мебуд, рост дуздида ҳам мегурехтам.

– Худоро шукр, ки, – гуфт Зоя хандида, – дар Сталинобод ҳамин хел нашудааст...

– Ҳа, рост, дар Сталинобод-ку қариб шаш моҳ дар як қисм будем, – илова кард Сафар.

– Дар Сталинобод саҳар рафта, хуфтан меомадему ин оимча қатӣ дурустакак рӯ ба рӯ намешудем, – гӯён Дадабой торафт ба Зоя Павловна наздиктар менишаст. – Дар госпитал бошад, ғайр аз хӯрда хоб кардану роҳати ҷон ёфтан дигар ҳеҷ кор надоштем...

Зоя Павловна аз гапҳои Дадабой торафт зиёдтар хиҷолат кашида худашро аз паҳлӯи вай дуртар мекашид ва ба Сафар наздиктар мешуд. Сафар бошад, ба Зоя осуда ва ором нигоҳ мекард. Аз ин рафтори Сафар Дадабой дар ҳайрат мемонд.

– Даҳбошӣ, дар баданат ҳеҷ оташи ҷавонӣ дорӣ? Ин кабӯтарро бин, худаш ба паҳлӯят парида равад ҳам, ҳайкал барин аз ҷоят намеҷунбӣ... Э доде, охир ба уболи ҳамин фаришта мемонӣ, ҷӯра.

– Охир, ту йигити сероташ, худатро маъқулаш кунонда натавонӣ, магар ман айбдор? – гуфт Сафар.

Зоя дар мобайни ҳар дуи онҳо истода гуфт:

– Як чиз гӯям, гӯш кунед, рафиқон, чӣ мешуд, ки нисфи маҳмаддоноии Дадабой дар Сафар, нисфи камгапии Сафар дар Дадабой мешуд-а?

Дадабой аз гапи Зоя ранҷидагӣ барин худашро дуртар кашиду хомӯш монд. Дарҳол старшина Игнатев тағйирёбии авзои ӯро пай бурда гуфт:

– Ана, худи ҳозир Дадабой гуфтаи шуморо кард.

Зоя ҳам дарҳол абрувони дарҳамкашидаи Дадабойро дида, ба наздаш рафта, барои ростӣ ранҷидани вай хушомадкунон ба китфаш даст монда гуфт:

– Даррав аз ҳазли ман ранҷидед?

Дадабой қасдан худашро боз ҷиддитар нигоҳ медошт.

Зоя бошад, торафт нармтар гап мезад.

– Бо ин табиати нозуки занона шумо кӣ ҷабҳагӣ мегӯяд?

Дадабой боз гап назад. Дигарон ҳам ба ин рафтори вай бо завқ нигоҳ мекарданд. Зоя зӯр мезад, ки ӯро ба гап дарорад.

– Хайр, биёед акнун оштӣ, – гӯён Зоя дасти Дадабойро ба дасти худ гирифт. Дадабой ҳам вазъияти ҷиддии худашро дигар нигоҳ дошта натавониста, хандид.

– Офарин, аскар, – гуфт сержант Гуреевич, – ана ин устувориро бинед, боз охир маҷбур кард, ки худи Зоя Павловна хушомад занад.

Аз дари калон комиссари бемористон бо ҳамроҳии духтури калон Алексей Дмитриевич Романов баромада омаданд. Сафар ва шариконаш онҳоро аз ҷояшон хеста, дар вазъияти низомӣ пешвоз гирифтанд. Романов ба Зоя Павловна ва ду ҳамшираи дигари тиббӣ бодиққат ва ҷиддӣ чашм дӯхт. Ҳамшираҳо дарҳол худро ба як канор гирифтанд. Комиссар ба қиёфаи рамидаи ҳамшираҳо табассумкунон нигоҳ карду ба ҷанговарон муроҷиат намуд:

– Хӯш, бародарон, акнун боз ба ҷабҳа?

– Ҳа, рафиқ комиссар, ба ҷабҳа, – ҷавоб дод старшина Игнатев.

– Бисёр хуб, муваффақият металабам. Моро ҳам фаромӯш накунед, аз корҳои ҷангии худатон навишта

истед.

– Албатта, рафиқ комиссар, менависем, – ҷавоб дод боз Игнатев.

– Хуб, хайр... – гуфт комиссар дасташро ба хайрухуш дароз карда. – Иҷозат диҳед ба ҳамаатон роҳи сафед ва муваффақиятҳои ҷангӣ орзу намоям.

Комиссар ба Сафар даст дароз кард. Дигарон ҳам навбат ба навбат бо комиссар ва сардухтур Алексей Дмитриевич Романов хайрухуш карданд. Навбат ба ҳамшираҳои тиббӣ омада буд, ки онҳо ҳам бо шифоёфтагони худ самимона даст фишурда, хайру маъзур мекарданд.

Вақте ки Дадабой ба назди Зоя Павловна омад, вай дасти ӯро дошта, ба чеҳраи ба худ зебанда, ба чашмони ҳалими кабудчатоби сермижгони ӯ як дам хомӯш нигоҳ карда, баъд ӯро бӯсиданӣ шуд ва лабашро ба сӯи лабони духтар наздик бурд.

– Дар пеши сардорон хуб нест, Дадабой монед, – гӯён Зоя дасташро ба синаи Дадабой монда, ӯро наздик шудан намемонд. Дадабой бошад, беибо ба тарафи духтур Романов нигоҳ кард, аз вай пурсид:

– Рафиқ духтур, иҷозат диҳед ҳамин ҳамшираи ба ман мисли хоҳар дилсӯзикардаро дар охирин дақиқаҳои хайрухуш аз дили соф як бӯса кунам.

Боз ҳама хандиданд. Духтур Романов аз ҳайрат чашмонашро калон кушода, «Хайр, чӣ» гуфта буд, ки Дадабой боз бо зӯр лабашро ба лаби Зоя бурда, ӯро сахт бӯсиду ба забони тоҷикӣ гуфт:

– Эҳ, чӣ ширин! Асал гӯям ҳам, кам... Агар зинда бошам, баъд аз ҷанг худам шуморо аз он сари дунё бошад ҳам, кофта ёфта нагирам, номам Дадабой набошад... Ҳозир то дидана, хайр...

* * *

Онҳо аз госпитал ба шаҳр баромада, ба бандаргоҳе, ки дар он ҷо кемаҳои Волга меистоданд, омаданд. Дар ин ҷо ҳуҷҷатҳои худро ба сардори бандар нишон дода, барои савори киштӣ шуда ба баталйони захмдорони шифоёфта рафтан, ки дар шаҳрчаи вилояти Сталинград – Дубовка воқеъ буд, иҷозат гирифтанд.

Қариби ғуруби офтоб аз тарафи Саратов ба бандаргоҳ киштие омад, ки болояш пур аз борҳои ҳарбӣ буд. Сардори бандаргоҳ ба ҳамаи касони ба тарафи Сталинград равона фармон дод, ки ба ҳамин киштӣ савор шаванд ва агар, мабодо, ба вай ҳуҷуми ҳавоӣ рӯй дода монад, дар киштинишастагон бояд ҳам борҳои худашон ва ҳам борҳои ҳарбиро аз хавф эмин дошта аҳлона амал намоянд.

Ҳамин тавр, Сафар ва Дадабой дар умрашон аввалин бор ба саҳни киштӣ қадам монданд. Онҳо ба болои қуттиҳо, ки рӯи ҳам қатор чида шуда буданд, баромада, болопӯшу борхалтаҳои худро партофта, акнун хотирҷамъ дароз кашида буданд, ки баногоҳ киштӣ гудоки бетанаффус дода, аз чор тараф бонги хатар баланд гардид. Касе аз бандар истода ба воситаи карнайи кӯтоҳи тунука бо овози ғафсаш ҳамаро барои ба паноҳгоҳҳо гурехтан даъват мекард. Дар мобайни як-ду дақиқа бандаргоҳ бозор барин серҳаракату серғавғо шуда, ҳамоно одамон аз чашм ғоиб шуданд.

Сафар ва Дадабой аз қафои ҳамроҳони худ болопӯшу борхалтаи худро дар болои пароход монда, боз ба бандаргоҳ давиданд. Вақте ки Сафар аз роҳи тахтагини бандаргоҳ ба тарафи чап медавид, дасти сахти касе аз китфи ӯ маҳкам дошта, ба як сӯрохе, ки як одам базӯр меғунҷид, тела дод. Сафар бо синааш ба болои касе парӯ шуда афтода буд, ки аз зери вай овози пиразане шунида шуд:

– Аз бомба пештар дар таги пои одамҳо монда намурем, хуб буд...

Сафар синаашро дарҳол боло бардошта, сарашро ба шифти заминкан сахт зада гирифт ва баъд боз ба болои пиразан боэҳтиёт парӯ шуда гуфт:

– Оча, хафа нашавед, дар торикӣ ҳеҷ чизро надида мондам.

– Худат кистӣ? – пурсид кампир.

– Аскар.

– Аскар бошӣ ҳам, аз афташ одами ин ҷой нестӣ, аз гапзаниҳоят мебинам...

– Аз тарафҳои Осиёи Миёна будагист, – гуфт боз касе аз пешгоҳ бо овози мардона.

– Ҳа, аз Тоҷикистон.

– Бинед, Гитлери хонасӯхта мисли он, ки хонаи занбӯри асалро вайрон карда бошад, одамонро аз куҷоҳо ба куҷоҳо саргардон кард, – гуфт кампир бо садои раҳмдилӣ ва худ ба худ ғур – ғур кард.

– Инҳо ҳам ба ҷанги Сталинград бояд омада бошанд? – илова кард мардак.

– Ҳа, аз бемористон имрӯз баромадем, – ҷавоб дод Сафар аз мушаввашӣ ин сӯ – он сӯ ҷунбида, – бояд ба Сталинград равем.

– Захмдор будӣ? – пурсид кампир ва худашро ба мобайни се-чор каси дигар, ки дар заминкан кулӯла шуда менишастанд, зичтар кашида, барои Сафар як-ду ваҷаб ҷой холӣ карду боз гуфт: – барвақттар намегӯӣ, писарам, мана биё, аз ин ҷо бишин. Дар ин хел вақтҳо дар мо, тангӣ айб надорад, мегӯянд.

– Раҳмат, оча, баҳузур нишастан гиред, – гуфт Сафар.

– Бишин, бишин, писарам, – таклиф кард кампир, – ташаккур ба ту ки аз ҳамин қадар ҷои дур ҷони ҷавонатро дареғ надошта, барои аз сарамон нест кардани ин балои азим омадӣ.

Сафар дар паҳлӯи кампир дузону ба замин нишаста буд, ки ба димоғи вай нафаси гарм ва бӯи модаронаи кампир расид. Вай дарҳол модари худро ба хотир овард.

– Писаракам, оча – дадо дорӣ? – пурсид кампир.

– Як оча дорам.

– Бечора модарат ҳамин шабу рӯзҳо дар чӣ аҳвол бошад?

Сафар ба кампир ҷавоб гардонданӣ буд, ки аз кимкуҷо шағол барин уллос кашидани ҳавопаймоҳо ва пас аз он болои ҳам гуп-гуп таркиш шунида шуд. Баробари ҳар як таркиш заминкан ларзида, аз шифту деворҳои он хок мерехт. Ҳама, аз рӯи одат, сарашонро ба мобайни ду зону кашида, боз зиёдтар ба ҳамдигар ҷафс мешуданд. Кампир дуо хонда мегуфт:

– Худо илоҳӣ ба ҷони ин ҷавонҳо раҳм кунад...

– Ба ҳамин гирду атроф бомба партофта истодааст, – гуфт мардаки дар пешгоҳ нишаста, – эҳтимол ба пой-

гоҳи нафт бошад.

– Ба онҳо пойгоҳи нафту кӯдаки дар гаҳвора – ҳар ду баробар аст, – гуфт кампир бо ҳаяҷон, – коре карда, одам кушанд, бас аст. Лаънатиҳо!..

Онҳо боз қариб понздаҳ – бист дақиқа ҳамин тавр ба ҳамдигар ҷафс нишаста, ба овози нофорами ҳавопаймои немисҳо, ба таркиши гоҳ паст, гоҳ баланди бомбаҳо гӯш фаро медоданд. Баъд аз панҷ – даҳ дақиқаи хомӯшӣ, мард аз ҷояш ҷунбида гуфт:

– Худаш ҳам дар шаҳр ҷои бомба наафтода намонд... Ана, хезед, амри таваққуф ҳам доданд. Хона ба хона рафта, дидан даркор, ки кӣ ҳасту кӣ нест...

Баъд аз бомбаборон шаҳрро чунон дуд ва чангу хок зер карда буд, ки Сафар аз заминкан баромада, ҳеҷ касро дида наметавонист. Мардум ҳамдигарро ҷеғ мезаданд. Аз байни ин садоҳо касе Сафарро ҳам фарёд мекард. Сафар аз ҷои истодааш бо овози баланд ҷавоб дода, ба сӯи ҳамон каси ӯро ҷеғзада даҳ-понздаҳ қадам монда буд, ки аз рӯбарӯяш старшина Игнатев, Дадабой, Йӯлчӣ ва Гуреевич баромаданд.

– Зинда ҳастӣ?

– Зинда, бе ҳеҷ нуқсон.

– Мегӯянд, ки ба анбори нафт ва ба бемористони мо ҳам бомба афтодааст, – гуфт Игнатев.

– Кӣ гуфт? – пурсид Сафар.

– Ҳозир шунидам. Одамон ба якдигар мегуфтанд. Рафта хабар гирифтан лозим, чӣ гуфтӣ?

– Албатта, – ҷавоб дод Сафар.

– Аз кема намемонем? – пурсид Йӯлчӣ.

– Аз инаш монем, бо дигараш меравем, – ҷавоб дод Дадабой бо бетоқатӣ.

– Мошинҳои ба ҳамон сӯ мерафтагӣ ҳам бисёр, ба ягонтааш савор шуда меравем.

Панҷ рафиқи ҷангӣ аз кема борхалта ва болопӯшҳои худро гирифта, ба сӯи бемористон баргаштанд. Аз дуду чанги шаҳр нафаси одам танг шуда, кас дам ба дам месулфид.

Даме ки панҷ нафар ҷанговар ба дари бемористон рӯ ба рӯ шуданд, ба гӯши онҳо аз ҳавлии он фарёду нола расид. Аз дарвозаи бемористон захмдорони ху-

нолудро ба занбалҳо ва баъзеҳоро ба китфашон бардошта, ба кадом як тараф мекашонданд. Аз берун, аз оғӯши дуду чанг як паҳлуӯ фурӯрафтаи бинои дуошёна ба чашм мерасид.

– Палатаи мо, ҷӯраҳо, – гӯён Игнатев бо изтироб ба ҳавлии бемористон давид. Аз паси вай дигарҳо ҳам давиданд. Дар рӯи ҳавлӣ мардуми сафедпӯш гоҳ одам, гоҳ чизу чораҳои дигарро бардошта медавиданд. Дар пеши зинаи дари даромади бино захмдорони бисёреро, ки зинда ё мурда будани онҳоро фарқ кардан душвор буд, баъзеашонро ба паҳлӯ, баъзеашон рӯболо ва баъзеи дигарашонро рӯ ба замин мехобонданд. Аз байни ғалоғула овози буррои комиссар ба гӯш мерасид.

– Зоя Павловна дар куҷост? – мепурсид комиссар.

Баробари шунидани номи Зоя Дадабой, Игнатев ва Сафар ба тарафи дар давиданд. Назди ҳамон хараке, ки имрӯз дар он панҷ нафар шифоёфтагони ҳамин бемористон соатҳои охирини меҳмонии худро гузаронда буданд, шахси сафедпӯше ба рӯю синаи як захмдор парӯ хобида буд. Игнатев давида рафта аз ду оринҷи дастони вай дошта, оҳиста бардошта буд, ки як нӯги рӯймолчаи сафеди ба сараш басташуда суп – сурх хунолуд намуд. Аз паси Игнатев Сафар ва Дадабой аз пой, миён ва сари ӯ дошта, ба болои харак хобонданд. Аз қафои онҳо Гуреевич ва Йӯлчӣ омада, захмдори қазоқро, ки рӯю синааш хунолуд буд, оҳиста бардоштанд. Вай чашм кушод.

– Зинда ҳастӣ, Ҷӯлдош? – пурсид Йӯлчӣ ва ҳамроҳи Гуреевич ӯро ба як тараф гирифта бурд.

Игнатев, Сафар ва Дадабой ба болои сари Зоя Павловна хам шуда, ба чеҳраи коғаз барин сап – сафеди ӯ чашм дӯхтанд.

– Зоя Павловна! – гуфт оҳиста Игнатьев.

– Зоя Павловна! Зоя! – гӯён Сафар бо нӯги рӯймоли Зоя хуни чаккаи ӯро пок кард.

Зоя бо як нолиши ҳазин оҳиста чашм кушод. Дар ҳамин вақт Дадабой ба болои сари вай наздиктар хам шуда, бо меҳрубонӣ ӯро ном гирифт.

– Зояҷон!

Зоя ба ҳар сеи онҳо давонда, бо чӣ хаёле бошад, ки табассум карданӣ шуд. Вале лабҳои хунпаридаи беҷони вай наҷунбиданд. Ин табассуми ӯро, мисли ҳарвақта, ду чоҳаки хурдакак, ки дар ду тарафи лабони маҳини вай базӯр намоён мешуданд, ифода карданд...

– Зинда ҳастед? – пурсид бо овози ларзони хеле паст Зоя Павловна ва ҳамон замоне, ки аз онҳо ҷавоби тасдиқро гирифт, ду қатраи калони ашк мижгонҳои дарози ӯро тар карда, аз ду бари рухсораш ба гардани хунолудаш лағжиданд...Баробари вай дар чашмони ҳар се ҷанговаре, ки зиёда аз як моҳ дар сояи ғамхорӣ ва меҳрубонии пуршафқати ин русдухтараки ситорагарм шифо ёфта, бо вай ҳамчун хоҳару бародар дӯсти қадрдон шуда буданд, ашк ҳалқа зад...

Дар ҳамин вақт ба болои сари Зоя комиссари бемористон пайдо шуд, ки сар то по либосҳояш гарду хунолуд буд.

Вай ба қиёфаи тамоман тағйирёфтаи Зоя нигоҳи андӯҳгине карду ҳамон дам фармуд, ки зуд ӯро ба палата дароранд.

Дадабой фармони комиссарро шунидан замон Зояро ба рӯи дастони пурзӯри худ беозор бардошт. Сафар ҳам сари ӯро ба рӯи кафи дастони худ гузошта, ҳамроҳи Дададбой ба тарафи палата роҳ гирифт. Дар ин байн Игнатев, Йӯлчӣ ва Гуреевич боз якчанд захмдоронро аз берун ба палата кашонданд.

Рӯи ҳавлии бемористон ғайр аз одамони худи бемористон боз касони аз берун омада ҳам пур шуда буд. Ҳама ба ин ваҳшонияти калхотҳои гитлерӣ лаънат хонда, ба ёрии касони ҷабрдида мешитофанд. Дар байни онҳо ҳамон кампире, ки бо Сафар дар заминкан вохӯрда буд, низ ҳозир шуда, ба касе бо овози ҳаяҷономез мегуфт...

– Дидед, ба онҳо анбори нафту кӯдаки гаҳвора баробар аст... Коре карда, хуни одамро резанд, бас аст... Ин нимҷонҳои бечора чӣ гуноҳ доштанд?

Ҳамин вақт аз даромадгоҳи оинаҳояш шикастаи бинои бемористон Дадабой ва аз қафои вай Сафар баро-

маданд. Ба назди онҳо старшина Игнатев бо Йӯлчӣ омада ба чашмони гиряолуди онҳо бо изтироб нигоҳ карда пурсиданд:

– Чӣ шуд?

– Мурд... – гуфт Дадабой сарлуч, чашмони ашкҷӯшидаи худро бо пилоткааш панаҳ карда. Баробари шунидани ин калима Игнатев, Йӯлчӣ ва боз ду-се каси дигар, ки дар паси онҳо буданд, каллапӯшҳояшонро аз сар гирифта, якчанд сония хомӯш истоданд...

Баъд аз ёрмандиҳои дигар, панҷ ҳамроҳон аз бемористон баромаданд. Аз сар шудани парвози ҳавопаймоҳои фашистӣ ва ёрӣ расондан ба захмдорони бемористон қариб ду – дуним соат вақт гузашта, офтоб кайҳо ба ғуруб рафта буд. Аммо бегоҳии имрӯза аз ҳаррӯза ториктар, воҳиманоктар буду дар болои сари одамон дуди ғализи нафту қир мисли абри сиёҳ вазнин шино мекард. Танҳо аз шарқ ва шимолу ғарб шӯълаи нурафканҳои ин пардаи зулмотро шикофкарда, қариб ба ситораҳо расидан мехост...

## БОБИ БИСТУ ЯКУМ

Панҷ рафиқи ҷангӣ боз борхалтаҳо дар пушт ба роҳи ҷабҳа баромада, аз кӯчаҳои бӯи сӯхтор ва чангу хок фарогирифтаи ин шаҳрчаи соҳили дарёи Волга хомӯш мерафтанд...

Шаб торик шуда буд, ки онҳо ба сероҳаи калони мошингард баромаданд. Дар миёнҷои сероҳа марди миёнсоли ришу мӯйлабнок, ки дар тан либоси аскарӣ, дар сари сина автомат, дар дасташ фонуси бо ранги сурху зард равшанидиҳанда дошт, ҳаракати нақлиётро идора карда меистод. Игнатев ба назди мард, ки онро танзимгар меномиданд, рафта пурсид:

– Ошно, кадом роҳ ба тарафи Сталинград мебарад?

– Худи шумо кистед? – гуфта мард бо фонуси дасташ қиёфаи Игнатевро равшан кард.

– Мо аз бемористон баромадем, ба қисми худ мера-

вем, – ҷавоб дод Игнатев.

– Ягон ҳуҷҷат доред?

– Ҳа, албатта дорем, – гуфт Игнатев ва ҳамаашон ҳуҷҷатҳояшонро бароварда нишон доданд.

– Дар ҳуҷра мунтазир истед, ҳамин ки мошини ба тарафи шумо мерафтагӣ омад, худам хабар медиҳам. Лекин мошини рост ба ҷои шумо раванда аз сад якта наояд, дигар ҳамааш то нисфи роҳ меравад. Зарар надорад, аз он ҷо боз ба мошини дигар савор мешавед.

– Майлаш, коре карда, то рӯзи дигар расида равем, мешавад, – ҷавоб дод Игнатев.

Қарибии нисфи шаб онҳо ба як мошине ки картошка бор карда шуда буд савор шуда, ба роҳ даромаданд. Дар шаби торик мошини чароғҳояш сатру ихфошуда аз роҳҳои пасту баланди саҳрою деҳот дакка хӯрда – дакка хӯрда беист пеш мерафт. Ҳар бори даккахӯрӣ саворaҳо, мисли ҳаппак, аз ҷои нишастаашон гоҳ ба ин сӯ, гоҳ ба он сӯи бордони мошин меҷаҳиданд. Шаббодаи аввали тирамоҳ ба рӯю гӯши одам мисли дами корд расида, лабу дастони касро шах мекард.

Сафар дар торикии шаб чизеро набинад ҳам, бо мақсади он, ки саҳрою деҳоти вилояти Сталинград, ин сарзамини дар таърихи рус машҳурро тамошо кунад, дар торикӣ ба ҳар сӯ бодиққат чашм медӯхт. Ба вай танҳо сояи дарахтон, баъзан хонаҳои чоркунҷаи дуртар аз роҳ ва саҳроҳои гӯё ба домани осмон часпида намоён мешуданд. Бо чӣ мулоҳизае бошад, ки ҳамаи инҳоро вай ба деҳаи худ, ба роҳҳо ва саҳроҳои то Сталинобод паҳншудаи диёри худ монанд мекард.

– Як тамоку намекашем? – таклиф кард Игнатев хаёли шарикони худро бурида.

– Канӣ, кошкӣ, – ҷавоб дод Дадабой.

Игнатев аз кисааш тамокухалтаи гулдӯзии худро бароварда, аз он рӯзномакоғази чоркунҷа таҳ кардашудаеро гирифту аввал худаш як порчаашро дарронда гирифт ва баъд ба Дадабой, Гуреевич, Йӯлчӣ дароз кард. Онҳо ҳам якпорчагӣ коғазро ба тамокупечонӣ тайёр карданду аз халтачаи Игнатьев тамоку гирифтанд.

– Акнун дар ин шамол «Катюшаи»[1] мо дар мегирифта бошад? – пурсид Игнатев. Баъд ҳамаашон гирдогирди Игнатевро печонда гирифта, бо домани болопӯшашон шамолро панаҳ карданд. Игнатев бо як бор ба санг задани як порча оҳан пилтаи бензинолудро даргиронд. Оташи пилта дар ин шаби торик зардчатоб шӯъла дода, ба рӯи панҷ ҷавон милт – милт равшанӣ меафканд... Баъд аз даргиронда шудани тамоку шаббода зарраҳои оташи папиросро ба ҳаво парронда бозӣ медоронд... Сафар ба ин зарраҳо ҳам бо завқу ҳаваси кӯдакона чашм дӯхта, то ғоиб шудани онҳо нигоҳ мекард...

Уфуқ аз дамиши офтоб шир барин сафед шуда буд, ки мошини онҳо ба деҳаи дарахтзори дар лаби кӯли сунъӣ воқеъбуда даромад.

– Мо ба манзили худ расидем, ҷӯраҳо, – гуфт марди рӯпаҳни қадкӯтоҳ, ки дар гиребони либосаш нишонаи икмолот дошт, аз нишастгоҳи ронанда баромада, – шумоҳо ба куҷо меравед?

– Мо то Дубовка, – гуфт старшина Игнатев.

– Дубовка бошад, аз ин ҷо ду-се километр дуртар истгоҳи роҳи оҳан ҳаст, ана ба ҳамон ҷо равед, бо ягон қатора то қарибии Дубовка, аз он ҷо боз бо ягон мошини роҳгузар рафта мерасед, – ҷавоб дод икмолотӣ.

Игнатев ва ҳамроҳонаш аз мошин фуромада боз пиёда ба тарафи истгоҳи роҳи оҳан ҳаракат карданд. То аз деҳа дур шудани онҳо овози ғозу мурғобиҳо, ки дар кӯлу ҷӯйчаҳо шино мекарданд ва хониши хурӯсҳо ба гӯш расида, ба ҳамаашон фараҳи аҷибе мебахшид.

Бо чақ – чақ онҳо ба истгоҳи роҳи оҳан омадани худро нафаҳмида монданд. Дар истгоҳ ғайр аз ду қатор вагонҳои сурх ва систернаҳои нафту бензин, ки паровози якаш ба ғарб, дигараш ба шарқ нигоҳ карда меистод, дигар чизе ва касе набуд. Игнатев ба хоначаҳои бинои истгоҳ як-як сар халонда, ғайр аз мизу курсиҳои шикаста ва коғазпораҳои паҳну парешон дигар чизе надид. Дар девори берун ба як тахтача бо ҳарфҳои каҷу килеб «Сардори истгоҳ дар тарафи рости

---

[1] Пилтаи бензинолуд, ки бо чақмоқсанг ва оҳан даргиронда мешавад.

истгоҳ, дар блиндаж» навишта шуда буд. Игнатев ба он ҷо рафта, аз пирамарди ришу мӯйҳояш сап – сафед иҷозат пурсид, ки онҳо ба ҳамин қатора савор шуда, то ҷои таъйиноти худ раванд. Пирамард баъд аз пурсупос ва санҷиш куҷо рафтани Игнатевро такроран пурсид. Вай боз «Ба Сталинград, ба қисми худ» гуфта ҷавоб дод.

– Ақлам намегирад, ки шумо ба Сталинград рафта тавонед, – гуфт сардори стансия.

– Чаро?

Пирамард чашмонашро аз болои айнак бардошта гуфт:

– Ба ин савол шумо худатон бояд аз ман дида беҳтар ҷавоб диҳед.

– Ҳеҷ чиз нафаҳмидам.

– Рӯзнома мехонед?

– Се-чор рӯз боз рӯи рӯзномаро надидаем.

– Ҳамин тавр? Ин хел бошад, албатта намедонед, – гуфт пирамард ба кадом як коғаз чашм дӯхта. – Хуб майлаш, равед, савор шавед, баъд аз понздаҳ дақиқа меравад, рафта бо чашми худатон бинед, беҳтар аст.

Онҳо боз сафари худро давом доданд. Қатора аз ҳамон роҳи оҳане, ки ҳамин рӯзҳо дар самти шимоли вилояти Сталинград сохта шуда буд, беҳад оҳиста ҳаракат мекард. Ҳатто Сафар ва шарикони вай баъзан дар роҳҳои ҳамвор аз вагонҳо фуромада, баробари қатора хеле вақт пиёда мегаштанд. Ба ҳамин тариқ, торикии шаб қатора онҳоро ба истгоҳе оварда расонд, ки дар ин ҷо ғайр аз се-чор тӯда бор, ки болояшон бо брезент пӯшида шуда буд, дигар ҳеҷ чиз дида намешуд. Чор тараф биёбон, боди сарди сахт аз чашмони кас об мебаровард. Ягон сиёҳии одам ба назар намеафтод. Танҳо буғи паровоз ва аз зери оташдони вай ҳар замон лаппас задани оташ намудор мешуд.

– Ана ба биёбони Сталинград ҳам расидем, – гуфт Гуреевич дар ҷои истодааш гирд гашта.

– Хӯш, рафиқ старшина, акнун чӣ кор мекунем? – пурсид Сафар.

– Ҳозир, – гӯён Игнатев ба пеши қаторарон давида рафт ва аз ӯ дар ин ҷо будан ё набудани ягон касро

пурсид. Қаторарон бо манаҳаш теппачаи панҷсад – шашсад метр дуртарро нишон дода, бо оҳанги шӯхӣ «Вокзал ва сардори вокзалро ҳам ҳамон ҷо меёбед» гуфт.

Игнатев ба теппачаи қаторарон нишондода рафту боз дере нагузашта баргашта омад.

– Рафтем, бародарон, – гуфт Игнатев ва боз рафиқонашро аз дидаю шунидааш хабардор кард. – Сардори «вокзал» дар заминкани катаки мурғ барин нишастааст, ки худаш ҳам базӯр меғунҷад. Роҳи мошингард аз ин ҷо чор-панҷ километр мегӯяд, беҳтараш ки пиёда равем.

Ҳама ба таклифи старшина Игнатев розӣ шуда, боз ба роҳ даромаданд. Ду – дуним километр роҳ рафта, аз пеши онҳо чорраҳа баромад. Игнатев ва шарикони вай ба кадом роҳ рафтани худро надониста, дар ҳайрат монданд. Баъд аз маслиҳату машварат, ҳама ба қароре омаданд, ки то субҳ ягон ҷои панаҳ ёфта хоб кунанд. Ҷои панаҳ канӣ? Чашми онҳо ба чор тараф ҳаросон дӯхта мешуд. Гуреевич таклиф кард, ки яктагӣ чор кас ба чор тараф рафта ё ягон ҷӯйбор, ё чуқурӣ, ё ин ки ягон пастхамӣ ёбад, ба як каси дар ин ҷо монда фарёд карда хабар диҳад. Сонӣ каси дар ин ҷо буда дигаронро ҷамъ карда, ба ҳамон ҷой мебарад. Ин таклифу реҷаи Гуреевич ба дигарон маъқул шуд ва Йӯлчиро дар сари чорраҳа монда, худашон ба чор тараф тақсим шуданд. Баъд аз андак вақт аз як тараф садои Игнатев баланд шуд. Йӯлчӣ баробари шунидани овози Игнатев дигаронро фарёд кард. Ҳама бозгашта, ба тарафи Игнатев рафтанд. Дар мобайни замини ғаллаи даравида ғарами калони пахол буд.

– Ана марҳамат, меҳмонҳо, аз болои кӯрпаи пари қу... – гуфт бо хушҳолӣ Игнатев.

Ҳамаашон ба болои ғарами пахол баромада, аввал каме хӯрок хӯрданду баъд борхалтаҳоро болишт, болопӯшҳоро кӯрпа карда, ба мағзи пахол даромаданд. Аз пахол бӯи заҳ меомад. Ҳар замон чизе шитир – шитир мехазид.

Сафар, Йӯлчӣ, Дадабой ба мондашавӣ ва ду шаб боз бедор будани худ нигоҳ накарда, ҳеҷ чашм пӯшида

наметавонистанд. Игнатеву Гуреевич бошанд, баробари сар мондан баланд хуррок кашида, ба хоб рафтанд.

– Даҳбошӣ, – гуфт оҳиста Дадабой, – ҳамин русҷӯраҳоямон хуб одамони ҷонсахт будаанд-а? Ана бин, дар болои кӯрпаи ҳафтқабата хоб кардагӣ барин хуррок мекашанд-е...

– Ба инҳо қоил шуда, ба сахтӣ тоб оварданро аз ҳаминҳо ёд гирифтан даркор, – гуфт Сафар.

– Э, қоил ҳам гап-мӣ, – ҷавоб дод Дадабой, – шаҳрамро ҳам додам... Офарин ба падарраҳматҳо. Мо бошем, то ҳоло кӯдаки парпеч барин аз дунё бехабар гашта будем.

Баъд аз фурсате ҳар сеи онҳо ҳам пайи ҳам ба хоби ширин рафтанд.

* * *

...Рӯзи дигар онҳо бо мошини роҳгузар ба шаҳрчаи қадимии вилояти Сталинград – Дубовка, ки вай ҳам дар соҳили Волга воқеъ буду барои киштиҳои ба сӯи Сталинград ва Саратов раванда истгоҳ ҳам дошт, расиданд. Вале аз ин ҷо дигар реҷаи онҳо вайрон шуд. Коменданти шаҳр ба ҳеҷ кадоми онҳо ба Сталинград рафтанро рухсат надод ва рухсат диҳад ҳам, ба он ҷо рафтани онҳо амри маҳол буд.

– Қисмҳои ҳамаамон ҳозир дар Сталинград, – мегуфт Сафар ба комендант, – мо мехоҳем бо қисми худ ба ҷанг дароем.

– Аҷаб одами якрав будаед, – бо овози дағал гуфт комендант, – ба шумо ба забони фаҳмои русӣ мегӯям, ки ба Сталинград роҳ нест.

– Чаро? – пурсид Игнатев.

– Агар ба шумо боз саҳеҳтар гуфтан лозим бошад, – гӯён комендант аз сумкааш харитаро бароварда нишон дод, – қариб понздаҳ – бист рӯз аст, ки немисҳо аз шимоли Сталиград, аз бозорҷо ба соҳили Волга рахна карда баромадаанд, аз ин тарафи мо бошад, панҷ-шаш рӯз шуд, ки ҳуҷуми ба сӯи Дубовка овардаи онҳоро зада баргардонда, то Ерзовка ва қарибии Орловка ақиб партофтем. Ҳозир хатти ҷабҳа ана аз ин ҷо мегузарад, – комендант аломати дар харита гузошташудаеро ни-

шон дод.

Дар ҳақиқат, немисҳо дар нимаи дуюми моҳи август аз шимоли Сталинград бо як гурӯҳ лашкарҳои зиреҳпӯши танкии худ хатти мудофиавии қисмҳои моро рахна карда, ба Волга баромада буданд. Аз самти шимол ба Сталинград, ғайр аз дарёи Волга, ки вай ҳам шабу рӯз тирборон карда мешуд, дигар роҳ набуд.

Сафар баробари шунидани калимаи Ерзовка аз кисааш мактуберо бароварда аз назар гузаронд, ки ин мактубро ӯ рӯзҳои охир дар бемористон аз лейтенант Осмухин ва дигар рафиқони ҳамротаи худ гирифта буд. Осмухин дар ин мактуб аз аҳволи оилаи худ навишта, хабар дода буд, ки духтарчаи вай Нина ба назди модаркалонаш ба Ерзовка фиристода шудааст. Ин ҷои мактубро такрор хондан ҳамон, Сафар боз ба харитаи ба болои мизи корӣ паҳнкардаи комендант чашм дӯхт. Вале комендант сухани худро ба охир расонда, харитаро ғундошта гирифт.

– Рафиқ лейтенанти калон, – муроҷиат кард Сафар, – як пурсиш дорам, мумкин?

– Хӯш, марҳамат, – гуфт комендант.

– Ерзовка аз ин ҷо дур аст?

– На он қадар, тахминан 40 – 50 километр.

– Ба он ҷо мошин меравад?

– Ҳа, агар ба назди немисҳо меҳмон шуданӣ бошед, бемалол меравед, – гуфт комендант бо киноями тамасхуромез.

Сафар каме хомӯш монда, боз пурсид:

– Хайр, ростӣ ба қисмамон рафта наметавонем?

– Агар шумо ҳақиқатан дилсӯзи дивизияи худ бошед, зудтар ба ягон қисми дар тарафи мо буда рафта, барои бурида гузаштани хатти немисҳо кӯшиш кунед. Маслиҳати пухта ҳамин, – гуфт комендант бо қатъият ва баъд ба дасти онҳо суроғаи полки эҳтиётии имрӯз ба хатти пеши ҷанг фиристодашавандаро ва ба номи панҷ кас мактуби махсус навишта дод.

Пас аз якуним – ду моҳи аз ротаи худ ҷудо шудан Сафар, Дадабой ва дигар ҳамроҳони вай охир ба полки эҳтиётие, ки аз захмдорони шифоёфта ташкил дода шуда буд, омаданд. Баробари ба полки эҳтиётӣ омадан,

Сафар ба даст коғазу қалам гирифта ба лейтенант Осьмухин мактуб навишт ва сатрҳои аввали ин мактубро чунин сар кард:

«Ба ҳамротаҳои диловарам, ба фармондеҳам ва бародарам лейтенант Осмухин. Ба роҳбари сиёсии қадрдонам рафиқ Ванюшин!..»

## БОБИ БИСТУ ДУЮМ

Дар ҳаво чангу ғубори зардчатоб паҳн мегашт, ки ин аз тағйирёбии фасл дарак медод. Пахтазорони деҳаи Ҷӯйбор, ки понздаҳ – бист рӯз пештар аз ин нилобӣ метофтанд, акнун дар зери офтоби сентябрӣ ба ранги зардчаю норанҷӣ тобиш медоданд. Ғӯзаҳои беҳисоби ниҳолҳои пахта аз як сар шукуфта, саҳро ба назари кас мисли осмони пур аз ситора менамуд.

Дар ҳар ҷо – ҳар ҷои пахтазорҳо гурӯҳ-гурӯҳ зану мардон қомат хам карда, пахта мечиданд. Дастони онҳо мокуи бофанда барин беором аз як шохаи ниҳоли пахта ба шохаи дигари вай дароз шуда, ангуштони часпонашон косачаи ғӯзаҳои шукуфтаро аз пахтаи нуқравор холӣ мекарданд.

Баъзан аз дараҳои кӯҳсор насими форам бархоста, ҷабину сари синаи арақшори пахтачинонро бӯсакунон, ба онҳо фараҳи тозае мебахшид. Аз дуру наздик садои сурудхонӣ, ҳаёҳуи ким-кадом касон ва беором чириқ – чириқкунии гунҷишкҳо ба гӯш мерасиданд. Аз гирду пеши чайлаю шипангҳои саҳроӣ, ки аз оғӯши пахтазор мисли чодирҳои саёҳат ба назар менамуданд, ба ҳаво дуди кабудчатоб баланд мегашт. Ин чайлаҳо истироҳатгоҳ ва ҷои таомхӯрии колхозчиён буданд.

Чайлаи бригадаи Юнусбобо дар таги ҳамон беди калон буд, ки аз паҳлӯи росташ ҷӯи шӯхоб мегузашт. Дар чайла намаду кӯрпача партофта шуда, асбобу анҷомҳои рӯзгор низ муҳайё буданд. Ҳар як колхозчӣ чизу чораи хуфтухоб ва хӯрокхӯриро ба ин ҷо оварда буд.Якчанд қадам дуртар аз чайла оташдони калон сохта шуда, дар он деги якпудӣ гузошта шуда буд. Дар ин оташдон ҳар рӯз се маҳал оташ дармегирифту барои як бригада колхозчиён хӯрок мепухтанд. Хӯрок ки

тайёр шуд, ошпаз Гулбибӣ занги худро зада, як ҳавлӣ фарзандони худро ба сари дастархон даъват мекард. Ба сари дастархони чайла ҷамъомадагон ҳам мисли аъзоёни як оила нони як танӯрро шикаста, оши як дегро бо шавқу ҳавас мехӯрданд ва бо як овоз ба пазандааш миннатдорӣ изҳор мекарданд. Сардори ин «оила» Юнусбобо ҳар бори дар назди дастархон нишастан, «камамон зиёд, хонаамон обод гардад» гӯён, ба ҳар як аъзои заҳматкаши бригадаи худ бо чашми пурмеҳр ва дили пур аз ифтихор нигоҳ карда, барои меҳнати имрӯзааш офарин мехонду ба хизматаш барака металабид.

– Меҳнати баҳору тобистони дароз кардаамон зоеъ нарафт, – гуфт Юнусбобо ба аъзоёни бригадаи худ дар яке аз рӯзҳои сар шудани пахтачинӣ ба сари дастархони хӯроки гаштирӯзӣ нишаста, – пахтаро бинед, кӯдаки аз шири модар сер шудагӣ барин, ба воя расида, беиллат шукуфта истодаакст. Акнун ҳамаи гап дар ин аст, ки ҳосилро сари вақт чида гирем.

– Оҳ, додарҷон, – ба гап даромада гуфт Умрихола бо нӯги қарсаш мижаҳои чанголуди худро пок карда, – наход, ки ҳосили бо дасти худамон парваридаро дар вақташ начида монем. Рӯз нарасад, шабҳо чӣ?

– Ана, олам гулистон, гапи маъқулро гуфтед, – ҷавоб дод Юнусбобо нони гармакаки нав аз танӯр канда овардаро ба назди худаш ва шариконаш шикаста монда, – лекин аз рӯи ҳисоби хомакиамон пахта чунон бисёр, ки то аз ин сари пал ба он сари пал чида баромадани мо боз ду баробар зиёд ғӯза шукуфта ба чидан маҳтал мемонад. Худатон медонед, ки чидан як рӯз дер монад, пахта ҳамон қадар сифати худро гум мекунад.

– Худаш ҳам ниҳолҳоятон ду бригада одам мечидагӣ ҳосил кардааст, шарик, илоҳӣ баракааш напарад, – гуфт Раҳмончол, ки дар паҳлӯи Юнусбобо нишаста бо милкҳои бедандонаш як луқма нонро аз як лунҷаш ба лунҷи дигараш гирифта мехоид.

– Аз ҳиммати давлатамон, ҳукуматамон, Раҳмонота, – ҷавоб дод Юнусбобо, – олам гулистон, худатон аз ман беҳтар медонед, агар ҳамин солу замонаи ҷанг дар

вақти Оқподшоҳ мебуд, пахта он сӯ истад, мардум якта намонда аз гуруснагӣ қир мешуданд.

– Ин гапатон ҳақ, – боз илова кард Раҳмончол, – дар як замоне ки диққати тамоми мамлакат ба ҷанг аст, боз ҳукуматамон дар бобатиривоҷдиҳии кори деҳқонӣ ҳам ғамхориро фаромӯш намекунад.Дар замони пеш, дар хотирам ҳаст, солҳое ки ҳамин хел як ҷанги калон шуда буд, се моҳ нагузашта ба сари мардум балои қаҳтию қиматӣ омада буд. Дар ин деҳаҳо қариб одам намонда, заминҳои корам ба найзору гургхона мубаддал шуда буданд. «Ба болои сӯхта намакоб» гуфтагӣ барин, боз подшоҳи золим андозҳои калон мебаст, аз мардуми бечора то куртаи охиринашро кашида мегирифт.Замони ҳозираро бо ҳамон вақтҳо муқоиса кунед, рӯзу шаб барин фарқ дорад.

Хотирагӯиҳои Раҳмончол хаёли аммаи Зебӣ – Бибизайнабро ба хеле дуриҳо бурд. Бибизайнаб ба гуфтаҳои Раҳмончол илова карда бо садои маҳзун гуфт?

– Рост гуфтед, падарҷон, додараки ман ҳам ҳамон солҳои қаҳтию қиматӣ ба Самарқанд рафта, аз ҳамон ҷо ба мардикорӣ гирифта шуда буд. Бечора ҷигаракам дар шаҳрҳои бегона, дар мусофирию гуруснагӣ бедому дарак мурда рафт. Як чиз – ним чиз, ду пул – се пуламон набуд, ки ба арвоҳаш фотиҳа хононда, як даҳан оши худоӣ диҳем.

Баъд аз ин сухани Бибизайнаб дар давра якчанд сония хомӯшӣ ҳукмрон гардид. Ду-се нафар пирамардон, кампирон ба алами кӯҳнаи Бибизайнаб шарик шуда, як-як оҳ кашида монданд.

Хомӯширо ба чайла бо табаққҳои ош даромада омадани ошпази бригада Гулбибӣ барҳам зад. Вай ду табақ шавлаи гарми буғаш баромада истодаро, ки дар қишоқ пухта шуда буд, ба пешгоҳи дастархон гузошта, бо хандаи хушҳолона гуфт:

– Бохабар бошед, ҷону ҷигарони оча, боз ангуштони чевару часпони худро сӯзонда, аз кори пахтачинӣ баромада монда, аз ман домангир нашавед.

– Ҳа, бале, олам гулистон, – гуфт Юнусбобо гӯшти устухонҳои шавларо бо ангуштони ғафси худ реза кар-

да, – локин Гулбибӣ шавларо ҳам хеле бомаза пухтаанд, мурда хӯрад, зинда мешавад.

Гулбибӣ боз ба ду табақи дигар шавла оварда, ба Юнусбобо ҷавоб дод:

– Сад таъриф кунед ҳам, пухтани шавла куҷою пазондану ғундоштани пахта куҷо. Росташро гӯям, дар гирди як дегу оташдон аз пагоҳ то бегоҳ овора шуда гаштани ман аз рӯи инсоф нест, бригадир.

– Хӯш,хӯш, канӣ, олам гулистон, боз чаро аз ин хизмат ихлосатон гашт? – пурсид Юнусбобо ангуштони равғанолуди худро пок карда.

– Дар пеши назарам пахта шукуфта, аз косачаи ғӯза ғоз – ғоз баромада, «маро чин» гӯён маътал бошаду ман кафгир ба даст аз пагоҳ то бегоҳ дуди оташдонро ба димоғ кашида шинам, хуб аст?

– Дарди кампир ғӯза-ку, – ҳазломез гап партофт Раҳмончол. Ҳама хандиданд.

– Ҳа, набошад чӣ, – боз бо пешхезӣ гуфт Гулбибӣ ба тарафи Раҳмончол нигоҳ карда, – худи шумо-ку аз қаровулӣ орият карда, худатонро ба оғӯши пахтазор задед. Магар орияти ман аз шумо дида камтар аст?

– Ҳама дарду ҳасрататонро ба болои дастархон кашола карда омадед-а, ҳамсоя! – пичингомез гуфт Умрихола.

– Ҳамин рӯз ба худам фикру хаёлкунон аламам кард, очаи Сафар, акои Раҳмон ба ҳамин синну сол рӯзе чилкилограммӣ пахта чинанду ман наход ақаллан дар мобайни ошпазӣ бист – биступанҷ кило чида натавонам?

– Метавонед, албатта, – тасдиқ кард Юнусбобо, – лекин шиками ин сияҳчашмонро дар вақташ сер кардан ҳам кори осон нест, Бибӣ.

– Бибиатон садқа, бригадир, ман ҳам чӣ хел аз ӯҳдаи кори пахтачинӣ баромада тавонистани худамро як нишон диҳам мегӯям, дар вақташ сер кардани шиками инҳо бошад, майлаш, вай ҳам ба гардани ман.

Дар ҳамин вақт аз беруни чайла гапзанон оамадани раис-акои Олим, котиби ташкилоти ҳизбӣ – Одил Саркор шунида шуд. Онҳо ба даромади чайла омада, ҳар ду қариб баробар гуфтанд:

– Ин қадар бӯи дилкаш аз куҷо меояд, гӯем, бӯи оши Бибӣ будааст.

Аз паси онҳо, ду-се қадам сонитар Мамараҷаб ва Зебӣ ҳам расида омаданд.

– Эҳе, ана, олам гулистон, марҳамат, – гӯён Юнусбобо ва баробари ӯ дигарон аз ҷояшон хестанд. Юнусбобо илова кард. – Модарарӯси ҳар дуямон ҳам домодони худро дӯст медоштаанд, ба болои ош омадед.

Раис ва котиби ташкилоти ҳизбӣ бо ҳама як-як ҳолпурсӣ карда, аз давраи колхозчиён ҷой гирифтанд. Зебӣ ва Мамараҷаб ҳам аз поёнтари дастархон нишастанд.

– Корҳо чӣ хел, Юнусбобо? – ба Юнусбобо рӯ овард раис-акои Олим.

– Имрӯз аз дирӯза беҳтар, раис, – ҷавоб дод Юнусбобо, нав омадагонро ба таомхӯрӣ даъват карда, – ҳамин тавр бошад ҳам, нисбат ба пахтаи пеш – пеш шукуфта истода баробар расидагӣ карда натавониста истодаем. Барои ҳамин як фикр дорем, ки агар гӯем, эҳтимол ба шумо маъқул афтад.

– Хӯш, канӣ, шунавем, – саволомез нигоҳ карда гуфт Одил Саркор, ки ҳар замон бо ангуштони дасти чапаш мӯйлабашро пок мекард.

– Ҳозир обу ҳаво айни муддао, – ба баён кардани фикри худ сар кард Юнусбобо, – ҳамин шабу рӯзҳо маҳтоб ҳам шир барин. Чӣ мегӯед, ки чидани пахтаро шабона ҳам давом диҳем.

Раису котиби ташкилоти ҳизбӣ баробари шунидани ин сухани Юнусбобо ба ҳамдигар саволомез чашм партофтанд. Баъд Одил Саркор ба ҳозирон муроҷиат карда пурсид:

– Канӣ, ба ин фикри Бобо шумоён чӣ мегӯетон?

Аз ҳама аввал Норбобо ба гап даромад:

– Агар аз ман пурсед, фикри бригадир – фикри маъқул.

Давоми сухани Норбоборо Ҷӯрабойи кулӯтариш, ки то ҳоло хомӯш менишаст, гирифта гуфт:

– Агар пахтаи пухтаро як рӯз начида монем, ғоз кашида еми боду хок шуда меравад, Саркор.

– Оё шабу рӯз кор кардан ба мардум вазнинӣ наме-

кунад? – савол дод акои Олим.

– Ба мо гӯед, аз шабу рӯз кор кардан дида, ҳосилро дар вақташ нағундошта нобуд кардан гуноҳи азимтар мешавад, – ҷавоб дод Умрихола дасти равғанолуди худро ба як кунҷи дастархон пок карда.

– Шабона чидан кори бад не, албатта, вале боз намии пахта зиёд нашавад? – пурсид Зебӣ ба тарафи Юнусбобо нигоҳ карда.

– Пешопеш чида дар суфаҳои хирманҷой паҳн кунем, рӯзи дигар ҳамин, ки офтоби қиёмро хӯрд, намиаш ҳам парида меравад, – ҷавоб дод Юнусбобо.

Баъд аз бо ҳамдигар маслиҳат карда гирифтан, акои Олим ва Одил Саркор ба фикри Юнусбобо тарафдор будани худро изҳор карда, гуфтанд, ки ҳамин рӯз ин масъала баъд аз бо муҳандиси зироат машварат кардан, дар идораи колхоз муҳокима карда хоҳад шуд. Акои Олим дар давоми сухан ба Юнусбобо таъкид кард, ки:

– Асоси гап дар ташкили меҳнат аст, Юнусбобо, аз вақти кор пурра истифода бурданамон лозим. Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки дар колхозамон дасти корӣ намерасад. Хурду калони Ҷӯйбор дар саҳро. Худатон медонед, ки кори саҳро ҳоло аз мӯи сар ҳам бисёртар аст. Агар кори худамонро худамон дар вақташ сариштa накунем, дар оқибат ҳеҷ кас гуноҳи моро намебахшад.

– Гапатон ҳақ аст, раис, – ҷавоб дод Юнусбобо ва бо нӯги миёнбандаш ришу мӯйлаб ва арақи пешонаашро пок карда, илова намуд: – «Ба умеди Худо нашаву буттаро маҳкамтар дор» гуфтаанд.

– Ҳа, бале Бобо, – ба гап шарик шуд Одил Саркор бо ду зону баҳузуртар нишаста, – ҳозир дар тамоми мамлакат мардум ду дастро чор даст карда кор мекунанд. Шартҳои мусобиқаро ҳам фаромӯш накунед.

– Дар мусобиқа-ку, насиб бошад, дастамон ҳамеша боло мешавад, – ҷавоб дод Бобо.

– Мебинем, Бобо, даъвои дигар бригадаю звеноҳо ҳам калон, – таъкидомез гуфт раис.

– Майлаш, мебинем. Аммо бовар кунед, ки ҷои якум аз мо мешавад, – Юнусбобо торафт бо қатъият ҷавоб

медод.

– Барои ҷои якум боз як даъвогари дигар баромад, медонед? – Одил Саркор ба Мамараҷаби хомӯшнишаста ишора кард.

– Хӯш, канӣ, боз кӣ даъвогар? – пурсид Бобо.

– Звенои фронтии бригадаи ман, – гуфт Саркор, – ки сардораш Мамараҷаб мебошад. Вай имрӯз звенои аз ҷавонзанон ва муаллимон ташкил додаи бригадаи шуморо барои ҳар рӯз 500 кило пахта чидан, планро як моҳ пештар барзиёд иҷро кардан ба мусобиқа даъват карданӣ.

Юнусбобо риши абрешим барин мулоими худро бо ангуштонаш молида, як ба Мамараҷаб ва як ба Зебӣ хушҳолона нигоҳ карда, гуфт:

– Бисёр хуб, олам гулистон. Канӣ сардори звенои мо Зебинисо чӣ мегуфта бошад?

– Чӣ мегуфтам, мусобиқа бошад – мусобиқа, – бо дилпурӣ ҷавоб дод Зебӣ ду милаи мӯи аз болои сарбандаш чанбар карда ба ҳам бастаашро пештар кашида.

– Охир, ҳам кори мактаб, ҳам кори звено, ин чӣ хел мешавад? – пурсид Бибизайнаб раҳмдилона ба Зебӣ чашм дӯхта.

– Ҳар дуяш ҳам мешавад, – ҷавоб гардонд Зебӣ бо дилпурӣ, – гап дар ғайрати аъзоёни звено.

– Гуфти шумо – гуфти мост, муаллима, – гӯён ду-се ҷавонзанон, аъзоёни звенои Зебӣ, ки дар давра менишастанд, фикри ӯро тарафдорӣ карданд.

Одил Саркор баробари дигарон аз таом даст кашида, гуфт:

– Ғайрати ҷавонӣ ҷӯш занад, кӯҳро талқон мекунад. Азму иродаи муаллимаи мо лоиқи таҳсин. Лекин ба кори вай ҳам ҳамаамон бояд ёрмандӣ кунем. Дар сари вай як ғами пахтачинӣ не, ғами шикастурехти мактаб ҳам ҳаст, Бобо.

Юнусбобо ҳам ба фикри Одил Саркор шарик шуда, илова кард:

– Лозим бошад, ба шикастурехти мактаб ёрмандӣ кардан ҳам аз дастамон меояд, Саркор.

– Канӣ, Мамараҷаб, додарам, набошад, миёнро маҳкам бандед, – гуфт Одил Саркор.

– Маҳкам бастагӣ, ако, – гуфт Мамараҷаб ва як пояшро ба тарафи даромади чайла дароз карда, шартномаи мусобиқаи сотсиалистиро аз кисаи шимаш бароварда хонд.

Мувофиқи шартнома ҳар ду сардори звено ӯҳдадор шуданд, ки ҳар рӯз камаш панҷсадкилограммӣ пахтаи хушсифат чинанд, нақшаро як моҳ пештар барзиёд иҷро кунанд.

Зебӣ ба зери шартнома имзо гузошта, хандакунон оҳиста ба Мамараҷаб гуфт:

– Ин имзо ҳам аз номи худам, ҳам аз номи командири қадрдонамон Осмухин аст.

– Мана, ин имзои ман бошад, ҳам аз номи худаму ҳам аз номи бародари ҷониамон Сафар – командир аст, – гуфт Мамараҷаб.

Ҳозирон ба кори мусобиқаи онҳо муваффақият талабида ҳар дуро таҳсин гуфтанд. Аз мобайн Гулбибӣ табақҳои ошро гирифта, ба Юнусбобо гуфт:

– Бригадир, акнун арзи маро ҳам ба раис фаҳмонед.

– Боз чӣ арз? – пурсид раис, – нонатон-ку дар равған, аз ошпазиатон бошад, ҳама миннатдор.

– Дарди ин кас ҳам калон, – ҷавоб дод Юнусбобо ва арзи Гулбибиро фаҳмонд.

Дар ин асно Умрихола ба Гулбибӣ ҳазломез гап партофт.

– Дугонаамон бо як тир ду нишонро заданӣ.

Раис ва котиби ташкилоти ҳизбӣ аз гапи Умрихола завқ карда хандиданд. Баъд Одил Саркор бо чашмони шӯхи хандонаш ба сӯи раис нигоҳ карда, маънидорона гуфт:

– Аҷоиб чолу кампирҳо дорем, раис. Синну солашон ба як ҷо расида бошад ҳам, дар рагу пояшон хуни ғайрат ҳанӯз ҷӯш мезанад.

Юнусбобо ба Саркор ҷавобан гуфт:

– «Бе пир марав, ки дар бимонӣ, ҳарчанд Сикандари замонӣ» гуфтаанд, Саркор.

– Хуб майлаш, гуфти Бибӣ шавад, – талаби Гулбибиро тарафдорӣ карда гуфт раис – ошпазиро бошад,

навбат кардан лозим.

– Ана, садқаи аҳли фаҳм шавам, раис, – бо мамнунӣ ҷавоб дод Гулбибӣ, – ба ошпазӣ ҳам худам ёрмандӣ мекунам, лекин дар пахтачинӣ ҳам як бор ҳунари ин дастони чевари бибиатонро тамошо кунед.

Бибизайнаб ба ин калонгирии пешакии Гулбибӣ эътирозомез ҷавоб дод:

– Ҳай – ҳай, оҳиста, дугона, боз зӯри беҳуда миёнро нашиканад.

Ҳама хандиданд. Гулбибӣ оташин шуда, ба сӯи Бибизайнаб бо қаҳр нигоҳ карда гуфт:

– Аз ёдатон баромад, Бибизайнаб, ин миён дар вақтҳои зоидаю поида калон кардани чор писару се духтар нашикасту магар акнун мешиканад?!

Дар мобайни ҳамин гап ба чайла писараке омада, ба раис ва котиби ташкилоти ҳизбӣ хабар расонд, ки аз район вакил омада онҳоро мепурсад... Акои Олим, Одил Саркор бо аъзоёни бригада хайрухуш карда, аз чайла баромада рафтанд. Юнусбобо ҳам онҳоро гусел карда, аз пеши чайла ҳамаро ба кор даъват кард ва ба Зебию Мамараҷаб, ки ҳар ду дар паҳлӯи вай меистоданд, муроҷиат карда гуфт:

– Акнун, ба ҳар дуятон ҳам остинро болотар бар зада, миёнро маҳкамтар баста, кор кардан лозим меояд, фарзандонам.

Мамарҷаб ба ин гапи Бобо ҷавоб доданӣ буд, ки аз дур ба сӯи чайла як гурӯҳ муаллимон ва талабагони синфҳои болоии мактаби деҳа меомаданд, ки ҳар кадоми онҳо бо худ пешдомани пахтачинӣ доштанд.

– Ана, пахтачинҳои мо ҳам омаданд, – хурсандона гуфт Зебӣ.

– Гӯй, ба замине, ки дирӯз ҷудо карда будем, дароянд, – фармуд Юнусбобо.

– Хӯш, – гӯён Зебӣ ба пешвози одамони худ шитобид. Мамараҷаб ҳам саросема бо Юнусбобо хайрухуш карда, ба тарафи звенои худ баргашт. Юнусбобо миёнбандашро маҳкамтар баста, каланди панҷкилоии рӯпаҳнеро, ки дар пеши чайла меистод, озод ба китфаш гирифта, барои обёрӣ кардани ниҳолҳои обталаби пахта, ки ҳанӯз саросар нашукуфта буданд, лаб –

лаби ҷӯи калон ба пахтазор даромада рафт.

* * *

– Ҳой, Умрӣ, – Умрихоларо ҷеғ зад Гулбибӣ аз мобайни ниҳолҳои қариб як қади одам сар кашидаи пахта ба сӯи ӯ рӯ гардонда, – Юнусбобо ҳам ниҳолҳои пахтаро аз решаи дилаш об дода парваридааст-дия.

– Ҳа, магар кам меҳнат сарф шуд, – ҷавоб дод Умрихола аз чидани пахта даст наканда, – модар кӯдакашро ба синааш пахш карда парваридагӣ барин. Бобои падарраҳмат ҳам ҳар як ниҳолро бо тасфи синаи худ сабзонид...

– Рост, ана бинед, то қарибии решааш шох дода, ғӯза бастаст, ки кас шумурда натавониста, ҳисобашро гум мекунад.

– Нашуморед, – ба гап ҳамроҳ шуд Бибизайнаб, ки қади пасташ дар оғӯши ниҳолҳо пинҳон шуда буд, – боз баракааш напарад.

Ба рӯи оjанг зеркардаи Гулбибӣ табассум пайдо шуда гуфт:

– Дуруст гуфтед, нашумор, бисёр чин, беҳбудии корро бин, мегӯед-дия, садқа, – гуфт Гулбибӣ ва боз чусту чолоктар ба чидани пахта сар хам кард. Ҳар ду дастони вай мисли дастони раққоса беист дар ҳаракат буданд. Ангуштони қоқи борики вай ба даҳони ғӯза часпида, пахтаи барф барин сафеду пари қу барин мулоимро кашида, кафашро пур мекарданд. Баъд аз ҳар бори аз пахта пур шудани кафҳо, даст ба сӯи пешгир мерафту халтаи пахтачинӣ торафт варам мекард.

Вақте ки ин рӯз ҳам ба охир расида офтоб ба паси кӯҳҳо фурӯ нишаст ва якта – якта ситораҳо ба чашм афтодан гирифтанд, тарозудори бригада, ҷавони қоқина аз як сар чӣ қадар пахта чидани чинакчиён, звеноҳо ва умуман бригадаро эълон кард.

– Аз они мо чӣ қадар шуда бошад? – мепурсид бо бесабрӣ пахтачини ориятталаб – Гулбибӣ.

– Дусад, – ҷавоб гардонд бо шӯхӣ Бибизайнаб.

– Дусад набошад ҳам, коре карда аз шумо камтар набудагист, – ҷавоб дод Гулбибӣ.

– Аз они Бибизайнаб – холаам, 90 килою сесад

грамм, – ҷавоб дод тарозудор.

– Шӯларо камтар хӯрда будаед, Бибизайнаб, – гуфта ханда кард Умрихола.

– Аз они худи шавлапаз чӣ қадар бошад? – пурсид Бибизайнаб бо орият.

– Чилу як.

– Ба болояш шавлаашонро ҳамроҳ кунед ҳам, боз ба ман расида наметавонад, – ҷавоб дод Бибизайнаб мағрурона ва ин гуфтаи вай ҳозиронро хандонд. Гулбибӣ ҳам хомӯш намонд.

– Шавлаи моро ин қадар таъна надиҳед, агар боз як даҳан зиёдтар мехӯрдед, пахтаи чидаатон сад килои расо мешудааст, хоҳарҷон!

– Хайр, имрӯз ҳисоб не, Бибеш, канӣ пагоҳ баробар ба кор бароем, баъд маълум мешавад.

Ба ҳамин тариқ, чинакчӣ бо чинакчӣ, звено бо звено, бригада бо бригада натиҷаи кори якрӯзаи худро андоза мекарданду баъзеҳо аз маҳсули зиёди меҳнати худ дилшод мегаштанд ва баъзе қафомондагон бо рӯи турш ва дили хиҷил чӣ гуфтанро надониста, дар ғами кори фардо мешуданд.

Дар ин гуна ҳолатҳо ҳам Юнусбобо ҳамчун дилбардору насиҳатгӯи ҳама ба мобайн медаромад.

– Ҳар кас ба қадри ҳиммату ҳолати худ, рафиқон, – мегуфт Бобо ба мардуме, ки дар охири кор сари хирмани пахта ҷамъ меомаданд, – аз ҳафт то ҳафтодсола ғами кори колхозро хӯрда, ҳамин қадар ҳам кор мекунанд, офарин. Набошад, ҳеҷ кадоми моро касе аз гиребонамон кашола карда ба ин саҳро набаровардааст. Баъзеҳо имрӯз камтар кор карда бошанд, пагоҳ, албатта бештар кор мекунанд, баъзеҳо бештар кор карда бошанд, пагоҳ аз ин беҳтар кор хоҳанд кард, ана бо ҳамин мебинед, ки боз олам гулистон. Ҳамаи гап дар сидқӣ меҳнат кардан аст. Хайр кӣ меҳнати хуб кард, дили дӯстонро марғуб кард... Ҳамин тавр не, Зебинисо, духтарам?

Зебӣ ба гапдонӣ, бо суханҳои самимона дили ҳамаро ба худ банд карда тавонистан ва бо ҳамин барои равнақу ояндаи кор замина ба вуҷуд оварда тавонистани Юнусбобо мафтун шуда, ҳамаи гуфтаҳои ӯро аз

дилу ҷон тасдиққунон сар меафшонд. Аъзоёни бригада бошанд, аз суханҳои ин бригадири мӯйсафеди кору ҷаҳондида мамнун гашта, гӯё болу пар пайдо мекарданду имрӯз аз дирӯз, фардо аз имрӯз бештар ва беҳтар ба кор мечаспиданд.

## БОБИ БИСТУ СЕЮМ

Моҳи шомхӯрдаи чордаҳрӯза, ки мисли кураи азиме аз паси кӯҳу теппаҳои самти шарқии Ҷӯйбор номаълум ба осмон баланд мешуд, рӯи заминро рӯз барин равшан мекард. Водиҳои ҳамвору васеъ, кӯҳҳои сар ба фалак кашида, теппаю кӯталҳои тиллоранг, дарахту себаргаҳои шабнамхӯрда дар оғӯши шӯълаи моҳтоб гӯё хомӯш ба пинак рафта буданд.

Аммо шалолаи рӯди шӯхоби Қаротоғ ва одамоне, ки дар соҳили ин рӯд зиндагӣ ба сар мебурданд, ин пинаки табиатро халалдор мекарданд. Беором кор кардани дастгоҳи ғаллакӯбӣ, дам ба дам бо шӯхӣ ба ҳамдигар гап партофтани деҳқонони ғаллакӯб, аз дур ҳӯп – ҳӯп гӯён гов рондани кадом як ҷавонмарди хушовоз, дар дами оташ истода то субҳ болғазании челонгари деҳа, дар чайлаҳои саҳроӣ, дар рӯшноии чароғҳои фонус рӯзномаю китобхонии муаллимону талабаҳои синфҳои болоии мактаб аз бедории ҳаёти шабонаи ин сарзамин шаҳодат медоданд.

Ҳамаи ин манзараи дилрабои шаби моҳтоб, ҳаёти аз хоби ғафлат бедори шабонаи деҳа аз пеши назари Одил Саркор, ки аз теппа, аз хирманҷо, аз назди ғаллакӯбҳо ба сӯи маркази деҳа фуромада меомад, мисли навори кино як-як мегузаштанд. Вай гоҳ ба моҳи ба истиқболи ӯ сарбардошта, гоҳ ба пахтазорони нуқрапош, гоҳ ба қуллаҳои оинавор ҷилодиҳандаи кӯҳҳо, гоҳ ба пеш – ба пайраҳае, ки торафт ба поён васеъ ва ҳамвор шуда мефуромад, нигоҳ карда, худ ба худ мегуфт:

«Эҳ, Ҷӯйбори ман, Ҷӯйбори тиллоӣ, ту чӣ қадар зебо, дилкаш! Мардумонат ҳам, мисли шабҳои моҳтобиат софдил, мисли кӯҳҳоят устувор, мисли рӯди шӯхобат ҳамеша дар ҷӯшу хурӯш!»

Одил Саркор бардам – бардам қадам монда ба деҳа фуромада омад. Вай ба даромади Ҷӯйбор, ба наздикии анбори колхоз расида буд, ки ногаҳон овози қатъии касе хаёли ӯро бурид:

– Кӣ меояд?

– Ман, аз они худӣ, – ҷавоб дод Одил Саркор овози посбони анбор Нуралиро шинохта.

– Ҳамаи одамони деҳа аз они худӣ ҳастанд, номи ту чӣ? – Боз пурсид посбон ва баъд аз шунидани номи Саркор ва наздиктар омада дурусттар дидани рӯи ӯ, аз рафтори худ як андоза шарм дошта гуфт: – Э, Саркор, барвақттар овоз намебаровред. Дар торикии дарахт шинохта натавонистам.

– Худи дидбони ҳарбӣ барин овоз мебаровред-а, акои Нуралӣ, – гуфт Одил Саркор ба як ҳисоб аз ин рафтори марди солхӯрдаи зиндадил мамнун шуда.

– Вақт нозук, Саркор, – ҷавоб дод Нуралӣ тасмаи милтиқи шикории худро ба китфаш гузаронда, – вақте, ки тақдири молу мулки садҳо колхозчиён ба дасти ту супурда шудааст, одам шер барин ҳушёр мешудааст.

Одил Саркор аз ҳушёрӣ ва пухтагии посбон шод шуда, ӯро бардор мекард.

– Бале, акои Нуралӣ, – гуфт вай, – шумо ҳам дар вазифаи худатон мисли як аскар ҳастед.

– Набошад-чӣ, Саркор, – ҷавоб дод Нуралӣ ва аз шеъри Саъдӣ ин байтро хонд:

*«Ҳар беша гумон мабар, ки холист,*
*Шояд, ки паланг хуфта бошад...»*

– Бале, ёфтед, – гуфт Саркор ва бо Нуралӣ хайрухуш карда пурсид: – Раис ба ин ҷоҳо наомадааст?

– Бегоҳӣ як омада рафта буданд. Аз омаданатон каме пештар овозашон аз тарафи идораи колхоз мебаромад.

Саркор аз пайраҳаи кӯчаи сангфарш, аз зери дарахту ниҳолон, ки қад-қади ҷӯйча сар ба осмон кашида буданд, ба тарафи идораи колхоз роҳ гирифт. Ҳамин ки ӯ дар шаш-ҳафт қадам масофа ба идораи колхоз рӯ ба рӯ шуд, ӯро раиси колхоз – акои Олим ва боз як шахси ношиноси дар тан гимнастёрка, дар сараш ку-

лоҳи ҳарбӣ, дар пояш мӯзаи коргарӣ, пешвоз гирифтанд. Одил Саркор дасти ба мулоқот дарозшудаи ин шахсро сахт фишурда, дар шӯълаи моҳ ба рӯи ӯ бодиққат нигоҳ мекард, ки акои Олим ӯро ба Саркор шиносонид.

– Ин кас рафиқ Егоров, аз корхонаи механикии Сталинобод.

– Аз корхонае, ки сарпарасти колхози шумост, – бо табассум илова кард Егоров, ки марди тануманди рӯпаҳни миёнақад буд.

– Ҳамин тавр? Бисёр нағз, хуш омадед, – ҷавоб дод Одил ва баъд ҳар се ба идораи колхоз даромаданд.

– Маро ташкилоти ҳизбии корхона фиристод, – роҳравон гуфт Егоров оташи папиросашро бо кафи дасти чапаш панаҳ карда, – ба ман супориш доданд, ки фаҳмам ҳамчун сарпараст аҳли корхонаи мо дар ин рӯзҳо ба шумо аз чӣ хусус ёрӣ расонда метавонанд.

Одил Саркор ҳам ба гап ва ҳам эҳтиёткорона папироскашии Егоров диққат карда, пеш аз ба пурсиши вай ҷавоб додан гуфт:

– Папиросатонро бемалол кашидан гиред, рафиқ Егоров, дар ин наздикиҳо хирмани пахта нест.

Егоров аввало аз ин таъкиди Одил Саркор каме шарм дошт ва баъд ин одати деринаашро шарҳ дода гуфт:

– Мебахшед, ин одат аз Ленингард мерос мондааст. Чунончи медонед, шаҳри мо аз чор тараф дар муҳосираи душман аст. Шабона заррае оташ намоён шавад, ба чашми душман аён гашта, кас боз ба чандин харобию қурбониҳо зомин мегардад. Бинобар ин, ленинградиҳо одат кардаанд, ки ҳатто папиросро ҳам пинҳонӣ кашанд.

– Ҳоло ман ленинградӣ, гӯед? – Бо як ҳисси меҳрубонӣ пурсид Саркор.

– Ба як ҳисоб ба назди шумо аз номи ду сарпараст – яъне аз Ленинграде, ки сарпарасти Тоҷикистон аст ва аз корхонаи механикие, ки сарпарасти колхозатон мебошад – намоянда шуда омадам.

– Набошад, рафиқ Егоров, боз якбори дигар хуш омадед, – гӯён Одил Саркор дуюмин бор дасти Его-

ровро самимона фишурду боз пурсид: – Хело вақт инҷониб дар Сталинобод ҳастед?

– Ду-се моҳ шуд, – ҷавоб дод Егоров, – бо як қисми оилаам кӯчида омадам. Вақте ки мутахассисони корхонаи моро ба шаҳрҳои дигар тақсим карданд, мо бо оилаамон хостем, ки ба Тоҷикистон оем.

– Хуб кардед, шаҳрамон пешкаш, – меҳмоннавозона гуфт раис-акои Олим ва аз даромадгоҳи идораи колхоз аз ҳама пештар Егоровро ба даромадан таклиф кард.

Дар идораи колхоз чор-панҷ нафар колхозчиён менишастанд, ки дар байни онҳо пиртаринашон Юнусбобо буд. Ҳамаи онҳо баробари даромада омадани Егоров ва раису котиби ташкилоти ҳизбии колхоз аз ҷояшон бархостанд ва бо меҳмон вохӯрдӣ карданд.

– Инҳо, рафиқ Егоров, як қисми коммунистони мо ҳастанд, ки ба бригадаҳои пахтакорӣ сардорӣ мекунанд, – шиносонд Одил Саркор ва ба Юнусбобо ишора карда, илова намуд, – фақат дар байни инҳо ана ин мӯйсафеди мо ҳизбӣ нестанд, ки ба он кас ҳам, ҳамчун ба коммунист, эътимоди мо калон аст.

Егоров бо Юнусбобо дудаста самимона вохӯрдӣ карду гуфт:

– Яъне, болшевики беҳизб гӯед?

Юнусбобо калимаи «беҳизб» – ро ба таври худ ба маънои манфӣ қабул намуда, дарҳол ба Егоров эътирозомез гуфт:

– Чаро беҳизб бошам? Магар ҳизби коммунистон ҳизби мо ҳам нест?!

Раис-акои Олим гапи Юнусбоборо ба Егоров ба забони русӣ фаҳмонд. Егоров аз ҷавоби Юнусбобо ба шавқ омада, баргашта ӯро сидқидилона ба оғӯш кашиду гуфт:

– Оре, мӯйсафед, шумо мутлақо дуруст гуфтед, ҳизби коммунистон дар ҳақиқат ҳизби шумо, ҳизби ҳамаи халқ аст.

Юнусбобо гуфт:

– Бале, бародари азиз, агарчи дар кисаамон дафтарчаи узвият надорем, аммо аз дилу ҷон ба ин ҳизб вафодорем.

Егоров бори дигар ба Юнусбобо таҳсин хонд ва ӯро

бо иззату эҳтиром аз паҳлӯяш ба курсӣ нишонда, баъд худаш ҳам нишаст. Пас аз нишастани дигарон Одил Саркор ба Егоров гуфт:

– Ана, бо ҳамин рафиқон мо ҳар бегоҳ ҷамъ шуда, натиҷаи кори якрӯза ва нақшаи корҳои ояндаро муҳокима мекунем, рафиқ Егоров.

Егоров пурсид:

– Оё дар ин ҷо ҳузур доштани ман ба сӯҳбати шумо халал намерасонад?

– Ҳаргиз, рафиқ Егоров, бемалол нишинед, – гуфт раис, – баръакс, аз иштироки шумо фоида бурда, мумкин аст баъзе маслиҳату ёриҳо пурсем.

Егоров розӣ шуд ва ҳамин, ки доир ба корҳои колхоз сӯҳбати сардорони бригадаҳо бо роҳбарони колхоз сар шуд, вай гоҳ ба воситаи Одил Саркор ва гоҳ ба воситаи акои Олим мазмуни гуфтугӯи ҳозиронро фаҳмида гирифта, гоҳ-гоҳ дар дафтарчаи кисагиаш баъзе чизҳоро ёддошт мекард.

Раис аз рӯи рӯйхати калон, ки дар вай маълумоти якрӯзаи чида ба давлат супурдани пахта навишта шуда буд, кори бригадаҳои ҷудогонаро эълон кард.

– Имрӯз ҳам бригадаи Юнусбобо дар аввали рӯйхат, сонӣ бригадаи Салимамак, – гуфт акои Олим ва ба охиртари рӯйхат омада ба сардори бригадаи дигар Ҷамолиддин, ки ҳар ду дастонашро ба бағал зада, бо китфу синааш ба пеш парӯ шуда менишаст, нигоҳ кард: – Аммо бригадаи Ҷамолиддин имрӯз ҳам аз охири рӯйхат дар ҷои якум истодааст.

Ҷамолиддин ҳамон замон дар ҷои нишастааш қоматашро болотар бардошта ба раис нигоҳ кард. Чашми чапи ӯ, ки нобино буда, дар болои гавҳаркаш ба андозаи донаи арзан доғи сафеде дошт, беихтиёр нимроғ пӯшида шуду чашми рости мешиаш саволомез ба пеш нигарист. Дар шӯълаи чароғе, ки дар мобайни шифти идора овезон буд, ин бачамарди миёнсол бо рӯи камгӯшти офтобхӯрда, бо абрувони сиёҳи ба ҳам пайвастааш ба назар каси ороми камгап менамуд.

– Хӯш, Ҷамолиддин, ду-се рӯз инҷониб ба шумо чӣ шуд? – пурсид Одил Саркор.

Ҷамолиддин абрӯвонашро беқаророна поёну боло

кашида ором, вале шикоятомез чунин ҷавоб дод:

– Ҳаққи гапро гӯям, раис ва акои Саркор, дар баҳор аз плани ҳарсола як гектар ҳам кам накарда пахта коштему ана акнун, ба имрӯз омада, аз нарасидани одам дар ғунучинаш дастамон кӯтоҳӣ карда истодааст.

Акои Олим ва Одил Саркор аз ин ҷавоби беҷои Ҷамолиддин малул шуда, ба вай абрӯ дарҳам кашида ҳайрон чашм дӯхтанд. Дигарон ҳам ба тааҷҷуб омада буданд.

Баъд раис хашмгин шуда ба ӯ киноя кард:

– Мебинам, ки кор ба миёнат зӯр омадааст, Ҷамолиддин...

Ҷамолиддин суп-сурх шуд ва дарҳол чашмашро аз нигоҳи тези раису котиби ҳизбӣ гурезонда ба замин дӯхт.

– Зӯр наомадаасту, – сарашро поин андохта, нимғурма ҷавоб гардонд Ҷамолиддин, – аз ғами пахтаи дар замин хобида дилам сӯхта гап мезанам, раис!

Саркор пурсид:

– Имрӯз тамоми бригадаат чӣ қадар пахта чид?

– Якуним тонна.

Саркор ҳамон дам ба рӯйхати дар дасташ буда нигоҳ кард ва саволомез гуфт:

– Агар ҳиссаи ҳар як чинакчиро 35 – килоӣ ҳисоб кунем, бригадаат имрӯз аз меъёр ҳафтоду панҷ килограмм кам пахта чидааст, дидӣ?

– Худи адади пахтачин кам аст, Саркор, буду шудаш 45 кас – баҳонаҷӯёна гуфт Ҷамолиддин.

Раис аз сардори бригадаи дигар Салимамак, ки вай марди солхӯрдатари нигоҳҳояш ҳалимона буд ва аз паҳлӯи Ҷамолиддин канортар менишаст, пурсид:

– Усто Салим, шумо чанд нафар пахтачин доред?

– Чилу ду нафар, – ҷавоб дод ӯ чобукона аз ҷояш бархоста ва бо таклифи раис баргашта нишасту боз ҷавобан ба пурсиши дуюми ӯ гуфт: – Бо ҳамин чилу ду нафар имрӯз як тоннаю шашсаду ҳаштод килограмм пахта чидем.

Раису котиби ҳизбӣ ба сӯи Ҷамолиддин сарзанишомез сар ҷунбонданд. Одил Саркор ба вай таъна зада гуфт:

– Шунидӣ, Ҷамолиддин, оё барои ту айбу шарм нест, ки чилу ду каси усто Салим аз чилу панҷ каси ту бисёртар пахта чидааст?

Ҷамолиддин сари арақшорашро базӯр бардошта, як ба Одил Саркор нигоҳ карду ҳеҷ чиз гуфта натавонист.

Раис ӯро боз таъна дод:

– Баъд аз ҳамин, Ҷамолиддин, беҳтар мешуд, ки аввал аз дасткӯтоҳии худат гиламанд мешудӣ.

– Дуруст гуфтӣ, Олим, ин хел ду даст ба бағал зада, аз ташкили кор бепарво гаштан гирад, дасткӯтоҳ шудан он сӯ истад, дере нагузашта тамоми бригадаашро дар пеши мардуми Ҷӯбор забонкӯтоҳ ҳам карда мемонад, – гуфт Одил Саркор сахт карда.

Пас аз ин таънаҳо, Ҷамолиддин бо як орияти ботинӣ ба даъвои худ асос оварданӣ шуда гуфт:

– Акои Саркор, аз худатон пинҳон нест, ки дар ҳамин қадар замини ҳозираи мо то сар шудани ҷанг чанд кас кор мекарду акнун чанд кас кор мекунад? Ман ана ҳамин тарафи масъаларо мехостам гӯям.

– Хуб, чӣ кор кунем, – пурсид раис аз шикояти Ҷамолиддин торафт бадқаҳр шуда, – одам намерасад гӯему ҳамин қадар ҳосили бо араќи ҷабини колхозчӣ рӯёндашударо монем, ки ба замин яксон шавад?

Сардори бригадаҳои дигар – Салимамак, Шомуроди қаддароз, Юнусбобо ва дигарон аз Ҷамолиддин чашм намеканданд.

– Ман туро нашинохта истодаам, Ҷамолиддин, – ба ӯ муроҷиат кард Шомурод, – аз азал шодии деҳқон дар мӯлу фаровонии ҳосил асту ту бошӣ, якбора аз ин ба нолиш афтодӣ?!

– Ин танҳо нолиши ман не, – гуфт Ҷамолиддин якравӣ карда, – ту рафта аз колхозчӣ пурс.

Одил Саркор, акои Олим инро шуниданду бадтар ба хашм омаданд. Саркор сахттар гап заданӣ шуду вале дар ин ҷо ҳозир будани Егоровро андеша карда, каме худашро дошта оромона гуфт:

– Ба колхозчӣ иснод наор, Ҷамолиддин, агар ҳақи гапро гӯем, ту бо нағораи ду-се танбали коргурез бозӣ карда истодаӣ. Ба бригадаҳои Салимамак, Шомурод, Юнусбобо ва дигарҳо нигоҳ кун, замини онҳо аз зами-

ни ту кам не, ки зиёдтар аст, локин ҳама ба кор аз ҷону дил часпидагӣ. Ман аз гапҳои ту ба ҳамин хулоса омадам, ки баъзан мушкилию вазниниҳои дар ин рӯзҳо ба сари мо афтода туро тарсондааст. Лозим мешавад, ки роҳбарияти колхоз, ташкилоти ҳизб инро ба ҳисоб гирифта, чораи аз ин мушкилӣ «халос» кардани туро бинанд... Чӣ гуфтӣ Олим?

– Мутлақо дуруст, – тасдиқ кард акои Олим, – баъд худи Ҷамолиддинро бурда ё ба бригадаи Салимамак ва ё ба бригадаи мана ин Юнусбобо мондан даркор, ки се-чор рӯз чӣ тавр меҳнат кардани аъзоёни зану марди ин бригадаҳоро дида, чашмаш кушода шавад. Худам ҳам ҳамин рӯзҳо дар ҳайрат будам, ки чаро бригадаи Ҷамолиддин дар се-чор рӯзи охир дар пахтачинӣ ин хел мелангидагӣ шуд. Ана, сабаби инро имрӯз худаш ошкор кард. Боз мегӯям, ки дар ҳақиқат мушкилии кор ба миёни ӯ зӯр омадааст.

Баъди ин сухани раис ҳама як дам сукут карда монданд. Авзои Ҷамолиддин боз бештар беҷо шуда, дар ҷои нишастааш бесаришта ҷунбидан мегирифт.

– Ҷамолиддин, додар, ба ту чӣ шуд? – Хомӯширо бурида пурсид Юнусбобо.

Ҷамолиддин қоматашро каме рост карда, чашм аз замин наканда гуфт:

– Ман ин қадарашро гумон надоштам. Гап дар сари аз душвориҳо тарсидан ё натарсидан нест, раис, балки дар сари хавфи ин қадар пахтаро аз беодамӣ дар вақташ чида натавонистанамон аст.

– Ту танҳо хавфро дидию дарҳол дасту по гум кардӣ, – гуфт Саркор, – аммо чораи аз ин хавф пешгирӣ карданро заррае наандешидӣ. Ана, аз ин мӯйсафед – Юнусбобо ибрат гир, ба ҷои нолидану дасту по гум кардан дар бригадаи худ чи ҳунарҳо нишон медиҳад, омӯз.

Ҳама ба Юнусбобо нигоҳи эҳтиромомез карданд. Юнусбобо худро ба нодонӣ зада, ҳар ду бари ҷомаашро даркору нодаркор оҳиста ду-се бор афшонда гирифту аз нав ба зери ронаш ҷамъ кард.

Саркор сухани худро шарҳ дода, дар бораи чӣ тавр дар бригадаи Юнусбобо хуб ташкил дода шудани кор,

дар хусуси чӣ гуна дар ин бригада ба вуҷуд омадани ташаббуси дар шабҳои маҳтоб ҳам чидани пахта гап зад. Боз дигарон ба мӯйсафед хушҳолона чашм дӯхта, ба ӯ таҳсинхонӣ карданд. Баъд котиби ҳизб кори хуби бригадаҳои Салимамак, Шомурод ва дигаронро ҳам таъриф карда, дар охир ба Ҷамолиддин гуфт:

– Акнун худат гӯй, Ҷамолиддин, магар шарту шароити кору замини бригадаи инҳо аз бригадаи ту ягон каму зиёдӣ дорад? Мо мегӯем, ки не. Ҳамаи гап ба ҳиммату садоқати худи кас вобаста, бачамард!

Ҷамолиддин боз сархаму хомӯш буд. Ҳама ба вай чашм дӯхта, мунтазир буданд, ки ҳамин ҳоло ба ҷавоб сар мебардорад. Вале ӯ чизе нагуфт.

– Ман як-ду даҳан гап занам, – аз акои Олим Саркор пурсид Юнусбобо ва гуфт: – Ба як ҳисоб Ҷамолиддин ҳақ, яъне пахта бисёру одами мечидагӣ кам...

Баробари аз даҳони Юнусбобо шунидани ин ҷумла, ҳозирон якбора ба вай бо таҳлука ҳайрон нигоҳ карда монданд. Ҷамолиддин бошад, каме шукуфт.

– Валекин, ин ҳоло танҳо астари гап аст, ман мехоҳам, бародарон, акнун ба абраи он диққати шуморо ҷалб кунам. Яъне, ба қавли Ҷамолиддин, гӯё аз нарасидани одам мо на ҳамаи ҳосилро чида метавонистаему нобуд мекардаем. Ана аз ин ҷиҳат ӯ мутлақо тушбераро хом мешуморад.

Дар лабони ҳозирон беихтиёр табассум ҳувайдо шуду дили нав ба таҳлука афтодаашон ором ёфт.

– Оббо, мӯйсафед, – гуфт Салимамак, – як даҳан Ҷамолиддин ҳақ гуфта, қариб табъи ҳамаро хира карда будед.

– Ҳа, худам ҳам, усто Салим, аз теғ кашида нигоҳ карданатон инро зуд пай бурда, қариб гапамро гум карда будам, – ҷавоб дод Юнусбобо ва ба гапаш давом дода, ба Ҷамолиддин гуфт: – Не, Ҷамолиддин, додар, кадом деҳқон ҳосили бо сад меҳнату машаққат парвариш карда расондаашро мемонад, ки еми замин шавад? Ман аъзоёни бригадаи туро мисли панҷ ангуштам нағз мешиносам. Агар се-чорта корчаллонҳои бозорчиро ба ҳисоб нагирем, дигар ҳамаашон деҳқонони корубордида ҷонсӯзанд.

Шомурод луқма партофт:

– Сари Ҷамолиддинро ана ҳамон се-чор корчаллонҳои бозорчӣ бояд гиҷ карда бошанд...

Ҷамолиддин ба Шомурод номаълум карда норозиёна назар афканд. Дигарон гапи Юнусбобо. Шомуродро тасдиққунон, «рост, неши иғво ҳамон корчаллонҳо» гуфта луқма партофтанд.

Юнусбобо гапашро кӯтоҳ карду ба раису Саркор муроҷиат карда, Ҷамолиддинро мулоим тарафгирӣ намуд:

– Ба фикрам, раис, худи Ҷамолиддин деҳқонбачаи бад не. Акнун, ин хел аз сахтию мушкилиҳои якбора пешомада ҳаросидан дар ҳар кас ҳам мешавад, алалхусус дар бачамардоне, ки гармию сардии зиндагиро ҳанӯз дуруст надиданд. Ҷамолиддин бояд андеша кунад ва аз ҳама аввал лаҷоми ҳамон се-чор бозорчиҳои хонашеру майдонғарибро дурусттар кашида монад, ки авзои дигаронро вайрон мекардагӣ ҳам худи ҳамонҳо ҳастанд. Баъд, мехостам ҳаминро ҳам гуфта гузарам, ки Ҷамолиддин ба қарибӣ аз сардории звено ба сардории бригада гузашт. Якбора аз серкорӣ ҳаросидани вай ҳам бесабаб нест. Рости гап, ҳоло Ҷамолиддин каме хому камтаҷрибатар аст. Боз се-чор бор ҳамин хел пешпо хӯрад, таъна шунавад, азоб кашад, баъд чашми корро нағз омӯхта мегирад. Ин кор аз сари ҳамаи мо гузаштааст ва ҳеҷ кадомамон якбора худ аз худ кордону оқил нашудаем. Ба қавли Шайх Саъдӣ:

*Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Яъне одам ташвиши зиндагиро дида, азобу уқубат кашида, кор омӯхта, насиҳату маслиҳат шунавида ба камол мерасад, пухта мешавад.

– Қисса кӯтоҳ, мақсади Юнусбобо ҳамин аст, ки, – гуфт Одил Саркор, – Ҷамолиддин гуфтору рафтори худро дурусттар фикру мулоҳиза кунад. Ҳамин тавр не, мӯйсафед? – аз Юнусбобо пурсид Саркор. Юнусбобо ба аломати тасдиқ сар афшонд. Саркор боз ба гапаш давом дод: – Яъне бо ақли солим муҳокима намояд, ки оё ин хел нолишу шикояти бевақту соати ӯ ба осиёби

ҳамон ду-се корчаллонҳои бозорчӣ, танбалони коргурез об намерезад?

– Ҳа, бале, Саркор, аз худатон гап намемонад, – гуфт Юнусбобо.

– Ба ин худи Ҷамолиддин чӣ мегӯяд? – ба Ҷамолиддин муроҷиат кард раис акои Олим.

Ҷамолиддин сари ба оби арақ ғӯтидаашро вазнин боло бардошт ва оҳиста нафаси чуқур кашиду гуфт:

– Ман, раис, дар дилам заррае нияти бад надорам ва одами аз меҳнату мушкилӣ мегурехтагӣ ҳам нестам. Дар бригадаам, ки нисбат ба шумораи аъзоёнаш заминаш хеле зиёд аст, рӯз аз рӯз душвор шудани корро бештар ҳис карда, рӯйрост ба шумо арзи ҳол кардам, ки маслиҳату ёрӣ гирам. Чуноне ки Юнусбобо гуфтанд, ман дар вазифаи бригадирӣ ҳоло мисли Салим – амаку Шомуродино гурги борондида ҳам нестам.

Шомуроду Салимамак пичингомез будани ин гапи Ҷамолиддинро пай бурда, зери лаб табассуми маънидор карда, ба ҳамдигар чашмак зада гирифтанд.

– Мо, Ҷамолиддин, ҳамеша ба маслиҳату ёрӣ тайёр, – гуфт раис, ки аз гапҳои самимона ва узрхоҳона арзкардаи Ҷамолиддин беихтиёр мамнун шуда буд, – аммо, ман бригадири навкор гуфта, дар бригадаат ба бозорчиҳои корчаллон роҳ кушода монданат ба зарари худат.

– Рост аст, ки ҳамин хел касон якта – нимта ҳастанд, раис, – ҷавоб дод Ҷамолиддин, – лекин як не, даҳҳо бор гуфтам, нашуд, магарам, ки акнун аз доманашон маҳкам дорам.

Ҳама оҳиста хандиданд. Гапро Одил Саркор гирифт:

– Аз доманашон доштан шарт не. Ғайр аз ин, деҳқонро аз бозорравӣ маҳрум кардан ҳам кори дуруст намешавад. Чунки ризқи деҳқон аз бозору файзи бозор аз деҳқон аст. Бигузор, ҳар колхозчие, ки дар колхоз ҳалол меҳнат мекунад, дар вақт – вақташ бозориашро ҳам кунад. Аммо, он касе, ки шабу рӯз танҳо роҳи бозорро чӯт мекунаду аз кору бори колхоз заррае парво надорад, иллате дар ҷисми колхоз аст, ки зуд пеши он-

ро гирифтан даркор. Раис, ба фикрам, ҳамин гуна ду-се касонро, ки аз мушкилиҳои замони ҷанг фоида бурда, ба ном худро колхозчӣ метарошанду дар амал ҳаннотӣ мекунанд, сахтакак афшонда мондан лозим.

Ин фикр ба дигарон хеле маъқул афтода, ҳама онро тарафдорӣ карданд. Бригадир Салимамак илова намуд.

– Ин кор дигар якта – нимта танбалу соянишинҳоро ҳам ҳушёр хоҳад кард.

– Ана, яке аз чораҳои ёрӣ ба ғунучини пахта, – ба Ҷамолиддин нигоҳ карда гуфт Шомурод.

– Чораи дигар, рафиқон, – гуфт раис, – ташаббуси бригадаи Юнусбоборо тарафдорӣ карда, якчанд рӯз пахтачиниро шабҳои маҳтоб ҳам давом додан лозим. Дар ин бора роҳбарият ва ташкилоти ҳизбии колхоз боз машварати махсус мегузаронад. Коре кунем, ки на фақат нақша, балки ӯҳдадории гирифтаамон ҳам бармаҳал иҷро шавад.

– Дар хусуси ёрӣ ба бригадаи Ҷамолиддин бошад, – гуфт Одил Саркор, – як таклиф ҳаст, яъне дар давраи ғунучини пахта звенои Мамараҷаб аз бригадаи ман ба бригадаи Ҷамолиддин гузаронда шавад.

Раис нимҷиддию нимшӯхӣ пурсид:

– Баъд, худи ту ҳам ба сари мо аз дасткӯтоҳиат арзу шикоят карда наоӣ?

– Ҳеҷ воқеа не, – ҷавоб дод Одил Саркор ҳам шӯхиомез, – зӯр ояд худи туро бо ҳамаи ходимони идораат як звено карда пеш меандозам.

Хандаи қоҳ – қоҳ хонаро пур кард. Ҷамолиддин аз ин кинояҳо гоҳ сурх мешуд, гоҳ бесаришта. Егоровро ҳамаи ин гуфтугӯ. чақ-чаққо ба завқ меовард. Вай ҳам аз иштироки худ дар ин давра мамнун гашта, барои ду-се даҳан гап задан иҷозат гирифт:

– Пеш аз ҳама бояд эътироф кунам, ки, – гӯён орому ботамкин ба сухан сар кард ӯ, – забони шуморо надонам ҳам, ба воситаи тарҷумаи раису котиби ҳизбитон мазмуни гапҳои шуморо фаҳмида, хеле ба ҳаяҷон омадам. Ин ҷамъомади шумо маҷлиси расмӣ набошад ҳам, вале мазмунан аз ин гуна маҷлисҳо афзалтар аст. Бинед, чӣ тавр барои кори худ дилсӯзӣ, ғамхорӣ меку-

нед, чӣ тавр камбудӣ ва комёбии якдигарро аз нуқтаи назари фоидаи кор аҳлона, рӯйрост муҳокима менамоед? Дар ин ҷо гуфтору кирдори бригадири ҷавон Ҷамолиддинро хеле сарзаниш кардед, ташаббускориҳои хуби мана ин пирамарди пурдонро бошад, таърифу тавсиф. Ва, билохира, ҳамаи гиреҳ кушода шуду Ҷамолиддин ба талаби худ расид.

Дар ҳаққи рафиқи ҷавон Ҷамолиддин ман ҳам бо фикри мӯйсафеди оқил Юнусбобо пурра шарик мешавам ва мехоҳам гӯям, ки дар ҳақиқат аз як тараф шикояти ӯ каме ҷон дорад. Вай, ба назари ман, ба аскаре монанд аст, ки аввалин бор ба майдони ҳарбу зарб даромадааст. Чунон, ки маълум аст, ин гуна аскар хоҳ – нохоҳ дар аввал дасту по гум мекунад, ба ваҳму ҳарос меафтад, куҷо рафта, чӣ кор карданашро дуруст намедонад. Вале, пас аз он, ки ду-се бор чангу ғубори майдони ҷанг ва дуду бӯи тиру борутро дурусттар чашид, баъд оҳиста-оҳиста қоматашро рост карда, далелу шуҷоатманд мегардад ва рӯзе мешавад, ки на танҳо худаш, дигаронро ҳам ба ҳуҷум ба по мехезонад. Мисли ҳамон, рафиқ Ҷамолиддин ҳам, ба гуфти Юнусбобо, имрӯз ҷавони каме хомтар бошад, пагоҳ – фардо аз оташу ҳарорати суханҳои дилсӯзонаи шумоён аз ҷӯшу хурӯши кори колхоз чунон пухтаю матин хоҳад шуд, ки ҳама ба вай бо чашми таҳсин нигоҳ хоҳанд кард... Хеле дуруст мекунед, ки ҳоло ба вай дасти ёрӣ дароз менамоед, то ки қоматашро рост кунаду беҳуда пешпо хӯрда наафтад.

Ҷамолиддинро ин гапҳои маънодори Егоров ба хаёлу андешаҳои дур кашола карда мебурданд ва дар дили ӯ як ҳисси аҷиб бедор мекарданд...

Егоров давом дод:

– Чуноне ки ман ҳис мекунам, на фақат як худи бригадаи Ҷамолиддин, балки тамоми колхоз ҳозир душворию азобҳои калонро аз сар мегузаронад. Бинобар ин, иҷозат диҳед, агарчи шумо бо хоксории худ аз мо, яъне аз шаҳриён ёрӣ наталабида бошед ҳам, худи мо ба ёрии колхозатон оем. Дар ҳақиқат, дар саҳро пахта хеле бисёр. Дар вақташ чида ба давлат супурдани он танҳо вазифаи шумо не, вазифаи мо – сарпарастони

шумо ҳам мебошад. Ғайр аз ин, корҳои дигари колхозатон низ кам нест. Бинобар ин, ташкилоти ҳизбӣ ва аҳли корхонаи механикии Сталинобод мехоҳанд аз рӯзи дамгирии ҳафтаи оянда сар карда, ба ёрии шумо бароянд – пахта чинанд, ба шикастурехти мактаб, бошишгоҳ, биноҳои колхоз, асбобу анҷомҳои хоҷагии қишлоқ ёрӣ расонанд. Худи ман механик ҳастам, ҳар хизмате ки бошад, бифармоед, оилааам ҳам ғайр аз дар пахтачинӣ иштирок кардан, боз метавонад ба корҳои ҳисобу китоби колхозатон ёрӣ расонад. Хулоса, чизе ки шахсан аз дасти мо ва аз дасти коллективамон меояд, ба хизмат ва ёрии шумо тайёрем, рафиқон. Он чӣ ки мехостам гӯям, ҳамин аст.

Раис-акои Олим ва Одил Саркор дасти Егоровро аз сидқи дил дӯстона фишурданд. Дар ҷавоб Одил Саркор гуфт:

– Ташаккур, рафиқ Егоров, аз ҷону дил ва аз номи ҳамаи колхозчиён ташаккур...

* * *

Ҳанӯз субҳ домани заррини худро паҳн накарда, деҳаи Ҷӯйбор ба по хеста буд. Имрӯз вай нисбат ба ҳаррӯза серодам ва серҳаракат менамуд. Дар назди идораи колхози «Коммуна», ки дару деворҳояш бо шиору лавҳаҳои гуногун зинат дода шуда буданд, гурӯҳ-гурӯҳ занону мардон ҷамъ омада, хушҳолона чақ – чақ ва хандаю бозӣ мекарданд.

Аксари онҳо дар тан камзӯлчаю шалвори пахтагин, дар по мӯза ё ботинкаи корӣ, дар китф борхалтаи хурди озуқа доштанд. Аз байни онҳо баъзеашон ҳар замон ба идораи колхоз даромада, аз рӯи кадом як рӯйхати дар даст доштаашон ҷамъомадагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, мунтазири фармони нав меистоданд. Ғайр аз инҳо, инчунин ба идораи колхоз сардорони бригадаҳои колхоз низ омада мерафтанд.

Аз мобайн дере нагузашта, аз идораи колхоз раисакои Олим, котиби ташкилоти ҳизбӣ Одил Саркор, намояндаи ташкилоти ҳизбии корхонаи механикии Сталинобод Егоров ва боз ду-се нафар колхозчиён бaромаданд. Баробари аз дар баромадани онҳо

ҷамъомадагон беихтиёр рӯи худро ба сӯи дар нигаронида, ба шунидани хабаре мунтазир шуда хомӯш истоданд.

– Ҳамин тавр, рафиқон, – гуфт Егоров ба касоне ки дар рӯ ба рӯи вай рост меистоданд, – ба кор сар мекунем.

– Мебахшед, рафиқ Егоров, як чизро пурсам, – гуфт пеш аз ба роҳ даромадани ҷамъомадагон, – ин борхалтаҳоро рафиқон барои чӣ бардошта гаштаанд?

– Хӯроки худро гирифта омаданд, – ҷавоб дод Егоров.

– Чаро ин хел кардед, гумон мекунед, ки колхози мо бародарони мададгори худро меҳмондорӣ карда наметавонад?

– Гап дар он аст, ки мо ба ин ҷо якрӯза наомадаем, – гуфт Егоров ба эътирози раис ваҷҳ нишон дода.

Баъд аз ҳамин, бо сардории намояндагони ҳар як бригада ҷамъомадагон – коллективи коргарон, хизматчиён ва аъзоёни оилаи онҳо ба гурӯҳҳо тақсим шуда, ба саҳрои васеи пахтазори колхози «Коммуна» даромада рафтанд. Каме дертар, аз паси онҳо зани Егоров – Елена Сергеевна ва духтари ҳафтсолааш Валя бо ҳамроҳии Зебӣ, аз қафои онҳо Одил Саркор, акои Олим ва Егоров ба сӯи бригадаи Юнусбобо роҳ гирифтанд. Зебӣ, ки аз дасти пахта барин мулоими духтарчаи Егоров – Валя дошта, аз паҳлӯи рости Елена Сергеевна мерафт, ба саволу пурсишҳои кунҷковонаи духтарча бо шавқ ҷавоб дода, ба симои дилчасп, ба мӯйҳои заррини лентаи сурхдор, ба чашмони шӯхи зардчатоби вай нигоҳҳои ҷозибадор мекард.

– Ҳоло, холаҷон, – мегуфт Валя бо овози маҳину беғубори худ, – барои чӣ ранги пахтаатон фақат сафед асту сурх не?

– Ҳозир ҳамин хел пахтаамон сафед аст, Валяҷон, – ҷавоб дод аз саволи духтарак гоҳ дар ҳайрат монда, гоҳ завқида, – лекин рафта – рафта пахтаи сурх ҳам мерӯёнем.

– Набошад, ҳозир галстуки пионерӣ, байрақи сурх аз кадом пахта мешавад? – боз савол дод духтарак аз ҷавоби Зебӣ қаноат ҳосил накарда.

– Байрақи сурх аз матои сурх мешавад, – ҷавоб дод Зебӣ.

– Матои сурх аз чӣ мешавад? – такроран савол дод духтарак ба эътирози модараш гӯш накарда.

– Матоъро бошад, – боз меҳрубонона ҷавоб гардонд Зебӣ Валяро ба паҳлӯи худ кашида, – аз ресмони ҳамин пахта мебофанд, баъд аз бофтан, мана ин куртаи кабуд, кофтачаи сурхи ту барин, дар фабрика бо ҳар хел ранг оро медиҳанд, фаҳмидӣ, духтари ширин?

– Ҳа, фаҳмидам, – сар ҷунбонд Валя ва пас аз якчанд сония хомӯшӣ боз гуфт: – хола, медонед чӣ, агар якбора аз замин пахтаи сурх мерӯид, чӣ хел нағз мешуд-а?

– Албатта, Валяҷон, хуб мешуд.

Дар ин вақт аз куҷое хониши булбулон ва мурғони саҳро ба гӯш расида, диққати Валяро ба худ кашид. Духтарак ба модараш навозишкорона гуфт:

– Ана, модарҷон, булбулон месароянд, мешунавӣ? – баробари ин сухан Валя аз паҳлӯи Зебӣ ба зери дарахтони сербарг, ки дар сари роҳ буданд, давон рафт ва аз қафояш расида омадани Зебиро дида, ба вай савол дод: – Дар ин ҷо булбулон ҳамеша месароянд?

– Ҳа, ҳамеша месароянд, – ҷавоб дод Зебӣ.

– Дар Ленинград ҳам бисёр месароиданд, – бо ҳузни бачагона гуфт Валя, – акнун намесароянд, мумкин ҳамаашон ба ин ҷо парида омада бошанд.

– Чаро намесароянд? – Ақли духтаракро санҷида пурсид Зебӣ.

– Тӯпҳои фашистон лонаи онҳоро сӯзонд.

Зебӣ аз ҷавоби Валя мутаассир шуда, ӯро меҳрубонона ба оғӯш кашид ва дарҳол ба вай бо дилнавозӣ гуфт:

– Ба зудӣ аскарони мо фашистонро зада нест мекунанд, баъд боз булбулони шумо ҳам ба лонаҳои худ баргашта мераванд, духтари ширин.

– Ин қадар маҳмаддоной карда, холаатро аз роҳ нигоҳ надор, Валя! – Дӯғ зада гуфт Елена Сергеевна ба назди духтари худ омада. Валя аз дасти Зебӣ баромада, кабквор майда – майда қадам зада, боз ба пеш давид.

Онҳо сӯҳбаткунон то сари чайлаи бригадаи Юнусбобо омаданд.

Дар пеши чайла раис, котиби ҳизб, Егоров ва оилаи ӯро худи Юнусбобо пешвоз гирифт, ки навакак аз сари кор баргашта омадани вай аз сарулибосу чоруқи кории чангзеркарда, аз дастони хоколудаш намоён шуда меистод.

– Меҳмононро ба кадом замин фиристодед? – пурсид раис.

– Пахтаи звенои дуюм аз ҳама бисёртар шукуфтааст, як қисмашонро ба ҳамон ҷо фиристодем. Дигарон ба замини дигар звеноҳо рафтанд, – гуфт Юнусбобо.

– Рафиқ Егоров ва оилааш ҳам дар бригадаи шумо пахта мечинанд, – гуфт Одил Саркор.

– Нури дида, тоҷи сар, хуш омаданд, – бо илтифоти самимӣ гуфт Бобо ва ба шипанг таклиф кард, – Канӣ бифармоянд, чой ҳам ҷӯшида истодааст, як пиёла чой нӯшанд, ба сари пахта баъд мераванд.

Егоров ба Юнусбобо ташаккур изҳор карду байрақу лавҳаҳои дар даромади шипанг овехташударо нишон дода гуфт:

– Байрақи мусобиқа ҳанӯз дар дасти шумо, Бобо?

– Оре, дар дасти мо, – ҷавоб дод Юнусбобо ба байрақи сурхи сайёри идораи колхоз, ки дар болои шипанг аз насими субҳ ҷавлон мекард, нигоҳ карда, – канӣ, ягон бригадаи дигар бо кори худ моро қоил кунад, майлаш, баъд тан дода, худамон ботантана бурда месупорем.

...Егоров бо оилааш, ба даст пешдомани пахтачинӣ гирифта ба сӯи пахтазор равон шуданд. Дигарон ҳам аз паси онҳо рафтанд. Баъд аз панҷсад шашсад метр дуртар рафтан, ба пеши назари онҳо саҳрои бепоёни рангоранги пахтазор, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷо гурӯҳ-гурӯҳ одамонро дар оғӯши худ пинҳон мекард, намудор гашт. Одил Саркор бо чеҳраи кушод чор сӯро аз чашм гузаронда, ба Юнусбобо муроҷиат кард:

– Бобо ин одамонро дида, беихтиёр рӯзҳои пеш аз ҷанг ба хотири кас меояд-а?

– Оила бо фарзанд, саҳро бо одам обод аст, Саркор, – ҷавоб дод Юнусбобо ва пеш – пеши онҳо калон – калон қадам монда ба оғӯши пахтазор рафт.

* * *

Ҳамин тавр, рӯзи дамгирӣ саҳрои колхоз бо одам пур шуда буд. Аз як тараф аҳли корхонаи механикии Сталинобод, аз тарафи дигар марду зани пахтачини худи колхоз бағал – бағал пахта чида, хирманҷойҳои саҳроро аз ғарами пахта пур мекарданд. Тарозубонон, ки дар буни гӯш қалам, дар даст дафтарчаи ҳисоб дар пеши тарозуҳои худ меистоданд, нисбат ба ҳарвақта имрӯз серкору серташвиштар менамуданд. Дасти онҳо аз сангмонӣ ба тарозуи пур аз ҷуволҳои пахта, аз навиштани килограмҳои нави пахтаи чидашуда ором намегирифт. Яке аз тарозудорони колхоз Ҳотам, ки пахтаи чидаи бригадаи Юнусбоборо бармекашид, дар майдони кушод, дар зери офтоби сӯзон ба обу арақ ғӯтида, як дам ҳам пз пеши тарозу дур шуда наметавонист. Вай пахтаи ба сари тарозу овардашударо ҳам бармекашид, ҳам барои каме хушк кардан ба офтобрӯя паҳн мекард.

Дар айни қиёми рӯз ба сари тарозуи вай Зебӣ, Умрихола ду ҷуволи калон пахта бардошта омаданд. Зебӣ аввал ҷуволи худ, баъд ҷуволи Умрихоларо ба болои тарозу гузошту остини барзадаашро кушода, бо нӯгаш арақи пешонӣ ва зери мӯйҳои ду чакаашро пок карда, зуд – зуд нафаскашон ба тарозудор гуфт:

– Ҳотамҷон, канӣ баркашед?

– Хӯш, муаллима. Як дам сабр кунед, камтар истироҳат кунед, аз афтатон мебинам, ки хеле монда шудаед, – ҷавоб дод Ҳотам бо дафтарчаи дар дасташ буда синаи арақшори худро бод дода.

– Барои мондашавӣ фурсат нест, додар, – ба гап Умрихола ҳамроҳ шуд, – тезтар баркашида, ҷуволҳоро холӣ кунед, ки корамон шитоб.

– Боз чӣ шитобкорӣ, як бошад, нормаи имрӯзаатонро-ку ду баробар барзиёд иҷро кардед.

– Магар чор баробар зиёд иҷро шавад бад аст? – пурсид фахр карда Зебӣ.

– Канӣ, кошкӣ ҳамин тавр шавад, муаллима, тоқиамро ба осмон партофта, давон – давон барои хабар додан ба назди Мамараҷаб мерафтам, – гуфт Ҳотам.

Зебӣ номи Мамараҷабро шунидан замон, як ба

атрофаш нигоҳ карду баъд оҳиста аз Ҳотам пурсид:

– Звенои Мамараҷаб чӣ қадар чида бошад, намедонед?

– Ана ҳозир мефаҳмем, хоҳар, соҳиби лавҳаи фахрӣ, талабаи худатон Шокирҷон ҳам омада истодааст.

Талабаи мактаби деҳа Шокирҷон, ки аз ҳар бригадаю звено маълумоти иҷрои меъёрро гирифта, натиҷаашро дар лавҳаи мусобиқаи сотсиалистӣ менавишт, расида омад.

– Канӣ, муаллима, аз они шумоён чӣ қадар шуд? – савол дод Шокирҷон бо саросемагӣ.

– Аввал ту гӯй, аз они звенои Мамараҷаб чӣ қадар? – ба саволи Шокирҷон савол дод Зебӣ.

– Напурсед, – гуфт бо як ҳисси ғамхорона нисбат ба муаллимаи худ, – қариб се норма. Лекин, дар ҳақиқат дар бригадаи акои Ҷамолиддин пахтаи шукуфта чунон бисёр, ки ҳадду ҳисоб надорад.

– Тез бошед, Ҳотамҷон, – бо изтироб гуфт Зебӣ боз остинашро болотар барзада, – то бегоҳ ба чор норма нарасонем, хоб ҳаром.

Зебӣ, Умрихола пахтаҳои худро баъд аз баркашидан, ба болои ғарам бурда рехтанду дигар ягон даҳан гап назада, зуд ба пахтазор даромада рафтанд.

Аз мобайн дере нагузашта, ба сари звенои Зебӣ Егоров ва зани ӯ, ки ду пешдоман пур пахта чида буданд, пайдо шуданд. Онҳо ба беором чақон – чақон пахтачинии Зебӣ, толибаи вай Барно ва ду-се духтари колхоз нигоҳ карда, дар ҳайрат мемонданд.

– Сергей, – гуфт ба шавҳари худ муроҷиат карда Елена Сергеевна, – дидӣ, чӣ хел тез мечинанд.

Ҳамин вақт аз рӯбарӯ Ҷамолиддин, Мамараҷаб ва аъзоёни звенои ӯ намоён шуданд. Зебӣ бодиққат ба сӯи Мамараҷаб нигоҳ карда, гап партофт:

– Монда нашавед, Мамараҷаб, ҳа, боз ба ин тараф омада мондед?

Мамараҷаб ҳам табассумкунон ҷавоб дод:

– Саломат бошед, пахтаи замини болоро чида шудем, акнун ҳуҷумро аз ин ҷо сар мекунем, Зебинисо!

– Ҷидду ҷаҳдатон хеле зӯр менамояд-а?

– Набошад чӣ, мо беҳуда чангу ғубори фронтро ча-

шида наомадаем. Ҳозир дар саҳрои кор бошем ҳам, ҳамеша худро аскари взводи Сафар Одинаев медонем.

Зебӣ аз як тараф аз ин гапи Мамараҷаб дилтанг мешуд, аз тарафи дигар ному амали Сафарро вирди забон карданаш ӯро шод мекард.

– Хуб, ин тавр ки бошад, ба ғайрататон ғайрат зам шавад.

– Аз шумо нияти нек аз мо ғайрат, муаллима, – ҷавоб дод Мамараҷаб ва ба пахтачинӣ сар хам карданӣ Зебиро дида, ӯ ҳам дарҳол даст ба кор бурд.

* * *

Рӯз ба охир расида, садои занге ки аз назди шипангҳо баланд шуд, ҳамаро ба хӯроки бегоҳӣ даъват кард.

Аъзоёни бригадаи Юнусбобо ба сари тарозу ҷувол – ҷувол пахтаи чидаи худро оварда, ба назди лавҳаи натиҷаҳои мусобиқаи сотсиалистӣ, ки ба танаи дарахти бед овехта шуда буд, ҷамъ меомаданд. Дар он ҷо Шокирҷон ба ҳама маълумот медод. Аз ҳама охир Зебӣ ҳам омада, бо саросемагӣ ҷуволи охирини худро ба пеши тарозубон партофту ба назди лавҳа рафт.

– Акнун чӣ қадар шуда бошад? – пурсид ӯ худ ба худ ва ба лавҳа чашм дӯхт.

– Муаллима, аз они шумо панҷоҳ килограмм намерасад, – дарҳол гуфт Шокирҷон.

– Барои чӣ намерасад? Ҳотамҷон, гӯед, пахтаи ҳозир овардаам чӣ қадар? – бо изтироб пурсид Зебӣ ва рақамҳое, ки дар лавҳа бо гаҷ навишта шуда буданд, аз ҳаяҷон ба чашми ӯ он қадар равшан наменамуданд.

– Чилу нӯҳ килограмму боз яксаду панҷоҳ грамм, – ҷавоб дод тарозудор.

– Оббо Зебунисо, боз камакак нарасида мондааст, – бо алам гуфт Умрихола.

Зебӣ дар мобйни пахтачинон аз орият то нӯги нохунаш дар оташи шарм сӯхт ва аз давра чӣ хел баромада рафтани худро надонист. Ӯро Юнусбобо, ки дар китфаш каланд дошта ва дар дасташ як банд алафҳои бегонаи аз пахтазор канда гирифтаро бардошта меомад, аз роҳ боздошт.

– Ҳа духтарам, пешонаат турш, боз чӣ шуд?

Зебӣ сархам хомӯш монд.

– Ҳаштсаду чилу ҳашт грамм нарасид, – ҷавоб дод Шокирҷон, ки аз қафои муаллимаи худ расида омада буд. Хаёли Бобо ҳам дар аввал як дам парешон шуда, каланди дар китфаш бударо беихтиёр ба замин монд ва боз дарҳол ба худ омада, ба Зебӣ гуфт:

– Эҳ, духтарам, ҳеҷ воқеа нест. Осмон омада ба замин начаспидааст. Хайр, мусобиқаро бурда бошад, Мамараҷаби худамон бурдааст, бачамард ҳам аз номи худаш, ҳам аз номи Сафар аҳду паймон карда буд, олам гулистон, ҳеҷ боке нест.

Зебӣ як қадар худро аз бори гарон озод ҳис карда, сари поён фуровардаашро оҳиста бардошт. Бобо ба чеҳраи парешони ӯ нигоҳ карда гуфт:

– Коре шаваду нақшаи колхозамон пур шавад, обрӯю номуси ҳамаамон дар ҳамин. Биё, бо ҳар чиз бе асос худатро дилтанг накун. Ҳозир ба чайла раву ҳамон меҳмонҳоро ба бошишгоҳи колхоз сар карда бар. Раис таъйин кард.

– Зану духтари Егоровро ба хонаи худамон мебарам, – ҷавоб дод Зебӣ.

– Ихтиёрат, аввал аз раис ё Саркор пурсидан даркор, онҳо ҳам дар бошишгоҳ меҳмондорӣ доштаанд.

Зебӣ ба сӯи шипанг роҳ гирифт. Юнусбобо як дам аз қафои ӯ нигоҳ карда, ба Шокирҷон, ки дар паҳлӯяш меистод, гуфт:

– Дидӣ, писарам, чӣ хел муаллима дорӣ. Агар ҳамаи шумо – ҷавонон ҳам мисли вай ба кору меҳнат ҷонсупор ба воя расед, олам гулистон, дар зиндагӣ чӣ корҳои аҷоибе мешавад...

* * *

Ба ҳамин тариқ, рӯзу шаб, моҳ аз пайи моҳ гузашта, ноябр ҳам даромад. Аз ҳавои сарди тирамоҳ замин нам кашида, се-чор боронгарӣ гарду ғубори тобистони дароз ба рӯи баргҳои дарахтон нишастаро шуст. Чор атроф тиллоранг медурахшид. Акнун дар пахтазор ғайр аз якчанд кӯракчинону ғӯзапоя даравандагон, ди-

гар касе дида намешуд. Дар чайлаҳои саҳрой гулхани ғӯзапоя даргирифта, дар атрофи онҳо занону мардон кӯрак тоза мекарданд.

Яке аз рӯзҳои ноябр буд. Дар шипанги бригадаи Юнусбобо, ғайр аз занону мардони кӯрак тозакунанда, Барно, Шокирҷон ҳам ҳозир буданд. Онҳо навбат ба навбат рӯзномаҳои навро хонда, ба колхозчиён аз вазъияти ҷабҳаҳо, аҳволи дохилӣ ва хориҷии мамлакат ахборот мешунавонданд. Дар айни авҷи ҳамин рӯзномахонӣ Юнусбобо як пуштора ғӯзапоя ва як ҷувол кӯрак бардошта омада, ба шипанг даровард.

– Боз панҷ-шаш ҷувол кӯрак монду тамом, – гуфт вай ҷуволро ба як кунҷ монда.

– Кӯрак-ку кӯрак, – гуфт Умрихола ба Бобо, – ин хабарро шунавед.

– Боз чӣ хабар, хӯш, канӣ? – пурсид Бобо ба наздиктари гулхан нишаста.

Барно рӯзномаро кушода, хабареро хонд, ки дар он дар тамоми колхозҳои ҷумҳурӣ сар шудани ташаббуси пулҷамъкунӣ барои сохтани корвони танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» зикр ёфта буд. Бобо хабарро бодиққат шунида, каме фикр карду гуфт:

– Ҳар кас ки ин ташаббусро сар карда бошад, ман ҳам шарики ӯ.

Ҳозирон ба рӯи Юнусбобо нигоҳ карда монданд. Бобо ҳам ба ҳамаи онҳо як-як чашм давонду аз ҷояш бархост ва аз шипанг баромада гуфт:

– Ба пеши Саркор рафтам, номи маро ҳам нависад, ними даромади имсолаамро медиҳам.

– Ҳой, додар, – аз қафои ӯ овоз баровард Умрихола ва аз ҷояш хест, – якбора номи маро ҳам нависонед, моён аз кӣ камӣ дорем.

Аз қафои Умрихола дигарон ҳам барои корвони танкҳои «Колхозчии Тоҷикистон» бахшидани ниму чоряки даромади солонаи худро арз карданд. Юнусбобо аз роҳаш баргашта, ба Барно фармуд, ки ҳамаи аъзоёни дар ин хусус хоҳиш изҳоркардаро рӯйхат кунад. Барно ҳамаро як-як навишту дар охири рӯйхат номи худашро ҳам даровард.

– Ба ту чӣ ҳоҷат, духтарам? – пурсид Бобо.

– Чӣ қадаре ки пахта чида бошам, ҳаққи ҳамаашро месупорам, – гуфт Барно.

Бобо падарвор шод гашта, аз пешонаи Барно оҳиста бӯсид ва гуфт:

– Рафта аз ҳисобдор пурсем, канӣ ҷамъ чӣ қадар мешавад. Коре шавад, ки аз дигарон зиёд бошад, ки кам не.

Юнусбобо баромада рафт. Умрихола ба оташи гулхан боз як бандча ғӯзапоя партофт. Оташи гулхан баланд шуд ва аз гармии он рӯи ҳозирон анорвор суп – сурх тобиш медод.

* * *

Бошишгоҳи колхози «Коммуна» ба пешвози иди Октябр зебу зинат дода шуда буд. Одамоне ки ба ин ҷо либосҳои тару тоза пӯшида ҷамъ омада буданд, нутқи котиби ташкилоти ҳизбии колхози худро мешуниданд. Одил Саркор ба колхозчиён дусад фоиз иҷро шудани нақшаи пахтаро хабар дода, натиҷаи мусобиқаи сотсиалистии бригнада ва звеноҳоро гуфт.

Маҷлиси тантанавӣ қариб ба охир расида буд, ки ба бошишгоҳ Ҳодикӯсаи хаткашон даромада омад. Вай назди дар истода Юнусбоборо меҷуст.

– Канӣ чол, чол канӣ? Юнусбоборо ёбед!

Ҳама ба тарафи Юнусбобо рӯ гардонда, аз қиёфаи пурҳаяҷони хаткашон дар ҳайрат монда буданд. Баъд аз бори чорум ном гирифтан Юнусбобо бо тарсу ваҳм аз ҷояш бархосту ба Ҳодикӯса худашро нишон дод. Ҳодикӯса давида омада, аввал ӯро сахт ба оғӯш кашиду гуфт:

– Офарин ба ту – чоли ҷаннатӣ, офарин, шакар ба даҳонат, қоил кардӣ.

– Боз чӣ шуд, гап зан, худаш чӣ гап, – гуфт Бобо мақсади хаткашонро нафаҳмида.

Вақте ки аз раёсат Одил Саркор Ҳодикӯсаро ба назди худ чеғ зад, Ҳодикӯса бо сумкаи хаткашониаш давон – давон ба назди саҳна рафта, як коғазеро, ки дар даст маҳкам нигоҳ медошт, ба ҳозирон нишон дода, саросема гуфт:

– Аз рӯи закун ҳар як мактубу коғаз бояд ба дасти

соҳибаш супурда шавад. – Вай Боборо ба назди худ ҷеғ зада, ба дасти вай коғази дасташро супурду бо ғурур гуфт: – Мана додар, ин тилгиромро гиреду аввал ба ин квитансия даст монда, баъд хонед.

Ҳангоме ки Юнусбобо телеграммаро ба даст гирифт, беихтиёр дастонаш ларзиданд. Ҳама «чӣ хел телеграмма, аз кӣ, дар чӣ хусус?» гӯён ғалоғула бардоштанд. Одил Саркор тоқат карда натавониста, ба лаби саҳна омада телеграммаро аз дасти Юнусбобо гирифт. Худи Ҳодикӯса то телеграммаро кушодан сабр карда натавониста бо овози баланд гуфт:

– Аз Маскав.

– Аз Маскав – аз чор тарафи толор садо баромад.

Саркор телеграммаро ба ҳозирон, ки ҳама рост истода буданд,бо овози баланд хонда дод:

«Сталинобод, ноҳияи Ҳисор, колхози «Коммуна» сардори бригада рафиқ Юнусбобо Сабуров.

Барои ғамхорӣ ва ёрии дар ҳаққи Артиши Сурх кардаи Шумо ва аъзоёни бригадаатон, ки ба сохтмони корвони танкҳо – «Колхозчии Тоҷикистон» сад ҳазор сӯм супурдаед, саломи бародаронаи ман ва ташаккури Артиши Сурхро қабул фармоед. И.Сталин».

Баробари хонда шудани телеграмма, тамоми зал аз қарсакзанию урагӯӣ ба ларза омад. Юнусбобо аз ҳаяҷон чӣ гуфтан, чӣ карданашро намедонист, гоҳ ба раёсат, гоҳ ба толор нигоҳ карда, худ ба худ чизе мегуфт, гашта баргашта таъзим мекард...

## БОБИ БИСТУ ЧОРУМ

«...Ҳар ду мактуби туро, ки якеро аз полки эҳтиётӣ, дигареро аз қисми нав – аз хати пеши ҷанг навишта будӣ, дар як рӯз гирифтем. Ҳамаи мо туро ба муносибати сиҳат шуданат ва ба артиши амалкунанда баргашта омаданат табрик мегӯем ва то ғалабаи комил бар зидди гитлерчиён қаҳрамонона ҷангидани туро орзумандем...»

Дар айни мутолиаи мактуб дар ҳамин қарибиҳо сахт таркидани гулӯлае ба гӯш расид. Аз шифти чорболораи блиндажи аскарӣ хок рехт. Сафар хондани

мактубро қатъ карда, каме хомӯш монд. Дадабойро қаҳраш омада, зери лаб ҳақорате кард. Дигар ҷанговарони отделенияи Сафар, ки хондани мактубро гӯш мекарданд, чангу хоки ба сару гарданашон рехтаро оҳиста афшонданд.

Сафар боз ба хондани мактуб шурӯъ намуд:

«... Ман ҳам афсӯс мехӯрам, ки ба ту баргаштан ба ротаи мо ва дар қатори мудофиакунандагони бевоситаи Сталинград ҳозир будан муяссар нагардид. Чӣ илоҷ... Мо ҳама фарзандони як оилаи калони шӯроӣ ҳастем ва дар кадом қисми Артиши шӯроӣ бошем, як вазифаи муқаддасро иҷро мекунем. Аз мактубат фаҳмидам, ки ту дар паҳлӯи рости қисми мо, дар масофаи начандон дур ҳастӣ ва ҳатто аз эҳтимол дур нест, ки деҳаи ман таваллудёфта Ерзовкаро бо чашми худ дида меистӣ. Ҳар боре, ки ҳозир дар деҳаи азизи худ ҳукмронӣ намудани фашистони лаънатиро ба ёд меоварам, дилам аз алам сахт ба дард меояд. Модару духтарчаам Нина, ки дар он ҷо мондаанд, намедонам, дар чӣ аҳвол бошанд?

Дӯсти азизам Сафар! Мумкин аст озод кардани деҳаи мо ва аз чанголи душман халос намудани духтарчаам ва модарам ба ту пештар муяссар гардад... Дар мактуби гузашта дар куҷои ин деҳа воқеъ гаштани хонаамонро навишта будам. Эҳ, канӣ, кошкӣ на танҳо Ерзовка, балки тамоми шаҳру деҳаҳои мо аз чанголи фашистони истилогар зудтар озод мешуд!

Ту дар бораи кору борҳои мо мепурсӣ. Ҷавоб кӯтоҳ ҳамин...»

Сафар ҷавоби Осмухинро акнун сар карда хонда истода буд, ки немисҳо боз, бори саввум дар давоми рӯз ба муқобили мавқеъҳои аскарони мо ҳамла сар карданд. Сафар мактубро ба кисааш зада ҳамроҳи ҷанговаронаш аз блиндаж давида ба сангар баромад ва ба ҷанг даромада рафт.

Пас аз зада баргардондани ҳамлаи сеюм Сафар баргашта ба блиндаж омаду боз ба хондани давоми мактуб шурӯъ кард. Вале ҳоло аз ҷанговарони отделенияи ӯ ду кас набуд. Онҳо нав дар ҷанг аз қатор баромада буданд...

«... Шаҳри Сталинград дар оғӯши сӯхтору хун аст... – менавишт Осмухин, – Аммо ин шаҳри номдор аз они мост. Худамонро қурбон мекунему дигар як қадам ҳам қафо намегардем! Мо дар соҳили Волга чун кӯҳ устувор истодаем ва моро ҳеҷ як қувва аз ҷоямон ҷунбонда наметавонад!

Ҳамшаҳрии ту Нозир аз сараш сахт захмдор шуда, дар баталйони беҳдоштӣ вафот кард. Вай хеле мардона ҷангида, ҳамаро қоил кард.

Ду ҳафта пештар политрук Ванюшинро ҳам гӯрондем. Вай шабона дар асnои ҳамроҳи сапёрҳо аз мина тоза кардани даромади бинои калоне, ки фашистон ишғол карда буданд, аз ногаҳон таркидани мина ҳалок гардид. Қурбон, Степан Шестак ва Коробко ба ту салом мегӯянд...»

Давоми мактуб чунон саросема ва бадхат навишта шуда буд, ки хонданаш душвор буд. Сафар калимаҳоро базӯр ҳиҷҷакунон мехонд:

«... Боқӣ вассалом, бародари азиз. Душман, аз афти кор, боз ба ҳамлаи нав – ҳамлаи ҳаштум сар карданӣ. Саломат бош. Ба Дадабой салом расон...»

Ҳамроҳи мактуб Осмухин ду варақи иловагӣ фиристода буд, ки дар яки вай худи ӯ ва дар дуюмаш роҳбари сиёсии марҳум Ванюшин барои ба ҳизб даромадани Сафар тавсиянома навишта буданд.

Сафар нафаси амиқе кашид ва мактубу тавсияномаро таҳ карда ба кисааш монд. Ин аввалин мактубе буд аз Осмухин, ки Сафар пас аз сиҳат шуда аз госпитал баромадани худ гирифта буд. Ин мактуб гуфтугӯи ду ҷанговарро, ки Сафар шабона, дар асnои аз Ростов ақибнишинӣ намудани лашкарҳои мо шунида буд, ба ёд овард.

– Лаънатии фашист хеле дур рафта истодааст. Аммо худи ӯ ягон рӯз аз ин ҳам дуртар хоҳад гурехт, – мегуфт яке аз ин ду ҷанговар бо овози нимхиррӣ.

– Ба куҷо дуртар? – мепурсид дигаре.

– Дуртар ба Берлин хоҳад гурехт. Ин рӯз, ҷӯра, албатта мерасад.

Сафар афту андоми он солдатро надида бошад ҳам, аз овозаш тасаввур мекард, ки чӣ гуна бо авзои ҷиддии

қаҳролуд гап зада истодааст.

Ҳозир ҳам Сафар дар мактуб ҷумлаи «чун кӯҳ устувор истодаем» – ро хонда, симои ҷиддию қаҳролуди Осмухинро пеши назар меовард...

Ин аст, ки Сафар қатъӣ медонист, ки дигар ақибнишинӣ нахоҳад шуд. Тамом! Дар ин ҷо, дар сарзамини матини Волга пружинаи азими ҷанг чунон ба фишор омадаст, ки рӯзе ин пружина ба пеш ҷаҳида бо ҳамин гуна фишори зӯр душманро аз ҳама ҷо зада дур хоҳад партофт...

Сафар аз ин фикру хаёлҳо ба худ омада дар паҳлӯи худ ғайр аз Дадабой дигар ҳеҷ касро надид. Дадабой ҳам дар дасташ махорка дуд карда, ба фикр фурӯ рафта буд. Сафар ба китфи ӯ даст зад. Дадабой як як қад парида ба Сафар нигоҳ кард ва ҳар ду хомӯш аз блиндаж берун омаданд.

Дар пеши назари онҳо, дар масофаи ду-се километр Ерзовка менамуд. Аз мобайни дарахтзори тиллоранг хонаҳои хурду калони сафед намудор мешуданд. Дар паси деҳа уфуқи тирае паҳн шуда буд, ки ӯро саросар дуди сӯхтор фаро гирифта буд.

– Дар Ерзовка хонаи лейтенантро чӣ хел ёфтан мумкин аст? – пурсид Дадабой. – Мумкин аст аз ин ҷо намоён бошад?

Сафар ба Дадабой номаълум нигоҳ кард ва мамнунона аз хаёл гузаронд, ки вай ҳарчи ҳамин рӯзҳо аз аламу ғуссаи Зоя хеле фориғ шудааст. Сафар беихтиёр боз мактуби Осмухинро аз кисааш баровард. Вале баногоҳ пулемёте садо дода, дар болои сар тирҳо ғиззасзанон париданд. Дадабойро ғазабаш омада ба сари пулемёташ рафт.

– Напарронед!

Ин овози фармондеҳи взводе буд, ки аз куҷое дар болои сари Дадабой ҳозир шуда буд. Вай ба сохтани саҳначаи нави пулемётгузорӣ роҳбарӣ мекард. Сарулибоси ӯ чангу хоколуд буд.

– Монед, кори саги дайду беҳуда аккос задан аст, – гуфт фармондеҳи взвод – лейтенанти хурд. – ашФашист аз барор нагирифтани ҳамлаҳояш дар ғазаб шуда, чӣ кор карданро намедонад.

Баъд фармондеҳи взвод дар дасти Сафар мактубро дида пурсид:

– Аз хона мактуб гирифтед?

– Не, рафиқ лейтенанти хурд. Аз фармондеҳи ротае ки ман собиқ хизмат мекардам, аз лейтенант Осмухин.

– Аз Осмухин? Яков Данилович? – бо ҳайрат пурсид фармондеҳи взвод.

– Чӣ, магар шумо ӯро мешиносед? – Сафар ҳам дар тааҷҷуб монда пурсид.

– Ҳар дуямон як омӯзишгоҳи ҳарбиро хатм карда будем. Чӣ менависад вай? Корҳояшон чӣ тавр? Саломат-мӣ?

Баъд аз ин саволу ҷавоб лейтенанти хурд ба Сафар гӯё ошнои наздику қадрдон менамуд. Вай хатро ба командир дароз карду аз кисааш суратеро баровард, ки ҳамроҳи Осмухин пеш аз ба ҷабҳа омадан дар Тоҷикистон гирифта буданд.

– Оре, дар ҳақиқат шумоён дӯсту ҷӯраи наздик будаед, – пас аз мактубро хондан гуфт лейтенанти хурд. – Ҳар гоҳ ки ба ӯ мактуб менависед, Юрий Павлович Николаев ба шумо салом мерасонад гӯед. Вай маро нағз медонад. Мо ҳам дар омӯзишгоҳ ҷӯраи қарин будем... Гӯед, ки ҳамаи мо барои ҳарчи зудтар ба ёрии онҳо расида рафтан ҷидду ҷаҳди зӯр дорем. – Лейтенанти хурд камтар хомӯш истоду баъд ба пеш, ба дуродур нигоҳкунон гуфт: – Ана, он ҷо деҳаи Ерзовка. Аз деҳаи зодгоҳи ман бошад, ҳозир фақат ном мондаасту бас.

Авзои вай беҷо шуда, ба як тараф баргашту рафт.

Душман акнун маротибаи панҷум ба муқобили мо ҳамла мекард. Дар пеши сангарҳои ҷанговарони Сафар танки душман, ки пагоҳӣ Йӯлчӣ ба муқобили вай шишаи дардиҳанда ҳаво дода сӯзонда буд, ҳоло ҳам дуд мекард. Танк дар хамгашти теппа, даҳ-дувоздаҳ метр дуртар аз сангарҳо меистод ва пеши чашми ҷанговаронро банд мекард.

Гитлерчиён метавонистанд аз ин танк истифода намуда, номаълум ба наздиктари мавқеи ҷанговарони мо хазида оянд. Сафар хост ба ин ҳилаи душман роҳ надиҳад.

Вай давида ба сангари Дадабой гузашт ва дид, ки нисфи сангар бо хок пур шуда, аз даруни хок мили пулемёти дастӣ намоён аст. Сафар пулемётро берун кашид. Қундоқи пулемёт пачақ шуда буд. Сафар ба чор сӯ нигоҳ кард, аз Дадабой нишоне набуд. Дарҳол ба фикри Сафар гумоне омад, ки мумкин аст, Дадабой дар зери ҳамон хок гӯр шуда бошад?

Сафар хост хоки сангарро дудаста ба як сӯ кашад, аммо немисҳо тир андохта гоҳ давидаю гоҳ хазида ба сӯи сангарҳои мо наздик меомаданд. Фурсат беҳад танг буд. Сафар зуд аз сангар баромада, худро ба зери танки дарпешистода гирифт ва хоку чанги тирдони пулемётро чобукона пок карда, ба пеш чашм дӯхт. Дар пеш кулаҳхуди немисро дид. Вай мисли сангпушт ба замин часпида буд. Баъд Сафар дид, ки немис мехоҳад ба тарафи ӯ норинҷак ҳаво диҳад. Дарҳол дар паси чархи танк панаҳ шуд. Ҳамон замон дар пеши танк таркише ҳаворо ларзонда, чор атрофро дуду чанги ғализ фаро гирифт. Сафар фурсатро аз даст надода, зуд ба ҷои аввалааш гузашт. Немисе, ки норинҷак ҳаво дода буд, бо ишораи даст ба шарикони дигараш фармуд, ки ба пеш ҳаракат кунанд.

Дили Сафар беқаророна метапид, вале ӯ бо пурсабрӣ аз пулемёт тир накушода, бештар наздик омадани фашистонро мунтазир мешуд. Ба вай чунин менамуд, ки немисҳо гӯё аз ҷояшон намеҷунбанд. Ангушти шаҳодати вай, ки дар куланги пулемёт буд, аз беҳаракатӣ шах шуда монда буд.

Ана, ҳозир фурсаташ омад! Сафар кулангро зер кард, пулемёт ба кор даромада, дар зери дасти соҳибаш беист меларзид. Тирҳо ба пеши манаҳи душман парида, чанги заминро ба ҳаво мебардоштанд. Ҳамон немисе, ки норинҷак ҳаво дода буд, як қадам пеш монду баъд дастонашро ба ҳаво бардошта ақибнокӣ сарнагун рафт, дигар гитлерчиён роҳи гурезро пеш гирифтанд...

Пулемётчии душман ба тарафи Сафар оташ кушод, вале танк Сафарро аз тир панаҳ менамуд.

Сафар ба паҳлӯ нигоҳ карда, ду танкро дид, ки дар шӯълаи офтоби бегоҳӣ ситораҳои сурхи онҳо бармало

намоён буданд ва ҳар ду ғуррасзанон аз теппа фуромада омада, ба тарафи душман мерафтанд.

Ба ғурриши танкҳо як вақт «ура»-и пурзӯри ҷанговарони шӯрой ҳамроҳ гардида, дар тамоми саҳрои васеъ баланд мавҷ мезад. Дар як дам аз оғӯши саҳро садҳо ҷанговарон сар бардошта, аслиҳа дар даст аз паси танк ба пеш медавиданд...

Сафар боз як навбат тир кушода буд, ки пулемёт дигар хомӯш шуд. Тираш тамом шуда буд. Сафар чӣ кор карданашро надониста, ба ин сӯ, он сӯ чашм давонд ва хост давида рафта ҳамон автоматро, ки дар паҳлӯи немиси кушташуда мехобид, гирад. Ҳамин вақт аз куҷо дар рӯ ба рӯи вай Дадабой чангу хоколуд рӯяш сип – сиёҳи арақшор пайдо шуд.

Вай ба Сафар тирдони пур аз тирро дароз карду дод зад:

– Мана, даҳбошӣ, зуд бошед, метавонед боз патефонатонро ба кор дароред... хамин дам немисро ҳам айни авҷи «рақс» – аш сар шуд...

Ҳар ду аз паси фашистон, ки ақиб менишастанд, ба пеш давиданд.

* * *

Бевақтии шаб ба заминкани Сафар фармондеҳи баталйон ва лейтенанти хурд Николаев даромада омаданд.

– Хӯш, рафиқ сержант, аз пулемёти беқундоқ чанд немисро куштед? – пурсид хандида фармондеҳи баталйон.

– Намедонам, рафиқ фармондеҳи баталйон, нашумурдаам, – ҷавоб дод Сафар ва илова кард: – Ба ҳар ҳол, ин дафъа ҳам фритсҳоро дурустакак «меҳмондорӣ» кардем.

Фармондеҳи баталйон дасти Сафарро фишурда таҳсин хонд:

– Офарин, рафиқ сержант.

– Ба Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат мекунам!

– Шумо муваққат фармондеҳи взвод мешавед, – гуфт фармондеҳи баталйон, – бовар дорем, ки аз ӯҳдааш мебароед.

– Рафиқ лейтенанти хурд Николаев чӣ? – пурсид Сафар ба фармондеҳи баталйон нигоҳ карда.

– Ин кас ба рота, ба ҷои фармондеҳи ҳалокшуда меравранд.

– Хуб, рафиқ фармондеҳи баталйон, кӯшиш мекунам аз ӯҳдааш бароям.

* * *

Сафарро таркиши сахти мина, ки дар ҳамин гирду пеш – наздикии заминкани ӯ афтода буд, аз хоб бедор кард. Вай болопӯши рангпаридаи лоюю хоколуди худро, ки ба вай печида мехобид, ба китфаш гирифта аз ҷо бархост ва аз заминкан баромад.

Имрӯзҳо низ ҷангҳои сахти хунин ҳамоно давом мекарданд. Аз бисёрии талафот, аз полк – баталйон, аз баталйон – рота, аз рота – взвод ва аз взвод танҳо отделения боқӣ монда буд. Дар взводи Сафар, ки ӯ муваққатан фармондеҳи он таъин шуда буд, ҳамагӣ дувоздаҳ ҷанговар монда буд...

Рӯшноӣ медамид.

Тамоми саҳроро қирав зер карда, ба назар мисли шишапора майда – майда медурахшид. Аз роҳи заминкан ба рӯю синаи Сафар насими хунук расид. Вай зуд ба заминкан баргашта, сарулибосашро дурустакак пӯшида боз берун омад. Вай дар сари роҳрав робитачии худ Ермаковро, ки ҳама ӯро бештар Ермак ном мегирифтанд, дид. Вай ҷавони миёнақади серкитфу бозуи шӯхтабиате буда, вазифаи худро аз сидқи дил адо мекард.

Ермак, ки ҳозир машғули тоза кардани автомати худ буд, аз омадани Сафар бехабар монд.

– Ту чаро ин қадар автомати худро тоза мекунӣ, гӯё ин, ки ҷанг тамом шуда бошад... – зери лаб хандида гуфт банохост Сафар.

– Аз фурсат фоида бурдан лозим, рафиқ сержанти калон, «зӯри аскар дар силоҳ аскар» мегӯянд. Ҳа, воқеан, хабари навро шунидед, рафиқ сержанти калон? Фармондеҳи сипоҳҳои ҷабҳаи мо Рокоссовский таъйин шудааст.

– Аҷабо, ту ин хел хабарҳои тозаро аз куҷо аз ҳама

пештар мешунавӣ-а? – сабаби доимо хабарҳои нав ба нав ёфта омадани Ермакро донистанӣ шуда, пурсид Сафар.

– Эҳ, рафиқ сержанти калон, аскаре, ки чашми гузарою гӯши шунаво надорад, магар аскар аст? – гуфт Ермак ва зуд қисмҳои тозакардаи автоматро баргашта ҷо ба ҷо гузошта, боз давом дод: – ба ҷабҳаи мо таъйин шудани Рокоссовский, албатта, бесабаб нест, рафиқ сержанти калон.

Вай пас аз ҷо ба ҷо гузоштани қисмҳо, кулангро зер карда чӣ тавр кор кардани автоматро санҷид.

– Фритсҳоро, аз чӣ сабаб бошад, ки дамашон набаромада монд. Боз ягон балои навро сар накунанд, рафиқ сержанти калон?

– Ту чаро гаштаю баргашта маро «сержанти калон» ном мегирӣ? Ту маст ё ҳушёр? – пурсид Сафар, – Ё ин ки барои ту сержанту сержанти калон фарқе надорад?

– Ин хел нагӯед – каме ранҷиданамо гуфт Ермак, – ба даҳонам ягон қатра ҳам нагирифтаам. Наход ман ба фарқи сержанту сержанти калон наравам? Модоме ки дар ин хусус фармон баромадааст, аскар бояд дарҳол итоат кунад.

– Кадом фармон? – ҳайрон монда пурсид Сафар.

– Фармон дар бораи ба шумо додани унвони нав...

– Инро аввалин бор аз ту мешунавам.

– Ин тавр, ки бошад, иҷозат диҳед, рафиқ сержанти калон, аз ҳама аввал ҳам шуморо худам муборакбод намоям.

Ҳар ду ҳамдигарро оғӯш гирифтанд.

Баъд Ермаков дасташро ба кисааш бурду гуфт:

– Ба ҳамин муносибат ба шумо як тӯҳфа ҳам ҳаст.

Вай ба Сафар мактуберо дароз кард. Сафар мактубро саросема кушод. Мактубро Зебӣ навишта, вале дар поёни он се саҳифа пур бошандагони деҳаи Ҷӯйбор имзо гузошта буданд. Имзои якум имзои Мамараҷаб буд.

– «Ҷанговарони азиз, – навишта шуда буд дар он мактуб, – фарзандони вафодори мо! Шумоён шарафёби он шудаед, ки сарзамини муқаддаси Волга, шаҳри қаҳрамон Сталинградро аз тохтутози ӯрдуи гитлерӣ мудофиа намоед.

Матлаб ва супориши мо – падарон ва модарон, хоҳарон ва бародарон, арӯсон ва занон ҳамин аст, ки ҳар як ваҷаби ин сарзаминро мисли замину диёри хуни нофатон рехтаи худ, мисли остонаи хонае, ки дар он ҷо ҳар кадоматон ба воя расидаед, аз дилу ҷон мудофиа кунед! Як қадам ақиб намонда, чунон ҷангед, ки душман аз зарбаатон торумор гардад!

Дар баробари ҳамаи мамлакат бошандагони хурду калони Ҷӯйбор ҳам дар қафои шумо такягоҳи боэътимод мебошанд. То ғалабаи комили шумоён мо ҳам бо меҳнати пурсамари худ ба шумо мадад мерасонем...»

Сафар, худ аз ин бехабар, мактубро бо овози баланд мехонд.

Як вақт чашм аз мактуб канда дид, ки ҷанговарони взвод дар атрофи ӯ ҷамъ омада, ҳар як сатри мактубро бо диққати том гӯш мекунанд...

## БОБИ БИСТУ ПАНҶУМ

Моҳи ноябр бо боронгарӣ сар шуд... Дар осмон танга барин ҳам кабудӣ дида намешуд. Шабу рӯз борони майда борида, қабат ба қабати замин гузашта мерафт. Замине, ки тобистони дароз ва ду моҳи серофтоби тирамоҳ қоқу заранг гашта буд, ҳар як қатраи боронро мисли коғази обчинак ба худ мекашид.

Ин боронгарӣ чор шабу чор рӯз давом кард. Ҷанговароне, ки дар аввали кор аз абру борон миннатдор буданд, дар рӯзи чорум ва панҷум аз он хеле дилгир ҳам шуданд. Ба сангару заминканҳо ва роҳравҳо пой мондан намешуд. Дар баъзе ҷойҳо то буҷулаки пой кас ба обу лой меғӯтид; аз шинел сар карда, то куртаи таги ҷанговарон шип – шилта тар шуда буд. Лойи ин ҷо ҳам, водии Ҳисор барин, хеле часпак буд ва қариб тагчарми мӯзаро канда мегирифт...

Ин обу ҳаво немисҳоро ҳам аз заминкану сангарҳояшон берун намебаровард. Гоҳ аз ин ҷо, гоҳ аз он ҷо пулемётпарронии онҳо аён мешуд ва дигар ҳамаи аскарҳояшон монанди калламуш, ба хандаққҳои худ сар халонда буданд.

Сафар ба даст коғазу қалам гирифт, аз фурсати хо-

мӯшии майдони ҷанг фоида бурда, ба диёраш мактуб менавишт. Дар берун ҳанӯз шибир – шибир борон меборид. Аз заҳи заминкан ва сардии ҳаво ангуштони ба рӯи коғаз лағжандаи Сафар карахт шуда, қаламро дуруст дошта наметавонистанд. Дар ин ҳол вай ангуштонашро ба пеши даҳонаш бурда, бо дами худ гарм мекарду боз мактубнависиро давом медод...

Вай баъд аз навишта тамом кардани се мактуб ҳар кадоми онҳоро секунҷа қад карда, як рӯяшро бо оби даҳонаш камтар тар карда, бо қалами кабуд суроға навишт.

Сафар мактубҳоро ба дасти Ермак, ки дар як гӯшаи заминкан ӯ низ машғули мактубнависӣ буд. дод.

– Вақте ки мактуби худатро навишта шудӣ, ҳамроҳ ба хаткашони рота бурда месупорӣ.

– Хуб, рафиқ сержанти калон, ман ҳам ҳозир тамом мекунам, – ҷавоб дод Ермак ва ба суроғаи мактубҳои аз дасти Сафар гирифтааш чашм давонд. Диққати ӯро мактуби ба номи Зебӣ навишташуда ба худ ҷалб кард.
– Инаш, аз афти кор, ба як каси хеле мӯҳтарам? – пурсид Ермак чашмашро аз мактуб наканда.

– Аз куҷо медонӣ?

– Суроғаву номаш хеле рассомона навишта шудааст.

– Ҳа, – гуфт табассумкунон Сафар, – соҳибаш касест, ки диққати рассомонро ҳам ба худ мекашад...

– Маълум, рассом номашро ҳамин қадар хушрӯ навишта бошад, худаш чӣ хел зебо бошад, – гӯён Ермак шӯхӣ кард.

– Номаш ҳам лоиқи худаш: Зебо. – Сафар симои Зебиро ба пеши назараш оварда, ҷавоб гардонд.

Баъд аз мактуби худро навишта шудан, Ермак нияти рафтан кард. Сафар ба вай ғайр аз супоришҳои расмӣ, дар охири суханаш киноямез гуфт:

– Дар «бюрои ахборотҳои махсус» ин сафар ҳам ягон гапи об норасид ёфт мешудагист?

– Бе ин намешавад, рафиқ сержанти калон, – ҷавоб дод Ермак ва ба рафтан иҷозат гирифт.

Ермак аз заминкан берун баромад ва ҳамоно овози ӯ шунида шуд:

– Ана, барф борида истодааст.

Сафар аз қафои Ермак берун баромад. Ба рӯи вай барфрезаҳо зада об мешуданд. Таги пой ҳам акнун каме ях карда буд...

Ермак аз рота қариби фуромадани торикӣ баргашт. Вай аз заминкан Сафарро наёфта, ба сангари ҷанговарон рафт. Дар роҳ Дадабойро дид.

– Ҳа, Ермак, ба куҷо?

– Сержанти калонро надидӣ?

– Дар заминкан бо ҷанговарон нишастааст.

– Ту ба куҷо? – пурсид Ермак аз Дадабой.

Навбати дар назди пулемёт истодани ман омад, ба окоп.

– Медонӣ? – Ермак ва ба вай чизе гуфтанӣ шуд, аммо боз аз фикраш гашта, илова кард, – хайр, рав, баъд мефаҳмӣ.

Дадабой чӣ гуфтани Ермакро фаҳмиданӣ шуда аз ӯ гашта – баргашта пурсид, Ермак нагуфт, ба ҷои ин ба дасти вай мактуби аз хонааш омадаро дода, ба назди Сафар давид.

Сафар Ермакро дида, ҳамроҳи ӯ ба заминкани худ баргашт. Ермак «ҷинчароғ»-и худаш сохтаро даргиронд. Пилтаи намкашида аввал хира, баъд оҳистаоҳиста равшан даргирифт.

– Хӯш, чӣ хабар? – пурсид Сафар.

– Аввало ҳамин, ки ба шумо якбора се мактуб, – гӯён Ермак аз сумкааш мактубҳоро баровард. Як мактуб аз модар, дигараш аз Зебӣ, мактуби сеюм, ки Сафар дере боз мунтазири он буд, аз лейтенант Осмухин буд. Сафар бо саросемагӣ аз ҳама аввал мактуби Осмухинро кушода, акнун ба вай чашм медавонд, ки Ермак хабари дигареро гуфт:

– Хабари охирини «идораи ахбороти махсус» ҳамин ки, эҳтимол ҳамин шаб ё пагоҳ моро аз ин ҷо кӯчонанд.

Сафар аз хат чашм канда, ба Ермак саволомез нигоҳ кард.

– Чӣ гуфтӣ? Мекӯчонанд?

– Ҳа, мекӯчонанд, – такрор кард Ермак бо қиёфаи ҷиддӣ, – ба ақибгоҳ барои дамгирӣ ва қувваи нав ги-

рифтан. Фармондеҳи рота фармуд, ки шумо зуд ба назди вай ҳозир шавед.

– Ту аз кӣ фаҳмидӣ?

– Робитачии фармондеҳи рота: «махфӣ, аз рӯи ошноӣ ба ту мегӯям, ҳоло ба ҳеҷ кас нагӯй» гуфт. Ман ҳам аз рӯи ошноӣ ғайр аз шумо дигар ба ҳеҷ кас нагуфтам.

– Тамоми дивизия?

– Не, аз афташ, фақат полки мо. Ба ҷои мо полки 447-ум, ки ба қарибӣ дамгирӣ баромада буд, меомада-аст.

Вай дигар мактубҳоро нахонда, ба кисааш андохт ва ба назди фармонедҳи рота – лейтенанти хурд Николаев шитобид.

* * *

Шаби панҷуми ноябр полки 448-ум, ки взводи Сафар дар ҳайати вай буд, мавқеъҳои худро ба полки 447-ум супурда, ба дамгирӣ ба ақибгоҳи дивизия рафт. Истироҳатгоҳи полк аз мавқеи ҳозира панҷ-шаш километр дуратар, дар яке аз сойҳои беҳисоби саҳрои назди Волга буд, ки онро сойи Носково меномиданд.

Сойи Носково майдони ҳамворе буд, ки дар ду тарафаш теппаҳои каҷу килеб кашол буданд, ки дар ҳар ҷо – ҳар ҷои ин теппаҳо камари оббурда, дараҳои хурд – хурд воқеъ буданд. Қисмҳое, ки ба истироҳат ва барои қувваи нав гирифтан аз майдони ҷанг мебаромаданд, ана дар нишебии ҳамин теппаҳо, дар камарҳои оббурда ва дар дараҳо хандақу заминканҳо ва блиндажҳо канда, дар ҳамин ҷоҳо даҳ-понздаҳ рӯз қарор меёфтанд.

Барфи як шабу як рӯз борида замини аз бомбаю гулӯлаҳо сӯрох – сӯрохшударо саросар фаро гирифта, ҳамаи иллатҳои вайро аз чашми кас панаҳ мекард. Агар кас намуди пеш аз бориши барф доштаи ин сарзаминро ба пеши назар наоварад, ҳоло дар рӯи вай аз ҷанг қариб ягон осоре намедид. Барф гӯё докае буд, ки ҷароҳатҳои аз ҷанг дидаи ин заминро рӯпӯш менамуд.

Осмон мисли моҳут каб-кабуд. Шӯълаи офтоб дар

рӯи барфрезаҳо акс ёфта ялт-ялт ҷило медиҳад. Боди сабук ҳар замон чанги барфро аз як ҷо ба ҷои дигар гирифта мебарад ва дар ҳар ҷо – ҳар ҷо рӯи барфтӯдаҳо мисоли мавҷи тунуки баҳр, пасту баланд шона задаанд.

Субҳи панҷуми ноябр ҳамин гуна сар шуда буд.

Қисме, ки Сафар дар он хизмат мекард, худи ҳамон рӯз ба сойи Носково омада, ҷойгир шуд. Сафар бо взводи худ дар ҳайати ҳафт кас як блиндажи то даҳ кас ғунҷандаро ишғол кард. Ҷанговарони вай дарҳол ташаббусу ҳунармандӣ нишон дода, яке дар, дигаре тахтакат, сеюмӣ аз куҷое бочкаи кӯҳна ёфта, печка сохта, манзили нави худро ба тартиб оварданд. Ҳамин тариқ, ба қавли худи аскарҳо «зиндагии осоиштаи ақибгоҳӣ» сар мешуд.

Акнун ҷанговарон, фармондеҳон ва коркунони сиёсии полк дар ин «ҳаёти осоишта» шабу рӯз бо тайёрии ҷангӣ, омӯхтани силоҳҳои ғаниматгирифтаи немисӣ, бо машқи нишонзанию тирандозӣ машғул мешуданд, бахшида ба биступанҷсолагии иди Октябр лексияҳо, сӯҳбатҳо ва ахбороти сиёсӣ мешуниданд, маҷлисҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ мегузашт, ташкил додани маҳфилҳои бадеии аскарҳо, рӯзномаю маҷаллахонӣ ва ҳоказо кори онҳо буд.

Сафар ҳам дар ҳамин ҷо барои ба сафҳои ҳизб даромадан саволнома пур карда, бо тавсияи лейтенант Осмухин, рорҳбари сиёсӣ Ванюшин, старшина Игнатев ва ташкилоти комсомолӣ ба ташкилоти ҳизбии баталйон ариза супурд.

Рӯзи дигар дар арафаи иди 25-солагии Октябр дар взводи Сафар кор боз зиёдтар меҷӯшид. Бо фармоиши ҷонишини фармондеҳи баталйон оид ба корҳои сиёсӣ капитан Володин ба блиндажи взводи Сафар аз радиостансияи алоқачиёни полк симу карнайи радио гузаронида шуда буд. Ҷанговарон деворҳои блиндажро бо плакатҳо ва шиорҳои навиштаи худ зебу зинати идона ҳам доданд.

Сафар ва ҷанговаронаш бо ташаббускорӣ кӯшиш мекарданд, ки истгоҳи ҷузвитоми худро ба пеши чашми меҳмонҳои бегоҳӣ меомадагӣ – ба ҷанговарони ди-

гар ҷузвитомҳои баталйон ва фармондеҳону сардорон ҳарчи зиёдтар зебо, озода ва батартиб нишон диҳанд ва бо ҳамин ҳаваси онҳоро оваранд.

Ҳанӯз соат шаш нашуда, блиндажи взводи Сафар бо ҷанговарон, фармондеҳон пур шуд. На танҳо аз ин баталйон, ҳатто аз ҷузвитоми ҳамсоя ҳам одамон омада, то роҳравҳои блиндаж нишаста ва рост истода мунтазири гап задани карнайи радио буданд.

Дар ҳамин асно фармондеҳи баталйон ва ҷонишини вай оид ба қисми сиёсӣ даромада омаданд. Ҳозирон онҳоро рост истода пешвоз гирифтанӣ буданд, ки фармондеҳи баталон ба нишастан иҷозат дод.

Аз мобайн дере нагузашта карнайи радио хишир – хишир овоз баровард ва сигнали ба ҳама шиноси радиостансияи Маскав диққатро ба худ ҷалб кард. Ҳозирон аз нав ба ҳаракат даромада, ба карнайи радио наздиктар рафта, ба якдигар ҷафстар менишастанд.

Ниҳоят, овози буррои ровии шинос хонаро пур кард. Вай баъд аз якчанд дақиқа сар шудани шунавонидани маҷлиси тантанавии Шӯрои шаҳри Маскавро хабар дод. Ҳама нафас ба дарун кашида, чашм ба сӯи карнай дӯхта, ҳушу ёд дар Маскав менишастанд. Блиндажи пур аз одам дар ин дақиқаҳо чунон хомӯш буд, ки гӯё, ки дар он ягон кас набошад. Баъд хомӯширо гулдурроси қарсакзаниҳо вайрон кард. Баробари қарсакзанӣ ва садоҳои табрик, ки аз карнайи раио баланд шуд, дар блиндаж ҳам фавқулода ҷунбиши бетоқатона ба амал омада, бо ташаббуси кадом як аскар дар ин ҷо ҳам қарсакзанӣ баланд шуд.

Ҳангоме ки раисикунанда ба Сталин сухан дод, дар блиндаж боз хомӯшӣ ҳукмрон шуд.

Ҷонишини фармондеҳи баталйон оид ба қисми сиёсӣ капитан Володин, ки марди синнаш тахминан аз сӣ гузашта буд ва мӯйсари зичи мошу биринҷи ҷингила дошт ва аз қаду басташ, қиёфааш ҷавони хушҳол менамуд, аз аввали маърӯза то охир аз дафтарчаи ёддошти ба болои зону ниҳодааш сар набардошта, бетанаффус менавишт. Дар мобайни қарсакзаниҳо бошад, баъзе суханҳои дуруст нашунида мондаашро аз касони дар паҳлӯяш нишаста пурсида мегирифт.

Баъд аз тамом шудани маҷлиси тантанавӣ, ҷанговарон хеле вақт аз ҷояшон наҷунбида, ба мубодилаи афкор, саволу ҷавоб гузашта, баъзеҳо дар бораи кай ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузаштани Артиши Сурх, баъзеҳо дар бораи ҷабҳаи дуюми муттаҳидон, баъзеҳо дар бораи захираи ҳарбии шӯрой ва олмонӣ худ ба худ хулосаҳо мебароварданд.

Ҷонишини фармондеҳи баталйон капитан Володин ба ҷанговарон муроҷиат карда пурсид:

– Ҳамааш равшан фаҳмида шуд?

– Равшан, рафиқ капитан, – овозҳо баланд шуданд.

– Савол доред?

– Ҳаст, рафиқ капитан, – гуфт як аскаре, ки дар поёнтар дузону менишаст ва бо иҷозати капитан пурсид: – Агар ҷабҳаи дуюм сар шавад, аз куҷо кушода мешавад?

Капитан ба ҷавоб сар накарда, робитачии Сафар Ермак аз ҷои нишастааш ғурунгос зад:

– Гап аввал дар зудтар кушодан аст... Ҷои кушодан бошад, ҳазорта.

Володин ин гапи Ермакро ҳам тасдиқ карду сонӣ аз кадом нуқтаи Европа мумкин будани кушодани ҷабҳаи дуюмро гуфт. Дар ин асно боз кадом як ҷанговар аз кунҷи ториктари блиндаж овоз баровард:

– Ин не, вай не, аз ҷабҳаи дуюми ҷаноби Черчилл ғалабаи ҷабҳаи худамон наздиктар аст.

– Мумкин аст, ки ҷабҳаи дуюмро ба ҷаноби Черчилл худи мо рафта кушода диҳем, – гуфт боз як аскари овозғафс.

– Ҳозир Гитлер ҳам аз ин кашолдиҳии ҷанобони англису америкоӣ беҳад миннатдор гашта, ба саломатиашон бояд қадаҳ ҳам бардошта бошад? – гӯён старшина Игнатьев ба капитан Володин нигаҳи маънидор кард. Фармондеҳи баталйон ва Володин аз хушгӯиҳои аскарон завқ карда, ба якдигар чизе гуфтанд. Хандаи аскарон баланд шуд.

* * *

«Дар кӯчаи мо ҳам ид мешавад!»

Рӯзи дигар ин ҷумла (аз фармони Комиссари

Халқии Мудофиа) вирди забонҳо буд. Ин ҷумла ба ҳама рӯҳи тоза, шодмонии бепоён мебахшид.

– Канӣ акнун ба болои ҳамин қадар хурсандӣ як табақ палави равғанини дастӣ бошад... – гӯён Дадабой ба Сафар муроҷиат кард.

– Серқаланфуру серсабзии фарғонагӣ – я! – саволомез нигоҳ кард, Йӯлчӣ ва аз гуфтаи худаш даҳонаш об кушод...

– Аз командири рота як илтимос кунем-чӣ, элликбошӣ, – гуфт ба Сафар Дадабой, ки аз командири взвод шудани Сафар ӯро ба ҷои «даҳбошӣ» «элликбошӣ» меномид, – аз ҳисоби ҳиссаи худамон мумкин аст, ки камтар биринҷ ва гӯшту равған диҳад. Дар айёми ид худам як палавҷонтӯрае мекардам, ки мурда хӯрад, зинда мешавад.

Сафар ҳам ботинан айни муддао будани ин таклифро тасдиққунон гуфт:

– Аввал донистан даркор, ки худи биринҷ ҳаст ё не: – гӯён Сафар Ермакро ҷеғ зада пурсид. – Ермак, дар умрат ягон бор палави моро хӯрда будӣ?

– Аз ҷанговарон мешунидам, лекин ҳеҷ надидаам ва нахӯрдаам, – ҷавоб дод Ермак.

– Оё ту медонӣ, дар ошхонаамон биринҷ бошад?

– Биринҷ ҳар қадар ку хоҳед, рафиқ сержанти калон, аммо сиёҳбиринҷ камчинтар, дирӯз ошпаз дар ин бора аз икмолгар нолида буд.

– Ана, биринҷ ки бошад, корҳо ванг, – хурсанд шуда гуфт Йӯлчӣ.

– Канӣ, элликбошӣ-ако, – илтимос кард Дадабой, – дар айёми ид як каромот нишон намедиҳӣ?

Сафар барои ба фармондеҳи рота изҳор кардани ин хоҳиш баромада рафт. Йӯлчию Дадабой, чуноне ки «пеш аз ид нақора» мегӯянд, дарҳол нақшаи дегу оташдон тайёр карданро кашида, Ермакро ба кор даровroutанд. Ермак дегу табақёбиро ваъда дод, Йӯлчӣ дар беруни блиндаж ҷои оташдонро ҳам тайёр кард. Онҳо бетоқатона берун баромада, дарун даромада, омадани Сафарро мепоиданд. Дар охир Сафар аз дур намоён шуда буд, ки Дадабой наздиктар омадани Сафарро мунтазир нашуда, саросемавор овозашро ба-

ланд сар дода пурсид:

– Шер ё гурба?

Сафар ҷавоб надода, хомӯш омадан гирифт.

Аз хомӯш омадани Сафар тарбузи Дадабою Йӯлчӣ аз бағалашон афтид...

– Оббо, кор чатоқ шудааст-дия, – афсӯс хӯрда гуфт Йӯлчӣ.

– Ё элликбошӣ ба гап дурусттар ҷома пӯшонда натавонистагӣ, ё калонҳо розӣ нашудаанд, – гуфт Дадабой.

– Дар командирӣ-ку Сафар устухон надорад, – гуфт Йӯлчӣ, – дар ин хел корҳое, ки аз калонҳо ягон чиз илтимос кардан лозим аст, лабу лаҳҷааш камтар...

– Бисёр хондагӣ-дия... – гуфт бо кадом як хулоса Дадабой. Сафар ба болои гапи онҳо расида омада, бо нигоҳи ҷозибаноки ба худ хос «шер» гуфт. Дадабой ва Йӯлчӣ ба ҳамдигар нигоҳ карда монда, аз гапҳои ҳозир дар ҳаққи Сафар гуфтаи худ хиҷолатомез як дам хомӯш шуданд.

– Ҳа, чӣ шуд, магар аз нияти худ даст кашидед, ки хомӯш мондед?

– Не-е, – гуфтанд онҳо.

– Набошад, чаро мисли кару гунг ба якдигар нигоҳ карда мондед?

Дарҳол Дадабой сирро бой надода, баҳона ёфт.

– Дар фикри пайдо кардани дег, ҳезум ва оташдон ҳастем.

– Ҳеҷ фикр кардан лозим нест, – гуфт Сафар, – ҳозир Ермак рафта ҳамаашро гирифта меорад. Фақат оташдон кофтан ва ош пухтан тани шумоён. Ҳа, воқеан, бехӣ нест, мегӯянд.

Дадабой ба Сафар шодона чашм дӯхта қариб ӯро ба оғӯш кашиданӣ шуда гуфт:

– Э, қоил ман, элликбошӣ... Заб кор кардед-дия... Ана мо бо Йӯлчӣ дар як дам оташдон ҳам тайёр мекунем.Як бехӣ набошад, илоҷаш осон.

– Ба ҷои бехӣ лаблабу ё картошка бошад ҳам, мешавад, – гуфт Йӯлчӣ.

Ҳамин тавр, дар ин сойи аз хатти пеши ҷанг на он қадар дур, дар деги чӯянини мурӯдшакли русӣ зирбаки

оши палав ҳам ҷӯшид... Бӯи хуши зирбаки биқир – биқир ҷӯшанда, ки ба машом мерасид, ба ин намояндагони ду миллати палавхӯри Осиёи Миёна бегоҳиҳо дар хона ва рӯзҳои истироҳат бо ёру ҷӯраҳо ҳарифона палавзании замони осоиштаро ба хотир меовард.

Дар ҳақиқат ҳам кас гӯши худро ба карӣ зада, садоҳои гоҳ баланд, гоҳ паст аз дур ояндаи тӯпу туфангҳоро нашунавад, ба шароити ҳарбии гирду атроф эътибор надиҳад,ҳамин соатҳо ҳам аз замонҳои осоишта қариб фарқе надошт. Гӯё ки ёру ҷӯраҳо аз рӯи одат рӯзҳои ид ба саёҳати саҳро баромада, оши ҳарифона ташкил карда бошанд...

Рӯҳияи ҷанговарон ҳам идона буд. Сарулибоси нави зимистонӣ дар тан, ришу мӯйсарҳо тарошидагӣ, илова бар ин, аз шароби идона як қадар ширакайф будани онҳо тасдиқ мекарданд, ки одами ин мамлакат дар ҳар шароит метавонад санаи таваллудёбии Ватани шӯроӣ – макони бахти инсони меҳнаткашро бо сарбаландӣ ҷашн гирад.

Сафар бо ҳамин хаёлҳо ба алави оташдон, ки ба чор тараф шарора мепошид, чашм дӯхта менишаст. Ҳар ду рухсори ӯ ҳам мисли лахчаи ҳамин оташдон лолагун шуда буданд. Боди аёси аз ғарб вазандаи гашти рӯз ба вай таъсир намекард. Аз аёс гармии алави оташдон зӯртар буд.

Лекин боди шуми аз ғарб вазанда ба гӯши Сафар овози нофорами ҳавопаймоҳои «Юнкерс» – ро, ки кайҳо боз ба ӯ шинос буд, оварда расонд. «Юнкерс»-ҳо дар уфуқ аввал қатраи сиёҳии ба рӯи коғаз афтода барин намоён шуда, баъд торафт шакли хунуки худро аёнтар месохтанд.

– Ба ҳамин тараф меоянд.. – гӯён Сафар ба тарафи ҳавопаймоҳои немис чашм дӯхт.

– Як... ду... се... чор... панҷ... – мешумурд Ермаки ростистода.

– Эҳтимол дар ақибгоҳ ягон ҷойро нишон гирифта бошанд... – гуфт Дадабой бо телпакаш чашмашро аз офтоб панаҳ карда.

«Юнкерс»-ҳо аз болои сари онҳо гузашта рафта,

баъд аз як-ду дақиқа боз баргаштанду баъд бо ғурриши сахт ба ҳар сӯ паҳн шуданд.

– Мисли калхоте, ки аз пайи чӯҷаи мурғ афтода бошад, аз роҳ баргаштани ҳаромиҳоро бинед... – гуфт Дадабой.

– Боз ба димоғаш бӯи палави ту нарасида бошад? – Сафар ҳазломез гап партофт.

– Ин хел нияти бад накун, хонемон месӯзад-а... – ҷавоб дод Дадабой.

– Ана, якташ ба ҳамин сӯ меояд... –ногоҳ бо ҳаяҷон садо баровард Ермак ва якбора аз оринҷи Сафар маҳкам дошт. Дар ҳамин асно таркише, ки аз қарибӣ болои ҳам шунида мешуд, ҳаворо ларзонд. Аз паси вай як «Юнкерс»-и дигар ба болои сари Сафар ва шарикони вай омада, яктарафа нишеб рафта, ғурриши гӯшкаркунандае бароварду аз шикамаш сиёҳ-сиёҳ ду бомба партофт. Ҳама ба блиндаж давиданд. Фақат Дадабой дар берун монд. Сафар ӯро фарёд кард, ҷавобе нашунид. Таркиши бомба чунон наздик буд, ки мавҷи ҳаво тирезаи хурдакаки ба шарқ нигоҳкардаи блиндажро аз ҷояш кӯчонда, дари кушодаро бо зарби сахт ду-се бор ҷунбонд. Блиндаж аз хоку чанг пур шуд. Дар ҳамин хел як фурсати серхатар кадом як аскар аз ҷои нишастааш ширинкорона гап партофт:

– Ана, ба шумо зиндагии осоишта, бо мусиқиаш...

Ин сухани вай ҷанговаронро маҷбур кард, ки ханданд. Ермак ҳам ба гапи вай ҳамроҳ шуда гуфт:

– Боз мусиқии нақорадор...

Баъд аз якчанд вақти хомӯш шудани «мусиқии нақорадор» Сафар берун баромад. Дар сой дуди ғафс паҳн мешуд ва чашм ҳеҷ чизро дида наметавонист. Сафар ба сари оташдон рафта хам шуд. Аз оташдони бедег ба рӯи вай тафси оташ расид. Сафар ба гирду пешаш нигоҳ карда, на дегро ёфту на Дадабойро. Вай акнун номи Дадабойро гирифта, фарёд карданӣ буд, ки дар тарафи теппаи чапи сой боз як «Юнкерс» уллос кашида, аз шикамаш як чизи паҳни мудавварро ҷудо кард.

– Ӯҳ, аз афташ чархаш канда шуд, – гуфт яке аз ҷанговарон, ки дар даромади блиндаж ҳозир ба ҳар ҳоди-

са меистод.

– Чарх дар куҷо. Лаънатӣ гӯё моро таҳқир карда, чархи бричкаро партофт, – ҷавоб дод Ермак. Баробари ҷавоби вай ҳамон «Юнкерс»-и чархпартофта, ки як давр зада, роҳи пастгардиро гирифтанӣ буд, якбора аз пеши муҳаррики худ дуди сиёҳ бароварда мувозинатро гум кард ва болҳояшро ба чапу рост се-чор маротиба ҷунбонда сарозер рафт. Ҳамон замон дар ҳаво садои мудҳише паҳн гардид.

– Офарин, кадом зенитчии нишонзани мо ҳам боб карда қасосашро гирифт... – гӯён Сафар се-чор ҷанговарони худро ҳамроҳи Ермак ба он тарафе, ки ҳавопаймои немисҳо афтод, фиристод ва худаш боз ба ҷустуҷӯи Дадабой шуда, ӯро фарёд кард. Аз ким-куҷо овози нимғурмаи вай шунида шуд.

– Дегро биёре, мазаи зирбак рафт, – гуфт бо овози баланд Йӯлчӣ.

Дадабой аз он оббурдае, ки аз блиндаж даҳ-понздаҳ қадам дуртар буд, сарулибосаш барфу лойолуд намоён шуд. Дар дасти вай чизе набуд. Йӯлчӣ боз дегро пурсид. Дадабой аз набудани дег пай бурда, давон – давон омад.

– Дег канӣ? – пурсид Сафар.

– Шумо медонед.

– Мо аз куҷо донем?

Ҳама ба дегкобӣ афтоданд. Вақте ки Йӯлчӣ ба болотари блиндаж баромад, даҳ-понздаҳ қадам дуртар аз вай деги чӯянӣ чаппагардон хобида буд...

– Нияти бади элликбошӣ шуд-дия, нагуфтам? – бо ҳасрат пушти сарашро хорида оҳ кашид Дадабой. Сафар аз ин ҳодиса ва аз вазъияти ғамангези Дадабою Йӯлчӣ ҳам афсӯс мехӯрд ва ҳам хандааш меомад. Дар ҳамин вақт ба сӯи блиндажи онҳо фармондеҳи баталйон ва рота омада монданд. Сафар аз воқеаи рӯйдода онҳоро огоҳ кард.

– Ин ҳодисаи ҳам гиряю ҳам хандаовар шудааст, – гуфт фармондеҳи баталйон ба «алам»-и Дадабою Йӯлчӣ шарик шуда. Пас аз ҳолпурсӣ ба Сафар гуфт: – Зарар надорад, палави якум насиб накарда бошад, даррав аз пайи дуюмаш шавед. Мо он қадар ҳам кам-

бағал нестем, ки хоҳиши ҷанговаронро амалӣ карда натавонем. Тайёр шавад, мо ҳам ба меҳмонӣ меоем...

– Бо ҷону дил, биёед, рафиқ комбат, – ҷавоб дод Дадабой аз хурсандӣ дигар чӣ гуфтанашро надониста.

Деги чӯян боз ба оташдони ҳанӯз оташаш хомӯшнашуда гузошта шуд. Сафар ба зери вай боз ҳезум монд. Алангаи вай ин сафар аз аввала ҳам баландтар авҷ гирифта, гармияш ба ҷанговарони дар гирду атроф нишаста ҳам рафта мерасид.

Дере нагузашта Ермак аз ҳамон тарафе, ки ҳавопаймои немис сарнагун шуда буд, баргашта омад.

– Як ҳавонаварди немисро зинда асир гирифтанд, дуюмаш дар ҳамон ҷо сӯхта мурд, – хабар дод вай ба Сафар.

– Ҳавонаварди асир гирифташударо чӣ кор карданд?

– Ҳӯ ана, зенитчиён пеш андохта мероранд.

Аз пеши блиндажи Сафар немиси сарлучи зардина ва тамоми рӯяш хуншор, ки дар либоси кабудчаи нимсӯхтаи ҳавонавард ӣ буд, дасти росташро бо дасти чапаш дошта, сархам лангон-лангон пой монда меомад...

– Палид, акнун аз нигоҳ кардан ҳам шарм мекунад, – гуфт кадом як ҷанговар.

– Ба вай аз осмон нигоҳ кардан осон буд, – илова кард Ермак, – дар рӯи замин бошад, мурғи посӯхтааст...

* * *

Баъд аз ду-се рӯзи ба дамгирӣ баромадан, ба ҷузвитомҳои полки 448-ум ҳам пай дар пай қувваҳои нав омада, полк боз ба қатори қисмҳои мукаммали ҳарбӣ мегузашт.

Взводи Сафар ҳам рӯз аз рӯз миқдоран афзуда, ба ҷангҳои нав хуб тайёрӣ медид.

Аксари ҷанговарони нави ин взвод аз миллатҳои Осиёи Миёна буда, қариб ҳамаашон аскарҳои ҷангдидае буданд, ки аз бемористонҳои ҳарбӣ шифо ёфта омадаанд.

Сафар Одинаев, ки ҳоло ба ҷои отделения взводи

пурраро идора мекард, баробари дигар фармондеҳоне, ки рутбаи афсарӣ доштанд, ҷанговарони худро монда нашуда таълиму тарбия медод.

Ҳар як рӯзе ки Сафар ва ҷанговарони вай дар ин панҷ-шаш километр дуртар аз хатти пеши ҷанг мегузарониданд, аз рӯзҳои машаққатноки майдони ҷанг монданӣ надошт.

Рӯзе, ки Сафар бо ҷанговаронаш усулҳои зер карда гирифтани нуқтаи оташфишонии оҳану бетонии душманро машқ мекард, ба маҳаллаи машқ бо ҳамроҳии фармондеҳи дивизия, фармондеҳи полк ва баталйон, инчунин фармондеҳи артиш, ки ин дивизия ба ҳайати ҳамон армия дохил буд, омаданд. Сафар дарҳол бо тамоми қоида рӯ ба рӯи генерале, ки телпаки қарокӯлии кабуд ва пӯстини чармин пӯшида буд, омада гузориш дод:

– Рафиқ генерал – лейтенант! Взводи дуюми тирандозии ротаи якуми баталйони сеюми полки 448-ум машғулияти тактикӣ мегузаронад. Иҷрокунандаи вазифаи фармондеҳи взвод сержанти калон Одинаев.

Генерал баъд аз шудани гузориши Сафар, амри «озод» дода, дасти серпашми худро ба Сафар дароз карду пурсид:

– Чанд вақт боз дар артиш ҳастед рафиқ Одинаев?

– Як сол шуд, рафиқ генерал.

– Дар ҷабҳа-чӣ?

– Ҳафт моҳ боз, рафиқ генерал.

– Ҷангро аз куҷо сар кардед?

– Аз назди Ростов.

– Аз назди Ростов то ин ҷо ҳамеша қафо нишаста омадед? – пурсид генерал чашмони кабудчаи милкҳояш сергӯшти худро бо як сирдонӣ ба сӯи Сафар дӯхта.

– Не, рафиқ генерал, рӯзҳои ба ҳуҷум гузаштаамон ҳам шуд.

– Захмдор нашудед?

– Як бор аз қабурғаи ростам.

– Сахт ё сабук?

– Як қабурғаамро оҳанпораи мина бурида рафта буд.

– Чанд маротиба мукофотонида шудаед?

– Ҳанӯз мукофот надорам, рафиқ генерал.

Генерал ба фармондеҳи полк норозиёна нигоҳ кард.

– Чӣ, магар бад ҷанг кардааст?

– Не, рафиқ фармондеҳи артиш, – ҷавоб дод фармондеҳи полк майори серришу мӯйлаби миёнақад, – дар ҷангҳои охир ҳам ба взводи камодам фармондеҳӣ карда, хеле устуворӣ нишон дод. Ҳамин рӯзҳо ба ордени Ситораи Сурх пешниҳод кардем.

– Дар бозгашт нусхаи нави фармонро тайёр кунед, – ман имзо мекунам. Дар худи ҳамин ҷо месупорем.

– Хуб, рафиқ генерал, – ҷавоб дод фармондеҳи полк.

– Шуморо бо ордени Ситораи Сурх мукофотонида, хоҳиш мекунам минбаъд ҳам боз мардонавортар ҷангед, рафиқ Одинаев.

– Ба Иттиҳоди Шӯравӣ хизмат мекунам, рафиқ генерал... – Дар овози Сафар ҳаяҷон, дар симояшш шодмонӣ ҳувайдо гашт.

– Аҳволи ҷанговаронатон чӣ тавр? – пурсид генерал.

– Хуб аст, рафиқ генерал, – ҷавоб дод Сафар, – ҳамаашон «кай ба ҳуҷум мегузашта бошем» гуфта мепурсанд.

Генерал мамнунона табассум карду бо тамкин ҷавоб дод:

– Вақташ ояд, мегӯем.. Бигузор, ҳозир ана ҳамин хел бисёртар машқ кунанд.

Дар охир фармондеҳи артиш, ки худи вай низ аз аскар то рутбаи генерал – лейтенантӣ сабзида расидааст, нисбат ба сержанти калон Сафар Одинаев, ғайри чашмдошти ҳама, ба таври қатъӣ якбора боварии калон зоҳир карду дар худи ҳамин майдони машқу таълим ӯро боз ба як зина боло баровард; ба дасти вай ҳаёт ва мамоти як взводро расман ва доимӣ супурда, фармондеҳи взвод таъйинаш намуд.

Сафар дар фурсати аввал сухани генералро рад карда натавониста, дарҳол вазифаи фармондеҳии взводро расмӣ ба зиммааш гирифту баъдтар ба ҳар гуна фикру хаёлҳо рафта, аз ин кори кардааш як қадар пушаймонӣ кашид.

«Ҳоло, ба ҳар ҳол, дуртар аз майдони ҷанг ҳастем, –

аз фикраш мегузаронд Сафар, – аммо пагоҳ – фардо, ки ҳамаи ин одамонро ба хатти пеши ҷанг бароварда, дар зери оташу тӯфони тӯпу туфангҳо идора кардан, на танҳо идора кардан, бештар аз он, ба марзи душман ба ҳамлаи қатъию беамон пеш бурдан, аз ҷангҳои хунини шадид ғолиб баровардан лозим меояд, дар он сурат оё вазифаи ба зимма гирифтаи худро дуруст адо карда метавониста бошам? Агар мабодо аз ӯҳдааш баромада натавонаму ба сари ин қадар фарзандони халқ ягон офати ногаҳониеро оваронам, баъд чӣ мешавад? Дар он ҳол аз ин вазнинтар азоби рӯҳӣ ва аз он сахттар гуноҳи ҳарбӣ хоҳад буд?..»

Ин фикру мулоҳизаҳои бесару нӯг шабу рӯз сари Сафарро ба дард оварда, дили ӯро мефишурданд... Бо вуҷуди ин, Сафар ба ҳеҷ кас ин дарди худро ошкор намесохту ҳарчи бештар кӯшиш мекард бо ҷанговаронаш дурусттар ва ҷиддитар машғул гардад. Аммо, ҳамин ки аз машғулият баргашта, дар заминкан танҳо нишаста мемонд, боз аз масъулияти ба зиммааш афтода ваҳм гирифта ба чӣ хаёлҳое, ки намерафт.Баъзан ҷанговарон аз камгапу ҷиддӣ шудани Одинаев худ ба худ хулоса бароварда мегуфтанд:

– Акнун Одинаев кӯшиш мекунад худро ҳарчи бештар фармондеҳи калон тарошад.

– Ҳатто рӯзе робитачӣ Ермаков ин гапи ҷанговаронро ба ӯ гӯшрас намуд. Одинаев ба ҷои бадқаҳр шудан зери лаб ришханд карду дар дилаш гуфт: «Ҷанговарон ҳам зоҳиран мефаҳманд, ки ҳоло ман ба ин вазифа чандон лоиқ нестам» ва аҳд кард, ки ба сардорони худ арз мекунаду ҳар навъе карда, аз ин вазифа даст мекашад. Дар айни ҳамин фикру хаёл ӯро ба шӯъбаи сиёсии дивизия даъват карданд. Сафар бо хушнудӣ ба он ҷо шитобиду ба худ қавл дод, ки ба воситаи сардори шӯъбаи сиёсӣ полковник Копейкин аз пайи иҷрои талаби худ мешавад.

Вале дар шӯъбаи сиёсии дивизия кор тамоман сурати дигар гирифт. Бо полковник Копейкин дар хусуси арзу талаби Сафар фурсати гап задан ҳам нашуд.

– Муборак бошад, рафиқ Одинаев, – Сафарро дар рӯ ба рӯи мизи худ шинонда бо чеҳраи кушоди меҳру-

бонона гапро якбора аз табрик сар кард сардори шӯъбаи сиёсӣ, ки марди харобаки қоматбаланд ва батамкин буд, – ба шумо фармондеҳи артиш боварии хеле калон изҳор кардааст, бешубҳа, меарзад.

Сафар мехост дар ҳамин дақиқа арз кунад, ки вай ба фармондеҳии взвод ҳанӯз худро лоиқ намешуморад. Аммо фурсати даҳан кушодан ҳам нашуду полковник билети номзадӣ ба узвияти ҳизбро аз рӯи мизаш гирифта, ба Сафар дод ва дасти рости ӯро ба дасти калони ангуштонаш дароз-дарози худ гирифта гуфт:

– Ин билет бошад, рафиқ Одинаев, шаҳодати дигари боварии Ҳизби кабири Коммунистон аст, сазовори ин бовар хизмат кунед, кор нишон диҳед. Ин аст аввалин ва олитарин вазифаи шумо!

Сафар, ки билети ҳизбиро дар дасти чапаш маҳкам дошта, гоҳ ба он, гоҳ ба чашмони полковник бо ҳаяҷон нигоҳ мекард, «хуб, рафиқ полковник... раҳмат рафиқ полковник... то дар тан ҷон дорам, ба хизмати ҳизб ва халқ тайёр ҳастам» гӯён, канда – канда гап мезад.

– Дар ҷангҳои ҳалкунандаи рӯзҳои наздик, – гуфт полковник Копейкин, – ба взводи шумо, ба худи шумо, ҳамчун фармондеҳи коммунист, муваффақият ва ғалабаҳои шоёни таҳсин орзу менамоям. Ба ҳамаи ҷанговарони взвод салом расонед.

Сафар билети ҳизбиро ба кисаи сари синаи чапаш гузошту бо полковник бори дигар самимона хайрухуш карда, берун баромад. Вай ҳоло ба взводаш на ба он ҳолати рӯҳӣ, ки то ба ин ҷо омадан дошт, бармегашт. Чеҳрааш тамоман беғубори андаке ғурурнок, чашмонаш равшан, қадаммониҳояш далерона буданд. Вай ба гирду пеш, ба одамон бо ҳисси фараҳбахши аҷиб назар меафканд. Дар дилаш орзую умедҳои наве ҷӯш мезаду гӯё ба вай ғайрат болои ғайрат зам мекард. «Ман номзади Ҳизби Коммунистон!» бо як ифтихори беҳадду канори ботинӣ дар дилаш такрор мекард ӯ ва ҳар бори такрор кардан гапҳои полковник Копейкин дар пеши гӯшаш баргашта садо медоданд:

– Сазовори ин бовар хизмат кунед, кор нишон диҳед!

– Албатта аз дилу ҷон хизмат мекунем, – қатъӣ аз дил мегузаронд Сафар.

Вай дар ҳамин ҳолат ба взводи худ баргашт ва зуд се-чор рафиқони қадрдони худро ёфта, бо ҳаяҷон ба нақл кардани таассуроти имрӯзаи худ сар кард...

Дадабой, Ермак, Йӯлчӣ ва дигарон аз ду паҳлӯи Сафар нишаста, гапҳои ӯро бо диққат мешуниданд ва ҳамчун дӯстони қадрдони ҳамнабарди ӯ аз сабзишу ба зинаҳои баландтари обрӯю эътибор боло бардошта шудани фармондеҳи худ аз таҳти дил шодӣ мекарданд.

Сафар баъди ҳикояи худ рафиқонашро рӯҳбаланд карда гуфт:

– Аз афташ, акнун дар соҳили Волга заминканиҳои мо ҳам ба охир расид...

– Канӣ, кошкӣ, рафиқ сержанти калон, – мегуфт як аскари навомада, – ин сафар аз ҳамин саҳрои бепоён онсӯтар наҷунбем, намешавад... Охир панҷ бор ба госпитал рафта, панҷ бор ҳам боз ба ҳамин ҷо баргашта меоям. Коркунони бемористонҳо, ки дар ҳамин наздикиҳо ҳастанд, ошнои даҳсола барин, аз дар надаромада, «шумо боз омадед?» гӯён бо тааҷҷуб пешвоз мегирифтагӣ шудаанд.

– Худамон ҳам монанди тойи қантар кардашуда ҳастем, бародар, – мегуфт Дадабой гап дода. – Як ишора шавад, беист рост аз он чаккаи дунё рафта мебаромадем.

Ниҳоят, навбат ба полки Сафарино ҳам омад. Шаби ҳафтдаҳуми ноябр вай аз ҷои истироҳат ба по хест.

Шаб торик, бӯрон буд... Боди тунду тез ба сар бардоштан, гоҳ роҳ рафтан имкон намедод. Барфрезаҳои майдаи лӯнда ба замин ва ба рӯи сарулибос афтода, мехча барин маҳкам часпида мемонданд.

Ҷанговарон дар по пима, дар тан шиму камзӯли пахтаноке, ки аз болояш масихалат пӯшида буданд, дар сар телпаки гӯшакдор, дар китф борхалтаю аслиҳи шахсӣ дар ин торикию бӯрон дар замини яхбаста маҳкам – маҳкам пой монда, ба хатти пеш мерафтанд. Дар зери пои онҳо яху барф ғиҷирросзанон нолиш мекард.

Сафар ҳам дар ҳайати полк, дар сари ҷанговарони

взводи худ истода, ҳамроҳи онҳо аз оғӯши боду бӯрон ба хатти пеши ҷанг бардам пой монда мерафт.

## БОБИ БИСТУ ШАШУМ

Полк ин дафъа аз чаптари деҳаи Ерзовка ҷой гирифт. Дар пеш пастхамӣ, сонӣ баландии ҳамвор, баъд боз як сое менамуд, ки вай қад – қади тарафи шарқии деҳа тӯл кашида буд.

Взводи Сафар дар рӯ ба рӯи ана ҳамин сой дар теппачаи гунбазшакл ҷойгир шуд. Худи ҳамон шаб як гурӯҳ ҷанговарон сангарҳои кӯҳнаи барфзеркардаро тоза карда, баъзеҳо аз худи барф сангар сохта, то субҳ ҳамаи корҳои тайёрии хатти мудофиавиро ба анҷом расонданд.

Баъд аз боду бӯрони дишаба, субҳи ҳаждаҳуми ноябр аз одат берун хомӯш шуд. На аз тарафи мавқеи немисҳо садои ягон тир мебаромад ва на аз тарафи мавқеи мо.

Аз мавқеи взводи Сафар дида мешуд, ки чӣ тавр аскарҳои немис ҳар замон бо белчаҳояшон ба хоктӯдаи сангар ва заминканҳо барф мепартоянд.

Дар худи Ерзовка «пашша ҳам пар намезад». Немисҳое, ки дар он ҷо қарор гирифта буданд, дар заминканҳои то даруни деҳа дарозкашида ҷойгир буданд. Аз аҳолии деҳа касе ба чашм вонамехӯрд.

Дар ин ҷо мудофиаи немисҳо хеле мустаҳкам буд.

Онҳо даромадҳои Ерзовкаро бо ду қатор симхор, майдонҳои минакоришуда ва се қатор заминканурохҳои алоқа иҳота карда буданд. Аз ин деҳа ба тарафи шарқи ҷанубӣ роҳи васее воқеъ буд, ки аз қарибии дарёи Волга ба Сталинград мерафт ва ин роҳ қисми дар шимол будаи сипоҳии немисро бо қисмҳои ба тарафи рости Сталинград, яъне бо қисмҳое, ки то соҳили Волга рахна карда даромада буданд, вобаста менамуд. Ба деҳа ва ба роҳи Сталинград ҳукмрон будани немисҳо имкон медод, ки сипоҳи ба паҳлӯи рости Сталинград баромадаи худро аз зарбаи қисмҳои мо пешгирӣ намояд ва аз шимол ёрӣ ба мудофиакунандагони шаҳр ёрирасониро номумкин гардонад.

Полки майор Голубев дар ҳамин маҳалли аз ҷиҳати тактикӣ ва стратегӣ муҳим қарор гирифта буд. Инро аз ҳар як ҷанговари қаторӣ сар карда то фармондеҳони калони полк хуб دониста гирифта буданд ва онҳо дар дил он умедро доштанд, ки ба Сталинград ҳамчун яке аз аввалин қисмҳои ҳуҷумкунанда рахна карда медароянд.

Сафар ҳам аз ҷумлаи ҳамонҳо буд. Вай ин соату ин рӯзро бо бетоқатӣ мунтазир мешуд. Ҳоло вай дар муқобили немисҳо мисли пештара бо ҳафт кас не, балки бо қувваи аз он чор-панҷ баробар зиёдтар меистод. Канӣ акнун, ҳамин соату ҳамин рӯз фармон шаваду вай взводи худро ба сари душмане, ки панҷ моҳи дароз ин сарзаминро помол мекард, ба ҳуҷум барад...

Вале ин соату рӯз дар ин қитъаи ҷабҳа тӯл мекашид. Шаби арафаи нуздаҳуми ноябр ходимони сиёсии дивизия, полк, баталйон ва рота сангар ба сангар ба назди ҳар як ҷанговар омада, муждаи дар кӯчаҳои мо ҳам сар шудани иди калонро мерасонданд, дили ҷанговарони дар сӣ – сиву панҷ дараҷаи сармои сахт дар окопҳои яху барфин парӯ дарозкашидаро бо суханҳои моҳҳо боз ба гӯш нарасида гарм мекардандy мегуфтанд: «вазифаи дивизияи мо он аст, ки қувваҳои дар рӯ ба рӯ будаи немисҳоро аз пеши худ дур накарда, баръакс онҳоро бисёртар ба ҳамин сӯ кашем. То ки он қисмҳои немис, ки ба ҳуҷуми лашкари шӯравии дигар қитъаҳои ҷабҳаамон гирифтор мешаванд, аз инҳо ёрӣ дида натавонанд...»

Ниҳоят, субҳи нуздаҳуми ноябр, «нағора»-и сар шудани ид аз як сари ин сарзамини соҳили Волга то дигар сари он садо дод... Аз шимоли ғарбӣ, аз ҷануб ва ҷануби шарқӣ ғулғулаи тӯпҳои беҳисоб заминро ба ларза оварда, дили осмонро мехарошиданд.

Ермак дар заминкан Сафарро ба оғӯш гирифта, бо ашки шодӣ овозашро баланд сар дода мегуфт:

– Ана, рафиқ сержанти калон, ин тӯй ҳам сар шуд... Акнун тараддуди тӯи арӯсиро бинед.

Сафар ҳамчун сардор ва ҷавобгари мавқеи худ ҳаяҷони ҷӯшидаистодаи худро базӯр зер карда, аз рӯи эҳтиёткорӣ мегуфт:

– Ермак, оҳиста-оҳиста гап зан, ҳоло душман аз рӯ ба рӯи мо дур нашудааст.

– Эҳ, рафиқ сержанти калон, акнун немис ғайр аз садои тӯпу бомбаҳои мо дигар ҳеҷ чизро шунида наметавонад...

Дар дигар сангару заминканҳо низ ҷанговарон ҳамин хел ҳамдигарро ба оғӯш кашида ва бӯсида шодмонӣ мекарданд...

Қариби гашти рӯз робитачии фармондеҳи рота омада, Сафарро ба блиндажи лейтенант Николаев гирифта бурд.

Блиндаж аз тафси печкаи хурдакаки тунукагин ҳаммом барин гарм шуда буд. Ҳама бо як гимнастёрка менишастанду боз арақ ҳам карда буданд. Дар ин ҷо, ғайр аз Николаев, ки ҳоло рутбаи лейтенантӣ гирифта буд, боз ҷонишини фармондеҳи баталйонанд ба корҳои сиёсӣ капитан Володини ҷингиламӯй, як старшина ва боз як шахси дигар, ки дар гиребони гимнастёркааш ҳеҷ аломате надошт, ҳозир буданд.

Сафар ба заминкан даромада, ба командири рота омадани худро баён карда, бо ҳама вохӯрдӣ намуд.

– Бишин, рафиқ Сафар, – таклиф кард Николаев.

Сафар аз паҳлӯи ҳамон ҷанговаре, ки дар либосаш ҳеҷ як аломати аскарӣ надошт, ба суфачаи заминкан нишаст.

– Хӯш, гап зан, – гуфт Николаев дуди папиросашро аз даҳану биниаш ғоз – ғоз сар дода.

– Чӣ гӯям, рафиқ лейтенант, хотирҷамъӣ, – ҷавоб дод Сафар бо одати ҳамешагии хоксорӣ.

– Чӣ хел хотирҷамъӣ? Хотирҷамъиҳо акнун гузашта рафтанд... – гуфт боз Николаев Сафарро санҷиданӣ шуда.

– Чаро? Аз омаданамон интараф қариб як тир ҳам холӣ накардаем. Немис ҳам аз қаъри замин сар намебардорад. Ҷанговарон бошанд, корашон сурудхонӣ ва дар хаёли онанд, ки кай ба рӯзи ҳуҷум мерасанд.

– Ана, худат ба мақсад наздик гап задӣ, – гӯён Николаев папиросашро ду-се бор сахт дам кашиду баъд ба пеши бухорӣ партофт ва баҳузуртар нишаста давом дод. – Ман хавф дорам, ки немисҳо аз зери бинии мо

гурехта мераванду мо бехабар мемонем... Агар онҳо ҷанг кардан нахоҳанд, мо ҷанг кардан мехоҳем. Агар онҳо ба қаъри замин даромада бошанд, мо мехоҳем аз гӯшашон кашида бароварда, ба ҷанг водор кунем... Хулоса, як дақиқа ҳам диққати онҳоро аз худ набояд дур кунем. Фармони дирӯза дар хотират ҳаст?

– Ҳаст, рафиқ лейтенант.

– Бисёр хуб. Акнун гап ҳамин, ки аз беҳтарин фармондеҳони отделенияи взводат ягон касро ҳамин рӯз ба ихтиёри ана ин старшина – ёрманди фармондеҳи ротаи кашшофони полк медиҳӣ, – гӯён лейтенантНиколаев ҳамон старшинаро, ки мӯйлаби каҷҷакмонанди зардча дошт, нишон дод. – Старшина бо се каси худаш ва се кас аз мо имшаб дар мавқеи немисҳо ва дар деҳаи Ерзовка кашшофӣ мегузаронад.

Сафар аз ин гапи Николаев чашмонашро тез – тез гоҳ ба старшина, гоҳ ба фармондеҳи рота нигаронда, таклифи дигар кард.

– Чӣ мешавад, ки ба ҷои фармондеҳи отделения худам равам?

Николаев дарҳол давоми сухани ӯро гирифт.

– Мо ҳам, пеш аз омадани ту дар ҳамин фикр будем, аммо ба ҷои ту кӣ мемонад?

– Фармондеҳи отделенияи якум сержант Неходa, – ҷавоб дод Сафар.

– Вай одами нав, мо ӯро ҳанӯз хуб намешиносем.

– Зарар надорад, – ба гап капитан Володин ҳамроҳ шуд, – як шаб ҳазор шаб нест. Агар Одинаев бовар дошта бошад, чаро Неходаро мондан мумкин нест?

– Худи шумо ҳеҷ ба кашшофӣ рафтаед ё не? – мӯйлабашро тоб дода аз Сафар пурсид старшина.

– Не, кӯтоҳ ҷавоб дод Сафар ба старшина нигоҳ накарда.

– Ба кашшофӣ нарафта бошад ҳам, дар ҷанг таҷрибааш калон, – командири худро таъриф кард Николаев.

– Кашшофӣ ҳуҷум нест, рафиқ лейтенант, – гуфт старшина, – дар ин кор ғайр аз таҷрибаи ҷангӣ, боз бисёр чизҳои дигарро ҳам нағз донистан даркор.

– Вақте, ки ман тавсия мекунам, кию чӣ будани ӯро

аз шумо беҳтар медонам, – Николаев бо оҳанги ҷиддии расмият гуфт.

Старшина ба сухани Николаев дигар эътироз баён накарда, як дам хомӯш истод ва боз аз Сафар бо овози мулоимтар «ту – ту» гӯён пурсид.

– Худат аз куҷо мешавӣ, то аскарӣчӣ кор мекардӣ, ошно?

– Дар Тоҷикистон муаллим будам.

Старшина боз ба тасдиқи фикри худ сабаб ёфта, рӯяшро дурушттар карда гуфт:

– Ана, рафиқ лейтенант, шумо мехоҳед, ки аз равшанфикр кашшоф созед. Ин кор гаҷу тахта нест, ки кас дар рӯи вай ҳар чӣ, ки мехоҳад, кашидан гирад...

– Магар барои кашшоф шудан аҳволи иҷтимоӣ ҳам аҳаммият дорад? – абрӯвонашро чин карда, бо овози қаҳролуд пурсид капитан Володин, ки худи ӯ ҳам то ҷанг муаллими таърих буд.

– Мумкин аст, ки старшина маълумоти пурраи саволномагӣ ҳам талаб кунад? – лейтенант Николаев бо заҳрханда илова кард.

– Гап дар он аст, ки, – сурх шуда гап зад старшина, – ба кори кашшофӣ бештар одамоне тоб оварда метавонанд, ки ҳунарҳои дағалтар дошта бошанд, яъне – ронандагонон, оҳангарон, аловмонҳо ва монанди ҳаминҳо...

– Аммо ман баръакс мегӯям, ки ҳар кас ҳам кашшоф шуда метавонад, агар иродаи матин, дили пурҷӯш ва ба ақидаи худ то охир эътимоди комил дошта бошад.

– Илова ба ин, – гуфт лейтенант Николаев сухани капитан Володинро давом дода, – устоди касбу кори худ бошад ва онро дӯст дорад...

– Ман ҳам аз сабаби дӯст доштани касбу кори худ ҳамин хел мегӯям, – ҷавоб дод старшина ва араҳи пешонию рӯяшро бо остинаш пок кард.

– Шумо касбу кори худро гӯё фақат барои худатон мӯҳру имзо карда гирифтаед, – ҷавоб дод капитан Володин, – ва онро танҳо барои худ дӯст медоред. Хуб донед, рафиқ старшина ва минбаъд фаромӯш накунед, ки дар ин майдон ҷонбозӣ нишон додан ба равшанфикру челонгар, аловмону ҳисобдор будани ин ё он

кас вобаста нест, балки ба он вобаста аст, ки дар зери ин сина дили кас то чӣ андоза нисбат ба Ватан меҳру муҳаббати ҷӯшон ва нисбат ба душман то чӣ андоза кинаю адоват дорад...

Ба старшина ин гапҳои Володин аз оташи бухорие, ки дар паҳлӯяш дармегирифт, сӯзонтар таъсир карда, ӯро ба обу арақ меғӯтонданд. Вай, аз афташ, аз гуфтаҳои худ пушаймон шуд, ки даъвои пештарааш каме суст шуд.

– Ман ин гапҳоро берун аз сиёсат гап задам, рафиқ капитан, – узромез гуфт старшина.

– Ана барои ҳамин ҳам нодуруст гап задед, – ҷавоб дод капитан Володин.

– Дуруст аст, рафиқ капитан, аз мо гузашта бошад, бубахшед, – гуфт старшина ва ба лейтенант Николаев муроҷиат карда, – набошад, вақт нагузарад, рафиқ лейтенант, – соат чору понздаҳ... – Старшина ба соати дастии шабтоб нигоҳ кард. Николаев пурсид:

– Хӯш, дигар ба рафтани сержанти калон эътироз надоред?

– Дигар ҷои эътироз ҳам намонд, рафиқ лейтенант. Акнун ин тарафаш ба чӣ хел амал кардани худи вай вобаста аст. Коре карда, шикорамон беиллат барор гирад, – гуфт старшина ба қиёфаи ҷиддии Сафар нигоҳ карда.

– Мувофиқи фармони фармондеҳи полк ин кашфи ҷангӣ мешавад-а? – такроран пурсид лейтенант Николаев ва аз сумкааш харитаи топографии маҳалларо гирифта, амалиёти кашшофонро муайян намуд. Старшина ҳам сухани ӯро тасдиқ карда, шабона пеш аз ба кашшофӣ рафтан муфассалтар фаҳмонда додани нақшаи кашфро гуфт.

Дар ҳамин вақт, ғайр аз пулемётпарроние, ки паст – паст ба гӯш мерасид, боз болои ҳам таркиши минаю гулӯлаҳо баланд гардид. Лейтенант Николаев аз блиндаж истода бо овози баланд робитачии худро ҷеғ зада, ба ӯ фармуд:

– Нигоҳ кун, минапарронӣ аз кадом тараф? Робитачӣ берун баромада, баъд аз фурсате баргашта омад.

– Аз паси деҳа, рафиқ лейтенант, ба паҳлӯи чапи мо бо шрапнел зада истодааст. Дар осмон «рама» ҳам пайдо шуд...

– Ҳа, маълум, одати кӯҳна, – гуфт капитан Володин, – эҳтимол «рама» ягон ҳаракати моро дида монда, аз миномётчиёни худ оташ кушоданро хоста бошад.

– Бигузор паррондан гирад, баъд мо ҳам боб карда ҷоғашро баста мемонем, – гӯён лейтенант бепарвоёна гап зад ва дарҳол ба Сафар гуфт, – вақте ки ба взвод меравӣ, ба бачаҳои худат гӯй, ки бисёр худашонро ба чашми немис аён накунанд. Сонӣ ба ҷои худат ҳамон сержант Неходаро монда, пас аз он метавонӣ ба назди старшина рафта, ба адои вазифа шурӯъ кунӣ.

– Хуб, рафиқ лейтенант. Иҷозат диҳед, равам, – аз ҷояш хест Сафар.

– Иҷозат, равед.

– Кай ба назди шумо оям? – пурсид Сафар аз старшина.

– Ҳозир коратонро саранҷом карда омадан гиред, – ҷавоб дод старшина ҳам аз ҷояш хеста.

– Хуб, ба ҳамаатон муваффақият металабем, – гӯён капитан Володин дасти Сафар, старшина ва шарики ӯро фишурд.

Онҳо берун баромаданд. Аз дур ғулғулаи тӯпҳо шунида мешуд... Аз шимоли ғарбӣ боди сабуки сард мевазид ва аз як кунҷи ҳамон тараф абри яклухт пора шуда, осмон каб – кабуд намудор мегашт... Старшина ба ҳамон сӯ нигоҳ карда як дам хомӯш монду баъд ба Сафар гуфт:

– Эҳтимол шабамон беабру пурситора шавад... Ин боз хуб аст... Хуб, мунтазир мешавам, зудтар биё, ошно! – гӯён старшина дасти паҳну дарози худро ба китфи шонапаҳни Сафар зада монд.

* * *

Шабона ҳақиқатан осмон беабру пурситора шуд. Дар ин хел шаб тирҳои рангоранг, ки аз ду тараф дам ба дам ба ҳаво мепариданд, ба чашм чунон зебо намудор мешуданд, ки агар хавфи ба одам расидан намедоштанд, кас онҳоро бо ҳавас ва иштиёқи калон то па-

гоҳӣ тамошо мекард.

Немисҳо аз торикии шаб бесаранҷом шуда, як дақиқа ҳам пулемёту мушакпаррониро бас накарда, гӯё дар мавқеи худ ҳамеша ҳушёр истодани хешро намоиш доданӣ мешуданд.

Старшина баъд аз як поси шаб, бо шаш нафар кашшоф ба хатти пеши ҷанг баромад. Ҳамаи онҳо болопӯши сатру ихфо, дар даст автомат, дутой норинҷаки зиддитанкӣ, корди дудама доштанд ва аз байн як кашшоф дар даст минаков ҳам дошт.

Старшина пеш аз ба амалиёт сар кардан, боз як бори дигар роҳи рафтуомад, чӣ гуна бо ҳамдигар дар робитаи зич амал карданро ба шариконаш гуфт ва то додани ишорат дар сангарҳои пеш мунтазир нишастанро фармуд. Сафар ҳам ба як сангаре, ки дар пешаш аз барфтӯда деворча кашида шуда буд, омада, бе ҳеҷ пурсишу садо даромад.

Дар сангар ғайр аз ӯ боз як солдати дигар, ки мили туфангашро аз сӯрохи деворчаи барф берун баровардa монда, худаш пои хунукхӯрдаашро гурс – гурс ба замин мезад, ҳозир буд. Вай баробари ба сангар фуромадани Сафар дар аввал як рамида ва баъд лабҳои аз хунукӣ шахшудаашро базӯр ҷунбонда, бо ҳаяҷон нимғурма пурсид:

– Кист?

– Аз они худӣ, натарс, аскар, – ҷавоб дод Сафар бо забони русӣ ва пештар омада, автоматашро аз китфаш гирифту ба он аскар наздик рӯ ба рӯ шуд.

– Куҷой, бародар? – савол дод Сафар.

– Ту худат кистӣ? – пурсид аскар нимкора ба забони русӣ гап зада ва ӯ ҳам ба рӯи Сафар аз наздиктар чашм дӯхту баъди аз гапҳояш рус набудани Сафарро фаҳмида, тахмин ӯро ӯзбек дониста ба забони омехтаи ӯзбекию туркӣ гап сар кард.

– Ман ҳам ту барин фарзанди одамизод, ин қадар ба зери манаҳам наой ҳам мешавад, – гуфт Сафар ба забони ӯзбекӣ.

– Медонам, фарзанди одамӣ, охир кадом одам?

– Зоҳиран гӯлу ботинан писари пухта менамой, ҷӯра, – гӯён гап партофт Сафар.

– Ту чӣ гумон мекунӣ, магар ҳар кас «ҳа» гӯяд, «ма» гуфтани аскар хуб аст?

– Гапат ҳақ, ман аз ҳамин қисм, кашшоф ҳастам, – гуфт Сафар аз ҷавоби аскар мамнун шуда, – имшаб ба шикор меравем.

– Ба шикор меравем? – пурсид такроран аскар.

– Ҳа, – гӯён Сафар сарашро боло бардошта, ба атроф назар андохт ва ба суханаш давом дод, – немис аз ин ҷо дур аст?

– Анаю мана, ба шикор ту меравию куҷо будани немисро ман гӯям – ҷавоб дод аскар бо таъна.

Сафар аз ҷавоби аскар аввал каме хиҷолат кашид ва чанд дақиқа ба пеш назар карда, худро ба нодонӣ зад. Аскар ҳам аз ҷавоби дағали худ шарм карда, дар ҷояш беҳаракат монд ва ба тирҳои рангоранги ба ҳар сӯ паридаистодаи пулемёти душман нигоҳкунон гуфт:

– Ин немис ҳам як дам хомӯш наменишастааст, мисли ин ки ба куртааш кайк даромада бошад, на шаб ором мешаваду на рӯз. Каме дам гирад-ку ҳам ба худаш, ҳам ба мо имкон медиҳад, ки бедорхобҳо каме пинак раванд, нотинҷҳо бехатарак ёзида гиранд...Намедонам, модаронашон аз рӯзи зоидани инҳо ба онҳо фақат парронданро ёд додааст магар, ки пагоҳӣ ҳам та-та-та, пешин ҳам та-та-та, шабу нисфи шаб ҳам та-та-та...

Сафар аз ин суханҳои аскар пай бурд, ки вай ҳоло аскари ҷавони ҷангнадида аст. Аммо пухтагап, зуд ба ҳар кас сирнадиҳанда будани ӯ ба Сафар маъқул афтод ва ӯ бо иштиёқмандӣ боз гап сар кард:

– Бародар, – гуфт Сафар, – чанд моҳ боз дар ин ҷо ҳастӣ?

– Акнун шаш рӯз шуд.

– Аз ин пеш дар ҷанг будӣ?

– Ту одами аҷиб будай. Аз ин пеш дар ҷанг мебудам, то имрӯз қоқ як туфангро дошта, ба сӯи немис «чашмаки ман чашмаки ту» карда менишастам?

– Хайр, дигар чӣ кор мекардӣ?

– Кайҳо ба даҳ-понздаҳто ту барин аскарбачаҳо сардор шуда, онаи зори немисро нишон медодам.

– Хайр, исто ки аз рӯзи омаданат инҷониб чанд не-

мисро куштӣ?

Аскар аз ин саволи ногаҳонӣ камтар дар фикр монду баъд росташро гуфт:

– Пурс, ки худи немисро дидӣ?

– Ана халос, ҳозир монанди нишонзане, ки даҳпонздаҳ немисро кушта бошад, дӯғат баланд набуд? Аз афташ, ҳоло ба сӯи немис ягон тир ҳам накушодаӣ? – таънаомез пурсид Сафар. Аскар хиҷолатманд чӣ ҷавоб доданашро надониста, худро ҳимоя кард.

– Не-е, як не, чандин бор тир паррондам, вале худо медонад, ки ба куҷо, ба кадом аҷалрасида зада бошад.

Сафар боз ба гап давом кард.

– Мисли ин ки кас баъзан дар шаҳрҳои худ ба тӯйхона рафта, як даҳон ош нахӯрда, кафшро гум мекунад, ба ҷанг омада, якта ҳам душманро накушта, ин қадар азобу уқубатро чашидан чӣ маънӣ дорад? Ана акнун, хуб дониста бош, ки барои сардор шудан аввал ҳамаи хизмату ӯҳдадории аскариро ба таври комил ба ҷо овардан лозим. Вақте ки орзуи ба сари мисли ман аскарбачаҳо калон шуданро дорӣ, ба ҳамаи онҳо роҳ нишон додан, ҳамаи ҳунари онҳоро аз онҳо беҳтар донистанат лозим.

Дар ҳамин асно аз дур ба тарафи немисҳо ду мушаки сурх парида, чор атрофро равшан кард. Аскар ва Сафар то хомӯш шудани рӯшноии мушак сарашонро ба абртӯдаи сангар панаҳ карда истоданд. Пас аз ба замин афтодани мушак Сафар «Хайр, ҷӯра, сӯҳбат боқӣ» гӯён рафтанӣ шуд. Аскар аз домани болопӯши Сафар, ки вай аллакай ба болои сангар ҷаҳида буд, дошту «ба куҷо?» гуфта пурсид.

– Шикори мо сар мешавад, – ҷавоб дод Сафар ва дасти аскарро бо дастони дурушташ фушурда, – агар саломат баргардам, боз бо ҳам вомехӯрем, писари хуб будаӣ, – гуфт.

Аскар аз рафтани ӯ каме маъюс гашта, дасти кашшофро сахт фишурда, «сафарат бехатар бошад, ба шикорат барор, ҷӯра», гӯён хайрхоҳӣ кард.

Ин видои самимии аскар, ки ҳанӯз онҳо ошнои дуруст набуданд, ба Сафар таъсир карда, дилаш ба ҷӯш омад ва ҳамон замон худро боз ба сангар гирифта як-

бора аскарро ба оғӯш кашида бӯсид ва баъд хандакунон гуфт:

– Ҳамин қадар гап задему на ту ва на ман номи ҳамдигарро напурсидем.

Аскар ҳам хандакунон гуфт:

– Аввал дилро ёфтан, баъд номро гуфтан ширин мешавад. Маро Аскар Наҷаф – ӯғлӣ меноманд.

Сафар номи ӯро ду-се бор такрор карду баъд номи худро гуфт:

– Сафар Одинаев – солдати кӯҳнаи ҳамин қисм, пурсӣ ҳама медонанд, – боз дасти ӯро дӯстона фишурд.

Баъд аз хайрухуш, чашмони Аскар то аз назар ғоиб шудани суроби ҳамсӯҳбаташ дергоҳ ба сӯи ӯ нигарон шуданд.

## БОБИ БИСТУ ҲАФТУМ

**– Ч**ӣ шуд? – Аз кашоф чӣ хабар?

– Ҳанӯз ҳам дарак нест... Аз афташ, оташи сахти немисҳо ба гузашта омадан имкон намедиҳад, рафиқ 316.

– Соат чанд?

– Се, рафиқ 316.

–...

– Хуб, рафиқ 316, омадан замон хабар медиҳам.

Ин гуфтугӯи телефонии байни фармондеҳи баталйон капитан Дяченко ва фармондеҳи полк майор Голубев дақиқа ба дақиқа давом мекард. Аз мӯҳлати омадани кашшофон аз як соат зиёд вақт гузашта буд. Дар блиндажи командири рота Николаев, командири баталйон, ҷонишини вай Володин, як намояндаи ситоди полк, як лейтенанти хурд аз ротаи кашшофон ва боз ду-се касони дигар баргашта омадани кашшофонро бо бесабрӣ интизор доштанд. Ғайр аз ин ҷо, дар штаби полк, дар дивизия ҳам ҳамин вазъият ҳукмрон буд.

Фармондеҳи баталйон аз дер мондани кашшофон асабонӣ мешуд, бетанаффус папирос мекашид. Ба рӯи харитаи топографие, ки ба болои сумкаи лейтенант Николаев гузошта шуда буд, гашта – баргашта нигоҳ карда, худ ба худ кадом як масофаро чен мекарду ғурунг – ғурунг ким-чиҳо мегуфт.

– Агар ин кор барбод раваду касе аз кашшофон баргашта наоянд...

Ин гапи фармондеҳи баталйонро аз берун бо изтироб дӯк – дӯк пой монда, ба блиндаж давида даромадани робитачии фармондеҳи рота бурид.

– Старшина омад! – гуфт вай ҳарсасзанон.

– Канӣ? – фармондеҳи баталйон давида аз ҷояш бархосту ба сӯи дари блиндаж рафт. Дар чеҳраи парешони Володин ва Николаев хурсандии фавқулодае ҳувайдо шуд. Володин боз бо оромии ба худ хос ба сӯи дари даромади блиндаж чашм дӯхта истод.

Старшина ки болопӯши сафедаш ба обу арақ гӯтида сар то по ба барфу лой олуда буд, ба блиндаж даромад. Вай аввал телпаки сарашро гирифт ва автоматашро ба як тараф монда, миёнбандашро кушод ва об пурсид. Ба вай ба ҷои об ним дӯлча арақ доданд. Старшина об гӯён дӯлчаро якбора бардошту рӯяшро турш кард. Сонӣ аз бағали ҷомачаи пахтагинаш харитаи топографии чорқатро ба дасташ гирифт.

– Хӯш, ҳама баргашт? – пурсид фармондеҳи баталйон.

– Не, чор кас, – ҷавоб дод старшина.

– Дигарон канӣ?

– Ана ҳамон муаллим ва як кашшофи ман сержант Собол ба ҷои таъйиншуда барнагаштанд. Мо барои ҳамин дер мондем.

Фармондеҳи баталйон ба сӯи Володин ба маънои «шунидӣ?» нигоҳи бадқаҳронае кард ва боз ба старшина рӯ гардонда гуфт:

– Беҳтараш, ки ӯро ҳамроҳ гирифтан лозим набуд.

Старшина аз ин сухани фармондеҳи баталйон қувват ёфта даъвогарона гап зад:

– Ман гирифтанӣ набудам, лекин рафиқ капитан ва лейтенант бо чӣ қадар сарзаниш зӯрӣ карданд.

Старшина боз чизе гуфтанӣ буд, ки телефон занг зад. Телефончӣ гӯшаки телефонро ба фармондеҳи баталйон дода «Хӯҷаин мепурсад» гуфт.

– Чор нафарашон ҳозир омаданд, аз ду кас дарак нест, рафиқ 316, – ҷавоб дод фармондеҳи баталйон Дяченко ба воситаи телефон. – Не, ҳанӯз напурсидаам.

Хуб, ҳозир гирифта меоям.

Фармондеҳи баталйон гӯшаки телефонро монда, аз старшина пурсид:

– Хӯш, натиҷаи кашф чӣ тавр?

– Душман дар пеши мо нуқтаҳои бисёри оташфишон, майдонҳои минакорӣ дорад ва аз якчанд танкҳои ба замин гӯркарда ҳам тир мекушояд. Ман, ҳозир аз харита нишон медиҳам, рафиқ капитан.

Старшина наздиктари чароғ омада, харитаро кушоданӣ буд, ки капитан ӯро боздошта, фармуд:

– Хуб, дар ин ҷо лозим нест. Ҳозир ба назди фармондеҳи полк меравем, ҳамон ҷо муфассал гуфта медиҳед. – Сонӣ фармондеҳи баталйон ба лейтенант Николаев рӯ гардонда, кинояомез гуфт: – Шумо бо капитан мунтазир бошед, шояд «қаҳрамонон»-и шумо ҳам омада монанд...

Старшина, фармондеҳи баталйон ва лейтенанти кашшоф баромада рафтанд. Дар блиндаж чанде чунон сукунат ҳукм ронд, ки ҳатто чиқ – чиқи соати кисагии капитан Володин ба гӯш мерасид. Пас аз андак фурсат Володин ба Николаев назар афканда, гуфт:

– Наход мою ту ҳақ набароем?

– Мумкин аст, – ҷавоб дод лейтенант Николаев бо парешонӣ, – на хамеша кас ҳақ мебарояд.

– Ҳамин тавр бошад ҳам, аз чӣ сабаб бошад, як тарафи дилам гувоҳӣ медиҳад, ки мо ҳақ мебароем, – гуфт Володин.

– Ту аз хад зиёд хушбин ҳастӣ.

– Хуб, ин магар бад аст?

– Дар чунин мавридҳо мумкин аст касе баъзан аз ин фиреб хӯрад.

– Не, ман ба фикри ту розӣ нестам. Махсусан дар чунин мавридҳо ҳамин хел будан лозим аст. Набошад, дар як рӯз ҷанг туро ба комаш фурӯ мебарад...

– Соат чанд шуда бошад?

Володин ва Николаев ҳар ду баробар ба соати кисагиашон нигоҳ карданд.

– Аз они ман чоряк кам панҷ.

– Аз они ман ҳам, – ҷавоб дод лейтенант Николаев.

– Эҳе, ҳоло то дамидани субҳ боз се соати дигар

ҳаст. Дар ин се соат дар олам чӣ ҳодисаҳо, ки рӯй намедиҳанд? Биё, ба печкаат дурусттар алав мон, камтар дам гирем. Комбат ҳам хонаро хунук карда рафт...

Онҳо ба болои тушаки пахолин, ки ба рӯи тахтакати борики як кас меғунҷидагӣ андохта шуда буд, болопӯшҳои худро ба болояшон гирифта рӯболо дароз кашиданд. Чашми ҳар дуяшон ҳам ба шифти се қатор болордори блиндаж, ки болояш бо чиму хасу хошок пӯшонида шуда буд, дӯхта шуда, ҳеҷ хобашон намебурд.

Аз мобайн ним соат вақт нагузашта буд, ки садои беисти бошиддат тирандозӣ то даруни блиндаж расид. Фармондеҳи рота сар бардошта, ба тарафи дар гӯш дод. Тирандозӣ якзайл беист давом мекард.

– Кадом нодонро ҳамин вақт ҷунунаш омад, – гуфт лейтенант Николаев ва ба робитачии худ, ки дар паҳлӯи телефончӣ нишаста буд, фармуд, ки рафта бинад, кӣ тирандозӣ мекунад ва аз номи ӯ фармон диҳад, ки тирандозии беҳударо бас кунанд.

– Эҳтимол ягон пулемётчӣ оби мили пулемётро гарм карданӣ бошад, – гуфт капитан Володин баробари аз дар баромадани робитачӣ аз ҷояш наҷунбида.

Робитачӣ берун баромаду баъд аз чанд дақиқа баргашта омада, хабар дод:

– Немисҳо тирандозӣ мекунанд, рафиқ лейтенант. Тарафи онҳо аз мушакпарронӣ мисли рӯз равшан аст.

– Барои чӣ, дар ҳеҷ ҷо ҳеҷ гап не, якбора авҷ гирифтанд. Ё ин ки ягон найранги нав сар карданӣ ҳастанд? – гуфт бепарво Николаев, сарашро аз болои сумкааш, ки ба ҷои болишт хизмат мекард, бардошта.

Володин мисли ин ки ягон чизи гумкардаашро ёта бошад, якбора нимхез шуда, ба Николаев, ки вай болопӯшашро ба китфаш партофта рост меистод, гуфт:

– Ҳой, бародар, балки равшанфикри мо аз марзи душман гузашта истода бошад?

– Э,э,э.. Ту ҳам гап задӣ... – ҷавоб дод лейтенант Николаев аз баргаштани Сафар ноумед шуда, – гӯё онҳоро ба сайру тамошо ҷавоб додабошӣ, аз барвақту бевақт омаданашон дилпур ҳаст... Кори нашуданӣ шуд, беҳтар ин ки акнун нақшаи дар пеши сардорон чӣ

ҷавоб доданро каш.

Володин бо чашмони аз бедорхобӣ хундавидаи худ ба чеҳраи рӯҳафтодаи Николаев нигоҳи ҷиддие кард. Чашми Николаев ҳам ба Володин афтоду ҳамон замон боз ба замин дӯхта шуд...

– Маро гӯй, аз ҷавоб додан наметарсам, – гуфт Володин, – бо ин аҳвол ту чӣ ҷавоб медода бошӣ?...

– Даррав оташин нашав, – гуфт Николаев, – як фикр ҳозир маро ба гуфтани ин гап водор кард.

– Чӣ фикр?

– Балки, ба гуфти комбат, Одинаев ба даст афтода бошад ва аз ӯ немисҳо ҳамаи маълумоти даркориро гирифта, ана ҳозир ягон балоро сар кунанд, чӣ мешавад?

– Магар ту ба одамони худат ҳамин хел боварӣ дорӣ?

– Дили одам тухм нест, ки палағда ё палағда набудани он дар офтоб дида шавад...

– Ин хел бошад, ту ҳанӯз фармондеҳи ҳақиқӣ набудай... Агар аз ман пурсанд, ба ин гуна ҷавоб ҳеҷ гоҳ забонам намегашт. Наход одаме, ки се моҳ боз дар зери дасти ту ҳамин қадар ҷангаду чӣ будани дили ӯро насанҷида бошӣ? Набошад, чаро дар аввали кор ҳамин фикр ба сарат наомад?

– Албатта, ҳеҷ вақт аз ӯ ягон гумони бад надоштам ва ҳоло ҳам надорам, – гуфт Николаев ба хаёл рафта ва илова намуд:

– Биё, раифиқ капитан, берун баромада, як дам ҳавои тоза гирем.

– Бисёр хуб, – розӣ шуд Володин.

Онҳо аз блиндаж баромаданд. Берун пеш аз дамиши субҳ аз аввали шаб ҳам ториктар буд.

Аз тарафи немисҳо ҳанӯз оташфишонӣ ва мушакпарронӣ давом дошт. Аз куҷо як тири дайду ғиззасзанон омада аз болои сари Николаев ва Володин гузашта, ба барфтӯдаи канори роҳрав рафта даромад.

– Лаънатиҳо чашми нодид ба куҷо, ки рост ояд, паррондан мегиранд, – ба гап сар кард Николаев.

– Мехоҳанд, ки дар охири умр як тир намонда пар-

ронанд, – илова кард Володин ба хатти пеши немисҳо, ки аз чап, рост ва миёнҷои он беором тирҳои ранго-ранг мепарид, нигоҳ кард. – Имрӯз чандум?

– Бистум, – ҷавоб дод Николаев.

– Дирӯз ва имрӯз таърихҳои фаромӯшношуданӣ ҳастанд.

– Яъне чӣ хел?

– Яъне, дирӯз ҳар қадаре, ки мою ту аз сар шудани ҳуҷуми қӯшунҳоямон шод шуда бошем, имрӯз барои як амалиёти хурдакак ҳамон қадар асабамон вайрон шуд...

Дар ҳамин вақт аз роҳрави блиндаж кадом як ҷанговар, мисли ин ки ягон матнро аз ёд мекарда бошад, дар ҳар қадамаш, «Омаданд... омаданд... омаданд» гӯён медавид. Овози ӯро шунида, Володин ва Николаев баробар – «Кист ӯ, кӣ омад?» гӯён садо баровар-данд. ҷанговарон кӣ будани онҳоро пай набурда:

– Коратон чӣ... Аввал сардоронро хотирҷамъ ку-нам, баъд ба шумо гап мезанам... – мегуфт.

– Ба ту боз кадом сардор лозим. Худи мо сардор!.. – хитоб кард Николаев.

Ҷанговар худашро гум карда, узр хост.

– Хӯш, гап зан, чӣ мегӯӣ? Кӣ омад?

– Рафиқ лейтенант, фармондеҳи мо омад.

– Кадом фармондеҳ?

– Сержанти калон Одинаев, рафиқ лейтенант.

– Канӣ? – боз ҳар ду баробар бо изтироб пурсиданд.

– Ҳозир меоваранд, вай захмдор, – бо ҳаяҷон нисфи суханашро гум карда гап мезад, робитачии Сафар – Ермак. – Эҳ, рафиқ лейтенант, чӣ хел вай нотарс буда-аст... Ғаниматҳои овардаашро намегӯед...

– Як худаш? – пурсид Володин.

– Не, қариб як отделения... – ҷиддӣ ҷавоб дод Ер-мак.

– Чӣ хел як отделения, бешӯхӣ гап зан, – ӯро сарза-ниш карда пурсид Николаев.

– Шӯхӣ не, росташ... Ба ҳаққи виҷдонам.

– Ӯ чунон дар ҳаяҷон аст, ки гапашро дуруст фаҳми-да ҳам наметавонӣ, – гуфт Володин ва ба аскар фар-муд, – зуд рафта гӯй як сония ҳам дер намонда ба ин ҷо

оваранд.

– Хуб, ҳозир... – Ермак боз «омаданд... омаданд.. фармондеҳамон омад...» гӯён ба иҷрои фармоиш давид.

Володин ва Николаев беқарор гоҳ ба блиндаж даромада, гоҳ аз блиндаж баромада, ба омадани Сафар чашм медӯхтанд. Володин бо ғурур ба китфи Николаев даст зада мегуфт:

– Ана, акнун кӣ ба кӣ аз кори кардаи худ ҷавоб медиҳад?

Дере нагузашта, Дадабой ва Йӯлчӣ Сафарро аз ду тарафаш дошта ба блиндаж оварданд. Вай, ки рангаш мисли пахта парида, чашмонаш беҳол шуда буданд, бо пои чапаш лангида – лангида даромад. Аз паси ӯ ҳамроҳи вай ҳамон кашшофе, ки дирӯз дар ин блиндаж бо либоси бе нишонҳои аскарӣ нишаста буд, ҷомаи сатру ихфоаш хунолуд, як чизи ба ҷомачаи пахтагин печондашударо маҳкам дар оғӯш бардошта даромад.

– Боз кӣ ҳаст? – пурсид робитачии фармондеҳ рота ва одамони ба блиндаж даромадаро аз назар гузаронда.

– Боз дар берун одам ҳаст, – ҷавоб дод Дадабой.

– Кист? – пурсид Николаев.

– Як макаронпаз, – гуфт кашшоф «бораш» – ро ба замин монда.

– Ин кист? – пурсид Володин чашмонеро, ки аз зери ҷомача милтас зада нигоҳ мекарданд, дида монда.

– Ниначон, – гӯён кашшоф ҷомачаро аз сари вай гирифт.

Дар пеши чашми ҳозирон духтарчае намоён шуд, ки дар тан гимнастёркаи аскарии то нӯги пояш фуромада, як рӯймолчаи сафеди чиркини ба сару манаҳаш баста дошт, ранги рӯяш заъфарон, гирдогирди чашмони нигоҳ.хояш ҳаросони ӯ варам карда буд.

– Падарам канӣ? – пурсид духтарча ба ҳама чашм давонда.

Баробари ин саволи ӯ Ермак, ки дар пеши дар истода буд, ҳиққасзанон гиристу худашро ба берун гирифт.

Ҳама хомӯш монда, ба ҳоли табоҳи духтарча маҳзунона нигоҳ мекарданд...

Володин фармон дод, ки ғайр аз одамони даркорӣ дигарон ба ҷойҳояшон баргашта раванд. Дар блиндаж Сафар, Собол ва духтарча монданд.

– Беҳдорро ба ин ҷо ҷеғ зан, захми сержанти калонро бандад, – фармон дод Николаев ба робитачии худ ва сонӣ, аз Сафар пурсид,-чӣ, магар захмат вазнин аст?

– Не, – гуфт Сафар ба дарди ҷароҳат дандон ба дандон монда тоқаткунон, – гӯшти банди по камтар чок шудааст. Дар взвод бачаҳо бастанд.

– Мо бошем, қариб аз шумоён умедро канда будем, – гуфт боз Николаев.

Лабҳои Сафар базӯр табассум карданд. Аз ин табассум чеҳраи хунпарида, вале ҳалими вай боз чунон дилкаштар шуд, ки диққати Володинро оҳанрабо барин ба худ кашида, ӯро рӯҳбаланд кард.

– Бин, дар рӯяш ранг намондаасту боз, гӯё ки ҳеҷ чиз нашуда бошад, табассум ҳам мекунад... – гуфт ӯ.

– Дар берун кӣ монд? – пурсид Николаев.

– Асир, – гуфт кашшоф.

– Дароред, – фармуд Володин.

Асирро даровroutedанд. Вай марди миёнақади пешонадӯнге буд, ки риши сиёҳаш сих зада баромада, дар тан болопӯши кӯҳнаи фаҳӯли кабуд, дар сараш пилоткае, ки онро то поёни гӯшҳояш зер карда пӯшида буд, дар по ботинкаҳои калони нӯгаш ғафс дошт ва то зонуяш пойтобаи пашмини дағал печонда шуда буд. Чашмони якбора аз торикӣ ба равшанӣ вохӯрдаи вай бо ваҳм алақ-палақ нигоҳ мекарданд...

– Ба даст афтодед? – пурсид Володин ба забони немисӣ аз асир.

Асир саволи ӯро нафаҳмида, гаранг нигоҳ карда меистод.

– Ӯ аз дастпарварҳои Муссолини, рафиқ капитан, – гуфт кашшоф бо заҳрханд.

– Итолиёвӣ? – савол кард Володин.

Асир ларзида – ларзида мулоимхунукона табассум карду бо забони худ чизе гуфта, дар охир: «Италян, италян... Рим...Рим...» гӯён се-чор бор такрор кард.

– Ана ин муамморо бинед акнун... Барои бо ин

меҳмонҳои нохонда муомила кардан ба як худи мо лозим шуд, ки на фақат немисӣ, инчунин забонҳои итолиёвӣ, румонӣ, маҷорӣ, испонӣ, финиро ҳам донем... – гуфт Володин ва ба сӯи асири пешонатурш чашм дӯхт.

– Бигузор шинад. Ҳозир то ба фармондеҳи баталйон хабар доданамон хеле вақт мегузарад, – гуфт лейтенант Николаев ва барои фармондеҳони баталйон ва полкро аз воқеа хабардор кардан ба назди телефончӣ рафт.

– Нишаста ҳам наметавонад, рафиқ лейтенант, – ҷавоб дод кашшоф.

– Чаро? – пурсид Николаев гӯшаки телефонро ҳанӯз дар даст дошта.

– Аз думбааш тир хӯрдааст...

Блиндажро ханда зер кард. Николаев ба телефон гӯш дода, ҳамаро ба хомӯшӣ даъват кард, баъди бо фармондеҳи полк кӯтоҳ гуфтугӯ кардан «Зуд ба полк биёред мегӯяд» гӯён гӯшакро монд. Кашшоф ба захмдории асир нигоҳ накарда, аз доманаш кашида ба нишастанаш ишора кард. Асир ким-чиҳо гуфта, ақибашро дошта меистод. Баъд Володин ба кашшоф гуфт:

– Майлаш, монед, рост истад, пои худаш дард мекунад. – Сонӣ ба Николаев муроҷиат кард... – То ба полк фиристодан шиками духтарчаро сер кардан лозим.

– Ҳозир, – гӯён Николаев духтарчаро озод бардошта, ба кати худ шинонд ва аз токчаи тахтагин, ки дар пойгаҳи блиндаж буд, равғани зард, консерви гӯштин, кулчақанд, нон гирифта ба пеши духтарча рӯи рӯзнома паҳн кард.

– Эҳе, амакҷон... – гуфт духтарча ба забони ширини кӯдакона ва бо симои ҳайратзада, – шумо чӣ чизҳои болаззат доред... Чӣ, немисҳо инҳоро аз дасти шумо кашида нагирифтанд?

– Парво накун, духтарак, хӯрдан гир. Дар ин ҷо немис нест. – Николаев ба нону кулчақанд равған молида, ба дасти духтарча дод.

– Набошад барои чӣ дар хонаи бибии ман немисҳо ҳастанд? – боз бо кунҷковии кӯдакона пурсид духтар-

ча.

– Ба наздикӣ аз он ҷо ҳам пеш мекунем, – ҷавоб дод Николаев саросемавор хӯрокхӯрии ӯро тамошо карда, – акнун ман аз ту пурсам, ту чандсола шудӣ?

– Шашсола.

– Духтарчаи кистӣ ?

– Духтарчаи модарам, падарам ва бибиам.

– Номи падаратро медонӣ ?

– Медонам, – Яков Данилович Осмухин.

– Наход? – гӯён лейтенант Николаев бо ҳайрат ба Сафар рӯ гардонд. Сафар ба лейтенант нигоҳ карда монд. Баъд Володин пурсид:

– Духтари кӣ гуфт?

– Духтари Осмухин, ҳаммактаби ман. Фармондеҳи собиқи Одинаев, – ҷавоб гардонд Николаев як ба Сафар ва як ба духтарча нигоҳ карда.

– Ҳоло ӯ дар куҷост?

– Ана ин амаки Одинаев мегӯяд, ки дар Сталинград аст. Ба ӯ мактуб ҳам менавиштааст.

– Ин чӣ хел шуд, ки духтарчаи ӯро ба ин ҷо овардаед? Аз куҷо? Чаро? Шунидан аҷиб аст... – ба Сафар муроҷиат кард Володин.

Сафар аввал дар бораи ротаи собиқи худ, дар бораи чӣ хел бо Осмухин дӯстӣ ва бародарӣ доштани худ гап зад, мактубҳои охирини ӯро нақл кард ва гуфт, ки дар ин деҳа ва дар хонаи модараш будани ин духтарчаи ӯро ва дар куҷои деҳа будани он хонаро муфассал аз ҳамин мактубҳо медонист.

– Хуб, донистан як тарафи кор, аммо чӣ тавр ин духтарчаро ёфтед? – пурсид Володин бесаброна ба ҷавоб мунтазир шуда.

– Ман ҳамаашро муфассал гӯям, рафиқ капитан? – пурсид кашшоф.

– Хӯш, гап зан сибирӣ.

Собол ба сухан сар накарда, беҳдори рота сумкаи доруҳояшро бардошта даромад ва бо фармоиши Николаев захми Сафарро кушода, аз нав дору молида баст. Собол бо таклифи Володин ба ҳикоя кардани воқеа сар кард:

– Мо, бо сержанти калон, пас аз марзаи немисҳоро гузаштан, аз пастхамии чаптар ба сӯи деҳаи Ерзовка хазида рафтан гирифтем. Ба деҳа надаромада, дар пеши теппача ба як танки дар замин гӯркардашуда рӯ ба рӯ омадем. Аз даруни танк овози ду-се кас шунида мешуд. Мо дарҳол ҷои исти ин танкро ба хотир гирифта, боз чаптар рафтем. Аз мо бист-сӣ қадам дуртар овози пой шунида шуд. Мо дарҳол ба замин ҷафс шуда якчанд дақиқа наҷунбида хобидем. Баъд шарфаи пой хомӯш шуда буд, ки боз ба пеш хазидем. Дигар аз пеш ҳеҷ кас набаромад. Фақат аз ду паҳлӯямон аз ду нуқтаи оташфишони, ки бо барф пӯшида шуда буданд як пулемёт гоҳ-гоҳ тир меандохт. Мо инҳоро ҳам ба ҳисоб гирифта, боз ба пеш ҷунбидем. Як вақт ман сар бардошта дидам, ки мо бехабар ба канори деҳа расидаем. Дар он ҷо монанди ғарам як баландӣ менамуд. Мо пештар рафтем, ки посбони немисҳо давр зада гаштааст. Баъд, оҳиста худро ба қафо кашида, қад – қади ақиби хонаҳо бармегаштем, ки сержанти калон аз роҳ бозистода, ба ман дар ҳамин деҳа будани духтару модари фармондеҳи собиқи худро гуфту «Чӣ мешавад, ки хонаи ҳамонро ёбем» гӯён илтимос кард. Ман «то дар кадом хона будани онҳоро надонем, ҳеҷ муроде ҳосил намешавад» гуфта, аввал ба таклифи вай розӣ нашудам. Вай даҳанакӣ, мувофиқи дар мактуб навиштаи фармондеҳаш, нақшаи дар куҷо, чӣ хел истодани хонаро гуфта дод. Ҳар ду камтар фикр карда мондему баъд «биё ба шикор омада, хушк наравем» гӯён, мувофиқи гуфти Сафар аз тарафи шимол як – чк хонаҳоро шумурда, ба аломатҳояш аз наздиктар рафта нигоҳ карда хазидем. Дар охир ба хонаи панҷум аз шимол наздик омада будем, ки баногоҳ аз як хукхона, ки дар қафои хона – яъне дар тарафи мо буд, нолидани кӯдаке шунида шуд. Мо наздиктар хазидем ва мехостем, ки ба сарой дароем, вале аз куҷое ана ин пешонадӯнг пайдо шуда монд. Ӯ моро пай набурду боз ба ақиб гашт. Ман «пайти қулай ва асири бо пои худ омада аз даст наравад» гуфта, зуд аз қафои ӯ давида рафта маҳкам даҳонашро дошта, қафонокӣ ба замин хобондаму боз бо телпакам даҳонашро зер кардам. Сержанти калон, ки силоҳ дар даст ба ҳар

эҳтимол ҳозир меистод, ба ёрӣ расида омад. ҳар ду – якамон дастонашро бастем, дигарамон ба даҳонаш рӯймолча андохта, ба пастӣ фуровардем.

– Акнун чӣ мекунем? – гуфта пурсидам ман аз сержанти калон, – дастамон банд шуда монд.

Ӯ ҳам «хуб меравем, дигар чӣ илоҷ» гӯён дили бедилдон гап зад. Лекин нолаи кӯдак хомӯш нашуда, торафт дили худамро ҳам пора мекард. Ба ёдам хоҳарчаи ҳафтсолаи дар Сибир мондаи худам омад.

– Биё, – гуфтам, – ҷӯра, нолаи ҳамин духтаракро шунида эътибор надода рафтан аз инсоф нест.

Сержанти калон дарҳол аз нав ба ғайрат даромада, таклиф кард, ки асирро сахттар баста, аз болои даҳонаш боз рӯймол печонда, ба мағзи барф гӯронем. Баъд ҳар ду рафта, кӯдакро хабар гирем. Ин маслиҳат маъқул афтод. Ҳамин хел кардему «то омаданамон мурад ҳам, садқаи сар» гӯён ба саройча хазида рафтем. Дари саройча аз роҳрави байни хонаю саройча будааст. Ин бисёр боб омад, ҳеҷ кас моро намедид.

Дари саройчаро кушода будем, ки ба димоғамон бӯи пору зад. Ман чароғи кисагиро гирондам. Дар пешгоҳ дар тахтакате, ки дар болояш кӯрпаи ҷиғда – ҷиғда партофта шуда буд, як кас дароз кашида хоб мекард, дар паҳлуяш ин кӯдак, ки чашмонаш аз шӯълаи чароғ мисли чашмони гурбача ялтас мезад, нишаста буд. Шарфаи пои моро шунидан замон кӯдак хомӯш шуда, рӯяшро ба сари синаи каси хобида панаҳ кард. Эҳтимол ӯ моро немис хаёл карда, тарсида бошад. Мо оҳиста ба пеши онҳо рафтем. Каси дар кат хобида кампире буд, ки дасту рӯяш варам карда, беҳолона базӯр гап мезад. Сержанти калон аз кампир пурсид:

– Оча, кӣ мешавӣ ?

Кампир забони русиро шунида, гӯё ба танаш ҷон даромад, чашмонашро калон кушоду нимхез шуда, бо овози баланд «Аз они худӣ, русҳо!» гуфт. Мо дарҳол бо кафи даст даҳони кампирро пӯшонда, пасттар гап заданро илтимос кардем. Баъд аз он, ки вай кӣ будани моро фаҳмид, гириста-гириста бо ғаму ҳасрат гуфт, ки худаш модари як фармондеҳ, кӯдак набераи ӯст. Ӯро тобистон аз Сталинград зани писараш аз хавфи бом-

баборон тарсида, ба назди ӯ фиристода будааст.

Алқисса, пештар афсарони немис, сонитар мана ин макаронпазҳо хонаи кампирро ишғол карда, ӯро ба хукхона бароварда партофтаанд. Кампир чизе, ки дар бисоташ доштааст, хӯрда ба охир расондааст, дар ин рӯзҳо бо сарқуту юндиҳои ана инҳо рӯз медидааст.

Баъд мо пурсидем, ки духтарчаро ҳамроҳ гирифта равем, чӣ мегӯяд? Дар аввал гирёну нолон ба оғӯш зер карду розӣ нашуд, баъд аз он, ки мо кафолат додем, ки кӯдак аз ин ҷо дида дар мо хубтар ва бехатар зиндагӣ мекунад, розӣ шуд. Духтарак бошад, дар ҳамин беҳолиаш «меравам, меравам» гуфта маҳмаддоной ҳам мекард. Дарҳол бо сержанти калон дар ҳамон ҷо нақшаи чӣ хел гирифта рафтани духтаракро фикр кардем. Росташро гӯям, сержанти калон зоҳиран бачаи гӯл намояд ҳам, ботинан хеле шайтон будааст.

– Медонӣ чӣ хел мебарем? – гуфт ӯ. – Корро хитой мекунем. Ман хилъати сатру ихфоямро мекашам, баъд ҳар дуямон духтарчаро аз таги ҷомачаи пахтагии ман ду пояшро ба ду паҳлӯ, ду дасташро ба сари сина кашида, аз тагаш бо тасма мебандем. Баъд бо шикам хазида рафтан мегирем.

– Асирро чӣ кор мекунем? – пурсидам ман аз Сафар.

– Ғами асирро нахӯр. Ӯ ҳоло ба мо роҳро ҳам нишон медиҳад, – ҷавоб дод сержанти калон.

– Баъд, ҳамин хел духтарчаро ба пушт гирифта, аз сарой баромадему ба пеши асир омадем. Не, хушбахтона асир ҳам аз ҷояш наҷунбидааст. Мо дасту пои ӯро кушода ҳамроҳ хазида-хазида пеш бурданӣ шудем. Аммо ин хатарнок намуд. Ман маҷбур шудам ӯро ба китфам гирам. Ҳамин тавр гоҳ хазида, гоҳ гавак кашида, то наздикии ҳамон танки гӯр кардашуда омадем. Аз он ҷо гузаштан душвор шуд. Кадом як аскари немис аз назди танк ҳеҷ дур намерафт. Мо маҷбур шудем аз росттар гузашта сонӣ боз ба роҳи худ баргардем. Вақте ки ба сойи поёни деҳа расидем, ана дар он ҷо роҳи худро гум карда, дар кадом тараф немисҳо, аз кадом тараф хатти мо мегузарад, надониста мондем. Лозим омад, ки ба оташфишонии немисҳо мунтазир шавем. Аз ин тилбилмас бошад, ҳеҷ чизро пурсидан

нашуд.

– Мана, камтар гулӯро тар кунед, – гуфт лейтенант Николаев ва ба Соболу Сафар дар дӯлчаҳо арақ дода, боз пурсид, – хӯш, баъд чӣ шуд?

– Баъд, рафиқ капитан, аз паҳлӯи чаптар як пулемёт ду қатор тири рангоранг кушод. Аз вай дуртар ҳеҷ тир намебаромад. Мо ба ҳамон тараф аз пастхамии сой оҳиста-оҳиста хазидему аз дуртари нуқтаи оташфишони шадиди эҳтиётии пулемётии немисҳо ба теппаи рости сой баромадем. Аз теппа ин тарафаш майдони симхор ва чуқуриҳои зиддитанкӣ дошт. Ба як чуқурӣ фуромада, даҳ-понздаҳ дақиқа дам гирифта, баъд ба тарафи симхорҳо наздик шудем. Ман сержанти калонро бо қайчии симбур пештар фиристода, худам поида истодам. Сержанти калон пас аз ду симхори аввалро буридан, боз як симхорро буриданӣ буд, ки аз паси мо ба ҳаво мушак парид. Намедонам, немисҳо моро оё диданд ё надиданд. Сонӣ болои ҳам ба ҳамин сӯ тир паррондан гирифтанд. Ман ба пасттари чуқурӣ руст шуда, пайти қулай поида, пас аз хомӯштар шудани оташ аз паси сержанти калон баъзан аз гиребони ин «ҷаноб» кашола карда, баъзан ба китфам гирифта, гавак кашидам. Ба пеши симхори буридашуда омада будам, ки шарики ман кайҳо ғоиб шудааст, вале аз паи вай дар рӯи барф доғи сиёҳи хунро дидам...

– Ана, эҳтимол дар ҳамон ҷо тир хӯрда бошад? – пурсид лейтенант Николаев.

– Бале, дуруст гуфтед, – ба суханаш давом дод Собол, – дар ҳамон ҷо ба пояш тир расида, дар гармогармӣ нафаҳмида хазидаю ҷаҳида пеш рафтан гирифтааст. Ман ҳам аз симхор бо ин «ҳамроҳ«-и худ базӯр гузашта, чор-панҷ қадам пештар омада будам, ки боз мушак рӯи заминро моҳтоб барин равшан карда, аз паси он пулемётпарронӣ сар шуд. Вақте ки ман бо қувваи охирин ба пеш зӯр мезадам, якбора ин ҷаноб хиррас зада монд. Оббо, нафасаш гашта мурд, гуфта, ба азобҳои кашидаам афсӯс мехӯрдам. Вақти ба ӯ нигоҳ карда санҷидан ҳам набуд. Рафтан гирифтам. Немисҳо аз тирандозӣ ором намешуданд. Мушакҳо пайиҳам дар осмон овезон мешуданд. Охир аз майдони

холие, ки дар мобайни мою немисҳо ҳаст, гузашта, ба сержанти калон, ки дар як чуқурӣ нишаста буд, расидаму ба ӯ аз нафасаш гашта мурдани асир афсӯсхӯрон ҳасрат кардам. Вай сару рӯи ин асирро дошта, биниашро кашида буд, ки хир – хир овоз баровард. Аз ин ба дили ноумеди ман ҳам ҷон даромад. Баъд аҳволи сарҷанти калон ва духтарчаро пурсидам. Сержанти калон пои чапашро базӯр ҷунбонд. Ман ба вай даст дароз карда будам, ки ба ангуштонам як чизи гарми часпон расид... Боз дил беқарор зада, илоҷе меҷустам, ки аз сад – саду панҷоҳ метр роҳи боқимонда ҳар навъ бошад ҳам, гузарем. Бадии кор дар он буд, ки тири немисҳо дар ин ҷо заминро лесида мегузашт. Не, таваккалӣ ба роҳ даромада, хушбахтона дигар безарар рост аз пеши ротаи ҳамсоя баромадем ва аз он ҷо взводи сержанти калон наздик будааст, ба вай хабар доданд ва захми Одинаевро дарҳол худи аскарҳо бастанд... Баъд аз хеле вақт чашмам ба хилъати сатру ихфои худам афтод, бинам, аз ақибам то ду паяҳлӯям суп – сурх хун. Ҳарчанд ба ҳар ҷои баданам даст зада медидам, ҳеҷ захме пайдо намекардам. Баъд, ин асирро, ки дар роҳрави заминкан монда буд, ба заминкани солдатҳо дароварда, дасту по ва даҳонашро кушодем. Вай дарҳол ба ақибаш даст бурда бо нолиш ангуштони хунолудашро нишон дод. Бинем, рост аз болои думбааш тир хӯрдааст. Сонӣ фаҳмидам, ки вай дар аснои аз симхор гузаштан тир хӯрда, ин хел монанди ҷонканӣ хир-хир карда будааст...

...Баъди аз полк ба дивизия омадан, Сафарро ба бемористони саҳроии худи ҳамин қисм фиристоданд. Духтарчаи Осмухин низ ба ҳамон бемористони саҳроӣ, ба парастории ҳамшираҳо супурда шуд.

Аз мобайн панҷ-шаш рӯз нагузашта, ба қисми беҳдорӣ сардори шӯъбаи сиёсии дивизия полковник Копейкин, ки вай чандин рӯз пеш ба Сафар билети ҳизбии ӯро супурда буд, бо ҳамроҳии фармондеҳи баталон капитан Дяченко, лейтенант Николаев ба диданি Сафар омад.

Полковник меҳрубонона дасти Сафарро фишурда, ба ӯ барои баҳузур дароз кашида хоб кардан иҷозат

дода гуфт:

– Фармондиҳӣ шуморо барои диловарона адо кардани фармони ҷангӣ табрик мекунад ва бо ордени Ситораи Сурх тақдир менамояд. Аз «забон»-и дошта овардаи шумоён маълумотҳои хеле пурқимат ба даст омад. Ва барои инсонпарварии лоиқи таҳсини шумо шахсан аз номи худам ва фармондеҳи дивизия ташаккур изҳор мекунам.

Полковник ҳамон замон орденро ба сари синаи Сафар овехт. Назари ҳама ба чеҳраи Сафар, ки дар як дам мисли себи аз офтоб ранггирифта сурхӣ давида буд, дӯхта шуд.

## БОБИ БИСТУ ҲАШТУМ

Соли навро ӯ дар давраи рафиқони ҳамнабард худ дар заминкани нав пешвоз гирифт. Чунки то аз бемористон омадани Сафар қисми вай ҷои худро иваз карда буд. Ин заминкан нисбат ба заминканҳои пештара хеле амиқ ва болояш бо ду-се қабат болору тахта ва хоку хошок пӯшида шуда буд. Дар як тарафи он кати чорқатшавандаи сафарӣ ва дар пешаш мизи хурдакаки ба девор ҷафс гузошташудае меистод. Дар болои миз оинаи на он қадар калон, дулчаю обдон, як шиша атр, ду-се шиша шароби маркааш ношинос, боз дигар ғизою хӯрданиҳо муҳайё буданд. Ҳамаи инро Ермак, аз бемористон омада, то бо ҷанговарони взводи худ мулоқот карда баромадани Сафар тайёр карда монда буд.

– Офарин, – гуфт Сафар, заминкан ва чизу чораҳои дар он бударо аз назар гузаронда ва боз давом дод: – Вале ана ин ғаниматҳои немисатро тоқати дидан надорам... Магар аз они худамон аз инҳо беҳтар набуд?..

Ермак бо ҳайрат ба Сафар саволомез нигоҳ кард.

– Кадом ғаниматҳои немисӣ ? – пурсид вай.

– Мана, аз кату миз сар карда, то чизҳои болои миз бударо мегӯям.

Ермак хандида, ҷавоб дод:

– Хотирҷамъ бошед, рафиқ сержанти калон, дар ин

ҷо ягон чизи немисӣ нест.

– Пас ин чизҳо аз куҷо пайдо шуданд?

Ермак бо нуқтадонии худ гуфт:

– Аввал шумо баҳузур гузашта шинед, баъд мефаҳмед.

– Не... на фақат аз гитлерчиён, ҳатто аз даст расондан ба чизҳои онҳо кас ҳазар мекунад... – гуфт Сафар бо ҷиддият.

– Э, э, э... рафиқ сержанти калон, – гуфт Ермак, – магар он гушначашмон ин хел чизҳоро аз бисоташон ба осонӣ медиҳанд? Ҳамаи инҳоро онҳо, ба куҷое, ки пои нопокашон расидааст, duздидаанд.Мана ин кати кадом як беморхонаи Украина, – Ермак мӯҳри ба брезенти кат задашударо нишон дод, – ин мизча аз кадом як мактаби Сталинград, обдону дӯлча дар Варшава сохта шудааст, ана ин атр бошад, аз Париж, ин шаробҳо аз Молдавия. Як ана ҳамин оинаро муайян карда натавонистем ва қарор додем, ки касе ба вай нигоҳ кунад, аз они ҳамон...

– Ин хӯрокиҳо аз куҷо омад? – боз савол кард Сафар.

– Мо нақлиёти махсуси ҳавоӣ дорем, ки аз тарафи ҷаноби Геринг таъйин карда шудааст. Ҳар рӯз расо соати ёздаҳ – дувоздаҳи шаб ба мо истеҳқоқи иловагӣ меоварад... – ҷавоб дод Ермак ҳавопаймоҳои немисии шабона парвозкунандаро ба назар гирифта, ки онҳо ба қӯшунҳои дар иҳота мондаи гитлерӣ озуқа мекашонданд ва гумроҳ шуда, борҳои худро аксар ба мавқеи қӯшунҳои мо мепартофтанд.

Ермак аз берун шарфаи пойи касеро шунида, ба пешвози вай баромад.

Ба заминкан Дадабой, ки ду рухсораш ва нӯги бинии паҳнаш аз аёс суп – сурх шуда будАНД, даромад.

– Оббое, элликбошӣ... Хуб пазмон кардӣ-дия... ҲарчИ тамоман сиҳат шуда омадӣ ?

– Ҳа, захми по зуд сиҳат шуд...

– Устухонаш безарар аст?

– Ҳа, ба устухон тир нарасидааст.

– Ҳамаи гап дар ҳамин... Устухон солим бошад, ҷои

гӯшт боз пур мешавад...

– Худат чӣ тавр, акнун зиёфати ин орден ва рутбаи навро кай мехӯрем? – Сафар ба рутбаи сержанти хурд ва ордени сари синаи ӯ ишора кард.

– Чӣ тавре ки мебинӣ, мех барин боқувват ҳастам. Зиёфат бошад, ҳар вақт фармоӣ, тайёр, – ҷавоб дод Дадабой ва худаш низ ба ордени Ситораи Сурхи дар шӯълаи чароғ ҷилодиҳандааш, ки барои нишон додани шуҷоат ва мардонагӣ дар ҷангҳои охирини рахнаи хатти мудофиавии немисҳо гирифта буд, бо гӯшаи чашмаш як нигоҳ карда монд.

– Дадабой, дар хотир дорӣ, вақти дар қисми тоҷикии Сталинобод буданамон бо командири отделения Даврон гӯштин гирифта, ба таънаи вай «мардро дар майдон бин» гуфта будӣ ?

– Ҳа, ҳа, дар ёдам ҳаст... Даврони гӯшкалон.

– Канӣ акнун ҳозир вай туро бо ин ордену медалҳо бинад... Ту чӣ мегуфтӣ ?

– Чӣ мегуфтам, боз «мардро дар майдон бин» мегуфтам хап меистодам.

– Вай аз ту зиёдтар ордену медал дошта бошад, чӣ мегуфтӣ ?

– Ҳамон вақт ҳам «мардро дар майдон бин» гӯён аввал худам ба ӯ офарин мехондам...

– Бале, Дадо, хуб гуфтӣ.

– Рост, ошно... Касе ки дар ин майдон мардӣ нишон додааст, ҳалолаш бод!..

– Ҳалоли ту ҳам бод, Дадо... – Сафар аз гапҳои самимонаи Дадабой ба шавқ омада, ба китфаш даст бурду ӯро ба оғӯш кашид. Дадабой ҳам дасти худро аз паҳлӯи Сафар гузаронда, ӯро ба оғӯш гирифта гуфт:

– Коре карда, аз ин ҷанг дар пеши аҳли маҳаллаю деҳаи худ забонкӯтоҳ нашуда бо рӯи сурху болодастӣ баргардем, аз ин дида давлати калон нест.

– Албатта ҳамин тавр мешавад, ошно... Акнун на фақат номи зафар, балки худи зафар бо мост...

Ермак аз як дам хомӯшии онҳо фоида бурда, аз Сафар вақтро пурсид.

– Эҳе, чоряк кам дувоздаҳ шудааст, – ҷавоб дод Са-

фар ба соати дастиаш нигоҳ карда. – Фармондеҳи отделенияҳоро ҷеғ зан, – ба Ермак фармуд ӯ.

Аз байн панҷ – даҳ дақиқа нагузашта, ба заминкани Сафар фармондеҳони се отделенияи взвод – Нехода, Йӯлчӣ, Григорян яке аз пайи ҳам даромада омаданд. Фармондеҳи отделенияи чорум Дадабой буд. Соат панҷ дақиқа кам дувоздаҳ шуд. Сафар ба ҳар як шарфаи пое, ки аз роҳрав шунида мешуд, бетоқатона гӯш медод.

– Боз ба кӣ мунтазирӣ ? – пурсид Дадабой.

– Як ошнои навам омаданӣ буд, – гуфт Сафар номашро нагирифта.

Дадабой «кӣ вай» гӯён савол дода буд, ки аз дар ба заминкан ҷавонмарди шонапаҳни пешона васеъ, устухони биниаш каме дӯнги нӯгаш сармозада иҷозат пурсида даромад. Сафар аз ҷояш хеста, ба истиқболи ӯ рафту даст дода, гуфт:

– Се дақиқа вақт монд, тезтар болопӯшатро каш, бародар.

– Дар се дақиқа кашшофон чӣ корҳоеро, ки намекунанд, ҳоло-ку як болопӯш кашидан, – гӯён болопӯшашро кашид он ҷавонмард. Вай дар тан гимнастёркаи нави моҳути хокӣ, ки сари синааш пур аз ордену медалҳо буд ва дар гиребонаш аломати сержантӣ дошт. Ин ҷавонмард – ҳамон кашшоф Собол буд, ки ҳамроҳи Сафар ба разведка рафта буд.

Собол зуд аз паҳлӯи Сафар гузашта нишаст ва ба шишаҳои шароб назар андохта, гуфт: – Ту инҳоро аз куҷо ёфтӣ ?

Сафар ба Ермак ишора карда, бо киноя ҷавоб гардонд:

– Чуноне ки Ермаки мо мегӯяд, тӯҳфаи солинавии ҷаноби Геринг ҳам ба соҳибонаш насиб накардааст...

– Ҳа, воқеан, худи ҳозир ду ҳавопаймои боркаши онҳо ҳамаи тӯҳфаҳои солинавии худро ба мавқеи баталйони ҳамсоя партофтааст, – гуфт сержант Собол.

– Тоҷикон як мақол доранд: «чизи дуздӣ ҳеҷ вақт ба кас насиб намекунад»... – илова кард Сафар ва боз ба соаташ чашм дӯхту баъд ба ҳама таклиф намуд: – Канӣ, бардоштем.

Ҳозирон қадаҳҳои пур аз шаробро ба даст гирифтанд. Соболь ба ҳама муроҷиат карда гуфт:

– Қадаҳи аввалин барои Ватан... Барои ғалаба, рафиқон!..

...Дере нагузашта вақту соати ҷомаи амалпӯшидани ин орзуи нек, ки барои вай дар тамоми хоки бепоёни мо миллионҳо ин гуна қадаҳҳои солинавӣ бардошта шуда буданд, расид...

## БОБИ БИСТУ НӮҲУМ

Баъд аз даҳ рӯзи дигар, субҳи барвақт ғулғулаи баланди тӯпу миномётҳо, ҳавопаймову танкҳо замину осмонро ба ларза оварданд...

Дадабой, ки аз сангари худ сар бардошта, мувофиқи гуфти худаш, ба ин «қиёмат» ба ҳаяҷон назар мекард, ба Сафари дар паҳлӯяш ҳозиршуда овозашро баланд сар дода гуфт:

– Осмон ба сари фритсҳо фурӯ рафт...элликбошӣ !

– А, чӣ гуфти ? – гӯшашро ба таги манаҳи Дадабой овард Сафар. Дадабой ҳам ба гӯши вай боз баландтар гап зад:

– Осмон ба сари немисҳо фурӯ рафт, мегӯям.

– Ба тухми онҳо қирон омад, қирон... – ҷавоб гардонд Сафар ҳам овозашро баланд сар дода.

Ба гап Ермак ҳамроҳ шуд.

– Ана инро мусиқии симфонии ҷабҳа меноманд...

– Ермак, – гуфт номи ӯро гирифта Сафар, – боз як бор ба фармондеҳони отделения хабар деҳ, ҳамин, ки танкҳо пеш гузаштанд аз қафои онҳо якбора ба ҳуҷум!

– Итоат, рафиқ сержанти калон.

Ҳамин ки оташи тӯпу миномётҳо ба даруntари мавқеи немисҳо равона карда шуд, аз паси сангарҳо, заминканҳо пиёдааскарони шӯравӣ, аз пастхамиҳо, сойҳо ва чуқуриҳо танкҳои сабук, миёна ва вазнин бо ғурриши муҳаррикҳои худ ба садои тӯпҳо ҷӯр шуда, барфу хоки заминро ба ҳаво бардошта, пеш даромаданд. Дар болои ин танкҳо ҷанговарони ҳама либоси якхелаи сафед пӯшидаи автоматдор сина ба пеш дода менишастанд. Баробари аз хатти пеши ҷанг гузаштани

танкҳо, аз паҳлӯи росту чапи взводи Сафар «ура» баланд шуд. Сафар ҳам автоматро баланд бардошта, бо як ҷаҳиш худро ба хандаки сангар гирифту садо баровард:

– Бародарони ҳамяроқам! Ба пеш, барои Сталинград!

Аз байни гулдурросҳои тӯпу туфангҳо мавҷи садоҳои «ура»-и аскарони сурх ҳаворо пур мекард...

Сафар взводи худро аз саҳрои васее, ки бо гулӯлаву бомбаҳо, бо минаю тасмачархҳои танкҳо чаппагардон карда шуда буд, аз сангару заминканҳо, ки аз мурдаҳои немисҳо пур буд, пеш бурда, роҳравон нуқтаҳои оташфишонии боқимонда, аскарҳои аз хандақҳои худ сар бардошта муқобилаткунандаи гитлериро бо туфангу автомат, норинҷаку шишаи дардиҳанда, найзаю қундоқ несту нобуд мекард ва торафт ба шаҳре, ки моҳҳо инҷониб муштоқи дидани он буд, наздик мешуд.

Ҳамин тавр, ҷонбозиҳои ҷанговарони шӯравӣ ва садои ҳамаи навъҳои яроқу аслиҳаҳои беҳисоб, ки ба ин сарзамин аз тамоми гӯшаю канори мамлакат фиристода шуда буданд, рӯзҳо ва шабҳоро пайи ҳам пушти сар гузошта, соати шодмониро наздик меоварданд...

* * *

Субҳи барвақти 22-юми январ взводи Сафар дар болои танкҳои вазнини «КВ» савора буд. Қариб ҳамаи ҷанговарони вай мисли худи Сафар бесаброна интизор мекашиданд. Онҳо дақиқа ба дақиқа аз ҷой ҷунбидани танкҳоро, мисли қаторае, ки ба сӯи шаҳри моҳҳою солҳо надида ва пазмоншудаашон гирифта мебурд, мунтазир мешуданд... Онҳо аз паси теппаи на чандон калон, аз болои ин танкҳои ба шарқ нигоҳ кардаистода биноҳои аз оғӯши дуди туманмонанд базӯр намудори Сталинградро медиданд. Аз дур ин биноҳо, монанди аслашон, гӯё бе ҳеҷ нуқсон қад кашида меистоданд. Дуде ки аз оғӯши шаҳр оҳиста ба ҳаво паҳн мешуд, ҳамаи «ҷароҳатҳо»-и онро мисли пардаи хокистарранг аз чашм пинҳон медошт...

Дар гирду атрофи теппа бошад, заминкану сангарҳои морпеч ба хеле дурӣ дарозкашидаи немисҳо

воқеъ буданд, ки дар берун ва даруни онҳо мурдаҳои беҳисоби дар ҳар ҳолат шах шудамонда мехобиданд.

Дадабой аввал ба ин манзара дере чашм дӯхта истоду баъд ба Сафар заминканҳоро нишон дода гуфт:

– Элликбошӣ, ҳозир ана ин заминкану мурдаҳои немисҳоро дида, сухани лейтенант Осмухин, ки дар саҳрои Дон дар аснои заминкан кофта истоданамон гуфта буд, ба ёдам омад.

– Чӣ гуфта буд? – пурсид Сафар.

– Барои мо имрӯз ин замини бо азоб чуқур кандаамон паноҳгоҳи муваққатӣ бошад, пагоҳ – бегоҳ барои немисҳо гӯри торик мешавад, гуфта буд... – ҷавоб дод Дадабой ва бо дасташ заминкану сангарҳоеро, ки пур аз мурдаи аскарҳои гитлерӣ буданд, нишон дода илова кард, – ана, гуфти лейтенант дар пеши назари худамон...

– Ҳа, ҳа... Ба хотирам омад, заминкан кофтани Мамараҷабро дида нагуфта буд? Канӣ, акнун худи Мамараҷаб инҳоро бинад...

– Воқеан Мамадполвон ҳозир чикора бошад?

– Кораш калон. Сардори звенои фронтӣ, одами номдори колхоз шудааст, – ҷавоб дод Сафар.

– Эҳ, Мамараҷаб, офарин, охир хизмати аскарӣ ӯро ба қатори одам даровард-а?..

Сухани охирини Дадабойро ғулғулаи танки пешгард, ки баробари ба ҳаво паридани мушаки сурх баланд шуд, пахш кард. Аз паси вай дигар танкҳо ҳам аз қафои худ дуди хокистарранг бароварда. якбора бо ғурриш аз ҷои худ канда шуданд... Аз чор тараф ҷанговарон ба ҳамдигар даст афшонда. борҳо «Поезд ба Сталинград меравад... Ба Сталинград...» гӯён садо мебароварданд.

Ҳангоме ки рӯз домани худро аз уфуқ кашида, шаб пардаи худро паҳн мекард, онҳо аз самти шимоли ғарб ба шаҳр даромаданд. Шаҳри нимторикро мушакҳоли беҳисоб, ки якбора аз чанд тараф ба ҳаво мепариданд, равшан мекарданд. Сафар аз ин рӯшноӣ фоида бурда, сарсарӣ бошад ҳам, ҳамаи манзараи дар пеши худ аёнгаштаро бо чашмони шӯълавари худ аз назар мегуза-

ронд.

Аз чӣ сабаб бошад, ки ҷанговарони Сафар ба чашми худ бовар накарда, бо овози паст ба ҳамдигар мегуфтанд.

– Сталинград!

– Мо дар Сталинградем!

Ба ин гапи онҳо касе аз торикӣ ба пешвози онҳо омада, ҳарсасзанон тез-тез нафас кашида:

– Шермардони генерал Рокоссовский дар Сталинград... – мегуфту ҳар каси ба чашм афтодаро, мисли падар, бародар ва дӯсти солҳои сол надидаи худ ба оғӯш кашида, аз бӯсидан сер намешуд... Аз паси вай боз беист ҳамроҳонаш омада, монанди вай аз оғӯшгирӣ ва бӯсакунӣ дере даст намекашиданд...

Сафар, ки дар чашмонаш ашки шодӣ ҷӯшида буд, низ ҳар яки онҳоро бо меҳру самимият ба оғӯш гирифта мебӯсид ва баъд такрор – такрор аз онҳо мепурсид:

– Лейтенант Осмухинро намедонед дар куҷо бошад? Аз дивизияи полковник Людников.

Лекин аз ҳеҷ кас ҷавоби қонеъкунанда намегирифт. Дар охир як мард ришу бурутҳои расидаашро ба лабу даҳони Сафар хор барин халонда-халонда ӯро бӯсида ба саволаш ҷавобан гуфт:

– Дивизияи полковник не, генерал Людников дар шимолтари шаҳр ҳанӯз бо фритсҳо меҷангад... Ҳозир ҳам ба тарафи онҳо гузаштан осон нест. Фашистон беист аз ҳар таҳхонаю кунҷу гӯшаҳои хонаҳо мепарронанд. Чӣ, магар шумо аз ҳамон дивизия?

– Ҳа, аскари собиқи ҳамон дивизия будам, – ҷавоб дод Сафар.

– Ба фармондеҳонаш ҳам офарин, ба ҷанговаронаш ҳам... – таъриф кард ҳамсӯҳбати Сафар. – Дар соҳили рости Волга танга барин заминро чор моҳ боз аз даст надода, ҳозир ҳам шервор меҷанганд.

– Немисҳо дар куҷо? – пурсид Сафар.

– Ҳам дар чап ва ҳам дар рост.

– Ин ҷо куҷо?

– Қӯрғони Мамаев. Рӯз бошад, тамоми шаҳрро аз ин ҷо чун кафи даст дидан мумкин аст.

Сӯҳбати кӯтоҳи онҳо баробари расидани фармони

нав қатъ ёфт. Взводи Сафар дар ҳайати полк аз ин қӯрғон ба тарафи чап баргашта, ҳамроҳи дигар ҷузвитомҳо ба муқобили гурӯҳҳои немис, ки дар шимоли шаҳр иҳота карда шуда буданд, ҷангро давом дод.

Барои Сафар аввалин бор дар шаҳр ҷанг кардан хеле мураккаб ва мушкил буд. Немисҳо, ки дар болохонаҳои нимвайрона, дар гардишҳо ва паси деворҳои биноҳои фатарот ва дар таҳхонаҳо шинак гирифта буданд, як дақиқа ҳам оташфишониро бас намекарданд. Илова ба ин ҷойҳое буд, ки дар ними биноҳо ҷанговарони советӣ, дар ними дигараш фашистон ҷойгир шуда, бетанаффус ба муқобили якдигар оташфишонӣ мекарданд. Кас дарҳол сарфаҳм рафта наметавонист, ки дар куҷо душман ва дар куҷо худиҳо. Охир аз ҷузвитомҳои сталинградӣ як гурӯҳ ҷанговарон ба взводи Сафар ҳамроҳ шуда, якҷоя ба муқобили душман мубориза бурда, қадам ба қадам ӯро танг карда рафтан гирифтанд.

Ҳамин тавр, ин шаби дарози чиллаи зимистон ҳам рӯз шуд. Акнун Сафар аз мавқеи худ, ки дар қарибиҳои маҳалли корхонаи тракторсозӣ буд, манзараи андӯҳгини шаҳрро нисбат ба шабона дида равшантар дида метавонист. Ба ҷои шаҳр, ба ҷои биноҳои серошёна, кӯчаҳои қирпӯши ду тарафаш дарахтзор ва корхонаҳо ҳоло ба чашм танҳо чордеворҳои аз тиру гулӯла мисли ғалбер сӯрохшуда, сангу хоктӯдаҳо, чуқурию пастхамиҳои каҷу килеби пур аз оҳану тунукапораҳо, якта – нимта биноҳои нимфатароти ҳанӯз ба дуди сӯхтор печидае ба назар менамуданд...

Як вақт ба чуқурие, ки Сафар менишаст, капитан Володин давида фуромад.

– Чӣ хаёл карда нишастаӣ, тоҷикписар? – пурсид ӯ.

– Бинед, шаҳрро чӣ хел хароб кардаанд, рафиқ капитан.

– Мо ин харобаҳоро ҳар навъ карда боз гулистон мекунем, – ҷавоб дод Володин чашмашро ба пеш дӯхта, – аммо онҳо сохти футурравандаи худро дигар рост карда нахоҳанд тавонист... Канӣ ба пеш!

Сафар баробари Володин аз чуқурии шинакгирифтааш ҷаҳида хеста аз паноҳкунии дуди сӯхтор фоида

бурда, ба сӯи бинои якқабатаи дарози бедару тиреза, ки дар рӯ ба рӯяш буд, давид. Аз паси ӯ якчанд ҷанговарони дигар ҳам гоҳ афтону хезон давиданд. Аз гардиш ва кунҷҳои бино, аз сӯрохҳои як одам ғунҷидании он пайи ҳам тир мепаррид.

Ҳамин ки ҷанговарон ба паси девори рӯ ба рӯ расиданд, Сафар дарҳол ба сӯрохи охири девор болои ҳам ду норинҷак ҳаво доду аз паси он худаш ба дарун зер карда даромад. Шарикони вай ҳам ҳамин тавр аз дигар сӯрохҳои дару тирезаҳо ба бино даромада, аскарҳои гитлериро ки пулемёту автоматҳои худро партофта, монанди бузи аз раъду барқ хӯсида дар ҳар кунҷи хона ларзида менишастанд, бо қундоқ, найза ва ҳатто бо мушт мекӯфтанд.

Гитлерчиён одатан дар ин гуна вазъияти ноилоҷ, ғайр аз «Гитлер капут, Русен гут... корош... плен... плен...» гуфта даст бардоштан дигар чорае надоштанд.

Дар ҳамин вақт яке аз он ҷанговарони ҷузвитомҳои беҳдорӣ, ки ба взводи Сафар ҳамроҳ шуда буданд, аз тирезаи беоинаи хонаи даромадааш ба берун нигоҳ карда гуфт:

– Ана, мо ба биноҳои корхонаи тракторсозӣ ҳам расидем.

Чашми Сафар зуд ба сӯи он ҷанговар дӯхта шуд:

– Чӣ гуфтӣ, корхонаи тракторсозӣ?

– Ҳамин тавр, рафиқ сержанти калон.

– Ту аз куҷо медонӣ?

– Худи ман ҳаминҷоӣ ҳастам, рафиқ сержанти калон.

– Ин тавр бошад, биё ба шодиёнааш аз лабонат як бӯсам, ҷӯра... – Сафар бо ӯ сахт оғӯш гирифту бусобӯсӣ кард ва баъд дасти ӯро дошта гуфт: – Ту сталинградӣ бошӣ, ман сталинободӣ ҳастам...

Онҳо боз ба бӯса лаб бурда буданд, ки аз куҷо Йӯлчӣ ба ҳавли ҷон давида омада:

– Дадабой тир хӯрд, рафиқ сержанти калон, шуморо мепурсад! – гуфт.

Сафар ба ҷои худ фармондеҳи отделения сержант Неходаро монда, худаш ҳамроҳи Йӯлчӣ давида берун баромад. Дар пайраҳаи кӯчае, ки нав Сафар аз он ҷо

гузашта омада буд, дар паси сангтӯда Дадабой, ки дар рӯяш қатрае хун намонда буд, чашмони калон – калони худро ором пӯшида рӯ ба боло мехобид. Дар пеши вай беҳдори дастонаш хунолуд сари синаи бараҳнаи ӯро докапеч мекард. Докаи сап – сафед, мисоли коғазе, ки ба ранги сурх олуда аст, аз хуни синаи вай торафт лолагун мегашт.

– Дадо... Дадо... Ошно... Чӣ шуд ба ту? – Сафар ба болои сари вай хам шуд.

Дадабой чашмони худро, ки сиёҳии онҳо торафт ба боло кашида мешуданд, базӯр нимроғ кушода, ба Сафар хеле диққат кард ва бо садои ғулӣ чунон гап зад, ки Сафар фақат охири сухани ӯро фаҳмид:

– Мо д – а – р С – т – а – л-и – н – г – р – а – д...

– Ҳа дар Сталинград, ҷӯраи ҷон, дар Сталинград ҳастем, – гӯён Сафар аз бадтар дигаргун шудани ранги рӯи вай безобита шуда, гоҳ даст, гоҳ сар, гоҳ синаи ӯро медошту навозишкорона менолид ва гӯё бо ҳамин ӯро аз дасти марг халос кардан мехост. Ба беҳдор саволомез нигоҳ мекард ва аз ишораи вай ноумед будани аҳволи дӯст, ҷӯра, ҳамватани худро пай бурда, аз ин ҷудоии бемаҳал мижаҳояшро бо оби дида тар мекард...

Дадабой боз як бори дигар чашмонашро калонтар кушода, ба Сафар дӯхта буд, ки Сафар рӯяшро як сӯ гардонда, ашки чашмашро бо остинаш пок кард.

– Чаро мегирйӣ, кас магар дар айёми ид ҳам мегиряд?.. – гуфт Дадабой ва чашмашро аз осмоне, ки аз зери абрҳои пора – пора бунафшранг метофт, наканда, каме хомӯш монд.

– Дадо, ҷӯраҷон, ҳозир туро ба қисми беҳдорӣ мебарем... Аҳволат бад нест, дуруст мешавӣ, – гуфт Сафар ба некхоҳӣ ва мехост Дадабойро аз зери сар ва пояш ба дасташ бардорад. Аммо, аз афташ, аз Сафару беҳдор вазъияти худро худи Дадабой беҳтар медонист, ки таклифи Сафарро рад кард.

– Не, мон, аз ҷоям наҷунбон, додар. Ғамгин ҳам нашав, ҳозир ҳам Дадо мисли хурӯс аст... Бин, чӣ хел осмон аз байни абрҳо каб – кабуд менамояд... Тамоман ба осмони Сталинобод монанд...

Сафар ҳам беихтиёр сарашро боло бардошта, ба

осмоне, ки аз зери абрҳои пора – пора торафт мусаффо менамуд, нигоҳ карду:

– Ҳа, дуруст гуфтӣ, ба осмони Сталинобод монанд аст... На як осмонаш, инчунин заминаш, обу ҳавояш, додар... – гуфт ва боз ба Дадабой нигоҳ кард.

Дадабой бошад, чашмони ҳамин ҳоло ҳушёр кушода истодаи худро оҳиста пӯшиду хомӯш шуд...

## БОБИ СИЮМ

Баъд аз панҷ шабу панҷ рӯзи дигари ҳуҷуми бузург боқимондаҳои артиши гитлерӣ, мисли деворе, ки аз сели сахт намкашида футур меравад, дигар дошт дода натавонистанд. Аз хонаҳои валангор, аз хандақу заминканҳо, таҳхонаю пастхамиҳо афсарон ва аскарҳои фашистӣ пайи ҳам даст ба ҳаво бардошта мебаромаданду ба кӣ таслим шуданро меҷустанд...

Тӯпу туфангпаррониҳо низ торафт хомӯш шуда, шаҳр оҳиста-оҳиста аз одам пур мешуд. Дар он маҳалҳое, ки аз душман тамоман тоза карда шуда буданд, сапёрон майдонҳо, хонаҳо, роҳравҳо, кӯчаҳоро аз мина тоза мекарданд, дастаҳои ғаниматҷамъкунанда силоҳу лавозимоти беҳисоби ба ҳар куҷо партофта рафтаи немисҳоро меғундоштанд, алоқачиён ба истгоҳҳои нави фармондеҳон сими телефон мегузаронданд, дастаҳои коргарӣ кӯчаҳои сангу хокзеркардаро тоза, роҳсозон чуқуриҳои аз таркиши гулулаву бомбаҳо бавуҷудомадаро муваққат таъмир мекарданд, ба ҷои кӯпрукҳои вайрона кӯпрукҳои нав месохтанд. Ҳамин ки як роҳи шаҳр кушода шуд, дарҳол «хӯҷаинон»-и он – танзимгарони ҳаракат бо байрақчаҳои сурху зарди худ ба миёнҷои кӯчаҳо баромада, тартиботро идора менамуданд...

Рӯз аз нисф гузашта буд, ки дар шимоли шаҳр ҳам якбора гулдуроси тӯпҳо хомӯш гардид. Тӯдаҳои охирини аз таслимшавӣ саркашидаи қӯшунҳои гитлерӣ ҳам охир ба зону нишаста, мағлубияти худро эътироф карданд.

Сафар дар давоми ҳафт- ҳашт моҳ аввалин бор автоматашро дар хандақи сангар монда, бехавфу хатар озод аз ҷояш бархосту чангу хоки сарулибосашро

афшонда, ба гирду пеш чашм давонд. Аз чор тараф ҷанговарони дигар ҳам мисли ӯ аз ҷои худ бархоста, якдигарро мебӯсиданд, ба оғӯш мегирифтанд.

Сафар ҳам ба взводи худ ба истиқболи ҷанговароне, ки ба сӯи ӯ меомаданд, давиду аз як аскаре ки дар паҳлӯяш меистод, пурсид:

– Шумо аз кадом қисм?

Ҷанговар номи фармондеҳи қисми ба Сафар ношиносро гирифт.

– Шумо намедонед, дивизияи генерал Людников дар кадом тараф?

– Медонам, онҳо аз мо дусад-сесад метр дуртар буданд. Ҳозир дар паси ҳӯ ана он хонаҳои вайронаи соҳили Волга бояд бошанд, – гуфт Ҷанговар ва бо дасташ ҳамон тарафро нишон дод.

Сафар ба Ермак куҷо рафтани худро таъйин карда, ба ҳамон тарафе, ки аскар нишон дод, давон-давон рафт. Вай ба пастхамии соҳили рости Волга расида буд, ки ӯро як марди миёнсоли дар бараш либоси фармондеҳӣ, нигоҳ дошт.

– Истед, рафиқ ҷанговар! – гуфт вай ва пурсид: – Шумо корд надоред?

– Дорам, рафиқ подполковник, – ҷавоб дод Сафар ва аз соқи мӯзааш корди дудамаашро баровард.

– Як дақиқа сабр кунед, ҳозир баргашта медиҳам, – гӯён командир кордро аз дасти Сафар гирифту ба як чуқурие, ки аз ҷои исти онҳо чор-панҷ қадам дуртар буд, рафт. Сафар ҳам аз паси вай рафт. Дар чуқурӣ як фармондеҳи захмдор ва боз як ҷанговари дигар менишастанд. Командире, ки аз Сафар корд гирифт, ба болои командири ярадор омада, остини чапи болопӯши ӯро аз поён то боло бо корд бурид. Аз зери остин бозуи хунолуди ӯ намоён шуд. Дарҳол ҷанговар аз зери оринҷи тирхӯрдаи ин фармондеҳ дошта, эҳтиёткорона ба докапеч кардани захм сар кард.

– Омада – омада дар охири ҷанг тир расид, лаънатӣ! – бо нолиш гуфт захмдор.

– Зарар надорад, фармондеҳи баталйон, намурдӣ, ба ҳаминаш ҳам шукр, – Ҷавоб дод фармондеҳи дуюм ва ба аскар фармуд, ки фармондеҳи баталйонро ҳам-

роҳ зуд ба қисми беҳдоштӣ гирифта барад. Баъд вай кордеро ки аз Сафар гирифта буд, баргашта ба ӯ доданӣ шуду боз банохост гашта гирифта, ба дастаи вай чашм дӯхт ва матнеро, ки дар дастаи ин корд канда шуда буд, хонда, ба Сафар чашм дӯхт.

– Шумо аз куҷо мешавед? – пурсид командир.

– Аз Тоҷикистон, рафиқ подполковник, – ҷавоб дод Сафар.

– Аз куҷои Тоҷикистон? – пурсид ба забони тоҷикӣ подполковник, – мумкин аст ҳамшаҳрӣ бошем.

– Аз Ҳисор, – ҷавоб дод Сафар аз дидани фармондеҳи баландрутбаи тоҷик шод гашта.

– Ҳисорӣ? – ҳайратомез савол дод подполковник.

– Ҳа, аз деҳаи Ҷӯйбори Ҳисорак.

– Ман аз Қабодиён, номатон чӣ?

– Сафар Одинаев.

– Сафар Одинаев? – Саросема пурсид подполковник монанди шахсе, ки солҳои сол кадом як шахси наздики худро гум карда, билохира баногоҳ ёфта бошад.

– Ин кордро аз куҷо ёфтед?

– Ин корди ҳамдеҳаи мо Юнусбобо ном як кас буд.

– Вай инро аз куҷо гирифтааст?

– Фармондеҳе, ки номаш дар дастаи корд навишта шудааст, ба ӯ барои ёдоварӣ додааст.

Подполковник аз ҷавобҳои Сафар ба шавқ омада ӯро ба сӯи тӯпи вайронае, ки дар се-чор қадам дуртар милаш ба замин хӯрда хоб мекард, бурд ва ҳарду ҳамроҳ ба болои тӯп нишастанду ӯ боз ба саволу ҷавоб сар кард. Сафар ҳам ҳамаи саргузашти худро гуфта дод.

– Истед... истед... Номатон Сафар Одинаев гуфтед? Фармондеҳи рус ёрӣ расонд гуфтед? – боз пурсид подполковник.

– Ҳа, ин дар солҳои босмачигарӣ буд, ҳамин фармондеҳи номаш дар ин корд навишташуда маро ба ятимхона супурдааст.

Подполковник бо завқ дасташро ба китфи Сафар заду бо чеҳраи пур аз мамнунӣ худ аз худ «ёфтам» гӯён аз ҷояш бархост ва аз оринҷи Сафар дошта, ӯро ба тарафи худ кашида гуфт:

– Мехоҳед ҳозир ҳамон командирро ба шумо нишон

диҳам?

– Кошкӣ!

– Ҳозир ба куҷо меравед?

– Ба дивизияи генерал Людников.

– Чӣ, магар ба он ҷо бо ягон супориш меравед?

– Не. Ман аввал дар ҳамин дивизия будам. Дар он ҷо як фармондеҳи шиноси кӯҳна дорам. Рафта ҳамонро диданӣ ҳастам.

– Фаҳмидам, ин дивизия ҳамсояи мо буд, дар он ҷо якчанд тоҷикбачаҳо ҳам буданд. Ҳозир вай дар куҷо?

– Ҳа, як аскар гуфт, ки дар паси ҳамин хонаҳо, дар пастхамӣ будааст.

– Хуб, гӯш кунед. Баъд аз рафиқонро дида баргаштан ба КП-и[1] ман биёед. КП-и ман дар сари кӯчаи шаҳраки Баррикада. Ба он ҷо баромада аз посбонҳои он ҷо фармондеҳи полки 313 подполковник Рустамов дар куҷо меистад гӯед, ба шумо нишон медиҳанд. Ман набошам ҳам, мунтазир шавед, – гуфт кордро ба Сафар дода, подполковник Рустамов – ҳамон Рустамове, ки ноябри соли 1941 дар рутбаи капитанӣ дошту дар остонаҳои Маскав бо генерал Балашов вохӯрда, аз ӯ қиссаи ин ҷавонмарди ҳоло ришу мӯйлабаш расидаро шунида буд.

Сафар бо подполковник Рустамов хайрухуш карда:

– Хуб, рафиқ подполковник, албатта меоям, – гӯён ба сӯи дивизияи Людников роҳ гирифт...

Сафар дар дивизия, алалхусус дар ротаи собиқи худ аз он шиносу рафиқони ҳамяроқаш танҳо ду-се касро ёфта тавонист. Дигарон дар ҷангҳои хунин бар зидди қувваҳои чандин баробар зиёди душман ҳалок ё захмдор шуда, аз саф баромада буданд.

Аз ҷумла онҳое, ки Сафар дар ин ҷо вохӯрда буд, ҷанговарони ротаи Осмухин – Коробко ва Степан Шестак буданд. Ҳар кадоми онҳо ҳам се-чорборӣ захмдор шуда, боз ба сафҳои ҷангии ҷузвитоми худ баргашта буданд.

– Лейтенант дар куҷо? – Баъд аз пурсупосҳои умумӣ аз ҳамротаҳои худ пурсид Сафар.

---

[1] КП – пункти фармондиҳӣ .

– Кадом лейтенант? – пурсид Коробко.

– Кадом лейтенант мегӯӣ, лейтенант Осмухин.

– Э, бародар, ту аз ҳаёт қафо мондаӣ... – ҷавоб гардонд Коробко.

– Чаро? Оё ба вай ягон ҳодиса рӯй дод? – тарҳи рӯи Сафар дигаргун шуду дилашро ваҳм фаро гирифт.

– Ту чӣ, гумон мекунӣ, магар вай ба ин ҷо барои зочабозӣ омада буд? – боз гап зад Коробко Сафарро бештар дилтанг карда.

– Медонам, ба ҷанг омада буд... – ғамгинона ҷавоб дод Сафар.

– Ҳамин тавр, ки бошад, оё ба фикри ту касе, ки дар ин хел ҷанги ҳафт пушти одамизод надида қаҳрамонӣ нишон диҳад, боз магар як умр командири рота мондан мегирад? – гуфт Коробко кам – кам ба мақсад наздик шуда.

Баъд аз ин гуфтаи Коробко дили Сафар қадре ором гирифт.

– Барвақттар намегӯӣ? Ҳушамро паррондӣ...

– Бо ин табиати нозук то ин вақт чӣ хел ҷангидӣ? – киноя кард Коробко.

– Биё, гапро кашол надеҳ, лейтенантро аз куҷо дидан мумкин? – боз саросемавор пурсид Сафар.

– Аввал ки, лейтенант не, капитан Осмухин гӯй, – ба гап Степан ҳамроҳ шуд.

– Дуюм ҳамин ки, фармондеҳи рота не, фармондеҳи баталйон Осмухин.

Чашмони Сафар гоҳ ба Коробко, гоҳ ба Степан нигоҳҳои шӯълавар мекарданд.

– Ин тавр бошад, ҳар дуятон ҳам хезед, ҳамроҳ ба наздаш равем, муборакбод кунем... – Сафар аз рафиқонаш илтимос карда, ҷаҳида аз ҷояш бархост.

– Ҳозир ба назди ӯ мемонда бошанд? – ба Коробко саволомез нигоҳ карда гуфт Степан.

– Чӣ, бо ӯ вохӯрдан магар ҳамин қадар душвор аст? – Сафар тааҷҷуб кард.

– Магар тартибу қоидаи бемористонро намедонӣ? – Коробко ба худи Сафар бо савол мурочиат кард. Авзои Сафар аз нав дигаргун шуда, дар ҳайрат афтод.

– Ба гапҳои шумо ҳеҷ сарфаҳм рафта намешавад...

– Сарфаҳм рафтан душвор нест, – ҷавоб дод бепарвоёна Коробко, – гап дар ҳамин ки фармондеҳи баталйонамон омада – омада шаш – ҳафт рӯз пеш аз ин захмдор шуда, дар соҳили чапи Волга, дар бемористон хобидааст.

– Чӣ, магар ҷароҳаташ вазнин аст? – пурсид Сафар.

– Он қадар не, ҳозир хеле беҳтар... Мо дирӯз захмдоронро ба он ҷо бурда, дида будем, – гуфт Степан.

– Шумо наравед, ҷояшро гӯед, худам рафта мебинам, – гуфт Сафар.

– Ҳеҷ гуфтан ҳоҷат нест, – ҷавоб гардонд Коробко ва бо сараш аз ҷои истодааш чакалакзореро, ки дар он тарафи Волгаи яхбаста намудор буд, нишон. дод. – Ҳу ана, дар мобайни ҳамон буттазор.

– Хуб, ман рафтам, – гӯён Сафар ба нияти рафтан афтод.

– Сабр кун, мумкин аст ҳамроҳ равем, ҳозир ман рафта аз фармондеҳ пурсам. – Коробко ҳам аз ҷояш бархоста ба назди фармондеҳаш рафтанӣ шуда буд, ки Сафар ӯро аз роҳ дошта хабар дод, ки духтарчаи Осмухин дар қисми беҳдории онҳост ва маслиҳат пурсид:

– Чӣ тавр кунем, ки ин хабарро ба ӯ расонем?

– Ҳамин дардатро барвақттар намегӯӣ, – гуфт Коробко ва ба ӯ маслиҳат дода гуфт:

– Хуб мешавад, ки якбора духтарчаи ӯро ҳам бурда нишон диҳӣ. Медонӣ, ин корат ба ӯ аз сад даво ҳам зиёдтар шифо мебахшад.

– Хуб, ин хел бошад, ман давида рафта духтарчаро меорам, шумоён ҳам аз фармондеҳи худ ҷавоб гирифта, дар ин ҷо мунтазири ман бошед, – гӯён Сафар барои овардани духтарчаи Осмухин, ки дар қисми беҳдорӣ буд, баргашт.

## БОБИ СИЮ ЯКУМ

Дар пеши яке аз чодирҳои брезентии бемористони саҳрой, ки дар соҳили чапи Волга, байни чалакзоре

ҷойгир шуда буд, қариб ҳамаи ҳайати шахсии ходимони бемористон ҷамъ омада, ба духтарчаи ҷӯёи падар бо меҳру муҳаббат чашм медӯхтанд, ба забони ширин, мисли бачаҳои калонсол пухта – пухта гап задани ӯ бо завқ гӯш медоданд. Ранги рухсори духтарча аз он рӯзҳое, ки нав аз деҳаи Ерзовка оварда шуда буд, хеле фарқ мекард. Ба лабу рухсораҳояш хун давида, чашмакони дар аввал бемадораш нигоҳҳои дилчаспу шӯх доштанд. Ҳамшираҳои беҳдории дивизияи Сафар аллакай ба ӯ аз куҷое куртачаю ҷомача ёфта оварда, ба пояш аз болопӯши кӯҳна пимача дӯхта пӯшонда буданд. Аз зери рӯймоли хокии пашмини вай мӯи зардчааш дар офтоби феврал тилловор медурахшид. Боди сабук, ки аз шимол мевазид, галстуки сурхи аз болои ҷомача ба гардани ӯ басташударо ҷилва медод...

Баъд аз иҷозат додани сардори бемористон кадом як беҳдордухтар таклиф кард, ки аввал танҳо худи духтаракро ба назди Осмухин бояд даровард, то бинем ки оё падараш ӯро ва ӯ падарашро мешинохта бошад? Дигарон ҳам ба ин таклиф ҳамроҳ шуданд ва ҳамон беҳдордухтарак як худи духтарчаро бардошта ба палата бурд. Сафар ва Коробко ҳам аз қафои ӯ рафта, ба даромадгоҳи як хаймаи брезентӣ расида буданд, ки беҳдордухтар ба Сафар ва шарикони вай рӯ гардонд:

– Шумо дар ҳамин ҷо камтар сабр кунед, – гуфт ва худаш ба даруни хайма, ки чор атрофаш қариб ним метр ба замин гӯр карда шуда, аз миёнҷояш дудбаро намуда меистод, даромада рафт.

Дар даруни хайма, дар шаш кати аз ду тараф сетоӣ гузошташуда одамони дасташон, пояшон, синаашон, гарданашон, сарашон докапеч хоб мекарданд. Баъзеи онҳо бо ҳамдигар гуфтугӯй карда, баъзеашон китобу рӯзнома хонда менишастанд. Фақат як каси дар кати пешгоҳ рӯ боло хобида, ки сару гарданаш докапеч буд, хомӯшона кадом як маҷалларо мехонд. Ин капитан Осмухин буд.

Ҳамин ки санитарка духтарчаро ба дарун даровард, ӯро аз дасташ ба замин гузошту гуфт:

– Кадоми инҳо падари ту, духтарча?

Ҳамаи захмдорон сар бардошта ба сӯи духтарак нигоҳ карданд. Духтарак ҳам онҳоро як-як аз чашм мегузаронд. Ҳамин ки вай пештар рафта, рӯяшро ба ҳамон бемори маҷаллахон гардонд, вай аз ҷояш ҷаҳида бархосту бо овози фавқулода баланди пурҳаяҷон фарёд зад:

– Ниначонам!..Духтаракам!..Тиллояки ман...

– Дада! – гӯён духтарча ҳам ба сӯи ӯ давида, худро ба оғӯши вай партофт.

Осмухин чашмонаш пур аз ашк ӯро мебӯсид, ба сари синааш зер мекард, рӯяшро ба рӯи вай мемолиду мемолид. Аз ин вохӯрии ногаҳонӣ ҳамаи захмдорони дар палата буда ҳам ба ҳаяҷон омада, чашм аз падару духтар намеканданд. Духтари беҳдор бошад, беист оби дида мерехт. Баъд аз якчанд дақиқа бӯсобӯсӣ ва оғӯшкашӣ, Осмухин аз духтарчааш пурсид:

– Ту ба ин ҷо чӣ хел омадӣ?

– Амаки Сафар овард, – ҷавоб дод Нина.

– Амаки Сафар? – пурсид бо тааҷҷуб Осмухин.

– Ҳа, амаки Сафар...

– Канӣ вай?

– Ӯро мана ин холаам ба ин ҷо даромадан намонд... – ба падараш шикоятомез лабҳои тунукашро барҷаста карда гуфт Нина.

– Магар ӯ дар ин ҷост? – аз беҳдордухтар пурсид Осмухин.

Беҳдордухтар аз хабаркашии духтарча завқида, сабаби дар берун мондани Сафарро гуфту баъд ба дари хайма рафта, онҳоро ҳам ба даромадан таклиф кард.

Осмухин чӣ тавре ки духтари худро пешвоз гирифта бошад, Сафарро ҳамон гуна бо меҳру муҳаббати самимӣ истиқбол карда, гаштаю баргашта ӯро мебӯсид, ба оғӯш мекашиду баъд дар охир ду дасти ӯро дошта, бо изтироб нафас гирифта, аз самими қалб изҳор мекард:

– Офарин, Сафар!.. Ташаккур, бародари азизам!.. ҳазорон ташаккур!.. Ман бовар мекардам, ки ҳамин

тавр мешавад... Боз як бор миннатдории калон!

– Ҳеҷ гап не, рафиқ капитан... ҳеҷ гап не... – ҷавоб дод Сафар ҳам ҳаяҷони худро фурӯ нишонда натавониста. – Ҳа, воқеан бубахшед... Шуморо бо рутбаю вазифаи нав табрик мегӯям.

– Саломат бош, – ҷавоб дод Осмухин ва чашмаш ба сари синаи Сафар афтоду бари хилъати сафедро ба як сӯ кушода ӯ ҳам бо хушҳолӣ Сафарро табрик кард. – Ба ту ҳам ин орденҳо, сержанти калон муборак бод, азизам!

Сафар ҳам миннатдорӣ изҳор карду баъд бо хоҳиши Осмухин ҳамаи саргузаштҳои худро ҳикоя карда дод. Осмухин боз гаштаю баргашта ба ӯ ташаккур хонда, сонӣ бо духтараш саволу ҷавоб кард:

– Ту ҳоло пешоҳанг ҳам шудӣ?

– Ҳа, ин галстукро амаки Сафар дод, – ҷавоб гардонд духтарча.

– Оре, Нина акнун узви дастаи пешоҳангони мактаби деҳаи мост, – гуфт Сафар ва таърихи аз куҷо гирифтани ин галстукро нақл кард. Ин ҳамон галстуки пешоҳангӣ буд, ки дар аснои аз деҳа ба аскарӣ гусел карда истодан, сарпешоҳанги мактаби Ҷӯйбор ҳамчун хотира ба гардани Сафар баста буд...

Дар мобайни гуфтугӯи Сафару Осмухин Нина модарашро пурсид:

– Модарам куҷост?

– Модарат? – симои Осмухинро пардаи андӯҳ фаро гирифт... Вай гулӯи чизе фишурдаи худро бо оби даҳонаш базӯр тар карду дақиқае гапназада монд. Модари Нина пеш аз ба Сталинград расидани Осмухин, рӯзҳои дар корхонаи тракторсозӣ кор кардан аз ҳамлаии ҳавоии немисҳо ҳалок шуда буд.

– Ҳа, модарам, – гуфт боз Нина ва бо кунҷковии кӯдакона илова кард, – эҳтимол вай моро хеле пазмон шуда гиря кардагист...

– Не, модарат қаҳрамон... Вай гиря намекунад... – ҷавоб дод Осмухин бо парешонҳолӣ.

– Ту бошӣ, қаҳрамон набудаӣ, – боз гап зад Нина.

– Чаро?

– Ин тавр ки бошад, барои чӣ маро дидан замон гиря кардӣ?

Ҳама аз ин доноии духтарча, ки Осмухинро дар вазъияти нобоб мегузошт, завқкунон хандиданд.

– Рост гуфтӣ, духтаракам... Ман ҳам акнун дигар гиря намекунам...

Сухани онҳоро иҷозати даромадан пурсидани касе аз берун бурид. Беҳдордухтар давида баромаду баъд аз як-ду дақиқа баргашта, ба Сафар хабар дод:

– Робитачиатон шуморо кофта омадааст.

– Канӣ?

– Дар берун.

– Бигузор дарояд, Люба. – Илтимос кард Осмухин.

Ермак ба хайма даромада, ба ҳамаи ҳозирон чашм давонду ғайр аз Сафару Коробко ягон каси либоси ҳарбипӯшро надида, ба Сафар муроҷиат кард:

– Рафиқ сержанти калон, – гуфт аввал Ермак ва баъд забонашро хоида, гапашро аз нав такрор кард, – мебахшед, рафиқ лейтенанти хурд, иҷозат диҳед муроҷиат кунам?

Сафар ба гирду пешаш нигоҳ карда, тааҷҷуб мекард, ки Ермак ба кӣ муроҷиат мекунад.

– Ба кӣ мегӯӣ? – пурсид Сафар.

– Ба шумо, рафиқ лейтенанти хурд, – ҷавоб дод Ермак дасташро аз чакааш нагирифта.

– Ту маст ҳастӣ ё ҳушёр? – гуфт Сафар.

– Заррае маст нестам, рафиқ лейтенанти хурд, – гуфт Ермак ва давом дод, – фармон барои аскар қонун аст. Иҷозат диҳед, аввало шуморо бо рутбаи нав табрик гӯям, – ва боз пештар омад Ермак.

Баробари ин хабари вай ҳама Сафарро самимона муборакбод карданд. Баъд аз ин Ермак ба дасти Сафар мактуби аз диёраш омадаро доду мувофиқи фармони фармондеҳ баталйон зуд ба ҷузвитом ҳозир шудани ӯро хабар дод.

Сафар дар давоми сухани ӯ бо хоҳиши Осмухин мактуби аз Зебӣ омадаро кушода, чашм давонду баъд

аз ба сатрҳои миёнаи мактуб расидан рангаш тағйир ёфта, дастонаш ҷунбида, лабҳои ғафси торс – торс кафидааш монанди барг ларзидан гирифтанд.

– Чӣ шуд?.. Оё ягон хабари нохуш омадааст? – Осмухин якбора нимхез шуда пурсид.

– Модарам, – гуфт Сафар бо андӯҳ, – мурдааст.

– Модарат? Кай, чӣ хел?

– Шушаш шамол хӯрдааст...

Осмухин аз дасти Сафар дошта, ӯро ба пеши худ шинонда, як дам тасаллӣ дод ва бо маъюсӣ гуфт:

– Бечора кампир... Ӯ ҳам қурбони ин ҷанги лаънатӣ шуд... Касони дар ақибгоҳ ҳам аз мо камтар азоб накашиданд... Ба гармою сармо нигоҳ накарда, шабу рӯз дар ғами ҷабҳа меҳнати шадид кардан кори осон нест... Бародарам Сафар, хафа нашав... Қарзи мо акнун ҳамин аст, ки хотираи модаратро дар дил маҳкам ҷой карда, барои ӯ ҳам аз ин душмани палид, ки ба сари халқамон ин қадар бадбахтиҳо овардааст, сахт қасос гирем... Чунон қасос гирем, ки...

Сафар ин суханҳои капитан Осмухинро бо сари хам ва маъюсӣ мешунид. Илова ба ин, сатрҳои охирини мактуби Зебӣ ба дили ногаҳон маҷрӯҳшудаи Сафар даво мебахшид. Зебӣ мактубро бо ҳамин сатрҳо ба охир расонда буд:

«Шумо, азизам, дилпур бошед, ки дар ин ҷо чароғи модаратон ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад, онро минбаъд дӯст ва шарики вафодори шумо Зебӣ боз равшантар даргиронда, роҳи омади шуморо бо мижгонҳояш хоҳад рӯфт...»

## БОБИ СИЮ ДУЮМ

Сафар аз назди Осмухин ба ҷузвитоми худ омада буд, ки ӯро фармондеҳи баталйон ҷеғ зад.а

– Дар куҷоҳо сайругашт карда гаштед, рафиқ лейтенанти хурд? – фармондеҳи баталйон худро ҷиддӣ нигоҳ дошта гап заданӣ шавад ҳам, аз чӣ сабаб бошад, ки

дар чашмони ӯ хурсандӣ ҳис карда мешуд.

– Бо иҷозати капитан Володин рафта будам, рафиқ фармондеҳи баталйон, – ҷавоб дод Сафар.

– Медонистам, ки ин қадар бедарак мешуудед, як дақиқа ҳам намемондам. Медонед, шуморо ду соат инҷониб сӯроғ мекунанд?

– Не, намедонам.

– Надонед, ҳозир мефаҳмед, – гуфт комбат ва ба назди телефони саҳроӣ рафта бо кадом касе гуфтугӯ кард ва омадани Сафарро хабар дод. – Хуб, ҳозир мефиристам, – ҷавоб дод ба телефон фармондеҳи баталйон Дяченко ва гӯшаки телефонро ба ҷояш монда, боз ба Сафар гуфт: – Шуморо падархондатон ҷустуҷӯ мекунад. Мегӯянд, ки вай хеле одами калон аст. Сарулибос ва ӯқиёфаатонро ба тартиб дароварда, нишонҳои нави афсариро зада, баъд зуд ба пункти фармондиҳии полки 313 равед. Чуноне ки хабар доданд, шумо ҷои ин КП – ро медонистаед. Дар он ҷо подполковник Рустамов ба шумо мунтазир. Фаҳмидед?

– Фаҳмидам, рафиқ капитан. Иҷозат диҳед равам.

– Равед. Баъди бозгашт албатта бо ман вохӯред.

– Итоат, рафиқ капитан!

* * *

Сафар дар блиндаже, ки дар як пастхамӣ мисли ғор канда шуда буд ва аз блиндажҳои одии дар қисми худ дидааш чандон фарқ намекард, рӯ ба рӯи марди либоси генералпӯше менишаст, ки мӯю ришаш мошубиринҷ буда, шонапаҳни миёнқад, сари синааш бо чандин орденҳо зинат ёфта буд ва дар мобайни онҳо ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат»-и Тоҷикистон ҳам дида мешуд. Чароғи одии дастӣ аз мобайни мизи начандон калон байни Сафар ва генералро равшан мекард. Дар паҳлӯи рост, дар девор харитаи калоне овезон буд, ки ба рӯяш байрақчаҳои сурхи бисёре халонда шуда буданд. Дар болои миз, ғайр аз асбобу ашёи хатнависӣ, инчунин корди дастааш сафеди Юнусбобо ҳам меистод.

Генерал гоҳ нишаста, гоҳ бархоста, чашмони кабудчатоби хандони худро аз Сафар намеканд ва бо овози ғафси вазнин пай дар пай ба Сафар савол медод.

– Ба чанд даромадед?

– Бисту се, рафиқ генерал.

– Бинед, йигити калон шудаед. Маро мешиносед?

– Хуб нашиносам ҳам, медонам, рафиқ генерал.

– Албатта дар он солҳо шумо хеле хурд будед. Мо бошем, он вақт мисли шумо ҷавон будем. Аз аввали ҷанг дар аскарӣ ҳастед?

– Аз декабри соли чилу якум.

– Ба фикрам, шумо ҳам, рафиқ Рустамов, ба дивизияи мо моҳи декабри соли чилу як омада будед? – Пурсид генерал аз подполковник Рустамов, ки аз паҳлӯи рости Сафар менишаст.

– Ҳамин тавр, рафиқ генерал.

– Дидед, ҳамон вақт бо шумо саргузаштҳоро ҳикоя карда будем, ки ин аз фоида холӣ нашуд. Бинед, чуноне ки русҳо мегӯянд: Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад... Боз чӣ тавр вохӯрии аҷоиб! Инро мӯъҷиза гӯед ҳам, кам аст. Бачаи як вақтҳо сару танбараҳнаи ба чанголи марг додашуда имрӯз дар рӯ ба рӯи шумо дар либоси афсарӣ, дар либосе, ки ӯ ҳеҷ гоҳ пӯшидани онро хаёл ҳам намекард, сари синаашро орденҳо зебдода нишастааст...

– Не, рафиқ генерал, – иҷозат пурсида гуфт Сафар, – ҳамон вақте ки дар ҷузвдони шахсии худам хати шумо навиштаро хонда метавонистагӣ шуда будам, дар дилам орзуе пайдо шуда буд, ки ман ҳам ягон вақт либоси ҳарбӣ пӯшам.

– Набошад, ин орзуи дерина аст гӯед?

– Ҳамин тавр, рафиқ генерал.

– Баъд аз ҷанг ин либосҳоро иваз карда, албатта боз ба сари мизу лавҳа меравед?

– Агар хоҳиши маро пурсед, мехоҳам то охир дар хизмати ҳарбӣ монам, рафиқ генерал.

– Бисёр хоҳиши хуб. Ана ҳамин тавр, аз байни он халқе, ки буржуйҳо аз аслиҳа додан ба дасти он метар-

сиданд, дар замони мо на фақат аскарҳои қаҳрамон, рафта – рафта афсарони кордон, генералҳо, маршалҳо мебароянд.

– Тасдиқи равшан худи Сафар аст, рафиқ генерал, – илова кард подполковник Рустамов.

– Мутлақо дуруст гуфтед, – тасдиқ кард генерал ва пурсид, – хӯш, акнун аз деҳа, аз хонаи худ гап занед.

Сафар тасвири Ҷӯйборро кард, ки генерал он ҷоро даҳҳо сол ин ҷониб надида буд.

– Хӯш, аҳволу зиндагии Бобои мо чӣ тавр? – генерал ба корди дудамаи болои миз хобидаи дастааш садафин ишора карда пурсид.

– Бад нест, рафиқ генерал. То ба ҷанг омадани ман боғбони мактаб буд. Ҳозир саркори номдори колхози «Коммуна» аст. Мувофиқи мактуби охирин, ҳукумат он касро бо ордени Ленин мукофотонидааст.

– Офарин, мӯйсафед, – гуфт генерал ва боз пурсид.

– Дигар хешу таборҳоятон чӣ ҳол доранд?

– Дигар ҳеҷ хешу табор надорам, рафиқ генерал. Ятим, бекасу кӯй ҳастам...

– Модаратон-чӣ? – пурсид генерал.

Сафар як дақиқа хомӯш монда, баъд ғамгинона лаб ҷунбонд:

– Модарам... – гӯён вай дигар гап зада натавониста сарашро хам кард...

Аз ин вазъияти Сафар якбора тарҳи рӯи генерал иваз шуду абрӯвони сермӯи кӯтоҳ – кӯтоҳи худро чинкунон аз ҷояш бархост ва назди Сафар омад.

– Ҳа. чӣ шуд? – пурсид генерал.

– Вафот кард...

– Кай?

– Қариб як моҳ пеш, имрӯз мактуб гирифтам.

Генерал як дам Сафарро ба ҳоли худ гузошта, аз кисааш папирос бароварда кашиду баъд аз каме сукут, ба китфи Сафар даст монда орому маъюсона гуфт:

– Оре, писари азиз, ба сари шумо кулфати сахт афтодааст. Аз модар маҳрум шудан, боз дар як вазъияте, ки ду чашми ӯ ба роҳи шумо чор буд, хеле андӯҳи

вазнин аст. Бигузор хотираи азизи ӯ дар дили шумо, дар дилҳои ҳамаи он касоне, ки ӯро медонистанду мешинохтанд, зиндаи ҷовид монад.

Генерал Балашов дасташро аз китфи Сафар бардошта, ба сари сермӯи ӯ гузошт ва мӯи парешонашро падарвор оҳиста се-чор бор силакунон давом дод:

– Шумо мегӯед, ки акнун ятими бекасу кӯй ҳастед. Не, ҳаргиз! Ин гуна фарзанде, ки бо садоқати худ ба меҳру муҳаббати самимонаи як не, садҳо, балки ҳазорон падарону модарон, ёру бародарон сазовор гаштааст, ҳеҷ гоҳ ятиму бекасу кӯй нахоҳад шуд, писар!

Сафар ашкашро пок карда, маъюсона сар бардошт. Чашмони сурхчатоби ӯ беихтиёр ба корди дудама, ки дар рӯи миз мехобид, афтод Дастаи садафкории корд дар шӯълаи равшани чароғи хона рангоранг ҷило медод ва Сафар каме ба хаёл рафта, дар ҳар ҷилои он гӯё акси Юнусбобо ва Зебиро медид, ки онҳо низ ба ӯ мегуфтанд:

– Сафар, ту ҳаргиз ятими бекасу кӯй нестӣ!..

**Охири китоби якум**

**Фотеҳ Ниёзӣ**

**ВАФО**
(роман)

Ороиши *О.Камолов*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Ҳуруфчини компутерӣ *Ҳ.Ҷӯраева*

Ба матбаа 12.05.2015 супурда шуд.
Чопаш 18.05.2015 ба имзо расид. Андозаи 84x108 1/32.
Ҷузъи чопӣ 10. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а.

www.ravshanfikr.tj